Балоғат дар фарҳангномаҳо ба маънои ҷавон шудан, ба мартабаи ниҳоӣ расидан ва расоӣ аст. Дар истилоҳ ба таври дурусту саҳеҳ ва муассир расонидани мақсад ва ғараз ба мухотаб буда, ба ҳамин ҷиҳат балоғатро наметавон дар бораи калима ба кор бурд, зеро калима ба танҳоӣ расо нест ва мақсади комили гӯяндаро ифода намекунад. Бинобар ин, балоғат махсус ба калом ва мутакаллим аст. Доир ба роҳҳои таъмини фасоҳату балоғати сухан ва меъёрҳои санҷиши он пажуҳишгарони зиёд мулоҳизаронӣ намуда, инро асоси суханварӣ донистаанд. Шарти умдаи балоғати каломро муҳаққиқон дар фасоҳати он дидаанд [5,с.300].

Мирҷалолуддини Каззозӣ балоғат ва фасоҳатро мутаносибан «расоӣ ва шевоӣ» номгузорӣ кардааст. Ба андешаи ӯ, балоғат мавзуи баҳси ду илм – маонӣ ва баён, буда, омили таъмини балоғати каломро дар фасоҳати он донистааст [6,300]. Ба ифодаи дигар, каломи балеғ фасеҳ ҳам ҳаст, вале на ҳар каломи фасеҳ балеғ ба ҳисоб меравад. Ҳадафи асосии балоғат таъсири калом аст ва шарти муҳимми ғановати тасаввуроти мо роҷеъ ба омӯзиши балоғат ва фасоҳати калом шарҳу тафсири осори адабӣ мебошад, ки бояд ҳадафи асосии таълими адабиёт қарор гирад. Шарҳ сарчашмаи асосии тадқиқи хусусиятҳои балоғати сухан буда, ба таври амалӣ ва дар заминаи асноди мушаххас онро нишон медиҳад. Бо маърифати осори адабии балеғ завқи сухансанҷӣ ва қобилияти зеҳнии хонандагон афзоиш меёбад, вале мутаассифона: «Камбудии асосии ҷараёни таълими адабиёт аз он иборат аст, ки ба омӯзиши амалии поэтикаи матни бадеӣ, масъалаи тафсири зебоишинохтии он, ки бояд дар ҳадафҳои асосии таълими адабиёт қарор гирад, чандон аҳаммият дода намешавад» [9,с.50]. Мусаллам аст, ки ба завқи сухансанҷӣ ва қобилияти зеҳнии толибилмон таҳлил ва маърифати матнҳои адабӣ алоқаи қавӣ дорад. Бинобар ин, ба масъалаи ҳамбастагии савод ва маънавият, зарурати тағйири усули таълими адабиёти тоҷик ва бакоргирии шеваҳои суннатии таҳлили матнҳои бадеӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ мутахассисон пайваста руҷуъ кардаанд. Аз ҷумла, устод Абдулманнони Насриддин таҳлили асарҳои бадеиро ҷиҳати «тарбияву ташаккули зеҳниву ахлоқӣ ва шинохти балоғату фасоҳати калом» судманд дониста, дар марҳалаи аввал шарҳи порчаҳо аз «Гулистон» ва «Бӯстон»-и Саъдиро пешниҳод менамояд: «Забони Саъдӣ дар «Бӯстон» сармашқи балоғату фасоҳат ва узубату салосати забони ширини форсӣ-тоҷикист» [3, ч.2, с.7]. Ҳамчунин, муҳаққиқ меафзояд, ки барои дарку фаҳми осори манзум, мисли «Бӯстон»-и Шайх Саъдӣ ба эътибор гирифтани нуктаҳои зерин зарурат дорад: 1. Ошноӣ бо маъниҳои аслию маҷозии калимаю иборaҳо; 2.Ба назар гирифтани қолабҳои ҷумласозӣ ва таркибу ибораоро̄ӣ дар каломи мавзун; 3. Ошноӣ бо сарчашмаҳои андешаи Шайх Саъдӣ [3,ч.2,с.527].

Таълими адабиёти тоҷик дар таркиби барномаи омӯзиш дар фазои фарҳангию таърихӣ хусусияти хос касб карда, бояд бо такя ба анъанаҳои миллӣ густариш ёбад. Масъалаи парвариши табъи бадеӣ, омӯзишу маърифати осори адабӣ нишони фарҳанги миллӣ ва худшиносии шахс аст. Муҳимтарин талабот ва аввалин меъёри тафсири асарҳои бадеӣ шинохти матни асил аз сақим аст: «Шореҳон сиҳатии матн ва асолати онро шарти умдаи маърифати адабиёт ва тафсири боасоси каломи бадеӣ дониста, асарҳои мавриди шарҳро дар асоси нусхаҳои қадимаю муътабар нақду тасҳеҳ кардаанд» [3,ҷ.2,с.340]. Аз ин лиҳоз, масъалаи интихоб ва ба китобҳои дарсии адабиёт ворид сохтани матнҳои бадеӣ дар madди аввал қарор мегирад ва мубрамияти махсус касб менамояд. Муаллифони китобҳои дарсии «Адабиёти тоҷик»-ро зарур аст, ки санҷидакор бошанд, аз саҳву хатоҳо иҷтиноб варзанд, аз маслиҳату таҳқиқоти ҷадиди мутахассисон мустафид гарданд, танҳо баъди муайян кардани сиҳатии калом ва интиқоди он дар асоси муқобалаву муқоиса бо нусхаҳои комил онро интишор диҳанд. Аммо мушоҳида мегардад, ки гоҳе мураттибонро на гӯши суханшунав ҳасту на дидаи эътибор.

Ҳанӯз соли 1984 профессор Абдулманнони Насриддин доир ба ҳусну қубҳи китоби дар ҳамон замон тозанашри «Адабиёти тоҷик» барои хонандагони синфҳои 9-ум (муаллифон Р.Ҳодизода, Т.Неъматзода ва Т.Миров) мулоҳизаҳои пурарзиш иброз дошта, мутобиқат накардани мавзуъҳои барнома бо китоби дарсӣ, баррасии ҳаҷми соатҳои муқарраршуда, ҷанбаҳои тарбиявиву зебоишиносӣ, забон ва услуби маводи китоб аз донишу огоҳӣ ва диди амиқи муқарриз гувоҳӣ медиҳанд. Бо назарсанҷиҳои мӯшикофонаву нозукбинона «дучор шудани ҷумлаҳои носуфта ва услубан хароб, садҳо хатои имлоиву китобатӣ»-ро гуноҳи азим маҳсуб дониста, 23 андешаву хулоса роҷеъ ба сатҳу сифати китоб баён кардаанд. То имрӯз китоби дарсии хонандагони синфи 8-ум 5 маротиба бознашр гардида бошад ҳам, вале баъзе аз ин ғалатҳо мукарраран ба нашрҳои нав кӯчонида шудаанд. Масалан, дар тақризи мазкур омадааст: «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ бо байтҳои:

> Гузаре кун ба ин «Баҳористон»,
> То бубинӣ дар ӯ гулистонҳо.
> Дар латофат ба ҳар гулистоне,
> Раста гулҳо, дамида райҳонҳо.

оғоз намеёбад, чунонки дар китоби дарсӣ қайд шудааст. Як назар ба матни илмӣ-танқидии он (таҳияи А.Афсаҳзод.-Душанбе, 1972) кифоя аст дарёбем, ки пеш аз ин байтҳо панҷ қитъа ва як маснавӣ омадаанд» [3,ҷ.6,с.581]. Муҳаққиқ баъзе хулосабарориҳои мураттибони китоби дарсӣ, аз ҷумла, «Осаф»-ро, ки образи асотирӣ аст, дар китоби дарсӣ чун вазири подшоҳи замони зиндагии шоир муаррифӣ гаштанашро «тааҷҷубангез» ҳисобидаанд: «...байти зерини Абдурраҳмони Мушфиқӣ:

> Осаф, ки дев бошаду девон ба ҳукми ӯ,
> Назми умури мулки Сулаймон чӣ сон диҳад?

-ро иқтибос карда менависанд (муаллифони китоби дарсӣ – П.Ш.): «Баъд аз ин, шоир сабаби ин гуна бадбахтии мардум ва вайронии мулкро шарҳ дода, нишон медиҳад, ки дар ҳамаи ин корҳо вазири Абдуллоҳхон (подшоҳи замони зиндагии шоир – П.Ш.) – Осаф айбдор аст. Дар асл, Абдуллоҳхон «Осаф» ном вазире надошт, балки Осаф ибни Бархиё вазири Сулаймон аст. Мушфиқӣ қиссаи «Сулаймон ва Билқис»-ро талмеҳ кардааст» [3,ҷ.6,с.598].

Мутаассифона, дар нашри нави китоби дарсӣ (с.2018) муаллифон ба ҷойи шарҳи боло тафсири зеринро овардаанд, ки матлабро барои муҳассилин равшан намесозад: «Шоир сарвазир Осафро беибо дев меномад, ки чунин ҷуръат кам андар кам аст. Агар дев роҳбар бошад, пас, чӣ гуна низом барқарор хоҳад гашт?» [8, с.36].

Аз шарҳи муаллиф хонанда ба хулосае мерасад, ки Абдуллоҳхон сарвазире бо номи Осаф доштааст ва монанди инҳо. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» маъноҳои зерини вожаи «осаф» мазкур аст: Осаф – 1.номи вазири Сулаймон писари Довуд, ки ба доноӣ машҳур будааст; Осафи сонӣ – Осафи дуюм, киноя аз ҳар вазире, ки дар ақлу заковат монанди Осаф аст; 2. мач. вазири доно, вазири ботадбир [9,с.952]. Дар ин байт Мушфиқӣ мегӯяд: «Осаф, яъне вазири шоҳ, агар дев бошад ва ба девон (вазоратхона, ки кормандони он идораи мамлакатро ба зимма доранд) ҳукмфармо бошад, чӣ тавр умури мулк низом пайдо мекунад. Ба ибораи дигар, хӯйи девии вазир буруз менамояд ва аҳли девонро ба кори хайру халқпарварӣ равона намесозад ва ғайра. Ҳамчунин дар ин маврид, вожаи «девон»-ро ба маънои гунаи ҷамъи калимаи «дев» фаҳмидан эҳтимол матлубтар бошад, зеро вазир, ки дев аст, тобеонаш низ девҳо

мебошанд. ҳамин маъноро Фаридуддини Аттор возеҳтар баён кардааст: ...Ки муште мардуми деванд ин девони девонӣ!. Азбаски тафсири равшан ва ба фаҳми хонандагон мувофиқи байти мавриди таҳлил манзур нагаштааст, онҳо маънои байтро намефаҳманд, дар бораи нозукию тобишҳои маъноӣ ҳатто ҷойи сухан нест. Дар натиҷа, ҳадафи асосӣ – тарбияи зебоишиносӣ халалдор мегардад.

Аз шартҳои асосии тафсири саҳеҳ кори матншиносӣ маҳсуб меёбад. Тавассути осори адабӣ асолати мероси маънавӣ ва ҳунарии суханварон ва илми балоғат дар натиҷаи омӯхтани қонуну қоидаҳои назму наср ҳосил мешавад. Забони тоҷикӣ дорои захираи бойи калимаву таркибҳост, ки вобаста ба ифодаи фикр бо назардошти тобишҳои нозуки маъноӣ ба кор гирифта мешавад. Ба ҳифзи луғат, донистани назокати забон ва ҳусни баён зимни шарҳи мутуни бадеӣ бояд таваҷҷуҳи зарурӣ равона гардад. Муносибати босалоҳият ба таълимро, ки дар замони муосир аҳаммияти аввалиндараҷа касб кардааст, ҳанӯз чанд сол муқаддам М.Шакурӣ ҷиҳати татбиқи консепсия ва барномаҳои омӯзишу парвариш ин навъ равиши таълимро дар мадди аввал гузошта, таъкид намуда буд: «Ҳама паҳлуҳои воқеияти иҷтимоӣ дар омӯзишу парвариш бояд дар назар гирифта шавад ва наврасонони мо бо хатми мактаби миёна барои зиндагонӣ, барои сахтгирӣ дар воқеияти иҷтимоӣ имконияти зарурӣ ба даст биоваранд. Вале ин кор дар доираи мақсади аслӣ, ки расидан ба одамияту маънавият аст, бояд сурат бигирад» [10,с.54].

Муносибати босалоҳият ба таълим, маърифати дурусти осори адабӣ ва таъмини балоғати калом ба ҳамдигар иртиботи қавӣ дорад. Чаҳор салоҳияти фаннӣ дар чараёни таълими фанни адабиёти тоҷик бояд сурат гирад: дарки матн, баҳодиҳӣ ба матн, тағйир додани матн ва таҳияи мустақилонаи матн. Идроки матни осори адабӣ дар сурати саҳеҳу дуруст будани матн ҳосил мешавад. Мутаассифона, дар китобҳои дарсии дигар низ иштибоҳоти фаровон ба мушоҳида мерасанд. Дар китоби «Адабиёти тоҷик» (китоби дарсӣ барои синфи 7, муаллифон М.Шайхов ва У.Тоиров) дар оғози мавзуи «Ҷалолуддини Румӣ» порчаҳои алоҳида аз ҳикояти “Бозургон ва тӯтӣ” (91 байт) ва аз қиссаи Дақуқӣ (82 байт) интихоб шудааст, ки ҷамъан 173 байтро ташкил мекунад. Дар матнҳои интихобкардаи мураттибон чанд хатое роҳ ёфтааст, ки идроки маънои байтҳои алоҳидаро барои муҳассилин мушкил мегардонад. Матни дар китоби дарсии синфи 7-уми соли 2002 омадаро бо матни «Маснавии маънавӣ»-и чопи Душанбе ва шарҳи Карими Замонӣ муқоиса кардем. Дар китоби дарсӣ омадааст:

Қиссаи тӯтии ҷон з-ин сон бувад,
Кӯ касе, к-ӯ маҳрами мурғон бувад [7,с.55].

Дар китоби «Маснавии маънавӣ» мисраи дувуми байт чунин сабт шудааст: Ку касе, к-ӯ маҳрами мурғон бувад [5,с.56].

Дар шарҳи маснавӣ омадааст: «…вале куҷост касе (ку), ки маҳрами парандагони арш бошад ва барои дарки рози ҳақиқат қобилияту истеъдод ҳосил кунад» [1,ҷ.1,с.502].

Табиист, ки дар мисраи дувум «ку»-и аввал ба маънои «куҷост» ва «к-ӯ» мухаффафи пайвандаки «ки» ва ҷонишини «ӯ» – «к-ӯ», «ки ӯ» аст. Иштибоҳи мазкур дар назари аввал шояд ҷузъӣ намояд, вале он муҳиммияти овозу ҳарфҳоро дар тағйири маъно ва шинохти андешаҳои муаллиф бозгӯ менамояд. Дар ҳамаи мавории имло аҳаммияти вежа дорад, масалан байти зеринро аз китоби дарсӣ мушоҳида кунед:

Оташ Иброҳимроне қалъа буд,
То баровард аз дили Намруд дуд [7,с.74].

Дар повараки китоб шарҳи Иброҳим – «номи пайғамбар» омадааст. Шогирдон намефаҳманд, ки «Иброҳимроне» чӣ маъно дорад? Дар асл, мисраъ бояд чунин навишта шавад: «Оташ Иброҳимро не қалъа буд», яъне сабти якҷояи ду вожа маъниро номафҳум гардонидааст. Мураттибони китоби дарсӣ байти зеринро чунин қироат кардаанд:

Сӯхта чун қобили оташ бувад,
Сӯхта бистон, ки оташкуш бувад [7,с.57].

Онҳо ҳатто таваҷҷуҳ накардаанд, ки қофияи байт халалдор шудааст.

Дар китоби «Маснавии маънавӣ» гунаи саҳеҳи мисраи дувумро мехонем: Сӯхта бистон, ки оташкаш бувад.

Карими Замонӣ байти мазкурро ба тариқи зайл шарҳ медиҳад: «Фатила, ки қобили иштиол аст, чунин фатиларо бигир, ки оташро ба худ ҷазб мекунад. Инсоне, ки ба шуълаи ишқ

сӯхта шуда, чунин фарде оташи ишқро ба худ мегирад. Вале он ки орӣ аз ишқ аст, диле сарду фарсуда дорад ва ахгари ишқро ба худ намегирад» [1,ч.1,с.545].

Дар повараќи ҳамин саҳифаи шарҳ вожаи «оташкаш» чунин тавзеҳ шудааст: «Ҷазбкунандаи оташ, маводи сариюлиштиол, ки зуд оташро ба худ мегиранд». Лозим ба тазаккур аст, ки вожаи «мавод» дар навиштаҳои илмӣ ва васоити ахбори оммаи замони муосир ба маънои «материал» чун вожаи аз ҷиҳати сохт танҳо ба кор рафта, бо пасванди «-ҳо» ҷамъ баста мешавад. Ҳол он ки мавод худ ҷамъи модда аст ва беҳуда нест, ки Карими Замонӣ «маводи сариюлиштиол, ки зуд оташро ба худ мегиранд» навишта, хабарро дар шакли ҷамъ наовардааст.

Дар китоби дарсӣ вожаи «оташкаш», яъне ҷазбкунандаи оташ маънои баръакс касб кардааст: оташкуш – кушандаи оташ. Дар қиссаи Дақуқӣ мураттибони китоби дарсӣ дар байти зерин «моҳ»-ро саҳван мехр хондаанд:

Хашм карда қаҳри Ҳақ бар дидаҳо,
Ки набинад меҳрро бинад суҳо.

Дар чопи Тоҷикистон вожаи «моҳ» ба гунаи саҳеҳ аст, вале навишти вожаи «Суҳо» (бо ҳарфи хурд) нодуруст ба мушоҳида мерасад. «Суҳо – ситораи кӯчак ва яке аз се ситораи Дубби Акбар ё Банотуннаъти Кубро аст» [1,ч.2,с.411]. Мутобиқи қоидаҳои имло номи ситора бояд бо ҳарфи калон навишта мешуд. Карими Замонӣ дар шарҳи мисраи мавриди назар овардааст: «Қаҳри Илоҳӣ бар чашми онон мухр задааст, ки моҳи тобонро намебинанд, аммо ситораи Суҳоро мебинанд» [1,ч.3,с.525]. Ба намунаи дигар таваҷҷуҳ мекунем:

Себи пӯсида ҳамечинанд халқ,
Дарҳам афтода ба яғмо хушкхулқ [6,с.60].

Дар ин бобат низ мураттибон на ба маънову мантиқи байт диққат додаанд ва на ба қофияи он. Дар шарҳи маснавӣ роҷеъ ба ин байт омадааст: «Ин мардумони саргашта себҳои пӯсидаи дунёро бо ҳирс ва валаъ мечинанд ва аз дасти якдигар ба яғмо мебаранд» [1,ч.3,с.526].

Маънои вожаи «хулқи хушк» (хушахлоқ) аст, ки дар китоби дарсӣ дарҷ гаштааст, маълум нашуд, он бояд хушкхалқ бошад. Вожаи мазкур дар шакли ибораи «ҳалқ хушк шудан» дар забони муосири тоҷикӣ ба маънои «бениҳоят ташна ва ба ошомидани об хеле ҳарис будан» роиҷ аст. Дар байти баъдӣ мураттибони китоби дарсӣ изофаи калимаи «сӯ» (сӯйи)-ро ҳазф намуда, вазни мисраъро халалдор кардаанд: Бонг мезад зи сӯ ҳар дарахт [7,с.60].

Лозим ба таъкид аст, ки дар китоби дарсӣ на ҳамаи калимаҳои душворфаҳм мавриди шарҳу эзоҳ қарор гирифтаанд. Масалан, гумон намекунем, ки хонандагони синфҳои ҳафтум маънои вожаҳои «**қабз, баст, заман, арсалон, интибоҳ, истиғроқ, муҷтабо, муроқиб**»-ро бе шарҳ дарк намоянд. Дар баъзе мавридҳо шарҳи оятҳои Қуръони Маҷид дар китоби дарсӣ низ ғалат сабт гаштааст. Масалан, намунаҳои зерро ба мушоҳида мегирем:

Ёд кардам қавли Ҳақро он замон,
Гуфтам: - «Анначму шаҷарро ясҷудон» [7,с.62].

Дар поёни саҳифа шарҳи зер оварда шудааст: Анначму шаҷарро ясҷудон – ситора ва дарахт саҷда мекунанд [7,с.62].

Ҳамин ояти шашуми сураи «Раҳмон» аз ҷониби М.Умаров чунин тарҷума кардааст: «Ва гиёҳу дарахт саҷда мекунанд» [4,с.531]. Сабаби гиёҳ тарҷума шудани вожаи «наҷм»-ро Карими Замонӣ равшан кардааст: «Ва гиёҳони бесоқа ва гиёҳони соқадор Ҳақро саҷда мекунанд». Наҷм дар луғат ба маънои «ошкор шудан» аст ва чун гиёҳон аз дили замин сар бурун меоваранд ва ошкор мешаванд, наҷм номида шудаанд. Ҳамин тавр, ситораро наҷм мегӯянд, чун дар паҳнои осмон намоён мешавад. Дар ин оят манзур аз наҷм ситора нест, балки гиёҳон ва буттаҳои бесоқа аст [1,ч.3,с.533]. Боиси ташвиш аст, ки аксари норасоиҳои тазаккурёфта ба китобҳои баъдан ба чоп расидаи «Адабиёти тоҷик» кӯчонида шудаанд.

Умуман, дарк ва баҳодиҳӣ ба матн дар дарси адабиёт марҳалаи мураккаб аст. Хонанда на танҳо бо мазмуни осори адабӣ шинос мешавад, дар атрофи ғояи он мулоҳиза мекунад, балки калимаҳои душворфаҳм ва санъатҳои бадеии онро меёбад, шарҳ медиҳад, балоғати каломи суханварро муайян менамояд. Ба ин васила, завқи маънишиносӣ ва сухансанҷии шогирдон парвариш ёфта, ҷаҳонбиниашон ғанитар ва нутқашон такмил дода мешавад. Салоҳияти натиҷагирӣ аз матни бадеӣ ва дарёфти мақсади муаллифи асари бадеӣ роҳандозӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, таълифи китобҳои дарсӣ муносибати ниҳоят ҷиддиву эҳтиёткоронаро тақозо дорад,

зеро матнҳои орӣ аз саҳву ғалат заминаи вуруд ба ҷаҳони фикриву ҳунарии суханваронро муҳайё месозад.

## АДАБИЁТ


1. Замонӣ, Карим. Шарҳи ҷомеи «Маснавии маънавӣ». Дар 7 ҷилд. Теҳрон: Иттилоот, 1392.
2. Каззозӣ, М. Зебошиносии сухани порсӣ. Чопи чаҳорум.-Теҳрон: Нашри марказ,1381.- 214 с.
3. Куллиёти осори Абдулманнони Насриддин. Дар ҳафт муҷаллад. Ҷилди дувум.– Хуҷанд: Хуросон, 2013. – 316 саҳ.
4. Қуръони Карим. Матни асл ва тарҷумаи маъноҳои он ба забони тоҷикӣ ва тавзеҳоти М. Умаров.–Душанбе: Эр-граф, 2011.–604 с.
5. Румӣ, Ҷалолуддин. Маснавии маънавӣ. Бар асоси матни Р. Николсон ва муқобила бо нусхаҳои дигар.–Теҳрон: Нашри замон, 2001.–730 с.
6. Салторзода, А. Такмилаи бадеъи форсӣ-тоҷикӣ (дар заминаи навиштаҳои пешиниён ва имрӯзиён).-Душанбе: Адиб, 2011
7. Тоиров, У., Зикиров, Х., Мӯсоев, М. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 7 (нашри аввал).–Душанбе: Мавлавӣ, 2008.–320 с.
8. Тоиров, У., Солеҳов, М., Ширинзода, Н. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 10-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Нашри сеюм (бо такмил ва иловаҳо).-Душанбе: Маориф, 2018.-336 с.,с.36).
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ, Ҷилди II.- Москва: Советская энсиклопедия, 1955.
10. Шакурӣ, Муҳаммадҷон. Инсонгароии омӯзиш ва забони миллӣ. Душанбе, 2002- с. 50).


## ОИЛА ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАРБИЯИ МЕҲНАТИИ ХОНАНДАГОН


***ИСОЕВА Дилором Сайдаҳмадовна** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ш. Кӯлоб, к. Сангак Сафаров, 16, **тел.:** (+ 992) 98 503 25 10*

***ҚУРБОНОВ Маҳмадӣ** – омӯзгори кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ш. Кӯлоб, к. Сангак Сафаров, 16, **тел.:** (+ 992) 985 03 25 10*



Дар мақола зикр карда мешавад, ки тарбияи меҳнатӣ ҷузъи ҷудонашавандаи тарбияи ахлоқии насли наврас ба шумор меравад. Оила бояд ғояи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва амсоли онҳоро дар кӯдакон тарбия намуда, пеш аз ҳама, ба ин мақсад дар онҳо нисбат ба меҳнати ҷамъиятӣ муносибати ҳаматарафа доштанро ташаккул диҳад. Мувофиқи мақсад ташкил кардани тарбияи меҳнатӣ ва ташаккули маҳорату малакаҳои меҳнатӣ ба шахсияти бачагон таъсири фоидабахши маънавию эстетикӣ мерасонад. Аз тарафи дигар, бо ин восита кӯдакон фаҳмидани нақши меҳнатро дар зиндагӣ аз меҳнати оилавӣ сар карда, бо фаъолона дар меҳнати ҷамъиятӣ иштирок намудан ва ба одамон самара доданро одат мекунанд.



***Вожаҳои калидӣ:** тарбияи меҳнатӣ, меҳнат, маҳорат ва малакаи меҳнатӣ, оила, волидон, ахлоқ, сарфакорӣ.*


## РОЛЬ СЕМЬИ В ТРУДОВОМ ВОСПИТАНИИ УЧАЩИХСЯ


***ИСОЕВА Дилором Сайдахмадовна** – кандидат педагогических наук, доцент, заведующий кафедры психологии Кулябского государственного университета им. Абуабдуллох Рудаки, г. Куляб, ул. Сангак Сафарова, 16, **тел.:** (+ 992) 98 503 25 10*

***КУРБОНОВ Махмади** – преподаватели кафедры психологии Кулябского государственного университета им. Абуабдуллох Рудаки, г. Куляб, ул. Сангак Сафарова, 16, **тел.:** (+ 992) 985 03 25 10*

Трудовое воспитание является важным фактором нравственного воспитания подрастающего поколения. Семья должен формировать и воспитывать у детей чувство высокого достоинства, любить к Родина, гуманизм и другие качества. С целью организованности трудового воспитания и формирования трудовых умений и навыков, влияющие на личность каждого ребенка воздействующее на нравственное и эстетическое воспитание. С другой стороны дети непосредственно начиная с семейного труда понимая в жизни, о роли труда и активно участвующая в общественном труде, приносящий людям успешный результат.

***Ключевые слова:*** *трудовое воспитание, труд, трудовые навыки и умения, семья, родители, нравственность, экономичность,*

## THE ROLE OF THE FAMILY IN THE LABOR EDUCATION OF STUDENTS

***ISOEVA Dilorom Saidakhmadovna*** *– candidate of pedagogical sciences, head of the department of Psychology of Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, Kulyab, Sangak Safarova street, 16,* ***phone:*** *(+ 992) 98 503 25 10*

***QURBONOV Mahmadi*** *– teachers of the Department of Psychology of Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, Kulyab, Sangak Safarova street, 16,* ***phone:*** *(+992) 985 03 25 10*

Labor education is an important factor in the moral education of the younger generation. The family should form and instill in children a sense of high dignity, love of their homeland, humanism and other qualities. For the purpose of organizing labor education and the formation of labor skills, which influence the personality of each child and influence moral and aesthetic education. On the other hand, children directly starting from family work understand in life the role of labor and actively participate in social work that brings successful results to people.

***Key words:*** *labor education, labor, labor skills and abilities, family, parents, morality, efficiency.*

Имрӯз замони муосир талаб менамояд, ки ба тарбияи насли наврас диққати ҷиддӣ дода шавад. Аз ин рӯ масъалаи тарбияи меҳнатӣ ва ташаккули маҳорату малакаҳои меҳнатӣ яке аз проблемаи асосии тадқиқоти педагогӣ ба ҳисоб меравад.

Тарбияи меҳнатӣ ҷузъи ҷудонашавандаи тарбияи ахлоқии насли наврас ба шумор меравад. Зарурият ва аҳамияти тарбияи меҳнатӣ ва ташаккули донишу маҳорат, малака дар хонандагон дар асоси «Консепсияи миллии тарбия», инчунин дар як қатор ҳуҷҷатҳои ҷумҳуриявӣ монанди Қонуни ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи маориф» (2004 с), «Консепсияи мактаби миллии тоҷик» (1996 с) дарҷ шуда, қиммати назариявӣ ва амалӣ дорад. Дар ҳуҷҷатҳои зарурии ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст, ки парваридани маҳорату малакаҳои меҳнатӣ дар хонандагонвазифаи муҳим буда, дар протссеси он шахс обутоб меёбад, ҷиҳатҳои маънавию эстетикӣ, ҷисмонию психологии худро ташаккул медиҳад[7;49].

Дар ин масъала назарияи олимон гуногун буда, Б.Г. Ананев чунин менависад: «Дар мамлакати мо меҳнати фоиданоки ҷамъияти на танҳо эҳтиёҷот ва орзуҳои одамро қонеъ мегардонад, балки сабаби фаъолияти ӯ шуда, мақсадиояндаи ҳаёти ӯро муайян мекунад ва шахсро боодобу хушахлоқ мегардонад»[1;37].

Оила бояд ғояи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва амсоли онҳоро дар кӯдакон тарбия намуда, пеш аз ҳама ба ин мақсад дар онҳо нисбат ба меҳнати ҷамъиятӣ муносибати ҳаматарафа доштанро ташаккул диҳад. Супорида шудани намудҳои гуногуни меҳнат дар оила пеш аз ҳама мустақилият ва масъулиятнокиро дар кӯдакон тарбия менамояд. Танҳо дар натиҷаи ҳамин қобилияти бартараф намудани душворӣ дар кӯдак пайдо гардида, ташабускорӣ дар онҳо ташаккул меёбад.

Аз тарафи дигар, бо ин восита кӯдакон фаҳмидани нақши меҳнатро дар зиндагӣ аз меҳнати оилавӣ сар карда, бо фаъолона дар меҳнати ҷамъиятӣ иштирок намудан ва ба одамон

самара доданро одат мекунонанд. Дар натиҷа аз синни хурдсоли мувофиқи мақсад ба кӯдакон тарбияи меҳнатӣ додан дар онҳо нисбат ба касоне, ки меҳнати софдилона мекунанд ҳисси муҳаббат ва эҳтиром ва нисбат ба касоне, ки аз ҳисоби дигарон зиндагӣ кардани мешаванд ҳисси нафрат пайдо мегардад.

Мувофиқи мақсад ташкил кардани тарбияи меҳнатӣ ва ташаккул додани маҳорату малакаҳои меҳнатӣ ба шахсияти бачагон таъсири фоидабахши маънавию эстетикӣ мерасонад. Дар ин бора педагоги машҳури рус А.С. Макаренко чунин навишта буд: «Меҳнат на танҳо аҳамияти истеҳсоли ҷамъиятӣ дорад, балки вай ба тараккиёти шахсият таъсир мерасонад. Мо нағз мефаҳмем, ки одамон чи гуна хушҳол ва хушбахт зиндагонӣ мекунанд. Ин хушҳолӣ дар натиҷаи он ба амал меояд, ки одамон дар ягон кор ба якдигар баҳс карда, предмет ва ашёҳоро аз худ ва идора мекунанд»[10;559].

Мушоҳидаҳои мо нишон доданд,ки дар аксар оилаҳо тарбияи меҳнатӣ мувофиқи талаботҳои педагогию психологӣ ба роҳ монда шудааст. Ҳалли масъалаи тарбияи меҳнатӣ ва ташаккули маҳорату малакҳои меҳнатӣ тавассути таъсири бевоситаи падару модарон ва шахсони калонсоли оила мебошад, ки маълумотҳои аниқи педагогӣ дошта дар тарбияи насли наврас аз ин донишҳо истифода мебаранд. Бояд қайд кард, ки то ҳол оилаҳои ёфт мешаванд, ки кӯдаконро танҳо дар ҳолати зарур шуда мондан ин ё он супориши меҳнатиро медиҳанд, ки ин сабаби беҳуда гузаронидани вақт мегардад.

Тазаккур бояд дод, ки дар ҳалли масъалаи тарбияи меҳнатӣ ва ташаккули маҳорату малакаҳои меҳнатӣ мавқеи калонсолон бағоят калон буда, ин талабот дар оилаю ҷомеа атмосфераи меҳнатиро ба вуҷуд меорад, ки доштани маҳорату малакаи меҳнатӣ мавқеи калонсолон таъсири худро ҳамчун омили асосӣ ба кӯдак мерасонанд. Дар натиҷа майлу хоҳиш ва шавқу рағбати кӯдак ба интихоби касбҳои гуногун меафзояд.

Барои омӯзиш ва тадбиқи мисолҳои дар боло зикр шуда, мо варақаҳоеро, ки аз ҷиҳати характер гуногунанд истифода бурдем, ки аз фоида холӣ нест. Барои мисоли намунаи чандеро, ки ба падару модарон ва хонандагон додем суол кардем[3;143].

Савол: Оё шумо иштироки фарзандонатонро ба намудҳои гуногуни меҳнат зарур мешморед?

Ҷавоб: Албатта мо чунин мешуморем, ки ба воситаи меҳнат кӯдак дар хусуси меҳнат ва зарурияти он пурра тасаввурот пайдо мекунад.

Савол: Оё шумо дар интихоби касби фарзандатон таъсири худро мерасонед ё не?

Ҷавоб: Оре, дар баробари интихоби касбу ҳунари фарзандон мо бевосита таъсири мусбии худро мерасонем.

Савол: Шавқу ҳаваси шумо нисбат ба дарсҳои технологияи касбу ҳунар чи гуна аст?

Ҷавоб: Зеро ки мо аз ин дарсҳо баҳра гирифта, тарзи омода сохтани ин ва ё он асбобҳои рузғор тайёр кардани хуришҳо ва намудҳои пухту пазро меомӯзем.

Савол: Таъсири волидайн ва калонсолони оила дар ташаккул ва интихоби касбу ҳунари шумо?

Ҷавоб: Албатта таъсири аъзоёни оила калон буда дар интихоби касбу ҳунар ёрии амалии худро мерасонанд.

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки аксари хонандагон бо тавсияи волидайн,баъзеҳо бо таъсири ҳамсинфон ва як қисми хонандагон бо тавсияи хешу табор касби ояндаи хешро интихоб менамоянд. Аз ин рӯ баъди хатми муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбиву олӣ ва гирифтани касб дар фаъолоияти кории аксари ҷавонон пешравӣ ё масъулияти баланди шаҳрвандӣ эҳсос карда намешавад. Аз ин лиҳоз,онҳо маҷбур мешаванд, ки касби дигарро интихоб намоянд ва ё дар дигар соҳа кор ва фаъолият намоянд, зеро тавсияи дурусти интихоби касб ба кӯдакону наврасон яке аз рукнҳои асосии кормандони соҳаи маориф ва волидон ба ҳисоб меравад. Тавре, ки дар боло зикр кардем, протссеси таълим ба иҷрои маҷмӯи амалҳои мунтазами омӯзгору донишгиранда нигаронида шудааст. Мақсади амалҳои таълимӣ аз бошуурона ва мустаҳкам аз худ намудани системаи донишҳо, маҳорат ва малакаҳои кори таълимӣ иборат аст. Зеро дар ҷараёни таълим имконоти инкишофи қобилияти маърифатӣ ва аз бар кардани маданияти қобилияти фикрӣ, ҷисмонӣ, меҳнатӣ ва ташаккули ҷаҳонбинӣ ва инчунин, рафтори онҳо ба амал бароварда мешавад. Таълим амалест, ки тавассути он муносибати байниҳамии муаллиму донишҷӯ барқарор мешавад. Мақсади амалҳои таълимӣ аз омӯхтан ва аз бар кардани таҷрибаи ҷамъиятӣ иборат аст[9;704]. Муҳаққиқони соҳаи

дидактика далели он аст, ки дар ҷараёни таълим хонандагон машғули фаъолияти таълимӣ шуда, соҳиби дониш, маҳорат ва малакаҳои кори таълимӣ мегарданд ва муносибати худро нисбат ба атрофиён муайян мекунанд. Аз ин рӯ, талаботҳо ва шароитҳои замони муосир раҳнамоӣ мекунанд, ки фаъолият манбаи рушди воситаҳои меҳнат буда, меҳнати коллективӣ дар раванди фаъолият воситаи ташаккулёбии шахс мегардад. Маҳз масъалаи коллектив ва ё тарбияи коллективӣ яке аз омилҳои муҳими даврони мо ба ҳисоб рафта, дар ҳалли он назарияи олимони соҳа гуногун арзёбӣ гардидаанд.

Дар ҳалли масъалаи назарияи тарбияи коллектив педагоги бузурги рус А.С.Макаренко мавқеи калонро дар илми педагогика ишғол намудааст, вай асоси назарияи тарбияи коллективро характери амалӣ додааст. Аҳамияти назариявии тарбияи коллективии Макаренко дар он аст, ки онро дар амалияи кори худ татбиқ карда самараи хуброгирифтааст.

Макаренко нақши коллективро дар ташаккулёбии тарафҳои шахсият муайян намудааст. Вай муттаҳидшавии одамонро дар як коллективи бутун дар якчанд тарафҳо муайян кардааст:

А) дар мақсаднокии бузурги ҷамъиятӣ.

Б) дар амалиёти якҷоя дар муваффақиятҳо.

В) муносибати байниякдигарии аъзоёни коллектив.

Г) ташкили органҳои худроҳбарикунандаи коллектив.

Таснифоти ин шартҳо назарияи тарбияи коллективро боз бойтар намуда нақши коллективро дар инкишофи ҳаматарафаи шахсият ва дар протсесси корҳои илмӣ-татқиқотӣ таъмин менамояд: А.С. Макаренко дар натиҷаи корҳои зиёди педагогиаш нисбат ба тарбияи коллектив нақш ва сохти коллективро додааст[10;79].

Ибтидои ташкилшавии коллектив ин дар назди бачагон пешниҳод намудани кори мақсаднокии фоидабахши ҷамъиятӣ ба шумор меравад. Дар он натанҳо он чи, ки бачагон иҷро мекунанд, нишон дода мешавад, балки онҳо чӣ тавр зиндагӣ ва меҳнат карданро ёд медиҳанд. Яке аз тарафҳои тараққиёт ва пешравии коллектив ин ба нақшагирии кори коллектив ба ҳисоб меравад. Нақшаи тараққиёти коллектив, ки он ба нақшадарории кори коллектив вобаста аст, аз ба нақшагирии наздику миёна ва перспективи иборат аст. Дар тараққиёти ин зина коллектив нақши ҷудо намудани фаъолон калон мебошад[6;54]. Агар дар интихоби фаъолнокии коллектив хонандагон роҳ дода шаванд, чунин ҳолат дар тараққиёт ва пешравии коллектив таъсири бадро мерасонад. Яъне ин чунин маъно дорад, ки дар зинаи якуми тараққиёт бештар ба бачагон такя мекуанд, ки ташаббускор бошанд ва ҳаракат мекуананд, ки ба манфиати коллектив ягон фоида меоранд. Бо иштироки умумияти коллектив зинаҳо тартиб дода шуда, дар онҳо масъалаҳои зерин ба монанди: шабнишиниҳои базмӣ, ҳимояи касбҳо, меҳоҳам ҳама чизро донам ва ғайраҳо. Дар иҷрои шартҳои гузошташуда ҳамаи коллектив баробар иштирок мекунанд ва ба комёбиҳо ноил мегарданд. Натиҷаи ҳалли масъала коллективона гузаронида мешавад. Камбудӣ ва нуқсонҳои содиркардашудаи ҳар як амалиёти иҷрокардашуда характери муҳокимаи умумиро мегирад. Ин тарзи талабот ба пешравӣ ва тараққиёти зинаи пешниҳодгардида таъсири пешбарандаро мерасонад. Дар тараққиёт ва пешравии зинаи боло нақши роҳбарикуандаи муаллим ниҳоят бузург мебошад, зеро ки муаллим ба таъсиррасонии тарбиявии ҳар як хонанда мусоидат намуда, амалҳои иҷрокардаи онҳоро ба сомон мерасонад[5;130].

Дар таълими донишандузон нақши фаъолияти таълимӣ ниҳоят назаррас буда, дар инкишоф ва рушду нумӯи хусусиятҳои педагогию психологии онҳо таъсири муфид мерасонад. Барои беҳтар гардидани сифати таълим, пеш аз ҳама, бояд баҳодиҳӣ ба дониши гирифтаи хонандагон воқеӣ бошад[2;340]. Баҳои гузоштаи омӯзгор ба дониши хонанда подоши кори вай буда, дар натиҷаи хондан, навиштан ва аз ёд кардан ба даст меояд. Ҳар як хонанда аз баҳои гирифтааш қаноатманд бошад, аз ин рӯ мо омӯзгорон, бояд ҳамеша меъёри баҳогузориро риоя намоем.

Тадқиқотҳои мо нишон доданд,ки соҳибҳунарию кордонии падару модар ва аъзоёни калони оила ба ташаккули маҳорату малакаҳои меҳнатии кӯдакон таъсири мусбӣ расонида дар рушди минбаъдаи заҳматписандию зебопарастӣ, сарфаю сариштакорӣ, масъулиятшиносу фаъол ва созандаю эҷодкор будан замима мегузорад[4;87].

**АДАБИЁТ**

1. Ананев, Б. Г. Проблемаҳои ташкили характер / Б. Г. Ананев. – Л., 1949. С.37.
2. Гулмадов, Ф. Теоретические основы формирования духовно-нравственных убеждений учащихся начальных классов. //[Матн] Ф. Гулмадов. Душанбе: Ирфон, Душанбе: Ирфон, 2016.- 340 с.
3. Исоев, С. Опыт и народные традиции в трудовом воспитании детей в семье: дис.канд.пед.наук\.Исоев Саидахмад.-1983.-143с.
4. Исоева, Д.С. Формирование эконмически значимых качеств учащихся в процессе обучения технологии: дис.канд.пед.наук\ Исоева Дилором.-2016.-87с.
5. Кадыров, С. Труд-основа гражданского воспитания молодежи\. С.Кадырова.- Душанбе: Сино, 1995.-130 с.
6. Қодиров, Қ. Б. Таърихи афкори педагогии халқи тоҷик / Қ. Б. Қодиров. -Душанбе: Ирфон, 1998. 54с.
7. Консепсияи миллии тарбия. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2006, № 44. – Душанбе, 2006.
8. Крупская,,Н.К. Педагогические сочинения: в 6т.Т.3\Н.К.Крупская;под ред. А.М.Арсеньева и др.-М.:педагогика.-559с
9. Лутфуллоев,М. Национальная педагогика таджикского народа\М.Лутфулоев.- Душанбе, 2015.-704 с. (на тадж.яз.).
10. Макаренко, А. С. Мунтахоботи педагогӣ. Ҷ. 4. / Макаренко А. С. – М., 1960. С.79.
11. Миралиев, А.М. Система профессионального орентации и трудового воспитания школьников / А.М.Миралиев.- Д., 2004, с. 258.

## АНДЕШАҲО ОИД БА МУШКИЛОТИ МУТОБИҚШАВИИ КӮДАКОНИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНАНДА БА АРЗИШҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚӢ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ МАХСУС

***ЭМОМОВА Малоҳат Назруллоевна*** *– унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдурраҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2,* ***тел.:*** *(+992) 918 40 45 30*

Дар мақола сухан дар бораи мушкилоти мутобиқшавии кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда ба арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар муассисаҳои таълимии махсус меравад, ки имрӯз яке аз масъалаҳои мубрами илми педагогика маҳсуб дониста мешавад. Муаллиф дар натиҷаи омӯзиши адабиёти илмӣ-педагогӣ ва мушоҳидаҳои шахсӣ дар мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ гузаронида хусусиятҳои махсуси педагогию психологӣ ва фардии кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда ва мушкилоти мутобиқшавии онҳоро ба муассисаҳои таълимии махсус тавсиф намуда, ҳамзамон, усулҳои самараноки мутобиқшавии кӯдакони ҳуқуқвайронкунандаро ба арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ пешниҳод намудааст.

Ба андешаи муаллифи мақола шаклҳои самараноки мутобиқгардонии кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда ин ҷалби бештари онҳо ба маҳфилҳои гуногун дар муассисаи таълимии махсус мебошад. Масалан, ширкати наврасон ба маҳфилҳои дастони моҳир, техникҳои ҷавон, гулпарвар, челонгар ва ғайра дар онҳо меҳнатдӯстӣ, масъулиятшиносӣ барин сифатҳои ахлоқиро ташаккул медиҳанд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда, арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, муассисаҳои таълимии махсус, мутобиқшавӣ, ноболиғон, омӯзгорону мураббиён.*

# РАЗМЫШЛЕНИЯ О ПРОБЛЕМЕ АДАПТАЦИИ ДЕТЕЙ-ПРАВОНАРУШИТЕЛЕЙ К ДУХОВНО-НРАВСТВЕННЫМ ЦЕННОСТЯМ В СПЕЦИАЛЬНЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

***ЭМОМОВА Малохат Назруллоевна*** *– соискатель Института развития образования имени Абдуррахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2,* ***тел.:*** *(+992) 918 40 45 30*

В статье речь идёт о трудностях адабтации детей правонарушителей к духовно-нравственным ценностям в специальных образовательных учреждениях, которые в настоящее время являеются одним из актуальных проблем педагогической науки. Автор в результате изучения научно-педагогической литературы и проведения личного педагогического опыта в специальном образовательном учреждении характеризует психолого-педагогичкие и индивидуальные особенности и трудности адаптации детей правонарушителей к духовно-нравственным ценностям и в тоже время рекомендует эффективные путы адаптации детей правонарушителей к духовно-нравственным ценностям.

По мнению автора, эффективные путы адаптации детей правонарушителей к духовно-нравственным ценностям является привлечение их в различные кружки. Например, участие подростков в кружках «Умелие руки», «Юнных техники», «Цветоводы», «Токари» и другие, которые привывает у детей такие нравственные качества, как трудолюбие, ответственность и т.д.

***Ключевие слова:*** *детей-правонарушители,духовно-нравственные ценности, специальные обрпзовательные учреждения, адаптация, несовершенолетние, учителя и воспитатели.*

# REFLECTIONS ABOUT THE PROBLEM OF ADAPTATION OF CHILDREN OFFENDERS TO SPIRITUAL AND MORAL VALUES IN SPECIAL EDUCATIONAL INSTITUTIONS

***EMOMOVA Malokhat Nazrulloevna*** *– applicant of the Institute for Educational Development of the Academy of Education of Tajikistan, st. A. Adkhamova, 11/2,* ***phone:*** *(+992) 918 40 45 30*

The article deals with the difficulties of adapting children of delinquents to spiritual and moral values in special educational institutions, which are currently one of the pressing problems of pedagogical science. The author, as a result of studying scientific and pedagogical literature and conducting personal pedagogical experience in a special educational institution, characterizes the psychological, pedagogical and individual characteristics and difficulties of adaptation of children of offenders to spiritual and moral values and at the same time recommends effective ways of adapting children of offenders to spiritual and moral values.

According to the author, an effective way to adapt children of delinquents to spiritual and moral values is to involve them in various circles. For example, the participation of teenagers in the circles “Hand Skills”, “Young Technicians”, “Florists”, “Turners” and others, which instill in children such moral qualities as hard work, responsibility, etc.

***Key words:*** *child offenders, spiritual and moral values, special educational institutions, adaptation, minors, teachers and educators.*

Масъалаи бартараф ва пешгирӣ кардани беназоратии кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда комилан масъалаи нав набуда, таърихи хеле тӯлонӣ дорад. Дар масъалаи тарбияи кудакони душвортарбия махсусан олимони аврупо ва рус асарҳои зиёд навиштаанд ва амалан низ корҳои шоистаро анҷом доданд. Дар ин бора педагогҳои барҷаста И.Г. Песталотси, Роберт Оуэн асарҳо навишта, ҳамзамон барои таълиму тарбияи бачаҳои беназоратмонда ва душвортарбия муассисаҳои таълимӣ ташкил намуданд. Дар натиҷаи ба таври самаранок ба роҳ мондани

корҳои таълимию тарбиявӣ аз ҷумлаи тарбиятгирандагони муассисаҳои таълимии ташкилнамудаи онҳо шахсони арзандаи ҷомеа тарбия ёфта, ба камол расиданд.

Оид ба масъалаи мубориза ба муқобили бепарасторӣ ва беназоратии кӯдакон олимони замони шӯравӣ саҳми арзанда гузоштаанд. Масъалаи мубориза ба муқобили бепарасторӣ ва беназоратии кӯдакон номи Н.К. Крупская алоқаманд аст. Ӯ шадидан ба муқобили ба педагогика ворид намудани мафҳуми кӯдаки «аз ҷиҳати ахлоқӣ нуқсондор» баромада, таъкид мекард, ки «кӯдакони таъқибшуда, хашмгин, шиканҷашуда, бемор ҳастанд, вале «аз ҷиҳати ахлоқӣ нуқсондор» вуҷуд надоранд [119, 152].

Ба муқобили тақсим кардани ҳамаи кӯдакон ба «муқаррарӣ» ва «аз ҷиҳати ахлоқӣ нуқсондор» комиссари халқии маориф А.Б. Луначарский баромада буд. Ӯ одилона таъкид мекард, ки «бача, кӯдак душмани хавфнок бошад, то ки нисбат ба ӯ чораҳои сахт андешида шаванд, ин танҳо маводи каме вайроншудаест, ки бояд ислоҳ карда шавад. Ин соҳиби оянда, сармояи асосии мост ва, аз ин рӯ, нисбат ба ӯ мо бояд ҳамчун ба гаронарзиштарин ганҷ муносибат кунем» [144].

Педагог П.П. Блонский одилона қайд кардааст, ки «... нуқсони ахлоқии кӯдакон... – ин нуқсони илмии психопатологҳо ва педагогҳои дахлдор мебошад» [33, 200]. Кӯдаки бепарасторро П.П. Блонский аз ҷиҳати педагогӣ беназоратмонда медонист, ки дар ӯ «... ҳанӯз он гуна инкишофи зеҳние, ки барои дарки муносибатҳо ва меъёрҳои иҷтимоӣ – ахлоқӣ ва самтёбии дуруст дар ҷамъият талаб карда мешавад, вуҷуд надорад» [33, 200].

Ба туфайли А.С. Макаренко бори аввал дар амалияи кор бо кӯдакони бепарастор амсилаи гурӯҳи тарбиякунанда ва азнав тарбиякунанда ба вуҷуд оварда шуд. Сабабҳои бепарасторӣ дар мамлакати шӯравӣ «шакли озодтари оила, мавҷуд набудани хамзистии маҷбурӣ, харакати шиддатноктари инсон дар ҷамъият, зиёд шудани кори падар ва модар, дуршавии зан аз маҳдудияти оилавӣ, шаклҳои моддӣ ва дигари зиддиятҳо» мебошанд, таъкид намудааст, А.С. Макаренко [149, 308].

Таҳлили таҷрибаи таърихӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки таваҷҷӯҳи ҷиддӣ ба масъалаи мазкур дар давраҳои муайяни вақт бо сабабҳои воқеие зоҳир карда мешавад, ки ба вазъи кишвар таъсир расонида, падидаҳои бӯҳрониеро боис мегарданд, ки дар навбати худ ба афзоиши кӯдакони ҳуқвайронкунанда оварда мерасонанд.

Дар ибтидои асри XXI давраи бозсозӣ фаро расид ва дар ин давра паст будани самаранокии истеҳсолот, набудани ҳавасмандии моддӣ ба меҳнати истеҳсолӣ, норасоии рӯзафзуни молҳои асосии истеъмолӣ тавсиф мешавад, ки ба пайдо шудани падидаҳое, ки рукуд ва механизмҳои боздоранда номида шуданд, мусоидат намуданд. Яке аз масъалаи тезу тундтарини иҷтимоӣ майзадагӣ буд. Фурӯпошии ИҶШС ба боз ҳам бадтар шудани вазъи иқтисодӣ, нотавон шудани табақаҳои васеи аҳолӣ, ки дар бӯҳрони амиқ қарор гирифта буданд, мусоидат кард, ки ин ба Тоҷикистони муосир низ хос буд.

Бар асари ҷаеги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон масоили марбут ба беназоратӣ хеле тундутез қарор гирифт. Хонаҳояшонро тарк намудани кӯдакону наврасон ҳарсола афзоиш меёфт.

Ба таҳқиқотҳои А.М. Нечаева [169, 57] рӯ оварда, аломатҳое, ки имкон медиҳанд кӯдак беназорат номида шавад, инҳоянд:

– комилан қатъ гардидани ҳама гуна робита бо оила, падару модар, хешовандон;

– зиндагӣ кардан дар ҷойҳое, ки барои зисти одамон пешбинӣ нашудаанд;

– ба даст овардани воситаҳои зиндагӣ бо роҳҳое, ки дар ҷамъият эътироф нашудаанд (дуздӣ, талбандагӣ);

– итоат кардан ба қонунҳои нонавиштае, ки аз ҷониби соҳибэътибори эътирофшуда дар миёни бепарасторон «ба ҳукми қонун» даромадааст.

Ҳамин тариқ, кӯдаки беназоратмонда, тибқи меъёрҳои дар боло зикршуда, аз кӯдаки бепарастор сифатан фарқ мекунад, вале умумӣ барои онҳо на танҳо вазъият дар оила ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, балки инчунин усули ҳалли вазъияти мунокишавӣ мебошад, ки дар тарккуниҳои худихтиёрона, фирор аз хона, муассисаҳои таҳсилот зоҳир мешавад.

Вобаста ба тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ дар Тоҷикистон кӯшишҳои ба амал баровардани дигаргуниҳои куллӣ, аз ҷумла ислоҳоти соҳаи маориф сурат гирифтанд. Яке аз ҳадафҳои ислоҳоти соҳаи маориф ин ба таҳсил фаро гирифтани кӯдакони беназоратмонда ва

ҳуқуқвайронкунанда ба ҳисоб мерафт. Яке аз роҳҳои ислоҳ намудани ахлоқу одоби кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда ин фаро гирифтани чунин кӯдакон ба муассисаҳои таълимии махсус ба ҳисоб меравад. Вазифа аз он иборат аст, ки кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда ба муассисаҳои таълимии махсус фаро гирифта шуда, дар онҳо арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ташаккул дода шавад ва ба онҳо шоҳроҳи зиндагии мустакилона омода карда шаванд.

Барои он ки кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда ба муассисаҳои таълимии махсус мутобиқ гардонида шаванд, бояд омӯзгорону мураббиён алоқаи тарбияи рухӣ, ҷисмонӣ ва ахлоқиро таъмин кунанд, хусусиятҳои фардию синну соли бачагонро ба назар гиранд, ба ҷазои ҷисмонӣ роҳ надиханд.

Дар муассисаҳои махсуси таълимии ба таълиму тарбияи кӯдакони ҳуқвайронкунанда машғулбуда, бояд чунин низомҳои педагогие кор карда баромада шаванд, ки дар онҳо вазифаи аввалиндараҷа ин мутобиқ намудани онҳо ба шароити таълимгоҳ ва ташаккул додани ғояҳои инсондӯстӣ, озодии худифодакунӣ, принсипҳои ташаккули одатҳои ахлоқии рафтор, ба назар гирифтани хусусиятҳои фардӣ, тарбияи меҳнатӣ ва ба ҳаёт тайёр кардани бачагон ба ба ҳисоб меравад.

Лозим ба таъкиди махсус аст, ки кӯдакони дар чунин муассисаҳои таълимӣ ба таълиму тарбия фарогирифта бояд ҳаргиз маҳдудияҳо ва ҳолати казармагиро эҳсос накарда, ҳаёти табииро ба сар баранд.

Барои мутобиқ гардонидани кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда ба шароити муассисаҳои таълимии махсус муҳим аст, шароити созгор муҳайё карда шавад. Зарур аст, ки ҳар як кӯдак ба ғайр аз донишомӯзӣ бояд соҳиби ин ё он шуғле бошад. Ба мақсад мувофиқ аст, ки дар ин гуна муассисаҳои таълимӣ маҳфилҳои гуногун амал кунанд ва тарбиятгирандагон ба маҳфили дӯстоштаашон ширкат варзанд. Агар дар ин гуна муассисаҳои тахлимӣ маҳфилҳои дастони моҳир, техникҳои ҷавон, гулпарвар, челонгар ва дигар маҳфилҳо амал кунанд, бигузор маҳсули дасти онҳо ҳам дар дохили таълимгоҳ ва ҳам берун аз он ба намоиш гузошта шаванд. Мо бо итминон гуфта метавонем, ки ин иқдом яке аз воситаҳои хуби мутобиқ гардидани кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда на ин ки ба муассисаи таълимӣ ва ҳамзамон ба иҷтимоишавии онҳо низ таъсири созгор гузошта метавонад.

Дигар роҳи самараноки мутобиқ гардонидани кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда ба арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар муассисаҳои таълимии махсус ин ташкилу ба роҳ мондани худхизматрасонӣ ва худташкилдиҳӣ маҳсуб дониста мешавад. Ба бачаҳо ёд додан ҳунармандӣ, агар имкон бошад, маҳорати кандаккорӣ низ воситаҳои самарабахши мутобиқ намудану иҷтимогардонии онҳо ба мҳисоб меравад. Намудҳои маъмули устохонаҳои ҳунармандӣ, аз қабили муқовабандӣ, куттисозӣ, рангуборчигӣ, дӯзандагӣ, пойафзолдӯзӣ, харротӣ, дуредгарӣ, челонгарӣ, муҷассамасозӣ барои мутобиқгардонии кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда ба арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар шароити муассисаҳои таълимии махсус воситаи самаранок маҳсуб дониста мешавад.

Яке аз воситаҳои муҳими мутобиқгардонии кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда ба арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар муассисаҳои таълимии махсус реҷаи муқарраршудаи зиндагӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он бадалшавии машғулиятҳо ва истироҳат пешбинӣ мешавад. Одаткунонӣ ба реҷаи рӯз бо кӯмаки низоми инкишофёфтаи ҳавасмандкунӣ ва ҷазо амалӣ карда мешавад. Ҷазо мантиқан ба кирдор асос ёфта, ҳавасмандкунӣ бошад, ба даст овардани имкониятҳои эҳсосотӣ ва барои кӯдакон рафторҳои матлубро пешбинӣ намуда, бо тавсеаи тадриҷан озодии ба тарбиятгирандагон пешниҳодшаванда алоқаманд мебошад.

Дар муассисаи таълимии мактаби махсуси ҷумҳуриявӣ, ки мо дар он ҷо озмоишҳои худро гузаронида истодаем, Шӯрои педагогӣ амал мекунад, ки кори муассисаи таълимиро назорат карда, ба тарбиятгирандагон дастгирии моддию маънавӣ расонида, аз болои хатмкунандагони таълимгоҳ дар давмои муддати дароз назорат мебарад. Барои аксари хонандагони мактаби махсусе, ки зикраш рафт, ба хонае табдил ёфтааст, ки дар он ҷо муносибати гарму ҷӯшони омӯзгорону мураббиҳо ба мушоҳида мерасад.

Аммо, сарфи назар аз тадбирҳои андешидашуда, болоравии беназоратии кӯдакони ҳуқуқвайронкунанда ҳанӯз ба мушоҳида расида, ба ин албатта, муҳити носозгори оилавӣ, ҷудошавии оилаҳо, шароити пасти иқтисодӣ, бемасъулиятии падару модарон ва аҳли ҷомеа боис мегардад.

Бояд зикр намуд, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ хонандагонеро дучор кардан мумкин аст, ки мунтазам дарсшиканӣ менамоянд, чанд рӯз ба мактаб намеоянд, тартиботи дохилимактабиро вайрон мекунанд, дурушмуомила буда, нисбат ба омӯзгорон ва ҳамсинфон дағалрафторӣ менамоянд. Новобаста аз бурдани корҳои тарбиявӣ ва фаҳмондадиҳӣ, барқарор намудани робита бо падару модарон, баъзе аз чунин хонандагон ба корҳои ҳуқуқвайронкунӣ даст мезананд. Дар ин сурат низоми чунин тадбирҳоро андешидан ба мақсад мувофиқ аст:

1. Зери назорат ё васояти ҷиддӣ гирифтани хонандагони душвортарбия аз ҷониби падару модарон, мактаб ва шуъбаи кор бо ноболиғони мақомоти корҳои дохила.

2. Ҷалб намудани хонандагони душвортарбия ба маҳфилҳои мактабӣ, масалан, дуредгарӣ, сохтани ҳар гуна қуттиҳои гуногуни рангоранг, сохтани донхӯракҳо барои паррандагон, сохтани бозичаҳо барои тарбиятгирандагони муассисаҳои таълимии томактабӣ. Тибқи мушоҳидаҳои мо хонандагони душвортарбия ба ин гуна машғулиятҳо шавқу рағбати зиёд доранд. Агар барои иҷрои маҳсули меҳнаташон аз ҷониби омӯзгорон ва маъмурияти мактаб дар ҷамъомадҳои мактабӣ қадрдонӣ ва ҳавасманд карда шаванд, ин беҳтарин воситаи тарбиявӣ нисбат ба чунин хонандагон маҳсуб дониста мешавад.

3. Ташкил намудан сайру саёҳатҳои коллективона бо иштироки хонандагони душвортарбия ба ҷойҳои таърихӣ ва ҷойҳои ҷолиби диққати ноҳия, шаҳр, умуман минтақа.

Дар шароити шаҳр ва ноҳияҳо кори самараноку пайвастаро сардорони маҳаллаҳо дар ҷойи зист дар яқҷоягӣ бо муассисаи таълимӣ ва инчунин дар ҳамкории пайваста бо шуъбаи кор бо ноболиғони мақомоти корҳои дохила анҷом медиҳанд.

## АДАБИЁТ


1. Абдурашитов, Н.Ф. Тарбия ва ислоҳи психологии наврасони ҳуқуқвайронкарда. Душанбе: Ирфон, 2015. – 152 с.
2. Крупская, Н.К. Беспризорный детский дом. – Т. 4 – С.203 – 207.
3. Луначарский, А.В. О детдомах и беспризорности // Народное просвещение.1928. – № 1. – С.54.
4. Макаренко, А.С. «Чудо», созданное советской жизнью. – Т.7. – С.306 –308.
5. Нечаева, А.М. Детская беспризорность - опасное социальное явление// Государство и право. – 2001. – № 6. – С. 57– 65.
6. Фелдштйн, Д.И. Психология развития личности в онтогенезе. – М.: Педагогика, 1990. – 206 с.


# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБӢ-ПСИХОЛОГИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА


***ЛУФОВ Мансурбой Тоймуратович** – номзади илмҳои педагогӣ, омӯзгори калони кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, к. Мавлонбеков, 1. **Email -** lufov@mail.ru, **тел.:** (+992) 92 812 91 99*

***УМАРОВА Зухроҷон Мақсудҷоновна** – омӯзгори кафедраи педагогика ва психологияи томактабии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, к. Мавлонбеков, 1.*



Дар мақола масъалаҳои рушди салоҳиятҳои касбӣ-психологӣ, ташаккули касбии омӯзгорони оянда, пеш аз ҳама, фаро гирифтани пешаи интихобшуда, ки танҳо аз андӯхтани маҷмӯи муайяни донишҳо, маҳорату малака иборат нест, таҳлил карда шуда, ҳамзамон, таъкид мешавад, ки азнавсозии тамоми соҳаи арзишию мотиватсионӣ, инкишофи қобилияту хислатҳои омӯзгори ояндаро дар назар дорад, то ки ӯ ба интизориҳои дар тимсоли касбии педагог таҷассумёфта мувофиқат намояд. Ҳамин тариқ, комилан возеҳ аст, ки салоҳиятнокии педагогӣ ва роҳнамоии психологӣ-педагогии рушди салоҳиятҳои дар боло зикршуда аз нигоҳи донишҷӯён бештар ба сифатҳои касбию шахсиятии омӯзгор вобаста аст.

***Вожаҳои калидӣ:*** *психология, педагогика, салоҳият, ҳавасмандӣ, салоҳиятнокӣ, тайёрии касбӣ, комуникативӣ, салоҳиятӣ касби, маҳорати педагогӣ.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНО - ПСИХОЛОГИЧЕСКИХ КОМПЕТЕНЦИЙ БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ

***ЛУФОВ Мансурбой Таймуратович*** *– кандидат педагогических наук, старший преподаватель кафедры социальной и профессиональной психологии Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова, г. Худжанд, ул. Мавлонбекова, 1.* ***Email -*** *lufov@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 92 812 91 99*

***УМАРОВА Зухроджон Максуджоновна*** *– преподаватель кафедры педагогики и дошкольной психологии Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова, г. Худжанд, ул. Мавлонбекова, 1.*

В статье вопросы развития профессионально психологических компетенций, профессионального становления будущих учителей, прежде всего, определяют охват избранника, который не сводится только к накоплению определенного комплекса знаний, умений и навыков, но и переустройство всей ценностно-мотивационной сферы, развитие его способностей и качеств во внешности, чтобы он соответствовал ожиданиям, воплощенным в профессиональном примере педагога. Таким образом, совершенно очевидно, что педагогическая компетентность и психолого-педагогическое руководство развитием указанных компетенций в глазах учащихся в большей степени зависит от профессиональных и личностных качеств педагога.

***Ключевые слова****: психология, педагогика, компетентность, мотивация, профессиональная подготовка, будущие учителя, общение, развитие, педагогические навыки.*

## THEORETICAL FOUNDATIONS FOR THE DEVELOPMENT OF PROFESSIONAL PSYCHOLOGICAL COMPETENCIES OF FUTURE TEACHERS

***LUFOV Mansurboy Taimuratovich*** *– Candidate of Pedagogical Sciences, Senior Lecturer, Department of Social and Professional Psychology, State Khujand State University academician Bobojon Gafurov, Khujand, st. Mavlonbekova, 1.* ***Email -*** *lufov@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 92 812 91 99*

***UMAROVA Zukhrodzhan Maksudzhanovna*** *– teacher of the department of pedagogy and preschool psychology of the State Khujand State University academician Bobojon Gafurov, Khujand, st. Mavlonbekova, 1.*

In the article, the issues of development of professional psychological competencies, professional development of future teachers, first of all, determine the scope of the chosen one, which is not limited to the accumulation of a certain set of knowledge, skills and abilities. , but also the restructuring of the entire value-motivational sphere, the development of his abilities and qualities in appearance, so that he meets the expectations embodied in the professional example of a teacher. Thus, it is quite obvious that pedagogical competence and psychological and pedagogical guidance in the development of these competencies in the eyes of students largely depend on the professional and personal qualities of the teacher.

***Key words:*** *psychology, pedagogy, competence, motivation, professional training, future teachers, communication, development, teaching skills.*

Низоми самарабахши маориф яке аз омилҳои таъмини рушди устувори иқтисодиёти мамлакат ва ҷомеаи Тоҷикистон мебошад. Ҳадафи ислоҳот дар низоми таҳсилоти олии давлат таъмини дигаргунии сифатии он дар шароти иқтисоди бозоргонӣ ва ҷаҳонишавӣ аст. Пайваст шудани Тоҷикистон ба низоми умумиҷаҳонии таҳсилот, тағйироти намунаи нави таҳсилот, ташаккули тарҳи нави миллии таҳсилот масъалаҳои сифати омодагии кадрҳои педагогиро бе таваҷҷӯҳ намегузоранд.

Дар тӯли чанд соли охир якчанд барномаҳое қабул шуданд, ки самт ва мӯҳтавои чораҳоро барои татбиқи сиёсати давлат дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла, дар риштаи маълумоти педагогӣ, муайян менамоянд. Тарбияи шахсияти фарҳангаш пурғунҷоиш шаклгирии тамоми навъҳои фарҳанг – ахлоқӣ, сиёсӣ, эстетикӣ, экологӣ, ҷисмонӣ ва ғайраро пешбинӣ менамояд, ки бешубҳа, ба сатҳи салоҳияти касбии мутахассисони оянда, махсусан, самти педагогию-психологӣ низ таъсир мерасонад.

Ба мутахассисони соҳиби маълумоти олӣ аллакай ҳозир талаботи ҷиддитар ва аз бисёр ҷиҳат сифатан нави марбут ба салоҳияти касбӣ, аз ҷумла, муташаккилӣ, кордонӣ ва ҳадафмандӣ пеш гузошта мешавад. Бозори меҳнате, ки дар шароити нави иқтисодӣ шакл мегирад, ба хислати муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсири ҷиддӣ равони расонида, нисбат ба шахс талаботи қатъиро пеш мегузорад ва ин нукта бояд ҳангоми омода кардани мутахассисони форматсияи нав ба ҳисоб гирифта шуда, ба парвариши салоҳиятнокӣ ва рақобатпазирӣ дар онҳо аҳамияти хоса зоҳир гардад. Барои мутахассисони оянда босалоҳият ва рақобатпазир будан маънои қобил будан ба ҷустуҷӯй ва азхуд кардани донишҳои нав, қабул карда тавонистани қарорҳои ғайристандартӣ, боварӣ доштан ба қобилияти касбии худ ва ба ҳамин восита таъсир расонидан ба ояндаи худро дорад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" ба зарурати такмили тарҳи мактаби муосири деҳа, ки фароҳам овардани шароитро барои баланд бардоштани сатҳи таҳсили хонандагони мактаби деҳот ва баробар кардани имконоти ибтидоии хатмкунандагони онҳо барои гирифтани маълумоти олии касбӣ таъмин мекунад, таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мегардад[4].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ (23.12.2022 с) нақши муҳим доштани маориф дар пешрафти ҷомеа ва давлати тоҷикистониён таъкид мегардад. Бобати зарурати таъмини тайёрии томактабии бачагон ва рушди барномаҳои нави маърифатӣ барои кӯдакони синни томактабӣ ба назар гирифта мешаванд[7].

Дар амалӣ кардани дигаргуниҳои инноватсиониро дар коркарду татбиқи технологияҳои нави таълим, инкишофи низоми таҳсилоти муттасилро, ки такмили ихтисос ва аз нав омода кардани кадрҳоро бо мақсади тағйири фаврии соҳаи фаъолияти ҳар як узви ҷомеа дар бар мегирад. Қонун бояд барои таҷдиди мундариҷаи таҳсилот ба воситаи татбиқи барномаҳои нави таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва маҷмӯаҳои нави таълимию методӣ, ҷорӣ кардани барномаҳои нави таълимӣ барои соҳиби маълумоти иқтисодӣ, экологӣ, ҳуқуқиву шаҳрвандӣ шудани бачагон ва ҷавонон мусоидат намояд.

Имрӯз педагоги босалоҳият ва соҳиби тафаккури эҷодӣ онест, ки ба фаъолияти гуногунпаҳлӯи касбӣ ва густурдаи иҷтимоӣ қобил аст; равоншиноси моҳир ва дорои ҳисси ҳамдардӣ буда, дар муносибат бо кӯдак ва наврас ботаҳаммул ва пуртоқат аст; ба худ хос ва нисбатан мухтор будани худинкишофёбии онҳоро мефаҳмад; муоширати дохилигурӯҳӣ ва байнигурӯҳиро таъмин ва низоъҳои коллективи бачагонро бартараф карда метавонад; ба инкишоф додани худ қодир буда, барои бачагон ва ҳамкорон ҳамчун шахсияти пурғайрату пуртакопӯ ҷолиб аст.

Дар низоми маорифи миллӣ мафҳуми "салоҳият" ва "салоҳиятнокӣ" ворид шуда , ҳамчун истилоҳи соҳаи маориф истифода мешавад.

Тафсири мафҳумҳои "салоҳият" ва"салоҳмятнокӣ"- ро аз сарчашмаҳо барраси намуда итминон ҳосил менамоем, ки ба дарки он омузгорон ворид шуда, дар раванди таълими низоми салоҳиятнокӣ ба ташаккули салоҳнятҳои муайяни хонанда аҳаммят медиҳанд.

Дар баъзе адабиёти илмӣ - мафҳумҳои салоҳият, қобилият, малака ва маҳорат баробар истифода мешавад.

Салоҳиятро дар низоми маориф метавонад маҷмӯ дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ки ба мақсади ҳалли масъалаҳои таълимӣ амали нигаронида шудааст, номид [1].

Педагогҳои маъруфи гузашта оид ба масъалаҳои салоҳияти касбӣ, талаботҳо нисбат ба омӯзгори босалоҳият Сластенин В.А., А.И.Пискунов, А.Н.Леонтев, Кузьмина, А.К. Маркова ва аз он ҷумла, педагогони Ҷумҳурии Тоҷикистон - М. Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, И.Х. Каримова, К.Б. Қодиров, Ш.А. Шаропов, С. Алиев, Х.М. Сабуров, Раҳмонов З.П. ва дигарон дар фаъолияти касбӣ диққати махсус дода аст.

Ҳама гуна ҷомеа нисбат ба мутахассисони соҳаи маориф талаботеро пеш меорад, ки ба ҳадафҳои рушди иҷтимоиаш мувофиқанд, зеро дурнамои пешрафт дар тамоми соҳаҳои ҳаёти маънавию моддии ҳар давлат ба кадрҳои педагогӣ вобаста мебошад.

Масъалаи тафсири моҳияти мафҳуми «салоҳияти касбӣ» байни равоншиносон, педагогҳо, мутахассисони амалкунанда ва дигарон баҳсу ихтилофҳоро ба миён овардааст.

Салоҳияти психологӣ ва педагогӣ маҷмӯи дониш, малака, арзишҳои психологӣ ва педагогӣ, инчунин омодагии татбиқи эҷодӣ дар фаъолияти касбӣ, муошират ва рушди шахсӣ мебошад. Салоҳияти психологӣ ва педагогӣ муваффақияти ҳама шаклҳои фаъолияти омӯзгорони мактабҳои олӣро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад, кз ҷиҳати методӣ, дидактикӣ, техникӣ ва тадқиқотӣ, аммо он дар кори педагогӣ бевосита ҳамкории карда мешавад, ки муошрати мустақими устод бо донишҷӯёнро дар бар мегирад. Фаъолияти педагогӣ барои омӯзгорони макотиби олӣ пешсаф аст. Мақсади он бо иҷрои фармоиши иҷтимоӣ барои тайёр кардани мутахассисони муосир бо салоҳияти барои кори муваффақ дар соҳаи интихобшудаи фаъолияти истеҳсолӣ алоқаманд аст[8].

Сарфи назар аз он, ки омӯзиши салоҳияти касбӣ аз ҷониби бисёр педагогҳо ва психологони маъруфи гузашта оид ба масъалаҳои салоҳияти касбӣ, талаботҳо нисбат ба омӯзгори босалоҳият Сластенин В.А., А.И.Пискунов, А.Н.Леонтев, Кузьмина, А.К. Маркова ва , аз он ҷумла педагогони Ҷумҳурии Тоҷикистон - М.Лутфуллоев, Ф.Шарифзода, И.Х.Каримова, К.Б. Қодиров, Ш.А.Шаропов, С.Алиев, Х.М. Сабуров, Раҳмонов З.П. ва дигарон дар фаъолияти касбӣ диққати махсус дода аст.

Аз омӯзиши адабиёти илмӣ маълум мегардад, ки дар замони ҳозира оид ба моҳияти мафҳуми «салоҳият», сохтори ва мундариҷаи он ақидаи ягона мавҷуд нест. Дар аксари маврид, ин мафҳум аз рӯйи фаросат барои ифодаи сатҳи баланди ихтисос ва кордонӣ истифода мешавад. Дар тафсири баъзе муаллифон мафҳуми «салоҳияти касбӣ» бо мафҳуми «омодагӣ ба фаъолияти касбӣ» иртибот пайдо мекунад. Дар сохтори дараҷаноки истилоҳҳои зикршуда салоҳияти касбӣ мавқеи мобайниро ишғол менамояд. Агар барои таъйини ҷойи салоҳиятнокӣ дар низоми кордонӣ (касбият) кӯшиш намоем, он байни вазифашиносӣ ва камолот, ки сатҳи басандаи тасаллути касбро ифода менамояд; байни омодагӣ, ки аксари муаллифон онро ҳамчун «самтгирии ботинӣ»-и шахсият ба фаъолияти муайян, як навъ ҳолати «пеш аз оғоз» ва маҳорат ҷойгир аст.

Митина Л.М. салоҳияти педагогиро нисбат ба оне, ки дар адабиёти равоншиносӣ оварда шудааст, васеътар - на танҳо дар қаринаи фаъолият, балки вобаста ба қаринаи тамоми меҳнати омӯзгор баррасӣ намуда, ба он ғайр аз фаъолият шахсият ва муоширатро низ дохил мекунад: «мафҳуми «салоҳияти педагогӣ» донишҳо, маҳорату малакаҳо, инчунин воситаву тарзҳои татбиқи онҳо дар фаъолият, муошират, инкишоф ва худинкишофдиҳии шахсиятро дар бар мегирад, ё ба иборати дигар, зери мафҳуми салоҳияти педагогии омӯзгор ҳамбастагии мутаносиби донишҳо оид ба фан, методика ва дидактикаи омӯзонидан, ҳамчунин маҳорату малакаҳо (фарҳанг)-и муошрати педагогиро бояд фаҳмид». Ӯ дар сохтори салоҳияти педагогӣ ду зерсохторро ҷудо мекунад: фаъолиятӣ (донишҳо, маҳорату малакаҳо, роҳҳои амалӣ намудани фаъолияти педагогӣ) ва коммуникативӣ (донишҳо, маҳорату малакаҳо ва воситаҳои амалӣ кардани муошрати педагогӣ). [6].

Муҳаққиқи тоҷик Лутфуллоев М. асосҳои психологию акмеологии такмили кордонии мутахассис ва фарҳанги касбии ӯро баррасӣ намуда, мафҳуми салоҳияти касбиро ҳамчун «омодагии касбии субъекти меҳнат (мутахассис ё коллектив) барои иҷрои вазифаҳо ва ӯҳдадориҳои фаъолияти ҳаррӯза», онро ҳалқаи асосии фарҳанги инноватсионию акмеологии мутахассис мешуморад. [5].

Психолог М.А.Холодная салоҳиятро ҳамчун «намуди махсуси ташкили донишҳои ба мавзӯъ хос, ки қарорҳои самарабахш дар соҳаи дахлдори фаъолият имкон медиҳад» муайян мекунад.

Салоҳияти психологиро тавассути самаранокӣ, конструктивии фаъолият (беруна ва дохилӣ) дар асоси саводнокии психологӣ тавсиф кардан мумкин аст, яъне. маънои истифодаи самарабахши дониш ва малака барои ҳалли мушкилот ва мушкилоте мебошад, ки дар назди инсон қарор доранд[11].

Махсусияти шаклгирии салоҳияти касбии психологонони ояндаро Алиев С.Н., таҳқиқ намуда, онро як навъи ҷузъии салоҳияти касбӣ мешуморад ва онро аз системаи донишҳо,

маҳорату малакаҳо ва мувофиқати дурусти методҳои кор бо объектҳои педагогие, ки барои фаъолияти касбии омӯзгор заруранд, иборат медонад. Салоҳияти касбиро ба сифати падидаи фардию психологии мураккабе дар асоси якҷоя шудани таҷриба, донишҳои назарӣ, маҳорати амалӣ ва хислатҳои муҳими шахсӣ, ки сабабгори омодагии омӯзгор ба иҷрои воқеии фаъолияти педагогӣ мегардад, баррасӣ менамояд[2].

Салоҳияти касбиро ба сифати падидаи фардию педагогии мураккабе дар асоси якҷоя шудани таҷриба, донишҳои назарӣ, маҳорати амалӣ ва хислатҳои муҳими шахсӣ, ки сабабгори омодагии омӯзгор ба иҷрои воқеии фаъолияти педагогӣ мегардад, баррасӣ менамояд.

Сохтори салоҳияти психологӣ ва педагогӣ ба назар гирифта шудааст:

- салоҳият дар муошират ҳамчун қобилияти муошират, мубодилаи иттилоот ва дар ин замина барқарор ва нигоҳ доштани муносибатҳои аз ҷиҳати мақсадноки педагогӣ бо иштирокчиёни раванди педагогӣ;
- салоҳияти зеҳнӣ ҳамчун намуди махсуси ташкили дониш, ки қобилияти қабули қарорҳои самарабахшро дар соҳаи муайяни фанни фаъолият, донишро дар бораи рушди психологии донишҷӯён, хусусиятҳои синну соли онҳо ва қобилияти татбиқи ин амал дар амалияи педагогӣ таъмин менамояд;
- салоҳияти иҷтимоию психологӣ, ки дар қобилияти сохтани нақшаҳои дарозмуддат ва ташкилии фаъолияти мустақилона ва муштарак зоҳир мешавад (таълимӣ, тарбиявӣ, таълимӣ, илмӣ, таҷрибавӣ ва ғайра);
- рушди технология; усулҳо ва воситаҳои беҳтарини татбиқи онҳоро интихоб кунед. Ташкили системаи муассири назорат, худидоракунӣ, алоқа аз ҷониби субъектҳои таҳсилот [1].

Тибқи гуфтаи баъзе муаллифон (А.К. Маркова, Н.В. Кузмина), салоҳияти психологӣ аз шахсияти муаллим, сифатҳои шахсии ӯ вобаста аст. Сифатҳои шахсӣ ва кории муаллим ба салоҳияти ягонаи психологӣ ва педагогӣ ҳамроҳ мешаванд.

Амалия нишон медиҳад, ки ҷузъи аз ҳама бештар афтидаи салоҳияти психологӣ сифатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳим доштани шахсияти муаллим мебошад.

Барои он ки ҳар як мутахасисони оянда босалоҳият гардад, зарур аст, ки муносибати босалоҳияти омӯзгорро дар раванди таълими мактабҳои олӣ ба роҳ мондан зурур аст, зеро таълими салоҳиятноки азхудкунии маҳорати фаолияти самарабахшро дар вазъиятҳои мушкили касбӣ, инфироди ва ҳаёти иҷтимоӣ пешбини карда, дониши аниқ маҷмуи маҳоратҳои, ки барои фаолияти пурсамар дар ҳолатҳои номуайян равона карда шуда, барои амал кардан ва натиҷаи дилхох ба даст овардан имкон фароҳам меоварад. Яъне дар муносибати бо салоҳият мафҳуми «дониш» маънои соҳиб гардидан ба ин ё он маҷмуи салоҳиятҳои фанни (махсус) ва умуми (калиди) –ро, ки барои ҳалли проблемаҳо барои зарурати мустақилона хондан ва ноил гардидан ба мақсадҳои иҷтимоӣ ва инфироди имкон медиҳад, ифода менамояд.

Муносибати бо салоҳиятро ҳамчун «воситаи асосии омодасозии шахс ба худомузи», аз ҷиҳати педагогӣ ва психологи рушдёфта ҳисобидааст. Дар робита ба омӯзгорони оянда зарур мешуморем, ки раванди таълим бояд ба самти худомузии шахс, ба ташкили шароитҳои дохили ва ташаккули қобилиятҳо ҷиҳати мустақилона ба нақша гирифтани зиндаги равона карда шавад, зеро муносибати босалоҳият дар таълим барои омода сохтани шахс ба ҳаётмусоидат намуда дар шароити инкишофи мунтазам ва тағйирпазири он имкон медиҳанд,ки таърифи зерро пешниҳод созем. Салоҳиятиятноки хосият (сифати) шахсе мебошад, ки тадрисро дар сатҳи муайяне, ки асоси омодагии уро барои фаъолияти бобарор ифода мекунад, ба хатм расонидааст.

Муносибати босалоҳият дар таълим шарти асосии баланд бардошнани сифати таҳсилот буда, ба андешаи олимони соха, ба даст овардани малакаҳои ҳаётан муҳим мебошад. Салоҳиятноки ба ба омӯзгорони оянда имконият медихад, ки мақоми худро дар ҷомеа пайдо намуда, устувор созанд, ҳам зудамалу ҳам ба талаботи замон ҷавоб гуфта тавонанд.

Муносибати босалоҳият дар таҳсилот бо руйкарди амалкунандаи шахсиятгаро робита дошта, ба шахсият ва фароянди фаъолияти мушаххаси ҳар хонанда, донишҷу дахолат мекунад. Дар ин робита дар раванди таълими имрузаи фаъолияти педагогӣ нақши омузгорони салоҳиятноки касби ба таври чашмгир меафзояд, доштани донишҳои психологӣ дар фаъолияти онҳо ба меҳвари асосии таҳсилот табдил меёбад.

Омӯзгорони оянда бояд донад, ки низоми таълими салоҳиятнокӣ, чунин низомест, ки дар тадбиқи он диққати асоси ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаёти, ҳақиқӣ, функсионалӣ) равона мешавад. Қисми муҳими низоми салоҳиятнокӣ ба арзёбии натиҷаҳои таълим нигаронида шудааст, яъне дар низоми таълими салоҳиятнокӣ бо мақсади муайян кардани дониш , малака ва маҳорати заминавии хонандагон; муайян кардани раванди азхудкунии малака ва маҳорати нав; муайян кардани сатҳи ниҳоии натиҷаҳои таълим арзёбӣ гузаронда мешавад ва он бояд воқеи ва инъикоскунандаи дониши амали хонанда бошад.

Ҳамин тариқ, дар ташаккули салоҳияти психологӣ нақши асосӣ ба такмили худшиносӣ, худогоҳии касбӣ ва шахсӣ, тақсимоти мавқеи касбии онҳо вогузор карда мешавад**.** Аз ин рӯ омӯзгорони ҳамаи зинаи таҳсилоти умумиро зарур аст, ки оид ба низоми нави таълимӣ аз дастуру адабиётҳои дастрас ва таҳия мешуда, маълумоти зарури гирифта, ҳангоми иштирок дар курсҳои такмили ихтисос, семинарҳои омӯзишӣ дониши худро мустаҳкам ва пурра намоянд.

**АДАБИЁТ**


1. Адольф, В.А. Формирование профессиональной компетентности будущего учителя // Педагогика. 1998. - №1. - С. 74 - 78.
2. Алиев, С.Н. Научно-педагогические основны формирования профессиональной компетенции будущих учителей иностранных языков в педвузах Республики Таджикистан (на материале английского языка). Дисс...доктора педагогических наук: 13.00.01 / Душанбе, 2009.- 374 с.
3. Каримова, И., С. Сулаймони Педагогикаи муқоисавӣ. - Душанбе-2018. – 197 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” Душанбе: “Шарқи озод”- (22.07.2013,№1004)
5. Лутфуллоев, М. Истиқлолияти Тоҷикистон ва маорифи навин. - Душанбе: Сахбо, 2006 - 220 с.
6. Митина, Л.М. Психология профессионального развития учителя. ~М.: Флинта: Московский психолого-социальный институт, 1998. - 200 с: ссылки: 45,48,49, 52,
7. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба маҷлисии Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022.- Душанбе: Шарқи озод, 2023. - 40 с.
8. Стратегияи рушди муассисаи давлатии таълимии “донишгоҳи давлатии хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” барои солҳои 2023-2030
9. Туронов, С. Муносибати босалоҳият дар таҳсилоти касбӣ. - Душанбе-2017.- 126 с.
10. Холодная, М.А. Психология интеллекта: парадоксы исследования. – Томск, 1997.


# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ПОНЯТИЯ «СОЦИАЛЬНЫЙ ИНТЕЛЛЕКТ» В ПСИХОЛОГО - ПЕДАГОГИЧЕСКОМ КОНТЕКСТЕ

***МИРАМОНЗОДА Рахимберди*** *– докторант (PhD) второго курса специальности педагогики и психологии Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова***,** *г. Худжанд, ул. Мавлонбекова, 1.* ***E-mail:*** *miramonzoda@bk.ru,* ***тел.:*** *(+992) 927 73 72 01*

В статье рассматриваются критерии оценки социального интеллекта учащихся начальных классов. Так как методики и технологии этой оценки активно разрабатываются учёными в различных странах, практикующими разные научные школы, автор постарался приводить результаты их трудов которой широко используются в прикладной деятельности психологов и педагогов.

Также автор в статье рассматривает теории позволяющие сделать вывод о том, что для оценки умственных способностей личности неверно использовать единый показатель интеллекта. В статье приведены научные результаты, которые используются в различных

образовательных практиках, описываются большие наборы инструментария, необходимого для изучения и оценки социального интеллекта.

Основываясь на свои наблюдениях автор утверждает, что такие качества ребёнка, как устойчивость к стрессу, способность логически мыслить в сложных ситуациях наиболее ярко проявляются, если подобные задачи предъявляются детям в процессе участия в различных конкурсах.

В заключении автор подчёркивает, что для получения целостного представления об особенностях психического развития интеллекта ребёнка, необходимо хорошо ориентироваться в указанных сферах и разбираться в комплексных методиках.

***Ключевые слова:*** *социальный интеллект, социализация, эмоция, способность, когнитивные факторы, школьников, самосознание, лидерств, поведения, образования*

## АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ МАФҲУМИ “ЗЕҲНИ ИҶТИМОӢ” ДАР САРЧАШМАҲОИ ИЛМИИ ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ

***МИРАМОНЗОДА Раҳимбердӣ*** *– докторанти (PhD) курси дуюми ихтисоси педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, к. Мавлонбеков, 1.* ***E-mail:*** *miramonzoda@bk.ru,* ***тел.:*** *(+992) 927 73 72 01*

Дар мақола меъёрҳои баҳодиҳии зеҳнӣ-иҷтимоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба таври васеъ баррасӣ шудааст. Усулҳо ва технологияҳои таҳқиқи ин арзёбӣ аз ҷониби олимони кишварҳои гуногун, ки дар мактабҳои гуногуни илмӣ амал мекунанд, ба таври назаррас омӯхта шудааст. Муаллиф кӯшиш кардааст, натиҷаҳои корҳои онҳоро, ки дар фаъолияти амалии равоншиносону омӯзгорон ва таҷрибаи педагогӣ васеъ истифода намудаанд, пешниҳод намояд.

Дар мақола муаллиф инчунин назарияҳоеро баррасӣ мекунад, ки истифодаи нишондиҳандаи зеҳн барои арзёбии қобилиятҳои донишазхудкунии хонандагон мувофиқ аст. Дар мақола натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи таълиму тарбияи хоонандагони хурдсол истифода мешавад, ки маҷмӯи васеи воситаҳои заруриро барои омӯзиш ва арзёбии зеҳни иҷтимоии хонандагон тавсиф мекунад.

Дар хулоса муаллифи мақола таъкид мекунад, ки барои дарки ҳамаҷониба дар бораи хусусиятҳои инкишофи зеҳнии хонандагони хурдсол бояд самтҳои болозикр мунтазам аз ҷониби омӯзгорон мавриди истифода ва амалигардонӣ қарор дода шаванд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *зеҳни иҷтимоӣ, иҷтимоишавӣ, эмотсия, кобилият, омилҳои маърифатнокӣ, хонандагон, худшиносӣ, сарварӣ, рафтор, таҳсилот.*

## THEORETICAL BASIS OF THE CONCEPT OF “SOCIAL INTELLIGENCE” IN PEDAGOGICAL AND PSYCHOLOGICAL CONTEXT

***MIRAMONZODA Rahimberdi*** – second-year doctoral student *(PhD), specialty of pedagogy and psychology, Khujand State University academician B. Gafurov, Khujand, st. Mavlonbekova, 1.* ***E-mail:*** *miramonzoda@bk.ru,* ***phone:*** *(+992) 927 73 72 01*

The article extensively examines the criteria for assessing the social intelligence of primary school students. Since the methods and technologies of this assessment are actively developed by scientists in different countries practicing different scientific schools, the author tried to cite the results of their works, which are widely used in the applied activities of psychologists and teachers, educational practice.

The author also examines the theory in the article that allows us to conclude that it is wrong to use a single intelligence indicator to assess the mental abilities of a person. The article presents scientific results that are used in various educational practices, describes large sets of tools necessary for the study and evaluation of social intelligence.

Based on his observation, the author argues that such qualities of a child as resistance to stress, the ability to think logically in difficult situations are most clearly manifested if such tasks are presented to children in the process of participating in various competitions.

In conclusion, the author emphasizes that in order to get a holistic view of the features of the mental development of the child's intelligence, it is necessary to be well-oriented in these areas and understand complex techniques.

***Key words:*** *social intelligence, socialization, emotion, ability, cognitive factors, schoolchildren, self-awareness, leadership, behavior, education.*

Проблемы успешной социализации, развития молодого человека, как социальной личности на разных возрастных этапах является традиционным объектом изучения и исследования не только социологов, но и педагогов, философов, культурологов, психологов во всём мире. В настоящее время особенно пристально изучаются методы диагностики социального интеллекта ребёнка в динамике его развития.

Термин «социальный интеллект» стали употреблять совсем недавно. Но вместе с этим, исследования в данном направлении велись уже давно. Учёные, занимающиеся проблемами эволюционной психологии, выдвинули интересную гипотезу. Они предполагают, что доисторическое время, нашим предкам помогала выживать не только способность к мышлению, анализу и запоминанию, но и социальный интеллект, сформировавшийся в первых коллективах [8, С. 36-38].

Образ жизни древних людей требовал организации сообществ, в которых каждый член должен был адаптирован к окружающей среде. Наши предки учились общаться с соплеменниками, находить общий язык с представителями других племён, ухаживать за больными и стариками. Вполне понятно, почему ещё Ч. Дарвин указывал на значительную роль внешних эмоциональных проявлений для построения положительных социальных отношений в плане адаптации человека к негативным факторам социума и выживания в обществе («Выражение эмоций у людей и животных». 1872 г.).

В научный оборот сборное понятие «социальный интеллект» было введено в самом начале 20 века. Однако до сих пор идут споры о его содержании и сущности. Особенно активно обсуждаются эти вопросы в психологии.

Впервые описание «социального интеллекта» дал американский психолог Эдвард Ли Торндайк. Он ввёл это понятие, для того, чтобы обозначить особенные качества интеллекта человека, а именно, его эффективность и способность планировать межличностные отношения и добиваться в них положительного результата [12].

После оформления общего понятия «социального интеллекта», вторым этапом его исследования стала попытка прийти к единому мнению и разобраться в валидных психометрических методах, используемых для его измерения [7, С. 27-28].

Канадский психолог Ф.Вернон предложил характеризовать социальный интеллект, как умение понимать других людей, непринуждённо с ними общаться и т.п. На базе данных характеристик, он стал моделировать образцы социального интеллекта и исследовать его различными методами диагностики. Учёный полагал, что положительные качества социального взаимодействия определяются уровнем готовности специфических качеств личности, которые проявляют себя, как модель эффективной социальной адаптации, способность поведения меняться в случаях конфликтного взаимодействия [1].

Другой психолог, американец Г. Олпорт, предположил, что социальный интеллект следует рассматривать в плане антиципационной состоятельности личности. То есть социальный интеллект должен проявлять себя в способности прогнозировать последствия поведения человека, себя и других людей. Данное качество имеет высокий уровень развития, если позволяет добиться быстроты социальной перцепции, её точности, способности контактировать с другими людьми на принципах доверительных отношений и положительного психологического климата в образовавшемся коллективе [9].

Социально-культурные факторы позволяют опосредованно выражать особенности характера личности и способствуют образованию паттерны поведения, когда необходимо социальное взаимодействие. Именно поэтому некоторые исследователи, например, К.Эрли и

С.Анг, ввели понятие «культурный интеллект», как важное составляющее социального интеллекта в своей культурной природе [14].

Профессор Дж.Гилфорд дал своё определение социальному интеллекту: «Это система интеллектуальных способностей, связанных с познанием поведения людей и информации, позволяющей понимать последствия этого поведения». В дополнение к этому, учёный назвал три основных компонента социального интеллекта [4, С. 433–456]:

- содержание (наполнение);
- операции (действие);
- итоговый результат.

Все три составляющие в комплексе он назвал «социальным даром», который проявляется в способности быстро и точно составлять в сознании своё представление о других людях, прогнозировать их отношение и социальное поведение [6, С. 433–456].

Известный психодиагност Д. Векслер дал свою интерпретацию понятию «социальный интеллект». Он называл его уровнем адаптации личности к социальным и культурным условиям общественной жизни, способностью личности делать верные прогнозы своего социального поведения применительно к ожиданиям окружающего микросоциума. Тест Векслера на «Понятливость» и «Последовательные картинки» определил, что результаты этого исследования напрямую связаны с развитием у конкретного человека «социального интеллекта» [6].

Профессор психологии С.Заккаро со своими коллегами описал социальный интеллект, как характеристику личности человека, которая влияет на его социальное лидерство в определённых изменяющихся системах. Авторы этого определения считают, что основной социального интеллекта являются:

- социальная перцепция;
- поведенческая гибкость.

Первая составляющая должна указывать на способность личности точно и в полном объёме понимать личностные (поведенческие) качества другого человека в ходе коммуникативных действий, а так же прогнозировать развитие коммуникативных событий [16].

С. Космитский и П. Джон выделяли две основных группы компонентов структуры социального интеллекта:

- поведенческую, включающую приспособляемость индивидуума к социальной среде и эмоциональную теплоту отношений между людьми;
- когнитивную, в которые входит понимание человеком правил и норм социального поведения, доверие и открытость при налаживании социальных контактов, и антиципационную компетентность [15, Р. 11–23].

В своём большинстве, зарубежные психологи в структуру понятия социального поведения непременно включали составляющие, напрямую связанные с тремя терминами:

- поведенческая гибкость;
- когнитивные факторы;
- социальную способность человека воспринимать окружающий мир.

Чем выше уровень социального интеллекта, тем выше способность человека делать прогноз поведения других людей и подстраиваться к правилам поведения определённой социальной группы. Так же от уровня интеллекта зависит умение адекватно разбираться в эмоциях собеседника и устанавливать с ним дружеские отношения.

Среди отечественных учёных-психологов, занимающихся исследованием социального поведения, выделяют М.И. Бобнева, Д.В. Люсина, В.Н. Куницина и некоторых других.

Одним из первых психологов, обратившихся к теме социального интеллекта, был Ю.Н. Емельянов. Его интересовал прикладной аспект данной деятельности. Под социальным интеллектом он подразумевал сформировавшуюся способность человека познавать самого себя, прогнозировать поведенческие реакции социума и эмоционально реагировать на контакты с другими людьми. Ю.Н. Емельянов связывал социальный интеллект с умением адаптироваться под конкретную ситуацию и ввёл в психологию такое понятие, как «коммуникативная компетентность» [11, С. 560-565].

Своё определение социального интеллекта дают учёные М.И. Бобнева, Н.В. Казаринова и В.Н. Куницина. В их понимании данный термин трактуется, как отдельный личностный

конструкт, получивший своё развитие в процессе интеграции человека в социальную систему, с последующей интериоризацией накопленного социального опыта [2, С. 47-51].

Психологи говорят, что академическая успешность не способна указать на социально одарённых детей, так как значение социального интеллекта не имеет чёткой взаимосвязи с уровнем психометрического интеллекта. Социально одарённого человека в плане коммуникаций можно определить только по лидерству спонтанного или ситуативного характера. Чаще всего такие качества проявляются у младших школьников и детей подросткового возраста [3, С. 469–474].

Выше названные учёные полагают, что основой социального интеллекта являются такие характеристики:

- самосознание;
- коммуникативный потенциал;
- личностные качества;
- умение правильно воспринимать окружающую действительность.

Самосознание определяется когнитивными установками и способностью разбираться в своих эмоциях и чувствах. Данные качества проявляются в процессе социального общения людей. Уровень социального интеллекта непосредственно влияет на восприятие личностью социальных действий и интеракцию, то есть понимание психоэмоциональных реакций. Высокий уровень социального интеллекта даст возможность успешно пройти этап антиципационной состоятельности в ходе общения отдельных личностей или групп людей, и обеспечит необходимую социальную перцепцию и интеракцию [5, С. 107-116].

Российским психологом Д.В. Ушаковым разработана теория социального интеллекта, в которой этот термин представлен, как процесс постоянного развития и обобщения социального опыта, занимающий время всей жизни человека [13].

*А. И. Савенков, специалист в области одарённых детей, в социальном интеллекте выделял такие факторы:*

- кристаллизованные социальные знания;
- навыки и жизненный опыт;
- социально-когнитивную гибкость.

Кроме этого, учёный акцентировал на то, что человек должен уметь на практике использовать накопленные знания [10, С. 94–101].

Находясь на верхних ступеньках уровня социального интеллекта можно строить долгосрочные отношения, обладать эмоциональной стабильностью и иметь высокую стрессоустойчивость. Все эти качества помогают на протяжении всей жизни сохранять хорошее психологическое здоровье.

Таким образом, отечественная психология под социальным интеллектом понимает целый ряд личностных способностей и умений, которые помогают правильно отражать величину социализации личности и ей социальной адаптации. Данные способности проявляют себя социально-когнитивной гибкостью, индивидуальными характеристиками самосознания.

После изучения и анализа теоретического материала, описывающего социальный интеллект в различных источниках, мы сделали вывод о том, что при имеющихся различиях концепций, их объединяют такие понятия, как оценка причин того или иного типа социального поведения, эмоций человека, группы людей, умение адекватно обстоятельствам выражать свои эмоции, регулировать их, управлять эмоциями поведением. Эти параметры присутствуют почти во всех научных работах и диагностируются у учащихся младшего звена общеобразовательных школ. Общие блоки нужно считать основой социального интеллекта. В комплексе они способны стать эффективным инструментом для определения уровня социального интеллекта детей.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Андреева, И. Н., Бобнева, М. И. Социальный интеллект: исследования. М.: Наука, 1978. 311 с.

2. Баженов, Е. А. Эмоциональный интеллект и познавательная сфера младших школьников, испытывающих трудности в обучении / Е. А. Баженов, И. В. Григоричева //

Вестник Алтайского государственного педагогического университета. – 2021. – № 3(48). – С. 47-51.

3. Бобнева, М. И., Куницына, В. Н., Казаринова, Н. В. Межличностное общение. СПб.: Питер, 2002. С. 469–474.

4. Гилфорд, Дж. Три стороны интеллекта // Психология мышления. М., 1965. С. 433–456.

5. Дмитриев, И. В. Цифровая платформа как технология проектирования и реализации образовательных траекторий школьников в модели дополнительного образования "территория интеллекта" / И. В. Дмитриев, Р. Б. Торский, С. В. Кравченко // Научно-педагогическое обозрение. – 2019. – № 5(27). – С. 107-116.

6. Дружинин, В. Н. Психология общих способностей. 3-е изд. СПб.: Питер, 2006. 368 с.

7. Дугинова, Т. С. Развитие эмоционального интеллекта младших школьников как условие духовно-нравственного воспитания / Т. С. Дугинова // Методист. – 2019. – № 10. – С. 27-28.

8. Затирахина, А. А. Содержание работы по формированию учебно-познавательной компетенции младших школьников / А. А. Затирахина, С. А. Мусихина // Вестник Курганского государственного университета. – 2018. – № 4(51). – С. 36-38.

9. Олпорт, Г. Становление личности: избр. тр. / пер. с англ. Л. В. Трубицыной и Д. А. Леонтьева; под общ. ред. Д. А. Леонтьева. М.: Смысл, 2002. 461 с.

10. Савенков, А. И. Социальный интеллект как проблема психологии одаренности и творчества // Психология: Журнал Высшей школы экономики. 2005. Т. 2. № 4. С. 94–101.

11. Степкова, О. В. Средства коррекции нарушений письменной речи у младших школьников с нарушением интеллекта / О. В. Степкова, Д. В. Погосян // Вопросы устойчивого развития общества. – 2021. – № 7. – С. 560-565.

12. Торндайк, Э., Уотсон Дж. Б. Бихевиоризм. Принципы обучения, основанные на психологии. Психология как наука о поведении. М.: ООО «Издательство АСТ-ЛТД», 1998. - 704 с.

13. Ушаков, Д. В. Социальный интеллект как вид интеллекта // Социальный интеллект: Теория, измерение, ис-следования / под ред. Д. В. Ушакова, Д. В. Люсина. М.: Изд-во «Институт психологии РАН», 2004. 176 с.

## ТАЪЛИМИ ИНФИРОДӢ-ТАФРИҚАВӢ ЧУН МУАММОИ ПЕДАГОГӢ

***МИРМАМАТОВА Манижа Рустамовна** – омӯзгори кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, к. Мавлонбеков, 1. **E-mail:** rustamzoda 90 @ list. ru.*

Дар мақола масъалаҳои таълими инфиродию тафриқавӣ ҳамчун масъалаи муҳими илми педагогика баррасӣ гардидааст. Қайд мегардад, ки масъалаи тафовутҳои фардии бачагон ва таълими тафриқавии онҳо дер боз дар илми педагогика таҳқиқ мегардад ва дар марҳилаи муосир муносибатҳои навини илмиро тақозо мекунад. Дар тадқиқотҳои охирини педагогӣ таълими инфиродию тафриқавӣ робитаи ногусастанӣ пайдо карда, дар аксар ҳолатҳо дар пойгоҳи тафриқабахшӣ ба мушоҳида мерасад.

Дар мақола хотирнишон карда мешавад, ки барои ташкили фардикунонии кори таълимӣ, ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар хориҷи он дар амалия шаклҳои зиёде истифода шудаанд. Яке аз шаклҳо тафриқаи таълим, яъне гурӯҳбандии хонандагон дар асоси хусусуиятҳои ҷудогонаи онҳо ё маҷмӯи ин хусусиятҳои бо мақсади таълим аз руйи якчанд нақшаҳои таълим ва барномаҳо мебошад. Муаллиф хулоса менамояд, ки ба муносибати инфиродӣ воқеан ҳар як кӯдак ниёз дорад, зеро ин шарти ҳатмӣ ва заминаи ташаккули шахсияти муносиб ва ҳаматарафаи инкишофёфта, ташаккули худи шахсият ҳамчун фардияти нотакрор мебошад.

***Вожаҳои калидӣ:** таълими инфиродию тафриқавӣ, инкишоф, ташаккул, шахсият, омӯзгор, хонанда, қобилият, фардикунонии таълим.*

# ИНДИВИДУАЛЬНО-ДИФФЕРЕНЦИРОВАННОЕ ОБУЧЕНИЕ КАК ВАЖНАЯ ПРОБЛЕМА ПЕДАГОГИКИ

***МИРМАМАТОВА Манижа Рустамовна** – преподаватель кафедры общей педагогики Худжанский государственный университет им. академика Бободжона Гафурова, г. Худжанд, ул. Мавлонбекова, 1. **E-mail:** rustamzoda 90 @ list. ru.*

В статье рассматриваются вопросы индивидуально-дифференцированного обучения как важной проблемы педагогической науки. Отмечается, что проблема индивидуально-дифференцированного обучения является не только социально-психологической и философской, но и собственно педагогической проблемой. Автором подчеркивается, что чаще всего индивидуальное обучение сочетается с дифференцированным обучением, то есть реализуется на основе дифференциации. Определяется, что индивидуализация обучения направлена на преодоление противоречий между уровнем учебной деятельности, которую задают программы и реальные возможности каждого ученика. Подчеркивается, что для организации индивидуализации учебной работы, как в Таджикистане, так и за рубежом, на практике использовались многие варианты. Делается вывод, что каждый ребенок нуждается в индивидуальном обучении, ибо это непременное условие и предпосылка формирования гармонической и всесторонне развитой личности, формирование самой личности как неповторимой индивидуальности.

***Ключевые слова**: индивидуально-дифференцированное обучение, развитие, формирование, личность, учитель, ученик, способности, индивидуальный подход, дифференцированный подход, индивидуализация обучения.*

# INDIVIDUALLY – DIFFERENTIATED EDUCATION AS AN IMPORTANT PROBLEM OF PEDAGOGICAL SCIENCE

***MIRMAMATOVA Manizha Rustamovna** – theacher at the Department of General Pedagogy, Khujand State University academician Bobojon Gafurov, Khujand, st. Mavlonbekova, 1. **E-mail:** rustamzoda 90 @ list. ru.*

The article deals with the issues of individually - differentiated learning as an important problem of pedagogical science. It is noted that the problem of individually - differentiated learning is not only a socio-psychological and philosophical, but also a pedagogical problem proper. The author emphasize that, more often that note, individual learning is combined with differentiated learning, that is, it is a realized on the basis of differentiation. It is determined that the by the programs and the real possibilities of each student. It is emphasized that for the organization of individualization of educational work, both in Tajikistan and needs individual education, for this is an indispensable condition and prerequisite for the formation of a harmonious and comprehensively developed personality, the formation of the personality itself as a unique individuality.

***Keywords**: individually - differentiated learning, development, formation, personality, teacher, student, abilities, individual approach, differentiated approach, individualization of education.*

Таҳаввулоти глобалии ҷомеаи муосир дар соҳаи иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи маориф низ бетаъсир намондааст. Ба шахсияти дорои сифатҳои ҳадафманду боазм, ташаббускору боғайрат ҷомеа ниёз дорад.

Дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба назар гирифтани инкишофи шавқу ҳавас ва майлу хоҳиши ҳар як хонанда вазифа гузошта шудааст. Низоми мураккаби давоми чандин солҳо бавуҷудомада ва нақшаи таълимии он, ки барои ҳамаи толибилмон ягона ва ниҳоят пурбор буд, ҳам ба омӯзгорон ва ҳам ба хонандагон барои иҷрои корҳои эҷодӣ имкон намедиҳад.

Дар таърихи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба таълими тафриқавӣ ва инфиродӣ чун анъана танҳо дар мавридҳои табаддулот, вақте мақсадҳои таълим тағйир меёфт, рӯй меоварданд. Аммо, дар муқоиса бо марҳалаи нави инкишофи маориф

бояд қайд кард, ки қаблан таълими тафриқавӣ бештар дар асоси касби банақшагирифташуда амалӣ гашта, муайян намудани фарқи тахассусҳо ҳамчун аксуламали ҷавобии муассисаҳои таълимӣ нисбат ба талаботи истеҳсолот ва хоҷагии халқ ба кадрҳои соҳибтахассус ба ҳисоб мерафт. Самтёбии касбӣ ва шаклёбии самтҳои касбӣ дар шароити таълими тафриқавӣ дар корҳои В.П.Ленгвинас ва О.Г.Максимова инъикос ёфтааст[8]. Таълими инфиродӣ низ ба инкишофи шахсияти хонандагон ё худ амалӣ намудани шавқу завқи алоҳида ва майлу ҳаваси онҳо сурат мегирад.

Дар замони имрӯз кӯшиши асосӣ ба таълими инфиродӣ-самтёбӣ нигаронида шудааст, ки завқ, майл ва хусусиятҳои инфиродии хонанда чун тамомияти сохторӣ ба ҳисоб гирифта мешавад. Аввалин маротиба зарурияти ҳалли масъалаи шахсияти хонанда ба сифатҳои алоҳида ҷудо ё худ гурӯҳбандӣ накарда, дар шакли маҷмуъ аз ҷониби Н.Э.Унт ба миён гузошта шуда буд[11]. Аҳамияти зурури фаҳмиши шахсият дар рисолаи Я.С.Мерлин таҷассум ёфтааст, ки дар он олим мафҳуми «якҷоякунии инфиродӣ» ("интегральной индивидуальности")-ро чун «хусусиятҳои томи сифатҳои фардии инсон» шарҳ медиҳад[10].

Ба омӯзиши масъалаи таълими тафриқавӣ як қатор тадқиқотҳо, бахшида шудааст, аз ҷумла, С.В Алексеев, Л.Я. Зорина, Е.Е.Минченков, В.М. Монахов В.В.Сериков И.Э. Унт, В.В. Фирсов , Н М. Шахмаев И.С. Якиманская, В.И.Ревякина ва дигарон доир ба ин ё он паҳлӯи мавзӯи мавриди омӯзиши мо изҳори андеша кардаанд.

С.И.Литерат масъалаи интихоб ва таълим дар мактабҳои хусусии физикӣ-математикии назди донишгоҳҳоро таҳқиқ намудааст[9].

А.А. Бударный дар рисолаи хеш роҳҳои ташаккули муносибатҳои ахлоқии хонандагонро дар машғулиятҳо бо таълими тафриқавӣ; хусусиятҳои ҳайати хонандагон ва муносибатҳои инфиродӣ дар машғулиятҳо бо омӯзиши чуқури фанҳоро П.Э.Краав мавриди таҳқиқ қарор додааст. Н.К.Гончаров ташкилкунандагони озмоиши таълими тафриқавиро дар синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти миёна мебошанд. Дар корҳои худ Гончаров ба масъалаи ташкили тадқиқотҳои озмоишӣ, коркарди нақшаҳои таълимии самтҳои мухталиф диққати зиёд додааст. Ба ин масъла пажӯҳишоти М.А. Мельникова низ бахшида шудааст.

Вижагиҳои алоқаи хонандагон дар шароити таълими тафриқавӣ дар корҳои А.А. Бударный ва И.Э.Краав ифода шудааст. Дар таҳқиқотҳои ин муаллифон қайд мегардад, ки таълими тафриқавӣ бо назардошти якчанд асосҳо тарҳрезӣ мегардад ва он шаклҳои мутафовити амалишавии онро муайян месозад. Сухан аз хусуси таъсиси мактабҳои тахассусӣ, синфҳо ва ё гурӯҳҳои дохили синф, ки аз рӯйи нақшаи таълим ва барномаи аз лиҳози мундариҷа ва суръати дастрасии мавод ва монанди инҳо гуногун меравад.

И.Э.Унт[11] ду шакли тафриқаро дар марҳалаи болоии таълим нишон додааст:

Дар марҳалаи муайян мактаб ба соҳаҳои алоҳидаи дониш (масалан, гуманитарӣ, физикӣ-техникӣ ва табиӣ);

1. Ба фанҳои асосӣ фанҳои интихобӣ илова мегарданд.

Шакли аввали тафриқа ба таъсиси мактабҳо, синфҳо ва ё гурӯҳҳои тахассусӣ, ки нақша ва барномаи таълим аз таълими анъанавӣ (гурӯҳбандии зоҳирӣ) фарқ дорад, такя мекунад.

Шакли дуюми тафриқа – дохилӣ – баназаргирии хусусиятҳои инфиродии хонандагон дар гурӯҳҳои таълим бо усули тафриқавӣ мебошад. асоси интихоби самти таълим дар синфҳо бо омӯзиши амиқи фанҳо, ҳамгироии умумӣ, таълими политехникӣ ва тахассусӣ дар рисолаҳои О. Максимова, М.П. Пальянов, Г.А. Данилочкина, С. И. Литерата нисбатан васеътар мавриди пажӯҳиш қарор ёфта, ҳамчунин аз ҷиҳати назарӣ асоснок карда шудаанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар таҷрибаи бой дар ташкили таълими амиқи фанҳои алоҳида ҷой дорад, ки дар корҳои илмиву методии академик У.Зубайдов ва дигарон инъикос ёфтааст[3]. Дар ин синфҳо нақшаҳои таълим чунин таҳия шудаанд, ки фанҳои амиқомӯхташаванда мавқеи асосиро ишғол менамоянд. Фанҳои боқимонда дар сатҳи таълими анъанавӣ ва ё худ нисбатан ихтисоргашта дода мешаванд.

И.Э.Унт [11] дар тадқиқоти худ бар фоидаи ташкили синфҳои тахассусӣ далелҳои зиёд овардааст: ба муаллим кор бо хонандагони ҳайати якхела дошта осонтар аст, муҳассилини болаёқат ба фаъолият ба зудӣ фаро гирифта мешаванд, ба онҳо машғулият дилгиркунанда нест, қувваи зиёди худро ба омӯзиш равона мекунанд. Ҳамин тариқ, таҳсил дар синфҳои тахассусӣ ба мақсадҳои таълим ва инкишофи хонандагон таъсири мусбат мегузорад.

Дар замони имрӯз таъсиси мактаб-литсейҳо, гимназияҳо тамоюли мустаҳкам касб

намудаанд, ки чунин раванди фаъолиятро амалӣ мегардонанд. Чӣ хеле ки таҳлили корҳои олимони муосир - Н.В. Горбунова, П.И. Горлов, А.Г. Каспржак С.Н. Литерат В.С. Пирогов, Д.С. Савельев нишон медиҳад, дар чунин муассисаҳои таълимӣ дар радифи фанҳои анъанавии мактабҳо ба нақшаи таълим курсҳои нав илова карда мешаванд.

Ба масъалаи таълими тафриқавӣ назария ва амалияи маорифи аврупо диққати зиёд равона кардааст, ки он дар тадқиқотҳои В.В. Гузеев инъикос мешавад. Муносибат ба тафриқа дар шабакаҳои васеи навгароён ифода ёфтааст. Онҳо метавонанд мазмуни таълим, сохтани нақшаҳо ва барномаҳои таълимро интишор диҳанд, моделҳои гуногуни гурӯҳбандӣ дар синф, масоили марбут ба маъмурони таълиму тарбия, намуд ва роҳҳои назорат ва ҳисобот, баҳогузорӣ ба раванди таҳсилро нишон диҳанд.

Дар корҳои И.Д. Бутузов, И.Э. Унт, В.И. Ревякина таҷрибаи амалигардонии тафриқа дар мактаб, таснифоти шаклҳо ва навъҳои мухталифи таълими тафриқавӣ бо назардошти хусусиятҳои инфиродии муҳассилин бо роҳи муттаҳидкунии онҳо ба гурӯҳҳои алоҳида шарҳ дода шудааст.

Таҷрибаи солҳои қаблӣ дар соҳаи амалигардонии таълими тафриқавӣ диққати ҷиддиро тақозо дорад. Педагогони бисёре ба таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни ин масъала машғул шудаанд. Барои мо муайян намудани ин нукта муҳим аст, ки кадом шаклу намудҳои таълими инфиродӣ-тафриқавӣ дар таърихи собиқ мактабҳо нисбатан самарабахштар буданд. Бо ин мақсад озмоиш, ки соли 2012-ум дар муассисаи таҳсилоти ҳамагонаи №54-и шаҳри Душанбе бо сарварии У.Зубайдов гузаронида шуд, ҷолиби диққат мебошад[3]. Ғояи асосии озмоиш – тафриқаи хонандагон мувофиқи инкишофи бадеӣ – эстетикӣ махсуб меёфт. Дар натиҷаи тафриқа, чӣ хеле ки педагог – озмоишкунандагон баён медоранд, фаъолгардонии маърифатнокӣ, эҷодкорӣ, сифатҳои ҷустуҷӯии хонандагон ба мушоҳида расид. Аммо ҳамзамон ҳолатҳои афзудани ҳаяҷон, қаҳру хашми хонандагон низ ишора шудаанд. Психологҳо ин ҳолатҳоро аз ҳисоби маҷуд набудани методикаҳои махсус ва ниҳоят пурбории фаъолияти зеҳнӣ шарҳ додаанд. Ба ин норасоиҳо нигоҳ накарда, озмоишҳои ташкили гурӯҳҳо, синфҳо ва мактабҳое, ки таълими ин ё он фан ба таври иловагӣ сурат гирифтааст, қадами аввал дар илми педагогика ба шумор мерафтанд, зеро яке аз навъҳои тафриқа (асоси он) - гурӯҳбандии синфҳо ва интихоби мазмуну мундариҷаи таълим ба роҳ монда шуда буд. Самарабахшии ин намуди тафриқа бо нишондиҳандаҳои баланди корҳои таълимӣ тасдиқ гардид. Аз нигоҳи мо, ин навъи тафриқа намунаи беҳтарин барои синфҳо ва мактабҳои тахассусии тафриқавӣ буд.

Бо масъалаи таълими тафриқавӣ на танҳо педагогҳои Россия ва Тоҷикистон машғул гаштаанд, ичунин, дар ин масъала кӯшишҳои ҷолиб дар мамлакатҳои дигари хоиҷа низ анҷом пазируфтанд. Бо зикри чанд намуна таваққуф менамоем. Дар ИМА Виннетка-план, дар Англия - Далтон-план пешниҳод гашт. Мувофиқи Виннетка-план ҳар як хонанда курси омӯзишӣ аз рӯйи нақшаи инфиродӣ, аз рӯйи суръати шахсии худ мегузашт. Ба муҳассилин «Маводи корӣ» ("Рабочие материалы") доир ба фан барои дар хона иҷро кардан пешниҳод мегардид. Ҳамзамон бо машғулиятҳои инфиродӣ боз якчанд намуд машғулиятҳои дастаҷамъона (бозӣ, мубоҳиса, маҳфилҳо доир ба санъат ва монанди инҳо) ташкил мешуд. Муаллим дар ин маврид ба сифати мушовир иштирок мекард.

Ғояи Далтон-план дар Англия ба вуҷуд омад, бо каркарди он Элен Паркхерст машғул буд. Синфхонаҳо бо роҳбарии омӯзгор – мушовирон ба «сухангӯёни фаннӣ» иваз шуданд. Ҳар як хонанда пеш аз шуруъи кор аввалан ба «синфи ташкилӣ» ("класса-организации") даромада, аз муаллим нишондодҳо доири ҳар чӣ беҳтар ба нақша гирифтани корҳои ҳамонрӯзаи худ қабул мекард ва сипас ба иҷрои онҳо оғоз менамуд. Омӯзгор иҷрои супоришҳои ҳарҳафтаина ва ҳармоҳаи шогирдонро назорат бурда, баҳои онҳоро дар «китобчаи корӣ» (рӯзнома) хонанда қайд менамуд. Ғайр аз машғулиятҳои инфиродӣ инчунин машғулиятҳои дастаҷамъона, ки аз рӯйи он хонанда аз хусуси корҳои иҷронамуда ҳисобот медод, ба назар гирифта мешуд.

Таълим мутобиқи Виннетка-план, Далтон-план мавҷудияти дафтарҳои кориро дар шакли чопӣ, таҷҳизонидани утоқҳои таълимӣ ва таҷрибахонаҳо, истифодаи шаклҳо ва методҳои мухталифи таълим муқаррар кард. Дар мактабҳои собиқ шӯравӣ Далтон-план ва Виннетка-план бо каме тағйирот дар шакли методи – «лабораторӣ - бригадавӣ» барои омӯзиши мустақилонаи мавод аз ҷониби хонанда бо роҳи таҷрибавӣ инфиродӣ дар «лаборатория» аз ҳар фан мушаххас пешбинӣ шуда буд. Дарс, ҷадвал, синфҳо набуд, муаллим нақши мушовирро иҷро мекард. Барои гузаронидани таҷриба ва назорат «китобҳои корӣ» таҳия гаштанд. Дар аксари мактабҳо

таҷҳизот барои гузаронидани таҷриба муҳайё набуд ва ҳамаи супоришот барои омӯзиш ба китоби корӣ барои як моҳ ба бригадаи иборат аз 10 нафар қайд мегардид. Чунин тарзи кори таълимӣ ба ниҳоят паст рафтани сатҳи дониш аз рӯйи фанҳои гуногун оварда расонид.

Бешубҳа, таҷрибаи педагогҳои хориҷа натиҷаҳои мусбат дошт. Аммо, қабули танҳо қисме аз системаи педагогӣ, ҷорӣ кардани таҷриба бе ташкили шароити зарурии корӣ барои беҳтар гаштани фаъолияти мактаб мусоидат накарда, танҳо натиҷаи манфӣ ба бор овард, аз ин ҷиҳат омӯзгорон методи лабораторӣ – бригадавиро рад карданд. Бо ҳамин сабаб, дар мактабҳои собиқ шӯравӣ «метод проекти Коллинс» низ амалӣ нагардид.

Солҳи 20-уми асри гузашта давраи ташкилёбии мактабҳои шӯравӣ буд. Ҷустуҷӯи шаклҳо ва усулҳои нави кор ба роҳ монда шуда, ба омӯзгорон имкони гузаронидани таҷриба пеш омад. Муаллимони пешрафта ва соҳибхирад ба таври васеъ фикри таълими тафриқавиро, бо андешаи роҳи ташаккул ва инкишофи шахсияти эҷодкор дар ҳар самт коркард намуданд. Ин марҳала ба фаъолияти гуногуншакли мактабҳо, барномаҳо, роҳу усулҳои таълим, аз ҷумла, методҳои аз ҷониби хонандагон ба таври озод интихобшуда шароит фароҳам овард. Муваффақият ва нобарории педагогон – таҷрибаомӯзон маводи бою ғанӣ барои омӯзиши хусусиятҳо ва имкониятҳои таълими тафриқавӣ дар мактабҳои муосир манзур менамояд.

Таълими тафриқавӣ - раванди тақсим кардани воситаҳои педагогӣ бо мақсади рушди фаъолияти таълимӣ бо дарназардошти хусусиятҳои гурӯҳҳои хонандагон мебошад. Дар баробари ин, аз вазифаҳои рушд бармеояд, ки мо фаъолияти таълимиро ҳамчун шакли махсуси фаъолгардонии хонанда, ки ба тағйир додани худ ҳамчун субъекти таълим нигаронида шудааст, дарк мекунем.

Аз ин бармеояд, ки хусусиятҳои муҳими таълими тафриқавӣ чунин мебошанд:

- таълими тафриқавӣ ҳадаф не, балки воситаи ташаккули фардият аст;
- тархрезии (технологигардонии) таълими тафриқавӣ бидуни донистани фардияти ҳар як хонанда, хусусиятҳои хоси ӯ ҳамчун шахс ғайриимкон аст;
- инфиродисозӣ асоси таълими тафриқавӣ мебошад.

Аз ин рӯ, дар пайравии И.С.Якиманская[12] мо муайян менамоем, ки таълими тафриқавӣ фароҳам овардани шароити мусоид барои ташаккули шахсияти хонанда ҳамчун фард мебошад" . Таърифи дар боло овардашудаи таълими тафриқавӣ бо ин таъриф зид нест, балки танҳо онро мушаххас мекунад.

Мо муносибати тафриқавиро ҳамчун принсипи таълим бо мақсади ташаккули шахсияти хонанда бо роҳи ба назар гирифтани сифатҳои инфиродӣ тавассути хусусиятҳои гурӯҳ баррасӣ мекунем.

Барои дуруст ҳал кардани масъалаи инфиродикунонӣ ва тафриқабандии таълим на танҳо моҳияти таърифҳои онҳо, балки вазифаҳо ва шаклҳои татбиқи онҳо, инчунин хусусиятҳои асосии онҳоро муайян намудан лозим аст.

Ҳадафҳои таълими тафриқавиро ба тариқи зер баён кардан мумкин аст: фароҳам овардани шароити некбинона (оптималӣ) барои муайян кардани майлҳо, рушди шавқу завқ ва қобилиятҳои ҳар як хонанда ва дар асоси ин принсипҳо фардикунонӣ (омӯзиш; фароҳам овардани шароити мусоид барои ошкор сохтани имкониятҳои эҷодӣ, зеҳнӣ ва касбии ҳар як шахс; ҳалли мушкилоти мактаб бо роҳи таҳияи низоми нави методии таълими тафриқавии хонандагон.

Таҳлил инчунин нишон дод, ки яке аз мушкилоти асосии раванди навсозии мундариҷаи таълим, таҷдиди сохтори раванди таълим на танҳо дар бораи асосҳои дидактика, психология, огоҳӣ аз технологияҳо ва консепсияҳои муосири таълимӣ дониши зарурӣ надоштани омӯзгорон, балки дар баъзе ҳолатҳо рад кардани ин мафҳумҳо ва принсипҳое, ки ба рушди шахсият ва эҷодкории кӯдак нигаронида шудаанд.

Яъне, ба суръат ва сифати раванди инноватсионӣ ҳам омилҳои беруна ва ҳам дохилӣ таъсир мерасонанд, ки мо ба он ишора мекунем:

- надонистани моҳияти мундариҷаи муносибати инноватсионӣ, принсипҳо ва асосҳои консептуалии он;
- надоштани таҷрибаи корӣ дар асоси принсипҳои омӯзиши инфиродӣ - тафриқавӣ;
- надоштани хоҳиши ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ дар кори худ;
- надоштани қобилияти фаҳмиш, қабул ва татбиқи ин принсипҳо (бо сабабҳои касбӣ, равонӣ ва зеҳнӣ).

Дар ҷараёни таҳқиқ, мо инчунин омилҳои умумиеро муайян кардем, ки ба сифати раванди таълим таъсири манфӣ мерасонанд:

- муаллимоне, ки тибқи нақшаҳо ва барномаҳои таълими анъанавӣ кор мекунанд, усулҳои таълими инфиродӣ ва тафриқавиро намедонанд;

- муаллимон методҳои расидан ба натиҷаи босифати таълимро идрок намекунанд, аксарияти онҳо худро ягона манбаи донишомӯзии хонанда дар синф дониста, ҳадафи омӯзишро азёди механикии мавод меҳисобанд;

- системаи арзёбӣ ин муносибати маҳдуд нисбат ба кор бо маводи таълимиро инъикос мекунад, ба монанди ҳолатҳои мушаххаси хусусияти такроридошта, ки асосан ба тафаккури эмпирикӣ асос ёфтааст ва ин ба имкониятҳои рушди зеҳнии кӯдакон таъсири манфӣ мерасонад;

- аз ин ҷиҳат, барои чунин кӯдакон ҳалли ҳама мушкилот бевосита бо талабот оид ба зиёд кардани миқдори соатҳо барои як фан вобаста аст, дар асл, сабаби камии вақт дар ҳар дарс аз даст додани он дар системаи анъанавии таълим мебошад;

- стандартҳои қатъии таълим (суръат, ҳаҷм, услуби таълим, соатҳои ҳафтаина аз рӯи як фан ва ғайра) ногузир ба пахншавии номуташаккили натиҷаҳои сифатӣ оварда мерасонанд;

- шакли қабулшудаи сабти натиҷаҳои омӯзиш вазъи воқеии сатҳи омӯзишро инъикос намекунад ва он ҳамчун омили манфии иловагӣ хидмат мекунад: ҳам ҷиҳати қадршиносии хонандагон ва ҳам муаллимон;

- маводи таълимӣ ба низом дароварда нашудааст, ягон системаи худидоракунӣ ва назорати мобайнӣ ва ниҳоӣ (бо назардошти сатҳи сифат) вуҷуд надорад, мушкилоти мониторинги ҷорӣ, бозгашти фаврӣ ва ислоҳи онҳо аз ҷиҳати техникӣ ҳал нашудааст; таҷҳизоти синфхонаи анъанавӣ таваҷҷуҳ ва дастрасии баробари муаллимро ба ҳар як хонанда душвор ва инчунин истифодаи усулҳои интерактивии кор ва ташкили умуман раванди мақсадноки таълимро дар синф ғайриимкон месозад.

Таҳлили вазъи масъала дар назария ва амалияи воқеии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ошноӣ бо адабиёти фарогир дар бораи мушкилоти фарқият ва фардисозӣ ба хулосае меорад, ки тафриқа яке аз принсипҳои асосиест, ки гуманизатсияи таълим дар он асос ёфтааст. Ин мушкилот диққати олимони ватаниро дар марҳилаҳои гуногуни рушди мактаб ҷалб намуд, ки ин аз таъсири таълими инфиродӣ - тафриқавӣ ба рушди шахсият вобаста аст ва дар баланд бардоштани фаъолияти таълимии мактаббачагон, рушди нерӯи эҷодии онҳо, фароҳам овардани заминаҳои интихоби пурмазмуни касб ифода ёфтааст. Вобаста аз шароити мушаххас ва ниёзҳои иҷтимоӣ, дар ҳар марҳила, роҳҳои муайяни ҳалли ин масъала пешниҳод карда мешуданд.

Дар шароити муосир, хонандагон ниёз ба гирифтани таълими ба шахсият нигаронидаро доранд. Инро тавассути пешниҳоди муносибати инфиродӣ - тафриқавӣ ба омӯзиш ба даст овардан мумкин аст.

Ҳангоми ташкили таълими инфиродӣ - тафриқавӣ бояд чунин хусусиятҳои низоми маориф, ба монанди эҳтиёҷот ба кадрҳои баландихтисосро ба назар гирифт. Ихтисоси муаллим, пеш аз ҳама, бо сатҳи фаъолияти касбӣ ва омӯзгории ӯ муайян карда мешавад.

Таҳлили вазъи кунунӣ нишон дод, ки имкони ба даст овардани самаранокии воқеии раванди таълимро бо тадбирҳои бозомӯзии омӯзгорони инфиродӣ таъмин карда наметавонад, агар ин ба таври мустақил, эпизодӣ ва ба ҳеҷ ваҷҳ бо сиёсати умумии тамоми мактаб, қолибҳо, анъанаҳо ва сохтори идоракунии дар он амалкунанда алоқаманд бошад.

Омӯзиши вазъи таълими инфиродӣ ва тафриқавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир ва таҳлили адабиёт моро ба зарурати ҷалби гурӯҳҳои хонандагон дар асоси тақсимоти якчанд хусусиятҳои шахсият боварӣ бахшид. Ин гурӯҳҳо дар раванди таълим метавонанд бо заминаҳои мухталиф (қобилият, манфиатҳо, фаъолияти таълимӣ, хусусиятҳои психологию педагогӣ ва ғ.) ташаккул ёбанд. Дар таҳқиқоти худ мо барои таъсиси гурӯҳ чунин навъҳои фаъолияти таълимӣ, омӯзишӣ, омӯзишшаванда ва навъи тафаккурро асос кардем.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёт марбут ба масъалаи таҳқиқи илмии мавзӯи мазкур ва ҳолати таълими инфиродӣ дар мактаб, мо инчунин муайян кардем, ки яке аз шартҳои тафриқавии самарабахш ин таъсиси гурӯҳҳои таълимӣ аз рӯи якчанд аломатҳои ташхисӣ (таълим, қобилияти омӯзишӣ, навъи тафаккур) буда метавонад.

Ҳамин тариқ таҳлил нишон дод, ки яке аз мушкилоти асосии раванди навсозии мундариҷаи таълим, таҷдиди сохтори раванди таълим на танҳо надоштани дониши зарурӣ дар

байни омӯзгорон дар бораи асосҳои дидактикӣ, психология, огоҳӣ аз технологияҳо ва консепсияҳои муосири таълимӣ мебошад, балки дар баъзе ҳолатҳо рад кардани инҳо мафҳумҳо ва принсипҳое, ки ба рушди шахсият ва эҷодкории кӯдак нигаронида шудаанд.

**АДАБИЁТ**


1. Абульханова-Славская, К.А. Деятельность и психология личности - Москва, Наука, 1980, -240с.
2. Актуальные проблемы дифференцированного обучения /Под ред. Л.Н. Рожиной. - Минск, 1992, -189 с.
3. Алексеев, С.В. Дифференциация в обучении предметам естественно-научного цикла: методические рекомендации. -Ленинград, 1991,-67с.
4. Барномаи давлатии ислоҳот ва рушди соҳаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии ҶумҳурииТоҷикистон барои солҳои 2012-2020 (Қарори ҲукуматиҶумҳурии Тоҷикистон аз «30» 04.2012, №200) [Матн]. - Душанбе, 2012 – 66 с.
5. Вторина, Е.В. Дифференциация образования детей - решающий фактор и условие его демократизации и гуманизации //Сб. материалов городской научно-практической конференции 20-21 мая 1993 г. Томск, 1993. -С.7-9.
6. Выготский, Л.С. Педагогическая психология./ Ред. В.В. Давыдова, Москва, 1991. -228с.
7. Зубайдов, У. Теоретико-практические основы дифференциального обучения в средних общеобразовательных школах Республики Таджикистан. Монография. Душанбе: «Хумо», 1999. -280с.
8. Ленгвинас, В.П. Формирование профессиональной направленности личности учащихся IX-XI классов в системе дифференцированного обучения: Дисс… канд. пед. наук-Вильнюс, 1982-212 с.
9. Линтерат, С.Я. Проблема отбора и обучения специализированных физико-математических школах при госунверситетах / Педагогическое исследование опыта работы ФМШ при ИГУ/: Дисс.... канд. пед. наук. – Новосибирск, 1971- 334 с.
10. Мерлин, В.С. Очерк интегрального исследования индивидуальности. / Москва: Педагогика, 1986. -186с.
11. Якиманская, И.С. Развивающее обучение. / Москва: Педагогика, 1979- 190 с.


## МАЗМУНИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ ВА БАҲОДИҲИИ ДАСТОВАРДҲОИ ТАЪЛИМИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ДАРС

***НАБИЕВА Муқаддас Афгоновна*** *– омӯзгори калони кафедраи психологияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ш. Кулоб, к. Сангак Сафаров, 16,* ***тел.:*** *(+992) 987 22 25 07*

Дар мақола масъалаҳои мубрами сифати таҳсилот ва баҳодиҳӣ ба дастовардҳои таълимии хонандагон мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтааст. Зикр карда мешавад, ки дар айни замон таваҷҷуҳи афзоянда ба масъалаҳои сифати таҳсилот дар саросари ҷаҳон ба мушоҳида мерасад, ки он ҳам барои низоми маориф, ҳам барои рушди ҳар як давлат дар маҷмӯъ ба масъалаи калидӣ табдил ёфта истодааст. Таҳсилоти босифат ба хатмкунанда имкон медиҳад, ки ба туфайли донишҳо , малака ва маҳоратҳои дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вллакай ба даст омада инчунин омодагии ӯ ба фаъолияти минбаъдаи мустақилонаи эҷодӣ муваффақият ба даст орад. Ҳамзамон дар мақола сифати донишҳои хонандагон, рушди зеҳнӣ, ангезаи таҳсил ва худтаҳсилкунӣ, қобилияти хонандагон ба эҷодкорӣ, рушди иҷтимоию шахсияти хонандагон, сифати раванди таҳсилот аз нуқтаи назари илмӣ таҳлил карда шудааст.

***Вожаҳои калидӣ:*** *таълим, баҳодиҳӣ, дарс, муассисаи таҳсилоти умумӣ, маҳорат, малака, дониш, мустақилият, фаъолият.*

## СОДЕРЖАНИЕ КАЧЕСТВА ОБУЧЕНИЯ И ОЦЕНКА УЧЕБНОЙ УСПЕВАЕМОСТИ УЧАЩИХСЯ В ПРОЦЕССЕ УРОКА

***НАБИЕВА Мукаддас Афгоновна*** – старший преподаватель кафедры психологии Кулябского государственного университета имени Абуабдуллох Рудаки, *г. Куляб, ул. Сангак Сафарова, 16,* ***тел.:*** *(+992) 987 22 25 07*

В статье анализируются и оцениваются важные вопросы качества образования и оценки учебных достижений студентов. Отмечено, что в настоящий момент все большее внимание уделяется вопросам качества образования во всем мире, что становится ключевым вопросом как для системы образования, так и для развития каждого государства в целом. Качественное образование позволяет выпускнику добиться успеха благодаря знаниям, навыкам и умениям, уже приобретенным в общеобразовательных учреждениях, а также его подготовке к дальнейшей самостоятельной творческой деятельности. При этом в статье анализируются качество знаний студентов, интеллектуальное развитие, мотивация к обучению и самообразованию, способность студентов к творческой деятельности, социальное и личностное развитие студентов, качество образовательного процесса. с научной точки зрения.

***Ключевые слова:*** *обучение, оценка, урок, средних общеобразовательных учреждений, умения, навыки, знание, самостоятельность, деятельность.*

## CONTENT OF TEACHING QUALITY AND ASSESSMENT OF STUDENTS' LEARNING PERFORMANCE DURING THE LESSON PROCESS

***NABIYEVA Mukaddas Afgonovna*** – *senior lecturer at the Department of Psychology, Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, Kulyab, Sangak Safarova street, 16,* ***phone:*** *(+ 992) 987 22 25 07*

The article analyzes and evaluates important issues of the quality of education and assessment of students' educational achievements. It is noted that at the moment, increasing attention is being paid to the quality of education throughout the world, which is becoming a key issue both for the education system and for the development of each state as a whole. A high-quality education allows a graduate to achieve success thanks to the knowledge, skills and abilities already acquired in educational institutions, as well as his preparation for further independent creative activity. At the same time, the article analyzes the quality of students' knowledge, intellectual development, motivation for learning and self-education, students' ability for creative activity, social and personal development of students, and the quality of the educational process. from a scientific point of view.

***Keywords:*** *learning, assessment, lesson, school, skills, knowledge, independence, activity.*

Дар айни замон таваҷҷуҳи афзоянда ба масъалаҳои сифати таҳсилот дар саросари ҷаҳон ба мушоҳида мерасад, ки он ҳам барои низоми маориф, ҳам барои рушди ҳар як давлат дар маҷмӯъ ба масъалаи калидӣ табдил ёфта истодааст. Дар Тоҷикистон муосир ҷустуҷӯи фаъолонаи амсилаи нави таҳсилот идома дорад, ки рушди устувори инсониятро таъмин мекунад. Имрӯз ҳама дарк мекунанд, ки сиёсати мақсадноки таҳсилотии давлат, фаъолияти мақсадноки ҳамаи иштирокчиёни раванди таҳсилотӣ, ки ба сифати таҳсилот нигаронида шудааст, як захираи муҳимми ҳаётан зарурии кишварро ташаккул медиҳад: дорои маълумоти олӣ, дорои фарҳанги амиқи маънавӣ-ахлоқӣ, нерӯи шахрвандӣ-ватандӯстӣ, ки қодир ба ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеа ва кишвари худ мебошад.

Мавзӯи сифат на танҳо дар байни олимон – педагогҳо, балки дар ҷомеа низ оммавӣ гардидааст. Сабаби таваҷҷуҳи баланд ба сифати таҳсилот иқтисоди бозорӣ низ мебошад, вақте ки сифати зиндагӣ, яъне он чизе, ки инсон истифода мебарад, ба мадди аввал мебарояд. Барои ҳама дар амалия маълум шуд, ки сифати зиндагӣ аз сифати таҳсилоти гирифташаванда вобастагӣ дорад. Таҳсилоти босифат, чун қоида, таҳсилоти гаронбаҳост, таҳсилоти босифат – ин беҳбудии шахс, эътимод ба худ, қобилияти озодона ва самарабахш амал кардан дар шароити нав, озодии интихоби шароити зиндагӣ, доштани донишҳои мубрами замони муосир,

доштани салоҳиятҳои ҳалли масъалаҳои оддӣ ва мураккабе, ки дар зиндагӣ ба вуҷуд меоянд, мебошад.

Таҳсилоти хуб корманди истеҳсолот ё иҷрокунандаи оммавиро тайёр намекунад, балки ба ҷомеа шахс – эҷодкор, дигаргункунандаи воқеияти мавҷударо медиҳад. Таҳсилоти босифат ба хатмкунанда имкон медиҳад ба туфайли донишҳо, маҳоратҳо ва ҳмалакаҳоҳои дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аллакай бадастомада, инчунин омодагии ӯ ба фаъолияти минбаъдаи мустақилонаи эҷодӣ муваффақият ба даст орад. Таҳсилоти босифат як манбаи муҳими шахс мегардад, ки ба ӯ озодии интихоби шароити хуби зиндагиро барои худ ва наздиконаш медиҳад.

Масъалаи сифати таҳсилот бо масъалаи сифати инсон, бо рушди пешравандаи он дар низоми маориф, ки зеҳни ҷамъиятиро ҳамчун омили рушди пешрафтаи ҷомеа ташаккул медиҳад, зич алоқаманд аст [5;93]. Омӯзгорон зери сифати таҳсилот дар мактаби муосир инҳоро мефаҳманд:

1. Сифати донишҳо, пешрафти таҳсилӣ, қабули хатмкунандагон ба донишгоҳҳо.
2. Рушди зеҳнӣ, ангезаи таҳсил ва худтаҳсилкунӣ, қобилияти хонандагон ба эҷодкорӣ.
3. Рушди иҷтимоию шахсиятӣ ва тарбиягирифтагии хонандагон;
4. Сифати раванди таҳсилот.

Мазмуни заминавии мафҳуми сифати таҳсилотро мавриди баррасӣ қарор дода, А.М. Новиков чунин мешуморад, ки «азбаски мафҳуми решагии «таҳсилот» ҳам ба «таҳсилот» ҳамчун ба натиҷа (таҳсилгирифтагӣ), ҳам ба «образование» ҳамчун раванди таҳсилотӣ, ки имкон медиҳад натиҷаи зарурӣ ба даст оварда мешавад, паҳн мешавад, пас мафҳуми «сифати таҳсилот» низ ҳам ба натиҷа, ҳам ба раванд тааллуқ дорад» [10, с.109].

Таҳсилоти босифат – ин на танҳо интиқоли донишҳои амиқ, балки ташаккули чунин донишу малакаҳоест, ки талабот ба онҳо маҳз аз ҷониби ҷомеаи муосир ба вуҷуд меояд. Дар айни замон, эҷоди донишҳои нав табдили минбаъдаи он ба мазмун ва сифат, истифодаи фаъоли онро дар фаъолияти ҳаётӣ пешбинӣ мекунад.

Арзёбии сатҳи сифати таҳсилот ҳар гуна низоми маорифро ҳамроҳӣ мекунад. Барои баҳодиҳии сатҳи сифати таҳсилот шароитеро муайян кардан лозим аст, ки дар онҳо сатҳи додашуда таъмин ва такмил дода мешавад. Самарабахшии низоми маориф аз тариқи сифати таҳсилот муайян карда шуда, ҳалли масъалаи сифати таҳсилот ба шарти зарурии муваффақиятнокии ислоҳоти соҳаи маориф дар маҷмӯъ табдил меёбад.

Дар шарҳи мафҳуми «сифати таҳсилот» муносибатҳои гуногун мавҷуд буда, ҳамзамон бинобар бисёрмаъноии ин мафҳум ягон таърифи возеҳ вуҷуд надорад.

Луғати тафсирии С.И. Ожегов шарҳи зерини калимаи «сифат»–ро медиҳад: «сифат ин ё он хосият, аломате мебошад, ки арзиши чизеро муайян мекунад» [10, с.116]. Дар луғати мафҳумҳо ва истилоҳҳо тибқи қонунгузории Федератсияи Россия дар бораи маориф [11, с. 127], «сифати таҳсилоти хатмкунандагон» сатҳи муайяни донишҳо ва маҳоратҳо, рушди зеҳнӣ, ҷисмонӣ ва ахлоқӣ мебошад, ки хатмкунандагони муассисаи таҳсилот мувофиқи ҳадафҳои ба нақша гирифташудаи таълиму тарбия ба он ноил шудаанд.

Сифатро аксар вақт ҳамчун мафҳуми мутлақ ва нисбӣ меҳисобанд. Сифат аз нуқтаи назари арзиши мутлақ стандарти баландтаринест, ки аз он болотар будан имконнопазир аст.

Таҳлили асарҳо оид ба масъалаи сифати таҳсилот ва баҳодиҳии дастовардҳои хонандагон нишон медиҳад, ки таъмини сифати таҳсилот дар давраи шӯравӣ низ ҳамеша ҳамчун вазифаи аввалиндараҷа боқӣ мемонд.

Олим Д.А. Амоналиев таъкид мекунад, ки сифати таҳсилотро методҳое таъмин менамоянд, ки аз ҷониби омӯзгор истифода мешаванд. Ба ақидаи ӯ, «... методҳои нави азхудкунии маводи таълимӣ ба сифати донишҳо, амиқӣ ва дарки онҳо таъсири ҷиддӣ мерасонанд. Онҳо ба рушди қувваҳои маърифатии хонанда, фаъолнокӣ, мустақилият ва нерӯи эҷодии ӯ бомуваффақият таъсир мерасонанд. Маҳз методҳои таълим ба рушди чунин сифатҳо, ба монанди муташаккилӣ дар меҳнат, дақиққорӣ, худинтизомӣ, худназораткунӣ мусоидат мекунанд» [1, с. 63].

Олимон М.Р. Болтабоев, А.Е. Измайлов қайд мекунанд, ки ҳамчун натиҷаҳои асосии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд тағйироти мусбат дар рушди шахсияти ҳар як хонанда бошанд. Масъалаи сифати таҳсилотро пайваста бо сифати раванди таҳсилотӣ

ба таври ногусастанӣ рабт дода, ва ҳамчун яке аз самтҳои муҳимтарини кори педагогҳои мактаб баланд бардоштани сатҳи донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо ҳисобида мешуд [2, с.52].

Кӯшишҳо барои дарку андарёфти мафҳуми сифати таҳсилот ва ифшои моҳияти он, муайян кардани вазифаҳои иҷтимоии он, роҳҳои амалисозӣ дар давраи гузариш низ идома доранд. Азбаски маҳз дар давраи гузариш дар низоми маорифи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарки нави масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоию педагогии азнавсозии тамоми низоми маориф, аз стратегия то натиҷаҳо оғоз мешавад.

Л.П. Мирошниченко ҷанбаи иҷтимоию иқтисодии мафҳуми «сифати таҳсилот»-ро дар динамика баррасӣ намуда, қайд мекунад: «Сифати таҳсилот – ин категорияи иҷтимоиест, ки рушди мусбати иҷтимоию иқтисодии ҷомеаро дар асоси пешниҳоди хизматрасониҳои таҳсилотӣ таъмин менамояд, ки ба меъёрҳо ва стандартҳое мувофиқат мекунанд, ки ҷомеа ба ҳадафҳо ва натиҷаҳои таълими шаҳрвандони худ пешниҳод мекунад». Ба сифати нишондиҳандаи сифати таҳсилот стандарти давлатии таҳсилот амал мекунад [8, с. 97]. Яъне иҷрои стандарт ба дастёбӣ ба сифати таҳсилот ишора мекунад.

Дар ҳамаи кишварҳо сифати таҳсилот бо рушди давлат ва ҷомеа зич алоқаманд аст. Ҳар як иштирокчии раванди таҳсилотӣ (омӯзгор, хонандагон, волидон) ба сифати муайяни таҳсилот манфиатдор мебошанд. Барои омӯзгорг сифати таҳсилот маънои сифати баланди нақшаи таълимӣ, таъмини омӯзгор бо маводи таълимӣ, методӣ ва воситаҳои техникиро дорад. Барои хонандагон сифати таҳсилот – ин дастовардаҳои таълимии ӯ, фазои хуб дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, синф мебошанд. Волидайн сифати таҳсилотро ҳамчун рушди бомуваффақияти қобилиятҳои инфиродии фарзандони худ меҳисобанд.

Диққати ҷиддӣ ба сифати таҳсилот дар асарҳои олимони россиягӣ, ки падидаи мазкурро бо ташаккули иҷтимоии шахсият алоқаманд медонанд, дода мешавад. Иҷтимоишавии шахсият бо «дараҷаи азхудкунӣ ва бозтавлиди арзишҳои фарҳангӣ ва меъёрҳои иҷтимоӣ аз ҷониби инсони бавоярасанда, инчунин худрушддиҳӣ ва худтатбиққунӣ дар он ҷомеае, ки ӯ дар он зиндагӣ мекунад», тавсиф меёбад [8; 39].

Педагоги рус, ташкилкунандаи барномаи россиягии таҳсилотии «Мактаби 2100» А.А. Леонтев қайд кардааст, ки дар замони шӯравӣ мактаб «дар ҳолати якрангӣ, якфикрӣ ва яккасардорӣ» ба фаъолият шурӯъ карда, ба таври умумӣ ба ҳисоби миёна гирифтани шахсият, ки дар навбати худ ҳам мактаб, ҳам шахсиятро аз рушд маҳрум мекард, «объективона боиси буридашавии решаҳои зеҳнии миллат мегардид» Мавқеъҳои калидии навсозии куллии мактаби шӯравиро ӯ дар рушд, демократикунонӣ, гуманизатсияи он, реализми сиёсати мактабӣ медид [4, 86–88].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, ҳамгироии низомҳои таҳсилотӣ, равандҳои босуръати муҳоҷиратӣ ва рушди пешравандаи бозори меҳнат, ки ҳар як шахс дар талош барои рақобатпазир шудани худ ба он ворид мешавад, вақт дар назди низоми маориф талаботҳои навро вобаста ба сифати таҳсилот гузоштааст. Агар дар солҳои 70 – 80-уми асри гузашта иттилоот тақрибан дар ҳар 20 сол кӯҳна мешуд, ҳоло иттилоот ба ҳисоби миёна дар ҳар 2 сол ва блокҳои муайяни иттилоот аллакай соат ба соат кӯҳна мешаванд. Дар ин шароит лозим аст ба ҷавонон на ба хотир гирифтани иттилоот, балки қобилияти дарёфт, коркард ва истифодаи он бояд таълим дода шавад.

Масъалаи баҳогузории донишҳои хонандагон дар маркази таваҷҷуҳи олимони тамоми ҷаҳон қарор дорад. Педагоги амрикоии асри XX Ҷон Дюи исбот намудааст, ки сифати таҳсилот аз он вобаста аст, ки хонанда чӣ тавр фанни мавриди омӯзишро дарк мекунад. Бар асоси натиҷаҳои озмоишҳо дар яке аз мактаби Чикаго Дюи ба хулосае омад, ки таълими бо назардошти шавқу ҳавасҳои хонандагон ва вобаста ба талаботҳои ҳаётии онҳо бунёдёфта назар ба таълими «нутқӣ» (китобӣ, шифоҳӣ), ки дар ҳифзи донишҳо асос ёфтааст, натиҷаҳои хеле беҳтар медиҳад. Дюи боварӣ дошт, ки «синфхона – аудитория» бояд ба «синфхона–озмоишгоҳ» табдил дода шуда, хонандагон бояд мушкилотро дар таълим мустақилона, бошуурона бартараф кунанд. Консепсияи аз ҷониби Дюи таҳияшудаи «амали пурраи тафаккур», вақте ки барои хонанда барои бунёд кардани фаъолияти маърифатиаш имконияти васеъ фароҳам оварда мешуд, барои баланд бардоштани сифати таҳсилот шароити хуб фароҳам меовард.

Сифати таҳсилот як категорияи иҷтимоӣ аст, ки вазъ ва самарабахшии раванди таҳсилот дар ҷомеа, мувофиқати онро ба талабот ва интизориҳои ҷомеа (гурӯҳҳои мухталифи

иҷтимоӣ) дар рушд ва ташаккули салоҳиятҳои шаҳрвандӣ, маишӣ ва касбии шахсият муайян мекунад.

Сифати таҳсилот бояд ҳамчун як нишондиҳандаи маҷмӯӣ ҳисобида шавад, ки ҳамаи марҳилаҳои ташаккули шахсият, шароит ва натиҷаҳои раванди таълимӣ – тарбиявӣ синтез мекунад, инчунин ҳамчун меъёри самарабахшии фаъолияти муассисаи таҳсилот, мувофиқати натиҷаҳои бадастомада ба талаботҳои меъёрӣ, интизориҳои иҷтимоӣ ва шахсиятӣ баррасӣ мешавад.

Д.Ш. Матрос, Д.М. Полев, Н.Н. Мелникова «зер сифати таҳсилот» «таносуби ҳадаф ва натиҷа, ченаки расидан ба ҳадаф»-ро мефаҳманд» [7, с. 9 – 21].

Худи чунин ақидаро М.М. Поташник ҷонибдорӣ карда, сифати таҳсилотро «ҳамчун таносуби ҳадаф ва натиҷа, ҳамчун ченаки расидан ба ҳадафҳо бо назардошти он, ки ҳадафҳо (натиҷаҳо) танҳо ба таври амалиётӣ муқаррар карда шуда, дар минтақаи рушди потенсиалии хонанда пешбинӣ шудаанд», муаррифӣ мекунад. Ӯ чунин мешуморад, ки «барои муайян кардани сифати таҳсилот талаботи танҳо таъйини амалиётии ҳадаф ва танҳо ифодаи амалиётии натиҷа ҳатмӣ, қатъӣ мебошад. Агар ин талабот иҷро нашавад, сифати таҳсилотро муайян кардан ғайриимкон аст. Минбаъд: «... сифати таҳсилот – ин тавсифоти маҷмӯӣ, низомӣ, якпорча мебошад, ки ба ғайр аз сифати таълимгирифтагӣ инчунин як гурӯҳи параметрҳоро дар бар мегирад, ки дар натиҷаи баҳсиобгирии онҳо баҳодиҳии натиҷаҳои таълим мумкин аст ҳам баланд бардошта шаванд, ҳам то сифр паст карда шаванд …» [11, с. 37 – 43].

Ба ақидаи Е.А. Ямбург, сифати таҳсилот – ин категорияи «донагӣ» буда, саҳеҳан танҳо дар сатҳи кӯдаки мушаххас, хатмкунанда дар асоси далелҳо, амалҳо ва рафтори ӯ дар вазъиятҳои гуногун дуруст муайян карда мешавад [12, с. 40].

.Ҳамин тариқ, дар адабиёти илмӣ-методӣ сифати таҳсилот ҳамчун маҷмӯи ҷузъҳои мухталиф баррасӣ мешавад, ки сатҳҳои ташкил ва татбиқи раванди тарбиявӣ, шароити барои он фароҳам оварда шуда ва натиҷаҳои бадастомадаро, ки ба манфиатҳои давлат ва ҷомеа ҷавобгӯ мебошанд, инъикос мекунанд. Натиҷаи баҳодиҳӣ бо холҳо сабт карда мешавад, ки онро баҳо меноманд.

**Баҳодиҳӣ** – ин раванди мушоҳида аз болои фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонандагон, инчунин раванди тавсиф, ҷамъоварӣ, бақайдгирӣ ва тафсири иттилоот оид ба хонанда бо мақсади баланд бардоштани сифати таҳсилот мебошад.

**Баҳо** нишондиҳандаи азхудкунии донишҳои фаннӣ аз ҷониби хонанда, ташаккулёфтагии маҳоратҳо, инкишофи тафаккури ӯ, мустақилияти ӯ мебошад. Ва баҳодиҳӣ ба шахсияти хонанда нигаронида шудааст. Азхудкунии донишҳо аз хонанда фаъолияти пуршиддати зеҳнӣ ва ҷисмонӣ, сафарбаркунии психикӣ, тезонидани таваҷҷуҳ, тамрини ҳофизаро талаб мекунад. Мавриди баҳодиҳӣ ҷавобҳои шифоҳӣ, корҳои хаттӣ, назоратӣ, амалӣ ва дигари санҷишӣ қарор мегиранд. Дар он дурустии ҷавоб аз ҷиҳати мазмун, пуррагӣ ва пайдарҳамии он, дақиқии формулаҳо, мустаҳкамӣ ва бошуурии азхудкунии донишҳо, алоқаи онҳо бо амалия ба назар гирифта мешавад. Баҳо мутобиқати фаъолияти хонандагонро ба талаботи низоми мушаххаси педагогӣ ва тамоми низоми таҳсилот муайян мекунад.

Баҳо воситаи муассири ташкили кори ҳаррӯзаи мунтазами хонанда оид ба азхудкунии донишҳо мебошад. Муассирии баҳо ҳамон қадар баландтар аст, чӣ қадар кори хонанда зимни назорати мунтазами фаъолияти маърифатии ӯ холисонатар бошад. Ва, албатта, баҳои одилона ва холисонае, ки ба хонанда гузошта мешавад, ҳавасмандии ӯро ба таҳсил ба таври назаррас баланд мебардорад.

Баҳодиҳӣ ба истилоҳ «робитаи баръакс» байни омӯзгор ва хонанда мебошад. Омӯзгор иттилоотро оид ба самарабахшии таълими фанни худ ба даст меорад. Аз ин рӯ, ҳадафҳои баҳодиҳии донишҳо ва маҳоратҳои хонандагон аз инҳо иборатанд:

– ташхис ва ислоҳи донишҳо ва маҳоратҳои хонандагон; – баҳисобгирии самарабахшии марҳилаи муайяни раванди таълим;

– муайян кардани натиҷаҳои ҷамъбастии таълим дар сатҳҳои гуногун. Баҳодиҳии фаъолияти таълимии хонандагон вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

– назоратӣ (назорат донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои хонандагонро, ки дар марҳилаи муайяни таълим азхуд карда мешаванд, ошкор мекунад, назорат – ин тартиби ба даст овардани иттилоот оид ба фаъолияти омӯзгор ва дастовардҳои хонандагон мебошад);

– таълимӣ, таҳсилотӣ (хонанда вазифаҳои омӯзгорро иҷро мекунад, илова бар ин, ӯ ба ҷавобҳои ҳамсинфонаш тасҳеҳот ворид мекунад, ки ин дар навбати худ фаъолнокии маърифатии хонандаро инкишоф медиҳад);

– тарбиякунанда (дар хонанда худбаҳодиҳӣ, худогоҳиро инкишоф медиҳад); – ислоҳкунанда (омӯзгор барои ислоҳи дастовардҳои хонанда кумак мекунад);

– иттилоотӣ (оид ба дараҷаи муваффақияти хонанда омӯзгор, хонанда, падару модар иттилоот ба даст меоранд); – ташхисӣ (ташхис сабабҳои ин ё он натиҷаҳои бадастомадаро ошкор мекунад);

– ҳавасмандкунанда (хонандаро барои беҳтар кардани натиҷаҳои таълим ҳавасманд мекунад).

Олимон – педагогҳо якдилона чунин мешуморанд, ки байни баҳодиҳӣ ва баҳои педагогӣ фарқ кардан лозим аст, зеро аксар вақт ҳам дар амалияи педагогӣ, ҳам дар корҳои олимон – педагогҳо истилоҳҳои «баҳодиҳӣ» ва «баҳо» ҳамчун синоним фаҳмида мешаванд, ҳарчанд баҳодиҳӣ ва баҳо мафҳумҳои хеле наздиканд, аммо шабеҳ нестанд.

**АДАБИЁТ**


1. Аманалиев, Д.А. Пути развития и перестройки школьного образования в Киргизстане [Текст] / Д.А.Аманалиев. – Фрунзе: Кыргызстан, 1990. – 236с.
2. Балтабаев, М.Р. Кыргызстандагы элге билим беруу иши 60 жылда [Текст] / М.Р.Балтабаев. – Фрунзе: Мектеп, 1983. – 165с.
3. Измайлов, Э.А. Кыргызстандагы советтик мектептердин тарыхы [Текст] / Э.А.Измайлов. – Фрунзе: Кыргызокуупедмамбас, 1961, - 418б.
4. Леонтьев, А.Н. Психологические вопросы сознательности учения // Деятельность, сознание, личность [Текст] / А.Н.Леонтьев. – М., 1975. - С. 235-302.
5. Мамбетакунов, Э. Физиканы окутуу процессинде окуучулардын окуу иштерин уюштуруу. Мугалим учун колдонмо [Текст]/Э.Мамбетакунов. – Ф.: Мектеп, 1989. – 112 с.
6. Материалы педагогической конференции «Качество образования – предпосылки, сущность, оценка». – Сайт http: // festival.1september.ru / articles/505648/ - Дата обращения 29 апреля 2015года.
7. Матрос, Д.Ш., Полев, Д.М., Мельникова, Н.Н. Управление качеством образования на основе новых информационных технологий и образовательного мониторинга [Текст] / Д.Ш.Матрос, Д.М.Полев, Н.Н. Мельникова. – М.: Педагогическое общество России. – 2001. – С.19-21.
8. Мирошниченко, Л.П. Проблемы гарантии качества образования и мировой опыт их решения [Текст] / Л.П.Мирошниченко. – Бишкек, 2005. – 120 с.
9. Новиков, А.М., Новиков, Д.А. Как оценивать качество образования? Сайт http://www.anovikov.ru - Дата обращения - 6 апреля 2015 г.
10. Ожегов, С.И., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка [Текст] / С.И. Ожегов, Н.Ю.Шведова. – М.: Азбуковник, 1997. – 939с.
11. Полонский, В.М. Словарь понятий и терминов по законодательству Российской Федерации об образовании [Текст] / В.М.Полонский. – М.,1995. – 78 с.
11. Поташник, М.М. Качество образования: проблемы и технология управления (В вопросах ответах) [Текст] / М.М.Поташник. – М.: Педагогическое общество России, 2002. – 352 с.
12. Ямбург, Е.А. Школа для всех [Текст] / Е.А. Ямбург. – М.: ПЕР СЭ, 2000. – 351.

## ЗАМИНАҲОИ РУШДИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ДУРНАМОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ЭҶОДКОРИИ КӮДАКОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ ОНҲО

***РАҲИМӢ Комил Маҳмадраҳим** – директори Муассисаи давлатии “Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе”, унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Шотемур, 54. **E-mail:** komiljon_83@mail.ru, **тел.:** +(992) 938 51 11 11*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати рушди таҳсилоти иловагии кӯдакон ҳамчун муҳити созгори ташаккули салоҳиятҳои эҷодӣ заминаҳои асосии меъёриву ҳуқуқӣ мавҷуд буда, дурнамои ташккули он таъмини инфрасохтори дастрас, таҳсилоти босифат, ҳавасмандгардонии ҷараёни рушди қобилиятҳо ва ба роҳ мондани ҳамкории ҷомеа ва волидонро дар ин самт талаб мекунад.

Вобаста ба ин дар мақола маҷмуи санадҳои меъёриву ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи таҳсилоти иловагӣ таҳилил гардида, асосноккунии фаъолияти он ба сифати яке аз бахшҳои муҳими тарбияи миллӣ бо дарназардошти ҷанбаҳои педагогии масъала баррасӣ гардидаанд.

Инчунин, ҳадафҳо, вазифаҳо, мушкилот ва дурнамои рушди таҳсилоти иловагӣ дар ҷумҳурӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифта, вобаста ба ташаккули низоми таҳсилоти иловагӣ ба сифати муҳити созгори ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории кӯдакону наврасон пешниҳодҳои асоснок манзур карда шудаанд.

***Вожаҳои калидӣ:** салоҳиятҳои эҷодкорӣ, қобилияти зеҳнӣ, қобилияти эҷодӣ, дарёфт ва рушди истеъдодҳо, таҳсилоти иловагӣ, маҳфилҳо, корҳои беруназмактабӣ, дурнамои рушд.*

## ОСНОВЫ РАЗВИТИЯ УЧРЕЖДЕНИЙ ДОПОЛНИТЕЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН И ПЕРСПЕКТИВЫ ФОРМИРОВАНИЯ КРЕАТИВНЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ ДЕТЕЙ В ИХ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

***РАХИМИ Комил Махмадрахим** – директор Государственного учреждения “Детско-юношеский центр города Душанбе”, соискатель Института развития образования им. Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Шотемур, 54. **E-mail:** komiljon_83@mail.ru, **тел.:** +(992) 938 51 11 11*

В Республике Таджикистан для развития дополнительного образования как среды, способствующей формированию креативных компетенций детей приняты и действуют необходимые нормативно – правовые акты, на основе которых перспектива ее развития требует обеспечения доступной инфраструктуры, качественного образования, стимулирования процесса развития способностей детей на основе налаживания сотрудничества среди общества и семьи.

В связи с этим в статье проанализированы ряд нормативно - правовых актов, регулирующих сферу дополнительного образования детей и обсуждены ее педагогические аспекты как одного из важнейших факторов традиционного воспитания.

Статья также расматривая и обсуждая цели, задачи, проблемы и перспективы развития дополнительного образования в республике, предоставляет некоторые предложение необходимые для формирования системы дополнительного образования как гармоничной среды для формирования креативных компетенций детей.

***Ключевые слова:** креативные компетентности, интеллектуальные способности, творческие способности, выявление и развитие одаренности, дополнительное образование, кружки, внешкольная деятельность, детские творческие центры, перспектива развития.*

# FUNDAMENTALS OF THE DEVELOPMENT OF INSTITUTIONS ADDITIONAL EDUCATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND PROSPECTS FOR THE FORMATION OF CREATIVE COMPETENCIES OF CHILDREN IN THEIR ACTIVITIES

***RAKHIMI Komil Mahmadrahim*** *– Director of the State Institution "Children's and Youth Center of the City of Dushanbe", applicant for the Institute for the Development of Education named after Abdurahmoni Jomi of the Academy of Education Republic of Tajikistan, Dushanbe, Shotemur st. 54.* ***E-mail:*** *komiljon_83@mail.ru,* ***phone:*** *+(992) 938 51 11 11*

In the Republic of Tajikistan, in order to develop additional education as an environment conducive to the formation of creative competencies of children, the necessary normative legal acts have been adopted and are in force, on the basis of which the prospect of its development requires providing affordable infrastructure, quality education, stimulating the process of developing children's abilities through cooperation among society and family.

In this regard, the article analyzes a number of normative legal acts regulating the field of additional education for children and discusses its pedagogical aspects as one of the most important factors of traditional education.

The article also examines and discusses the goals, objectives, problems and prospects for the development of additional education in the republic, provides some suggestions necessary for the formation of a system of additional education as a harmonious environment for the formation of creative competencies of children.

***Key words:*** *creative competencies, intellectual abilities, creativity, identification and development of giftedness, additional education, clubs, extracurricular activities, extracurricular activities, children's creative centers, attracting students to additional education, development perspective.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил дар баробари дигар кишварҳои узви Иттиҳоди давлатҳои мустақил дар марҳалаи аввали ташаккулиёбӣ рушди минбаъдаи худро ба тарбияи шахсиятҳои дорои сатҳи баланди ахлоқӣ, дунёи пурғановати маънавӣ, фикру ҷисми солим, эҳсоси баланди ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ, риоягари қонунҳо, ҳуқуқҳо, озодиҳо, заҳматписанду зебопараст, сарфаю сариштакор, ботаҳаммулу тоқатпазир, масъулиятшиносу фаъол ва созандаю эҷодкор вобаста дониста, дар ин росто тарбияро вазифаи муҳим ва аввалиндараҷаи давлат, ҷомеа ва оила медонад.

Дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун санади ҳамоҳангсози фаъолияти давлат, ҷомеъа ва оила унсурҳои гуногуни тарбияи миллиро дар ҷомеъаи навини мамлакат муқаррар намудааст, таъкид карда мешавад, ки «Тарбияи миллӣ ташаккули тафаккури миллии шаҳрвандро дар назар дорад. Он ифтихор аз миллати хеш, эҳтиром ва гиромӣ доштани таърих ва мероси фарҳанги ниёгон, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, пайвастани таърихи гузашта ба воқеияти имрӯзаи миллат, аз нав эҳё намудани урфу одат ва анъаноти арзишманди миллӣ, дар заминаи хусусиятҳои миллӣ ривоҷ додани забон, илм ва фарҳанги миллӣ ва эҳтироми миллатҳои дигарро фаро мегирад» [3].

Раванди тарбия, ки рисолати мавқеъпазирӣ, шахсиятсозии комил ва дар ниҳоят ба даст овардани нуктаҳои олии хислатҳои инсониро аз ҷониби одамон талқин менамояд, табиист, ки ташаккули башариятро ба рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон вобаста дониста, тақозо мекунад, ки ҳар як кӯдак ба сифати шахсияти комили аз дигарон фарққунанда, дорои хусусиятҳои фардӣ, ташаббускорӣ ва худфаъолиятиву худтакмилдиҳӣ ба воя расад [2, 48].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» кафолатҳои давлатии ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдаконро муқаррар намуда, дар моддаи 28 бо ишора ба ҷалби онҳо ба фаъолияти таҳсилоти иловагӣ таъкид менамояд, ки:

1. Давлат имконияти шиносоии кӯдакро бо фарҳанги миллӣ, таърих, анъанаву арзишҳои маънавии халқи Тоҷикистон ва комёбиҳои фарҳангии ҷаҳонӣ бо роҳи додани имконияти истифодаи фондҳои китобхонаҳо, толорҳои намоишӣ, осорхонаҳо, таъсиси шабакаи муассисаҳои махсуси кӯдаконаи фарҳангӣ, муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ таъмин менамояд.

2. Давлат ба истеҳсол ва таъмини дастрасии филмҳои бадеӣ ва видеоӣ, барномаҳои телевизионӣ ва радио, асарҳои чопӣ, инчунин паҳнкунии иттилооти дигари муфид, ки барои инкишофи қобилияти эҷодӣ ва зеҳнии кӯдакон пешбинӣ шудаанд, мусоидат менамояд [6].

Аз ин ҷост, ки фаъолияти муассисаҳои таълимӣ бояд на танҳо аз ҷараёни таълиму тарбия иборат бошад, балки раванди рушди хонандагонро, ки ба ташаккули кӯдак ба сифати инсони комил, шахсияти дорои қобилиятҳо ва имкониятҳои амалисозии онҳо равона гардидаанд, низ дар бар гирад.

Дар ин асно ташаббускории амалӣ ва худфаъолиятии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ натиҷаи фаъолияти мақсадноки ҳайати омӯзгорӣ дониста шуда, ин раванд дар арзёбии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ҷойгоҳи махсус дорад.

Таҳсилоти иловагӣ дорои имкониятҳои фарроҳи фароҳамоварии шароитҳо барои худтакмилдиҳӣ ва ошкорсозии қобилиятҳои кӯдакон буда, низоми таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ бо дарназардошти сарбории зиёди вобаста ба иҷроиши барномаҳои таълимӣ имконияти амалӣ ва реалии дарёфт ва инкишофи зарфиятҳои эҷодии кӯдаконро надоранд. Аз ин ҷо, аксаран, кӯдакон дар раванди таҳсил дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ пойбанди барномаҳои таълимӣ гардида, имкони ошкор намудани қобилиятҳои худро намеёбанд, аммо онҳоро ба таври васеъ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ амалӣ месозанд [1, 131].

Дар робита ба ин қонунгузории миллӣ ҷой ва мевқеи муассисаи таҳсилоти иловагиро ба сифати соҳаи тарбиятгар ва ташаккулдиҳандаи қобилиятҳои эҷодии кӯдакон дар якчанд санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак», Қонуни Ҷумхуҳрии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ муайян кардааст.

Бояд қайд намуд, ки ҳамаи ин санадҳои меъёрӣ таҳсилоти иловагиро ҷузъи таркибии низоми маориф дониста, рушди низоми таҳсилоти иловагӣ ҳамчун муҳит ва фазои созгори ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории кӯдакон заминаи воқеӣ ва устувор мегузоранд.

Бояд қайд намуд, ки муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар баробари муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба низоми ягонаи таҳсилот ворид гардида, ба сифати зерсохтори соҳаи маориф дониста мешаванд. Тибқи нишондоди моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф»: таҳсилоти иловагӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи шахс, ҷамъият ва давлат дар асоси барномаҳои иловагии таълимӣ ва хизматрасонии иловагии таълимӣ татбиқ карда мешавад; таҳсилоти иловагиро шахс дар муассисаҳои таълимӣ ва баъд аз хатми муассисаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ соҳиб шуда метавонад; таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва касбӣ берун аз барномаҳои асосии таълимӣ ё дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ амалӣ карда мешавад [4].

Дар асоси нишондоди моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» - таҳсилоти иловагӣ ҷузъи таркибии низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мақсади он инкишофи қобилияти зехнию эчодӣ ва истеъдоди таълимгирандагон, конеъ гардонидани рағбат, эхтиёҷоти маънавӣ ва талаботи онхо ба интихоб ва гирифтани касб ҳангоми фориғ будан аз таълим дар муассисахои таълимӣ мебошад.

Тибқи банди 2 Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, №93 тасдиқ карда шудааст, «Таҳсилоти иловагии таълимгирандагон бо дар назар доштани майлу рағбати онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва ибтидоӣ, касбӣ ё дар муасссисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, ки дар шакли академияи хурди илмҳо, марказҳо, аз ҷумла марказҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон, қасрҳо, хонаҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон, стансияҳо, студияҳо, мактабҳои санъат, муассисаҳои таълимии ибтидоии махсуси ибтидоӣ, мактабҳои касбии варзишӣ, ҳунарӣ, мусиқӣ, мактабҳои варзишии кӯдакон ва наврасон, мактабҳои махсуси варзишии захираҳои олимпии кӯдакону наврасон, клубҳо, аз ҷумла клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маҳалли зист, клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маъюбон, варзишҳои кӯдакона,

муассисаҳои солимгардонӣ фаъолият менамоянд, дар асоси барномаҳои таҳсилоти иловагӣ амалӣ мегардад» [7].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба ин масъала таъкид намудаанд, ки «Зарур аст, ки ба таҳсилоти иловагӣ ҳамчун қисми таркибии раванди донишомӯзӣ ва интихоби касб эътибори ҷиддӣ дода шавад, зеро ҳадафи он, пеш аз ҳама, рушди қобилияту истеъдоди кӯдакон ва наврасону ҷавонон мебошад.

Мо бояд на танҳо аз марказҳои таҳсилоти иловагӣ самаранок истифода намоем, балки дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ маҳфилҳои гуногуни эҷодиёти техникиву бадеӣ, санъати амаливу ороишӣ, варзишӣ, шоҳмотбозӣ, сайёҳиву кишваршиносӣ, биологиву экологӣ, гуманитарӣ ва монанди инҳоро ба роҳ монем» [9].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» раванди таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ба таври возеҳ муқаррар карда шудааст.

Маврид ба тазаккур аст, ки фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар низоми маориф шурӯъ аз соли 1996, баъди ба тасвиб расидани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 феврали соли 1996 «Дар бораи Низомномаи намунавии муассисаҳои беруназмактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 1996, №14 «Дар бораи такмили сохтори низоми маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо дарназардошти шароити нави иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар даврони соҳибистиқлолӣ аз нав шакл гирифта, дар назди он вазифаҳои нави тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва эҳтирому арҷгузорӣ ба арзишҳои соҳибистиқлолӣ гузошта шуд [10, 118].

Бояд гуфт, ки таҳсилоти иловагӣ дар маҷмуъ соҳаи нав кашфгардида набуда, балки дар гузашта дар шакли клубу хонаҳои эҷодиёти бадеии кӯдакон ва қасру хонаҳои пионерону мактаббачагон, ки ҳамагӣ муассисаҳои тарбияи беруназмактабӣ ном бурда мешуданд, фаъолият мекарданд.

Дар замони муосир бошад, низоми таҳсилоти иловагӣ баъди ба фаъолияти он ворид гардидани дигаргуниҳои сохторӣ, новобаста аз мушкилиҳои мавҷуда (нокифоя будани маблағгузорӣ, норасоии бино ва ҷойи нишаст, камбуди мутахассисони соҳа ва пеш аз ҳама мавҷуд набудани стандарту барномаҳои ягонаи таълимии равиявӣ ва дастурҳои методии таъминкунандаи фаъолияти онҳо) дар ҳоли рушд қарор дорад.

Масъалаи мазкур дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 526 аз 29 сентябри соли 2020 қабул гардидааст, аз ҷумла омадааст, ки «инкишофи бахши таҳсилоти иловагии кӯдакон тавассути рушди марказҳои эҷодии кӯдакон ва ҷавонон, ки ба инкишофи дониш, маҳорат ва малака, боло бурдани ҳамкории шаклҳои давлатӣ ва ғайридавлатии таҳсилоти иловагӣ, аз ҷумла табодули таҷриба, ҷорӣ намудан ва истифодаи методика ва таҷрибаҳои беҳтарини байналмилалӣ, гузаронидани чорабиниҳои якҷоя нигаронида шудаанд» [8].

Ҷиҳати татбиқи тадбирҳои зикргардидаи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аллакай корҳои назаррас анҷом шуда, аз ҷумла Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2025 қабул гардида, мавриди иҷроиш қарор дорад.

Ҳоло низоми таҳсилоти иловагии кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи қонунгузории миллӣ муассисаҳои давлатии таҳсилоти иловагии соҳаи маориф, фарҳангу санъат ва варзишро дар бар гирифта, ин муассисаҳо дар шакли марказҳои эҷодии кӯдакону наврасон, муассисаҳои таҳсилоти иловагии хонандагон, мактабҳои санъату мусиқӣ ва мактабҳои кӯдаконаи варзишӣ ва захираҳои олимпӣ фаъолият намуда, илова бар он маҳфилҳои алоҳидаи фанниву беруназмактабии назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва марказҳои хусусии таҳсилоти иловагӣ, ки аслан курсҳои забономӯзиро дар бар мегиранд низ амал менамоянд.

Дар низоми маориф марказҳои таҳсилоти иловагӣ дар шакли марказҳои таҳсилоти иловагии кӯдакону наврасон (асосан дар самти фаъолияти эҷодиёти бадеӣ бо фарогирии тарбияи экологӣ, кишваршиносӣ ва эҷодиёти техникӣ) ва марказҳои рушди истеъдодҳо (дар самти омӯзиши амиқи барномаҳои таълимӣ ва омодагии олимпӣ) фаъолият менамоянд.

Илова бар ин фарогирии хонандагон ба таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти дарёфт ва ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ тавассути ҷалби онҳо ба озмуну мусобиқа ва чорабиниҳои гуногун роҳандозӣ карда мешавад, ки низ самарбахш мебошад.

Таҳлили фаъолияти муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ» - и назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар ҳолати оғози соли таҳсили 2023 – 2024 дар мамлакат 84 муассисаи давлатии таҳсилоти иловагии соҳаи маориф фаъолият дошта, дар онҳо 61 919 нафар хонанда ҷалб гардидаанд. Илова бар ин, дар ин давра аз 3967 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии мамлакат дар назди 1998 ададаш 8753 маҳфил таъсис дода шудааст, ки фарогирии онҳо дар маҷмуъ ба таҳсилоти иловагӣ 136 414 нафарро ташкил медиҳад. Дар маҷмуъ дар ҷумҳурӣ дар ин давра 198 333 нафар хонанда дар соҳаи маорифи ҷумҳурӣ ба таҳсилоти иловагӣ фаро гирифта шудаанд, ки ин адад 9% - ро аз шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ташкил медиҳад.

Дар шаҳри Душанбе низ фарогирии бевоситаи хонандагон ба таҳсилоти иловагӣ наздики 10% - и шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро ташкил дода, ин рақам бо дарназардошти мавҷудияти навъҳои гуногуни он дар пойтахт ва баргузории муназами чорабиниҳои фарҳангиву маърифатӣ дар он ба маротиб меафзояд.

Ҳадаф, вазифа, мушкилот ва дурнамои рушди таҳсилоти иловагӣ дар ҷумҳурӣ мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифта, боварӣ аст бо татбиқи барномаҳои алоҳида, ба хусус Барномаи давлатии рушди таҳсилоти иловагии кӯдакону наврасон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи муайян, ки қабули он ногузир мебошад, ин соҳа ба дигаргуниҳои куллии дархури замони муосир ва ҳадафҳои миллӣ мутобиқ хоҳад гардид.

Зеро, рушди низоми таҳсилоти иловагӣ дар ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории кӯдакон нақши муҳим дошта, дар баробари мавҷудияти заминаи меъёриву ҳуқуқии мавҷуда, фароҳам овардани шароитҳои зерин ҷанбаҳои асосии дурнамои соҳаро ташкил хоҳанд дод:

- якум, таъмини дастрасии таҳсилоти иловагӣ барои кӯдакон дар тамоми минтақаҳои кишвар тавассути ташкил ва ҷоннок кардани фаъолияти марказҳои иловагии таълимӣ, васеъ кардани шабакаи китобхонаҳои бачагона ва эҳё намудани дастаҳои худфаъолияти эҷодиву ҳунарӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- Дуюм, таъмини таҳсилоти босифат бо дарназардошти дарёфт ва рушди эҷодиёти кӯдакон тавассути ташкили маҳфилҳои суруду мусиқӣ, рақс ва навозандагӣ, суханварӣ, малакаҳои ҳунармандӣ ва дигар шаклҳои самти эҷодиёти бадеӣ;
- сеюм, тавассути баргузории ҳар гуна озмуну мусобиқа, намоишҳо ва дигар чорабиниҳои фарҳангиву маърифатӣ фароҳам овардани шароит ҷиҳати муаррифии ҳунару истеъдоди кӯдакону наврасон ва андешидани тадбирҳо ҷиҳати ҳавасмандгардонии онҳо;
- чорум, ба роҳ мондани ҳамкории доимӣ бо ҷомеа ва оила, ҷиҳати дастгирии раванди ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории кӯдакон ва зери назорат гирифтани рушди минбаъдаи қобилиятҳои эҷодии онҳо.

Илова бар ин, ташаккули касбияти омӯзгорони таҳсилоти иловагӣ ҷиҳати таъмини сифатнокии ҷараёни таълим ногузир буда, ҷорӣ кардани усулҳои инноватсионии таълим, инчунин таҳкими шарикии байни муассисаҳои таълимӣ бо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар рушди соҳа муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, ҷиҳати рушди таҳсилоти иловагии кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун муҳити созгори ташаккули салоҳиятҳои эҷодӣ заминаҳои асосии меъёриву ҳуқуқӣ мавҷуд буда, дурнамои ташккули он бо таъмини инфрасохтори дастрас, таҳсилоти босифат, ҳавасмандгардонии ҷараёни рушди қобилиятҳо ва ба роҳ мондани ҳамкории ҷомеа ва волидонро дар ин самт талаб мекунад.

**АДАБИЁТ**

1. Дополнительное образование детей. Психолого – педагогическое сопровождение // отв. ред. Л.В. Байбородова. – 2-е изд., испр. и доп.
- М. “Юрайт”, 2016. – 413 с.

2. Евладова, Е.Б. Дополнителӣное образование детей // Евладова Е.Б., Логинова Л.Г., Михайлова Н.Н. - М. “Владос”, 2004. – 349 с.

3. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Хукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 3.03. 2006, №94.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 532; с. 2014, №3, мод. 156, №7, қ. 2, мод. 422; с. 2016, №3, мод. 148, №7, мод. 624; с. 2017, №7-9, мод. 581; с. 2018, №5, мод. 278).

5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти иловагӣ”. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №4, мод. 276; Қонуни ҶТ аз 29.01.2021с., №1766).

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак” (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, №3, мод. 218; с. 2018, №1, мод. 21, Қонуни ҶТ аз 2.01.2018 № 1489, аз 17.12.2020 № 1740).

7. Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, №93.

8. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526.

9. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомлаӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави Академияи ВКД ҶТ. 30.08.2017, ш. Душанбе http://www.president.tj/node/16031

10. Тарбия - кори эҷодӣ (материалҳои иструктивӣ – методӣ оид ба тарбия) // Мураттибон: Орлова Л.А., Нозимов С.Д. – Душанбе. Матбааи ВМҶТ, 2008. 361 с.

## РАЗВИТИЕ СОДЕРЖАНИЯ ФОРМИРОВАНИЯ ГРАЖДАНСКО-ПАТРИОТИЧЕСКИХ ЦЕННОСТЕЙ УЧАЩИХСЯ СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ

***РУСТАМЗОДА Сухроб Хакими** – соискатель кафедры общей педагогики Худжандский государственный университет имени академика Бободжона Гафурова, г. Худжанд, ул. Мавлонбекова, 1. **E-mail:** rustamzod@inbox.ru, **тел.:** (+992) 92 980 00 21*

В статье рассматривается вопросы развитие содержания формирования гражданско-патриотических ценностей учащихся общеобразовательных учреждений Республики Таджикистан. Автор особо отмечает, что при изучении особенностей воспитания каких-либо элементов характера личности нужно учитывать особенности личности, гендерные признаки, возраст, контекст и экосистему, при этом при воспитании патриотизма данный подход наиболее оптимален. Например, если речь идет о патриотизме учащихся, то должно рассматриваться сразу два подпроцесса: обучение и развитие личности.

- Исследование строится на основе конкретных эмпирических данных, полученных из опытов и экспериментов в области науки.
- На этапах исследования решаются эмпирические, логические и теоретические познавательные задачи.
- Разграничение между установленными фактами и гипотетическими предположениями, которые были проверены экспериментально.
- Цель научного исследования - не только объяснение фактов и процессов, но и их применение в области науки.

В процессе научного исследования следует учитывать ряд характеристик, включая методологию, организацию исследования, инструментарий, и т.д.

И.А. Зимняя определяет исследовательскую работу как активное взаимодействие человека с окружающим миром или другими людьми. Это проявляется на различных уровнях развития ребенка, включая интеллектуальный, познавательный, поведенческий и социальный.

Организация исследовательской деятельности детей характеризуется фактором открытия новых знаний, которые основываются на уже имеющихся знаниях и опыте [2].

По А.И. Савенкову, исследовательская деятельность возникает из механизма поисковой активности. Она включает поиск решений в различных ситуациях, аналитическое мышление, оценку ситуации, предполагающую дальнейшее развитие и моделирование будущих действий. Основное свойство исследовательской деятельности - её процессуальная характеристика, которая предполагает недетерминированность, неполное знание или отсутствие информации о процессах, ведущих к результату, и требует самостоятельных действий для принятия решений [7].

По мнению Шумаковой Н.Б., исследовательская деятельность - это человеческая деятельность, направленная на удовлетворение познавательных интеллектуальных потребностей и приводящая к получению новых знаний. Для этого используются конкретные способы и средства действий, такие как постановка проблемы, проведение эксперимента, создание гипотезы и проверка полученных знаний [6].

Исследовательская деятельность - это важный и комплексный вид деятельности, способствующий расширению познавательных горизонтов и обогащению знаний. [1-5].

Исследовательская деятельность обучающихся имеет различные определения в разных исследованиях. Обухов А.С. рассматривает её как "мотивацию учеников к познанию мира и себя в этом мире", подчеркивая её творческий характер и возможность совместной работы учителя и ученика для решения неизвестных задач, что способствует познанию и формированию мировоззрения [3].

А.В. Хуторской определяет исследовательскую деятельность как "научную деятельность учащихся", которая осуществляется на основе их личностного образовательного потенциала, индивидуальных способностей, мотивов и целей. Он также отмечает, что эта деятельность может вызывать трудности у учеников из-за недостаточного опыта и знаний, но в конечном итоге приводит к созданию нового образовательного продукта [5].

Савенков А.И. рассматривает исследовательскую деятельность как особый вид интеллектуальной, творческой деятельности. Она основана на механизмах поисковой активности и исследовательского поведения. Поисковая активность связана с самим фактом поиска, а исследовательское поведение проявляет внешний контекст функционирования субъекта в ситуации. Исследовательская деятельность включает мотивационные факторы (поисковую активность) и механизмы осуществления, в том числе дивергентное и конвергентное мышление, что помогает успешно выполнять задачи в условиях неопределенности [7].

Таким образом, исследовательская деятельность представляет собой важный аспект образования, который развивает у учеников творческие и аналитические навыки, стимулирует интерес к познанию и позволяет совершать новые открытия и приобретать знания.

## ЛИТЕРАТУРА

1. Александров, А. М. Дидактический материал по грамматике, правописания и развитие речи. М.: Просвещение, 1972. 268 с.

2. Зимняя, И. А. Психология обучения иностранным языкам в школе / И. А. Зимняя. - М. : Просвещение, 1991 г. — 219 с. - (Б-ка учителя иностр. яз.). — ISBN 5-09-001716-6

3. Обухов, А. С. Исследовательская деятельность учащихся в новой нормальности: реальное, виртуальное, дистанционное // Исследователь/Researcher. 2023. № 1-2. С. 10-16.

4. Поддьяков, А.Н. Исследовательское поведение: стратегии, познания, помощь, противодействие, конфликт. М.: Эребус, 2006.

5. Хуторской, А.В. Развитие речи младших школьников. - М.: Академия, 2006. (208 страниц)

6. Шумакова, Н.Б. Обучение одаренных и талантливых детей в контексте доказательной практики [Электронный ресурс] // Социальные науки и детство. 2020. Том 1. № 1. С. 34–46. doi:10.17759/ssc.2020010103.

7. Scopus preview - Savenkov, Alexander N. - Сведения об авторе - Scopus. www.scopus.com.

# ТАРБИЯИ АХЛОҚИИ КӮДАК АЗ ДИДГОҲИ ШОИР ВА МУТАФАККИРИ ТОҶИКУ ФОРС ШОҲ НЕЪМАТУЛЛОҲИ ВАЛӢ

***КОТИБОВА Шарифамоҳ Пирмаҳмадовна** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири шуъбаи мактабҳои камнуфус ва бознигариву такмили стандарт ва барномаҳои таълимию китобҳои дарсии таҳсилоти ақаллиятҳои миллии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдурраҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2, **тел.:** (+992) 559 993 120*

***СУЛТОНОВ Рустам Нозимович** – унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. **E-mail:** rsultonov68@mail.ru, **тел.:** (+992) 928 81 07 08*

Дар мақола масоили тарбияи ахлоқии насли наврас бо истифода аз андешаҳои педагогии шоир ва мутафаккири форсу тоҷик Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ин росто, муаллиф изҳор кардааст, ки накукорӣ ва бадкирдории кӯдак, принсипҳои ахлоқӣ, имконияти зеҳнӣ бо равиши диалектикӣ ва ба фаъолияти воқеӣ ҷорӣ намудани таҷрибаи мутафаккирони тоҷик дар соҳаи педагогика, ки дар осори адабии онҳо ифода ёфтааст, алоқаманд аст ва натиҷаҳои мусбат ба бор хоҳад овард. Дар ин росто, шоир ва мутафаккири фарҳехтаи тоҷику форс Сайид Нуриддиншоҳи Неъматуллоҳи Валӣ дар таълифоти худ ба ҷанбаҳои рушди ахлоқӣ ва тарбияи шахсият аҳамияти хоса дода, онҳоро ҳамчун заминаи асосии зуҳури нахустоғози инсонии комил донистааст.

Вобаста ба ин, муаллифон таъкид мекунанд, ки тавсифномаи масъалаи мазкур бо афкори мутафаккир Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ нисбат ба маориф ҳамчун сарчашмаи аввалиндарачаи ташаккули нахустоғози камолоти инсонӣ робитаи зич дорад.

***Вожаҳои калидӣ:** мутафаккирони форсу тоҷик, хонандагони хурдсол, тарбияи ахлоқии кӯдак, хислатҳои нек, хислатҳои бади инсонӣ, тарбияи оилавӣ, раванди тарбия.*

# НРАВСТВЕННОЕ ВОСПИТАНИЕ РЕБЕНКА С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ПОЭТА И ТАДЖИКСКО - ПЕРСИДСКОГО МЫСЛИТЕЛЯ ШАХА НЕМАТУЛЛАХА ВАЛИ

***КОТИБОВА Шарифамох Пирмахмадовна** – кандидат педагогических наук, доцент, заведующая отделом малокомплектных школ, пересмотра и совершенствования стандартов образовательных программ и учебников для образования национальных меньшинств Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, ул. А. Адхамова, 11/2, **тел.:** (+992) 559 993 120*

***СУЛТОНОВ Рустам Нозимович** – соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова, г. Худжанд, переулок Мавлонбекова, 1. **E-mail:** rsultonov68@mail.ru, **тел.:** (+992) 928 81 07 08*

В статье рассматриваются вопросы нравственного воспитания подрастающего поколения с использованием педагогических идей персидско-таджикского поэта и мыслителя Шаха Нематуллахи Вали. В связи с этим, автор констатирует, что добро и зло ребенка, нравственные принципы, интеллектуальные способности связаны с диалектическим подходом и реализацией опыта таджикских мыслителей в области педагогики, выраженного в их литературных произведениях, и принесут положительные результаты. В связи с этим, таджикско-персидский поэт и мыслитель Сайид Нуриддиншах Нематуллах Вали в своих произведениях особое внимание уделял аспектам нравственного развития и воспитания личности, рассматривая их как главную основу проявления совершенного человека.

В связи с этим, авторы утверждают, что характеристика этого вопроса тесно связано с мнением мыслителя Шаха Нематуллаха Вали о воспитании как первоисточнике формирования начала человеческой зрелости.

***Ключевые слова:*** *персидско-таджикские мыслители, младшие школьники, нравственное воспитание ребенка, хорошие качества, плохие человеческие качества, семейное воспитание, воспитательный процесс.*

## MORAL EDUCATION OF A CHILD FROM THE POINT OF VIEW OF THE POET AND TAJIK AND PERSIAN THINKER SHAH NEMATULLAH VALI

***KOTIBOVA Sharifamoh Pirmakhmadovna*** *– Associate Professor, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Small Schools, Review and Improvement of Standards of Educational Programs and Textbooks for the Education of National Minorities of the Institute for Educational Development named after Abdurakhman Jami of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, st. A. Adkhamov, 11/2.* ***Phone:*** *(+992) 559 993 120*

***SULTONOV Rustam Nozimovich*** *– applicant for the Department of Social and Professional Pedagogy of the State Khujand State University named after Academician Bobojon Gafurov, Khujand, Mavlonbekov Lane 1.* ***E-mail:*** *rsultonov68@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 928 81 07 08*

The article deals with the issues of moral education of the younger generation using the pedagogical ideas of the Persian-Tajik poet and thinker Shah Nematullahi Vali. In this regard, the author states that the good and evil of the child, moral principles, intellectual abilities are associated with the dialectical approach and the implementation of the experience of Tajik thinkers in the field of pedagogy, expressed in their literary works, and will bring positive results. In this regard, the Tajik-Persian poet and thinker Sayid Nuriddinshahi Nematullahi Vali in his works paid special attention to aspects of the moral development and education of the individual, considering them as the main basis for the emergence of a perfect human being.

In this regard, the author argues that the description of this issue is closely related to the opinion of the thinker Shah Nematullah Vali about education as the primary source of the formation of the beginning of human maturity.

***Key words:*** *Persian-Tajik thinkers, primary schoolchildren, moral education of a child, good qualities, bad human qualities, family education, educational process.*

Омӯзиш ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки татбиқи равишҳои классикӣ ва мероси фарҳангӣ дар масъалаҳои тарбияи маънавию ахлоқии хонандагони хурдсол ва ҷорӣ намудани он ба раванди таҳсилоти умумии ибтидоӣ оқилона ба назар мерасад.

Бисёре аз коршиносони тоҷик бар ин назаранд, ки ҷанбаҳои илмии нақши тарбияи ахлоқӣ дар заминаи иртибототи иҷтимоии одамон ташаккул ёфтааст. Илми ахлоқ барои ҳар як фард принсипҳои истифодаи хулқи худро ошкор мекунад, дар ҳоле ки дорои хислати ҷамъиятӣ ва сохти иҷтимоӣ мебошад. Ахлоқро, моҳиятан, метавон маҳсули рафтори инсон дар натиҷаи муошироти зеҳнӣ, ғоявӣ ва содиқона донист.

Ахлоқ муҳтавои хиради ҳаётӣ, таҷриба, азхудкунии ирода, хосиятҳои маънавии шахсро фаро мегирад, ки бе онҳо дар ҷомеа вучуд доштан ва муносибатҳои шахсӣ барпо кардан имконнопазир аст. Вай барои муттаҳид намудани халқиятҳо ва гурӯҳҳои этникӣ имконият медиҳад, ба ақидаҳои иҷтимоии ҷомеа, ки одамон дар он зиндагӣ мекунанд, таъсир мерасонад. Мафҳумҳое ба монанди муносибатҳои инсонӣ ва муносибатҳои байналмилалии ҷамъиятӣ хеле монандӣ доранд.

Бидуни ахлоқ муносибатҳои инсонӣ имконнопазир мебошад, он моҳияти ҳадафи ягонаи зиндагиро нишон медиҳад. Ба туфайли интихоби бемамониат ва ифодаи ирода, инсон ба сатҳи принсипҳои ахлоқии худ баҳо медиҳад, аммо онҳо набояд берун аз ҷомеа, табиат ва дигар шароит зоҳир карда шаванд.

Оила ва омӯзгорон бояд фарзандонро дар асоси чунин хислатҳо тарбия кунанд, дар онҳо фаҳмиши меъёрҳои ахлоқӣ, хирад, заковат, мантиқро инкишоф диҳанд, то ба туфайли онҳо дар ҷомеа мавқеи сазовори худро ишғол намоянд.

Ҳалли душвориҳои дар боло зикргардида дар соҳаи педагогика барои раванди рушди мактабҳои тоҷикӣ нақши муҳим дорад ва аз ин рӯ, самаранокии тарбия ва таълими хонандагон ба таҳия ва татбиқи фаъолияти таълимӣ вобаста аст.

Накукорӣ ва бадкирдории кӯдак, принсипҳои ахлоқӣ, имконияти зеҳнӣ бо равиши диалектикӣ ва ба фаъолияти воқеӣ ҷорӣ намудани таҷрибаи мутафаккирони тоҷик дар соҳаи педагогика, ки дар осори адабии онҳо ифода ёфтааст, алоқаманд аст.

Дар ин росто, шоир ва мутафаккири фарҳехтаи тоҷику форс Сайид Нуриддиншоҳи Неъматуллоҳи Валӣ дар таълифоти худ ба ҷанбаҳои рушди ахлоқӣ ва тарбияи шахсият аҳамияти хоса дода, онҳоро ҳамчун заминаи асосии зухури нахустоғози инсонии комил донистааст.

Тавсифномаи масъалаи мазкур бо афкори мутафаккир нисбат ба маориф ҳамчун сарчашмаи аввалиндараҷаи ташаккули нахустоғози комили инсонӣ робитаи зич дорад. Дар ин маврид шоир ишқ, муносибати ғамхорона, нигоҳубин, таълиму тарбияи шахсиятро дар назар доштааст.

Оила ва омӯзгорон бо такя ба ин ҷиҳатҳо мувазафанд, ки хислатҳои кӯдакро парвариш ва инкишоф диҳанд, ӯро таълиму тарбия намуда, қобилияти зеҳнӣ ва хирадмандиашро таҳким бахшанд ва дар оянда ба ӯ имкон медиҳад, ки дар ҷомеа ҷойгоҳи сазоворро ишғол намояд. Пас фаҳмида мешавад, ки моҳияти тарбия аз амалисозии нигоҳубин, таъмини хӯрок, сару либос, маблағ иборат аст, ки ба туфайли он ҷисми мустаҳкаму солим ташаккул меёбад. Ба ақидаи шоир, камоли инсон маҳз дар тарбияи ҷисми солим ифода меёбад [1].

Шоир рушди ҷисму рӯҳро дар муҳити иҷтимоӣ бо раванди тарбия зич алоқаманд мекунад, дар ҳоле ки ҳар як шахсияти барҷастаи дорои истеъдоди бузург ба мусоидати молӣ ниёз дорад. Шоир муътақид буд, ки маҳз дар як зиндагии мавзун ва осудаҳолона манфиат ва ободии ҷомеа нуҳуфта аст ва кирдори зишт боиси марг ва харобии неъматҳои офаридаи инсон мегардад.

Вобаста ба ин, дар раванди тарбияи кӯдакон дар назди омӯзгорон шарти ҳатмӣ гузошта шудааст, ки дар ҷараёни таълиму тарбия дар баробари такмили ҷаҳонбинии маънавии онҳо дастрасии маблағ ба хонандагонро дар назар дошта бошанд.

Раванди тарбия дар ташаккули накӯкорӣ ва покӣ дар кӯдакон фаъолона мусоидат мекунад, аз ин рӯ, дар ҳаёти ҳар як шахсе, ки ба ақидаи Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, бояд аз талоши обрӯву эътибор даст кашад ва ба ҷустуҷӯи некӣ, тозагӣ ва рушди ҷисм машғул шавад, нақши бузург мебозад.

Дар одамон ҳамзамон бо хислатҳои мусоиди инкишофи шахсият сифатҳои манфии хулқу хислат ба сабаби набудани тарбияи маънавӣ ташаккул меёбанд.

Шоир одамонро ба ду гурӯҳ ҷудо кардааст: некон ва бадон. Шахси дорои арзишҳои маънавии баланд бо кирдорҳои поку одилона ҳам ба худ ва ҳам ба дигарон нафъ мерасонад. Одамони бади дорои арзишҳои маънавии паст ба худ ва дигарон таъсири манфӣ мерасонанд. Шоир дар муносибати худ ба ҷисми носолим ва нуқсонҳои ҷисмонӣ қайд кардааст, ки барои нобино асо лозим аст, барои бино асо ба кор наояд [2].

Дар ин замина обрӯ ва эътибори омӯзгории Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ ташаккул ёфт, ки бо андешаву гуфторҳои пурмазмуни худ оммаро тасхир намуда, шавқу рағбати мардумро ба меҳнат бедор мекард. Аз нуқтаи назари мо, ин равиш дуруст ва асоснок буда, дар шароити кунунӣ мубрам ҳам мебошад. Сухану дониши ин ҳакимро метавон ифтихори миллии тоҷикон ва дигар халқҳо номид, зеро сулҳу некуаҳволӣ меорад.

Шоҳ Неъматуллоҳ аъмоли ношоистаи омӯзгорон ва хонандагонро, ки барои зиндагии шоистаи инсон мутлақо лозим нестанд, бахусус, тамокукашӣ ва истифодаи нашъа ва тарёкро маҳкум мекард. Чунин бархӯрд дар замони ҳозира ба мақсад мувофиқ аст, зеро ҷавонон майл ба нашъамандӣ доранд, ки ба фарҳангу ахлоқ ва рафтори онҳо таъсири манфӣ расонида, як мушкилии умумии ҷомеа низ мебошад.

Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ аҳамияти гуфтор ва каломро дар муошират бо мардум аз мавқеи омӯзгорӣ дар асоси принсипҳои педагогикаи халқӣ ва таълимоти мутафаккирони гузашта баён мекунад. Ӯ аҳамияти бузурги дар кӯдакон инкишоф додани ростқавлӣ, хушодобӣ, сабру таҳаммул, наҷобат, ҳамдардӣ ва саховатмандиро таъкид менамуд.

Дар баробари ин гуфтаҳои Шоҳ Неъматуллоҳ таъсири манфии бахилӣ, носерӣ, ҳасад ва дигар хислатҳои манфӣ нишон дода мешуд. Ӯ байни интихоби ғизои солим барои ҳайвонот ва аз шахси мутамаддин ҳимоят карданро ҳамонанд мекард. Ин андешаҳо дар шароити муосир аҳамияти худро гум накардаанд, аз ин рӯ омӯзгорон метавонанд дар фаъолияти амалӣ онҳоро истифода баранд [4].

Равишҳои Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ дар соҳаи педагогика дар байни мутахассисоне, ки таърих ва ҷанбаҳои таълиму тадрисро дар замони ҳозира меомӯзанд, шавқу рағбати фаъолро ба вуҷуд намеоваранд, ҳарчанд ки онҳо бешубҳа муҳиманд. Дидгоҳи худро дар ин масъала бозгӯ менамоем.

Масъалаҳои ташаккули инсони комил аз қадимулайём (то замони оид ба ин масъалаҳо пайдо шудани рағбати омӯзгорони кишварҳои ғарбӣ) мавриди таваҷҷуҳи олимони форс-тоҷик қарор дошт. Онҳо фикру мулохизахои гуногун баён карданд. Мумкин аст, ки омӯзиши ин проблема дар вижагиҳои маорифи шарқӣ нақши муҳим дошта бошад.

Принсипҳои раванди тарбия ва таҳсилот, инкишофи ахлоқро дар давраҳои гуногун бисёр мутахассисон мавриди баррасӣ қарор қарор додаанд, зеро тарбияи инсондӯстӣ ва рафтори шоистаи кӯдакон ба онҳо асос ёфтааст.

Истилоҳи «ахлоқ» ба маънои васеъ аз нуқтаи назари педагогикаи халқӣ дар кӯдак ташаккули хислатҳои зерини хулқу атворро дорад: дӯстӣ, оқилӣ, ахлоқи ҳамида, эҳтиром, фурӯтанӣ, саховатмандӣ, шуҷоат, инсондӯстӣ, муҳаббат ба меҳнат, ҳамватанон ба Ватан ва ғайра.

Ба ин муносибат мутафаккирони адабиёти форсу тоҷик дар эҷодиёти худ ба масъалахои раванди тарбия ва тарбияи ахлоқӣ таваҷҷуҳи калон зоҳир намудаанд. Аз нигоҳи мо, проблемаи мазкур дар ҳар давру замон ҷанбаи калидӣ дошт.

Асарҳои Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ «Хиради аввал», «Қиссаи зоҳид», «Аҳлоқ», «Талоши шогирдон», «Қиссаи тоҷ», «Содагӣ», «Оид ба либоси сӯфӣ», «Дар бораи ишқ», «Қиссаҳои ҳаҷвӣ», «Эҳсосот», «Иштиёқ», «Насиҳат», ғазалҳо, рубоиёт ва дигар эҷодиёт ба масъалаҳои тарбия ва ахлоқ бахшида шуда буданд.

Мутафаккир ташаккули поквиҷдонӣ дар кӯдаконро дар мадди аввал гузошта, онро арзандатарин хислати аз ҳаёти инсон ҷудонашаванда медонист. Одами ростгӯро метавон узви дорои арзиши волои ахлоқӣ, боначобат ва бофарҳанги ҷомеа номид, ки мухтарам ва сазовори эҳтиром аст.

Ростқавлӣ манфиатовар аст, агар инсон дар тамоми тӯли умр ба он пайравӣ кунад ва ҳар рӯз дар кирдори худ ба ростӣ пойбанд бошад.

*Тӯҳмат* хислати манфии ахлоқ аст, ки шаъну шараф ва эҳтироми инсонро дур мекунад. Мардум чунин рафторро бадахлоқӣ меноманд. Шоҳ дар асарҳои худ хислатҳои тухмат ва туҳматчиёнро тасвир намуда, онҳоро барои зараре, ки ба дигарон расонидааст, мазаммат мекард. Тӯҳмат боиси азобҳои равонӣ, ҷисмонӣ ва маънавӣ мегардад, метавонад инсонро аз оила маҳрум созад.

*Таҳаммул*, ба қавли шоир, имкон медиҳад, ки мушкилот бартараф гардад ва ба анҷоми оқилонаи он ба фазои муайян ниёз дорад. Ин сифат имкон медиҳад, ки тамоми орзуву ормонҳои инсон амалӣ шавад, зеро одами пуртоқат ба амалҳои шитобкорона майл надорад, таассуроти оқилона ва хиради волоро ба вуҷуд меоварад.

Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ тарғиб кардааст, ки бо сабру таҳаммул бошед ва бо кам қаноат кунед, ба неъмати барзиёда талабгор нашавед. Нон, ки маҳсули меҳнати дастони худ аст, сабру таҳаммулро тақозо мекунад, оромишу осоиш мебахшад ва кори хайр барои чунин инсон савоби биҳишт хоҳад шуд.

Дар ҳама гуна шароити душвор, сабру таҳаммул лозим аст, зеро танҳо дар ин ҳолат тақдир ҳалли мусоиди мушкилотро ба армуғон хоҳад овард, аммо бояд дастгирии маънавӣ ва молиявии хешовандон ва дӯстон қабул карда шавад.

Ахлоқ қаноатмандӣ ва хушнудӣ барин сифатҳоро тавсиф мекунад, ки ба одамон барои нигоҳ доштани тавозун ва таҳаммул кумак мекунанд. Шахс аз озодии интихоб ба манфиати қонеъгардонии ниёзҳои хоксорона ва таъминоти камтар бархӯрдор аст, зеро дар вақти душворӣ чунин одат нафъи назаррас оварда, ҳаётро нигоҳ медорад.

*Ҳарисӣ ва пурхӯрӣ.* Онҳоро Шоҳ аз ҷумлаи бадтарин ҳиссиёти инсонӣ номидааст. Онҳо, чун қоида, тамаъкории азим ва носерамӣ ҳамроҳ мекунанд.

Одамони ҳарис, ки чашми онҳоро тамаъ кӯр месозад , аксар вақт ба пурхӯрҳо табдил мeёбанд, ки аз неъмати хулқи оқилона маҳруманд. Вақте ки одами аз лиҳози зеҳнӣ инкишофёфта ғизоро аз ҳад зиёд истеъмол мекунад, бемор мешавад, хулқу атвораш хислатҳои шахсияти бадсигол ва гумроҳшударо мегирад.

Меъда миқдори зиёди ғизоро ҳазм карда наметавонад, сардард, дар натиҷаи пурхӯрӣ суиҳозима ба миён омада, ақл равшаниашро аз даст медиҳад. Одами ҳарис ҳама чизро беш аз зарурат талаб мекунад, зару зебоии зиёд мехоҳад, намедонад, ки вақте фаро мерасад, ки ба онҳо мубтало мешавад.

*Ҳарисӣ ва чашмгуруснагии фавқулода* дар одамон хасисӣ ва чашмгуруснагиро инкишоф медиҳад, қаноатмандӣ ва сер шудан барои онҳо хеле душвор аст. Дар зери таъсири ҳарисӣ одамон далерӣ ва шуҷоати худро аз даст медиҳанд. Шоир ба андешаронӣ дар ин мавзуъ мисраҳои зиёде бахшида, аз ҷумла қайд кардааст, ки шахс асири нафсу хоҳишҳот, танҳо барои обу нон хизмат мекунад.

*Ғараз* ба майли ғурур, хашм, интиқом, ҳасад, ҳаваси таҳқири дигарон таъсир мерасонад.

Одамони ғаразнок ба афкори ҷомеа парвое надоранд, онҳо худписандона ва густохона рафтор карда, рафтори ношоиста ва беақлона нишон медиханд. Ба чунин одамон мафҳумҳое чун накукорӣ ва саховатмандӣ хос нест, онҳо омодаанд ба манфиати худ ба касон хушомадгӯӣ кунанд, маҳз ҳамин ангезаи асосии муносибатҳои дӯстона ва наздики шахси ғаразнок бо дигарон аст. Мақсади асосӣ ба даст овардани фоида аст. Барои расидан ба мақсади худ онҳо ба ҳар гуна амал тайёранд.

*Ҳасадро* шоир ба мисли хасисӣ ба аломатҳои ношоистаи хислати одамон мансуб медонад.

Шахси ҳасуд, ба гуфтаи Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, сазовори мазаммат аст, зеро ин хислат ба дигарон зарар мерасонад. Мутафаккир чунин мешуморид, ки бадиии ба дигарон расонидашуда, иштибоҳи тафаккур аст ва ба инсони онро содиркарда бармегардад. Чунин вазъият ба корҳои наҷиб ҳам дахл дорад [3].

Шоир ба ҳар кас ҳушдор медод, ки нобобаста аз шароити атроф ҳасадро дар қалбаш роҳ надиҳад, зеро ин эҳсос бештар дар пасманзари камбуди маблағ ва дигар неъматҳо ба вуҷуд меояд. Дар ҳамин ҳол, одам бояд мустақилона сарват ба даст орад ва нисбат ба одамони муваффақтар ҳасад набарад, ба онҳо зиён нарасонад, аз кирдори паст парҳез намояд.

Инсони комил бояд аз ҳасад ва ҳарисӣ комилан орӣ бошад, вагарна ӯ лоиқи чунин мартаба нест.

Шоир ҳасадро ба эҳсосоти нопок нисбат дода, онро мувофиқи муҳтавои Қуръон ва таълимоти Паёмбар(с) маҳкум мекунад. Инсон бояд тавре зиндагӣ кунад, ки ҳасад ҳеҷ гоҳ ба зеҳнаш соя накунад ва рӯҳашро халалдор насозад.

*Шарм ва хиҷолатнокӣ* ба муносибатҳои ахлоқӣ ва сифатҳои шахсии инсон мансуб аст, ки барои нигоҳ доштани беолудагӣ ва покӣ дар муошират бо ҷинси дигар ташаккул ёфтааст. Меъёрҳои педагогикаи халқӣ ва вижагиҳои низоми маорифи халқиро ба назар гирифта, бояд гуфт, ки тоҷикон нисбат ба миллатҳои дигар давлатҳо кӯдаконро камҷуръат ва шикастанафс тарбия мекунанд.

Шарм ва хиҷолатнокӣ ҳам дар духтарон ва ҳам дар писарон парвариш карда мешавад. Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ таъкид кардааст, ки хиҷолатнокии мард бояд аз зан болотар бошад, то дар духтарон дар баробари шарм ҳисси хиҷолат пайдо шавад.

Шоир дар таълифоти худ ба принсипҳои педагогикаи халқӣ такья намуда, ба тарбияи фарзанд дар баробари шарм, инчунин ба хештандорӣ низ бисьёр фикру мулохизаҳоро мебахшад. Ӯ он одамонеро, ки аз ин ҳиссиёт маҳрум буда, сабукфикрона рафтор мекунанд, майлу рафтори бади худро зоҳир мекунанд, маҳкум мекунад.

Ин тавзеҳоти Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ имрӯз дар мавриди кирдори ношоиста ва зиндагии бадахлоқонаи афроди дорои андешаҳои номақбул садо медиҳад.

*Магрурӣ ва такаббур* хислатҳои номуносиби шахсият аст, ки шарҳи худро дар осори мутафаккири хирадманд пайдо кардааст. Муаллиф аҳамияти ин масъаларо махсусан таъкид намуда, ин мавзуъро фаъолона муҳокима мекунад, дар бораи балоҳое , ки ғурур ба сари одам меорад, сатрхои сершумор овардааст. Чунин эҳсосро бояд аз зеҳн зудуда аз он раҳо бояд шуд, вагарна инсон шаъну эътибори худро аз даст медиҳад.

Заминаи такаббур ва ғурур ноогоҳӣ ва надоштани тарбияи фарҳангӣ аст, зеро инсони шахсияти худро ситоишкунанда, волотарин зуҳуроти рафтори бадахлоқона метавон номид.

*Тарбияи оилавӣ.* Оила як ҷузъи таҳаввулоти тадриҷии ҷомеа мебошад. Ин ниҳод дар марҳилаҳои аввал аз гуруҳҳои хурди одамон иборат буд, ки зиндагии муштарак доштанд ва то пошхӯрии сохти ҷамоаи ибтидоӣ дар давраи модаршоҳӣ якҷоя зиндагӣ мекарданд [5].

Муносибатҳои оилавӣ аз ибтидо бо мақсади парвариш ва тарбияи фарзандон ташаккул ёфта, бо мурури замон ниҳоди оила тағйир ёфта, ҳадафу вазифаҳои нав пайдо кардааст.

Вазифаи асосии муносибатҳои оилавӣ (то пайдо шудани муассисаҳои таҳсилотӣ) ин буд, ки кӯдакро ҳар рӯз тарбия намуда, дар ин раванд малака ва дониш пайдо карда, кӯдаконро ба зиндагии ҷудо аз падару модар ва хешу табор омода созанд. Батадриҷ вазифаҳо, ҳадафҳо ва амалкарди оила мураккабтар мешуданд.

Принсипҳои раванди тарбия хеле гуногун буданд. Кӯдакони оилаҳои сарватманд имкон доштанд, ки дар мактабҳо таҳсил кунанд, дарсҳои хусусӣ ва омӯзгорони инфиродӣ гиранд, дар шароити хона ва оила таҳсил кунанд. Фарзандони камбизоатҳо ва оилаҳои миёнаҳол дар ҷараёни меҳнат дарси рӯзгор ва фанҳои гуногунро аз волидайни худ меомӯхтанд.

Ҳамин тавр, ғуломӣ нобаробарии амиқро дар имкониятҳои волидайн нисбат ба тарбияи фарзандон ба вуҷуд овард. Ба монанди ин сохт, пайдоиши муносибатҳои феодалӣ боиси дигаргун шудани амалкардҳои раванди тарбия гардид.

Дар чунин шароит ба фарзанд эҳтиром нисбат ба меҳнат, итоаткорӣ, эҳтироми калонсол, хоксорӣ илқо мешуд, падару модар дар тӯли умр ва баъди аз хонаи волидайн рафтани фарзандон ба зоҳир кардани муҳаббат ба онҳо шавқу рағбат доштанд. Муҳаббат баробари камолёбии кӯдак набояд хотима ёбад, фарзанд такягоҳ буд ва ба волидайн ҳамзамон бо солхӯрда шудани онҳо кумак мерасонд.

Ҷанбаи мазкур яке аз ҳадафҳои асосии раванди тарбияро ифода мекунад, ки дар байни тоҷикон вуҷуд дорад. Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ ин ғояҳоро дар ашъори худ, оид ба нақши асосии хонавода ва меҳри падару модар ва фарзанд, бахусус дар ғазалу маснавӣ ва қасидаҳои худ инкишоф додааст. Шоир падарро, ки барои фарзандон намунаи ибрат буд, ба онҳо ҳикмати зиндагиро меомӯзонд, аз таҷрибаи худ накл мекард, ситоиш кардааст. Инак, падар фарзандро ба воя расонд, ки ба туфайли он шахси арзанда шуд ва дар пиронсолӣ ба падару модараш ёрӣ расонд.

Дар рушди таърихии принсипҳои педагогӣ оид ба масъалаҳои тарбияи кӯдакон ба ду меъёри асосӣ: некӣ ва бадӣ афзалият дода мешавад. Онҳо дар асоси ҳар гуна раванди коинот аз лахзаи пайдоиши он то имрӯз қарор доранд. Афзалияти некӣ бар бадӣ, рӯшноӣ бар торикӣ ба рӯҳи инсон созгорӣ меорад ва ҷаҳонро боз ҳам рангинтар мекунад.

Муқовимат ба бадӣ, фурӯ нишондани он ба рӯҳ вобаста аст. Омилҳои берунаи муҳити инсон, ба истиснои худи ӯ, аз инсон нерӯи маънавӣ мегиранд ва сарчашмаҳои муштараки мубориза зидди оғози бадӣ мебошанд.

Кирдори наҷиб ва софдилӣ боиси шуҳрати инсон гардида, ба руҳи ӯ зебу зинат мебахшад, робитаҳои дӯстиро тамҷид намуда, некуаҳволӣ ва офиятро баланд мебардорад. Накӯкорӣ ба суботи кишвар, муносибатҳои осоишта дар ҷомеа мусоидат намуда, барои ба воя расонидани насли солим имкон медиҳад, ба хушбахтии оилавиро фароҳам месозад.

Ба истиснои хулқи нек, бисёри ҷавонон дигар чизи дигаре надоранд, аммо сазовори обрӯю эътибор ва эътирофи мардум гаштаанд, ном ва кору кирдори онҳоро амалан ҳама медонанд. Аз ин рӯ, идроки хоҳишҳои худ ва моҳияти он заминаи дигаргунихои иҷтимоӣ, ҳамчун ситораи роҳнамои беҳбудии ҷомеа ва принсипи инсонии худи шахс хизмат мекунад.

Фард бояд ормонҳо ва хоҳишҳои худро пурра дарк кунад, ки ба шарофати онҳо ҷомеа ва муҳити атроф зебоӣ ва некӯаҳволӣ пайдо мекунанд. Илми ахлоқро муҳимтарин сарчашмаи ҳақиқат ва адолат дониста, ҳадафи он ба инсоният нигаронида шудааст. Огоҳӣ аз ин илм фоида ва нафъи зиёд дорад.

Омӯзиши мероси тоҷикию форсӣ дар соҳаи педагогика ба мо имкон медиҳад, ки таъсири амиқи осори мухталиф ва рисолаҳои олимони асрҳои миёнаро ба принсипҳо ва равишҳои таълиму тарбияи кӯдакони даврони гузаштаро қайд кунем. Асарҳои онҳоро дар айни замон мутахассисони сершумори соҳаҳои гуногуни фаъолияти педагогӣ таҳлил мекунанд.

Андешахои мутафаккирон асоси бисьёр принципҳои таълими байналмилалӣ буданд, саҳми онҳо барои фарҳанги педагогӣ ахамияти калон дорад. Дини ислом ба раванди таълиму тарбия таваҷҷуҳи зиёд додааст, ки таълимоти он дар таҳсилоти муосир низ ба эътибор гирифта мешавад.

Мутафаккирони тоҷику форс дар асрҳои миёна ба нозукиҳои гуногуни гузаронидани дарс, муносибат бо шогирдон, тарбияи фарзандон дар оила таваҷҷуҳ зоҳир кардаанд.

Принсипҳои тарбияи маънавию фарҳангии тоҷикон ба анъанаҳои халқҳои дигар низ таъсир расонида, ворид шуда, бо вижагиҳои онҳо мутобиқ ва омехта шудаанд. Донишмандоне чун Рӯдакӣ, Ибни Сино, Фирдавсӣ, Форобӣ, Ҳофиз, Саъдӣ, Хайём дар тамоми китъаҳо маҳбубият доранд, осори онҳо дар бисёр кишварҳо мавриди омӯзиш ва тарҷума қарор гирифта, ҳамчун шоҳасари адабӣ низ эътироф шудааст.

Инак, таълимоти тоҷикӣ-форсӣ дар соҳаи педагогика дар бораи фарҳанги Шарқ аз бисёр ҷиҳат аз таҳаввулоти кишварҳои ғарбӣ пеш гузашта ва ба як меъёри байналмилалӣ табдил ёфт. Аз ҷумла, донишгоҳҳои кишварҳои аврупоии асрҳои V-XV аз рӯйи шабоҳат бо мактабҳои навъи донишгоҳии Шарқ ташкил карда шудаанд. Як қатор мутахассисон ва олимони маъруфи мамлакатҳои ғарб, ки дар соҳаҳои гуногун ба қуллаҳои баланд расидаанд, мактабхои олии кишварҳои Шаркро хатм кардаанд ва дар кори таълиму тарбияи шогирдон то ба имрӯз аз таълимоти мутафаккирони форсу тоҷик васеъ истифода мебаранд.

## АДАБИЁТ

1. Ашуралиев, М.И. Нравственное воспитание учащихся на педагогических традициях таджикского народа: дис. канд. пед. наук: 13.00.01 / М.И. Ашуралиев. - Душанбе, 2007. - 147 с.

2. Аюбова, М.З. Асосҳои педагогии масъалаҳои тарбияи ахлоқӣ ва омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ ба насли наврас дар асари «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун»-и Воҷидалии Муҷмалӣ: дис.... барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ / М.З.Аюбова. - Хуҷанд, 2019. - 179 с.

3. Нафиси, С. Сборник произведений Шаха Нигматуллаха Вали /С.Нафиси. - Тегеран, 1374. - 735с.

4. Нафиси, С. Сборник произведений Шаха Нигматуллаха Вали. -2-е изд. /С.Нафиси. - Тегеран, 1387. - 735с.

5. Рахимов, Х. Культура в семье /Х.Рахимов, Б. Исматов.-. Душанбе:Ирфон, 1992.- 128с.

# ҶОЙГОҲИ ҶАШНИ МЕҲРГОН ДАР ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАРБИЯИ НАСЛИ НАВРАС

***САЙДАМАДЗОДА Ҳусноро** – унвонҷӯйи кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Саид Носир, 33. **E-mail:** khushoro.saydahmadzoda@mail.ru, **тел.:** (+992) 93 102 86 88*

Мақола ба яке аз мавзуъҳои муҳимми педагогикаи миллӣ - ҷойгоҳи ҷашни Меҳргон дар таъриху тамаддуни мардумони ориёитабор ва таъсири он дар тарбияи насли наврас бахшида шудааст.

Ба андешаи муаллифи мақола ҷашни Меҳргон дар таъриху тамаддуни мардумони ориёитабор аз ҷашнҳои муҳимми табиӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба шумор рафта, барои халқи тоҷик хеле арҷманд мебошад. Меҳргон ҷашни тирамоҳии сол аст, ки ниёгони мо онро ҳамчун шукронаи неъмати табиат таҷлил менамуданд.

Дар мақола зикр гардидааст, ки меҳргон ҷашнест, бар асоси қонуни табиат, баробаршавии шабу рӯзи тирамоҳӣ, ғундоштани ҳосили кишоварзию боғдорӣ асос ёфтааст. Ҷавҳари ахлоқии Меҳргонро дар мисоли архетипии ғалабаи Фаридун бар Заҳҳок - пирӯзии некӣ бар бадӣ, рушноӣ бар торикӣ ва дӯстӣ бар душманӣ ташкил намуда, инсонро дар масири таърих ҳамеша ба сӯйи адолатхоҳӣ, баробарӣ, сулҳпарварӣ, инсондӯстӣ ва накӯкорӣ ҳидоят кардааст.

Бо назардошти он ки Меҳр ҳамчун худои фурӯғу рушноӣ ва паймону дӯстӣ дар рӯзгори ориёиҳо мақоми бузург дошт, ойини Меҳр ва низоми ахлоқии он дар ташаккули бисёр расму анъанаҳо ва дигар падидаҳои фарҳангиву иҷтимоӣ саҳм гузоштааст.

***Вожаҳои калидӣ:** ҷашни Меҳргон, баробаршавии шабу рӯзи тирамоҳӣ, гундоштани ҳосили кишоварзию богдорӣ, пирӯзии некӣ бар бадӣ, рушноӣ бар торикӣ ва дӯстӣ бар душманӣ, адолатхоҳӣ, баробарӣ, сулҳпарварӣ, инсондӯстӣ ва накӯкорӣ, Авесто, Зардушт, қавмҳои ориёӣ, Аҳура Маздо, Меҳрпарастӣ, ҷашни Мелод, шаби дарозтарин Ялдо, даромади Чилла, дӯстории табиат ва ҳифзи он, танқиди зулму золимӣ ва ҷаҳолат.*

# МЕСТО ПРАЗДНИКА МЕХРГОН В АРИЙСКОЙ ЦИВИЛИЗАЦИИ И ЕГО РОЛЬ В ВОСПИТАНИИ МОЛОДОГО ПОКОЛЕНИЯ

***САЙДАМАДЗОДА Хусноро*** *– соискатель кафедры психологии и социологии управления Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, г. Душанбе ул. Саид Носира, 33.* ***E-mail:*** *khushoro.saydahmadzoda@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 93 102 86 88*

Статья посвящена одной из важных тем отечественной педагогики – роль праздника Мехргон в истории и цивилизации арийского народа и его влияние на воспитание молодого поколения.

По мнению автора статьи, праздник Мехргон является одним из важнейших природных, социальных, экономических и культурных праздников в истории и цивилизации арийского народа и имеет большую ценность для таджикского народа. Мехргон - осенний праздник года, который наши предки отмечали как благодарность за дары природы.

В статье упоминается, что Мехргон - это праздник, основанный на законах природы, осеннем равноденствии, сборе сельскохозяйственных и садовых культур. Нравственная сущность Мехргана организована в архетипическом примере победы Фаридуна над Заххаком - победы добра над злом, света над тьмой и дружбы над враждой, и всегда вела человека в направлении справедливости, равенства, мира, человечности и совершенства.

Учитывая, что Мехр как бог света, гармонии и дружбы имел большой статус в жизни ариев, ритуал Мехра и его этическая система способствовали формированию многих обычаев и традиций и других культурных и социальных явлений.

***Ключевые слова:*** *праздник Мехргон, осеннее равноденствие, сбор сельскохозяйственных и садовых культур, победа добра над злом, свет над тьмой и дружба над враждой, справедливость, равенство, поддержание мира, гуманность и добро, Авеста, Зороастризм, арийские народы, Ахура Мазда, милосердие, мелодия праздника, самая длинная ночь Ялды, вход Чиллы, дружба с природой и ее защита, критика угнетения и невежества.*

# THE PLACE OF CELEBRATION OF MEHRGAN IN THE ARYAN CIVILIZATION AND ITS INFLUENCE ON THE EDUCATION OF THE YOUNG GENERATION

***SAYDAMAZODA Khusnoro*** *– is an applicant of the department of psychology and sociology of management of the Academy of public administration under the President of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, Str. Said Nosira, 33.* ***E-mail:*** *khushoro.saydahmadzoda@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 93 102 86 88*

The article is devoted to one of the important topics of national pedagogy - the place of the Mehrgon holiday in the history and civilization of the Aryan people.

According to the author of the article, the Mehrgon holiday is one of the most important natural, social, economic and cultural holidays in the history and civilization of the Aryan people and is of great value to the Tajik people. Mehrgon is an autumn holiday of the year, which our ancestors celebrated as gratitude for the gifts of nature.

The article mentions that Mehrgon is a holiday based on the laws of nature, the autumn equinox, and the collection of agricultural and horticultural crops. The moral essence of Mehrgan is organized in the archetypal example of the victory of Faridun over Zahhak - the victory of good over evil, light over darkness and friendship over enmity, and has always led man in the direction of justice, equality, peace, humanity and perfection.

Considering that Mehr, as the god of light, harmony and friendship, had a great status in the life of the Aryans, the Mehr ritual and its ethical system contributed to the formation of many customs and traditions and other cultural and social phenomena.

***Keywords:*** *mehrgon holiday, autumn equinox, harvest of agricultural and horticultural crops, victory of good over evil, light over darkness and friendship over enmity, justice, equality, maintaining peace, humanity and goodness, Avesta, Zoroastrianism, Aryan peoples, Ahura Mazda, mercy, holiday melody , the longest night of Yalda, the entrance of Chilla, friendship with nature and its protection, criticism of oppression and ignorance.*

Ҷашни Меҳргон дар таъриху тамаддуни мардумони ориёитабор аз ҷашнҳои муҳими табиӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба шумор рафта, барои халқи тоҷик хеле арҷманд мебошад. Меҳргон ҷашни тирамоҳии сол аст, ки ниёгони мо онро ҳамчун шукронаи неъмати табиат таҷлил менамуданд.

Аслан, Меҳргон ҷашнест, ки бар асоси қонуни табиат, баробаршавии шабу рӯзи тирамоҳӣ, ғундоштани ҳосили кишоварзию боғдорӣ асос ёфтааст. Ҷавҳари ахлоқии Меҳргонро дар мисоли архетипии ғалабаи Фаридун бар Заҳҳок - пирӯзии некӣ бар бадӣ, рушноӣ бар торикӣ ва дӯстӣ бар душманӣ ташкил намуда, инсонро дар масири таърих ҳамеша ба сӯйи адолатхоҳӣ, баробарӣ, сулҳпарварӣ, инсондӯстӣ ва накӯкорӣ ҳидоят кардааст.

Роҷеъ ба муаррифии Меҳр устурашиноси эронӣ Меҳрдоди Баҳор навиштааст: «Меҳр эзаде аст ҳиндуэронӣ, ки номи ӯ дар ҳиндӣ маънои «дӯст»-ро дорад ва дар Авесто ба маънои «паймон» ва дар форсӣ ба маънои дӯстӣ ва хуршед аст» [5, 332].

Қавмҳои ориёӣ, ки дини митроизм ё меҳрпарастиро мепарастиданд, Митраро ҳамчун худои осмон парастиш мекарданд ва ӯ яздони бузургу муқтадире ба шумор мерафт. Пас аз зуҳури Зардушт ва пайдоиши дини маздоясноӣ мавқеи ӯ батадриҷ таназзул меёбад. Яъне аз мақоми худованди офаридгору пурқудрат ба эзади иҷрочи табдил меёбад. Бисёр сифатҳи Меҳр ба худои ягонаи офаридгори зардушт - Аҳура Маздо нисбат дода мешавад. Аммо тасвири ӯ дар Авесто аз тавсифу ситоиши дигар эзадон бештар ба назар мерасад. Ӯ дар бисёр мавридҳо дар паҳлуи Аҳура Маздо зикр ва ситоиш мегардад, ки нишоне аз эзади қавӣ будани ӯст. Ба вижа дар «Меҳр-яшт» ба ин маънӣ омадааст: «Бад-он ҳангом ки ман Меҳри фарохчарогоҳро ҳастӣ бахшидам, ӯро дар ситоиш ва барзандагии ниёиш, баробар бо худ, ки Аҳура Маздоям - биофаридам» [3, 250].

Митраизм ё меҳрпарастӣ ҳамчун ойини комили ахлоқӣ оҳиста-оҳиста аз ҳудуди Эрону Осиёи Миёна ба Шарқи Наздик ва Аврупо низ паҳн мегардад. Чунончи, император Константин қабл аз қабули масеҳият пайрави ойини Меҳрпарастӣ будааст.

Митраизм дар байни халқҳои Аврупоӣ, бинобар ҷанбаи пурзӯри ахлоқӣ доштанаш маҳбубият пайдо мекунад, ки онро мо дар тасвиру муҷассамаҳо ва сарчашмаҳои зиёди аврупоӣ мушоҳида карда метавонем. Ёдовар шудан кофист, ки муҷассамаи Митра дар қасри Ватикан то ба имрӯз барҷост.

Мувофиқи тақвими юлианӣ 22-уми декабр рӯзи таваллуди Меҳр мебошад, зеро аз ҳамин вақт сар карда, рӯзҳо дарозтар ва тобиши офтоб бештар мегардад.

Дар Аврупои масеҳӣ рӯзи 25-уми декабр иде доранд бо номи «Ҷашни Мелод» («Рождество») ва онро зодрӯзи пайғамбар Исои Масеҳ мешуморанд, вале дар асл он рӯзи таваллуди эзади ориёиҳо - Меҳр мебошад. Аслан зодрӯзи Исои Масеҳ 6-уми январ буда, баъзан мардум дар ҳамин рӯз онро таҷлил менамоянд. Дар Рими қадим вақте роҳибони масеҳӣ диданд, ки мардум бештар ба таҷлили зодрӯзи Меҳр дар рӯзи 22-уми декабр майл доранд, ҳилаи шаръиро ба кор бурда, зодрӯзи Исоро 25-уми декабр эълон намуданд, ки дар ниҳоят ба зодрӯзи Меҳру Исо як шуда, бо номи «Ҷашни Мелод» то ба имрӯз қайд карда мешавад.

Ба номи Меҳр савганд ёд кардан дар гузашта яке аз паҳншудатарии савганд будааст. Зеро тавре ки қайд кардем, Меҳр нигаҳбони аҳду паймон ва ҷазодиҳандаи аҳдшиканон ба шумор мерафт [13, 120].

Ҳамин тариқ, Меҳр ҳамчун худои фурӯғу рушноӣ ва паймону дӯстӣ дар рӯзгори ориёиҳо мақоми бузург дошта, ойини Меҳр ва низоми ахлоқии он дар ташаккули бисёр расму анъанаҳо ва дигар падидаҳои фарҳангиву иҷтимоӣ саҳм гузоштааст. Таъсири кеши меҳрпарастиро на танҳо дар рӯзгори баъдии мардуми эронитабор мебинем, балки нуфузу асари он дар дину фарҳанги Шарқи Наздику Аврупо низ ба назар мерасад, ки аз қудрату шаҳомати тамаддуни ниёгони мо шаҳодат медиҳад.

Ба қавли муҳаққиқӣ эронӣ Фарибурзи Раҳнамун, агар Сосониён дар Эрон ва Костантин дар Рум аз митраизм истиқбол мекарданд, дунёи имрӯза дунёи митроӣ мебуд. Митраизм дар даврaи Ашкониён (асри II м.) ба воситаи сарбозони румӣ ба Аврупо роҳ ёфтааст. Баъд аз даврони Ашкониён, Сосониён дини зардуштиро ҳамчун ойини расмӣ пазируфтанд ва ба ин васила ҷой барои митраизм дар Эрон танг шуд. Аз сӯйи дигар дар Аврупо масеҳият дар даврони Константин ба меҳрпарастӣ фишор овард. Соли 1312 императори Рум Константин дини масеҳиро ба расмият даровард. Барои решакан кардани митраизм динҳои масеҳият ва

зардуштия дигар чорае надоштанд, ба ҷуз бахшҳои зиёде аз ойинҳои онро бигиранд [16, 3].

Ниёгони мо солро ба ду фасл тақсим мекарданд: фасли якум зимистон ва фасли дуюм - тобистон. Тобистон ё фасли гармо аз баҳор оғоз гардида, то ба аввалҳои тирамоҳ давом меёфт. Фасли сармо, яъне зимистон пас аз анҷоми тобистон меомад. Ҷашни Наврӯз дар оғози тобистон ва Меҳргон дар аввали зимистон бо шукӯҳу тантана барпо мешуданд. Сабаби ба ду фасл тақсим кардани сол дар он буд, ки ниёгони мо ду эътидоли шабонарӯзиро дар давоми сол дарёфта буданд. Инҳо эътидол ё баробаршавии шабу рӯз дар баҳор (20-21 март) ва дар тирамоҳ (21-22 сентябр) буданд, ки дар рӯзи эътидоли баҳорона онҳо Наврӯз ва дар саргаҳи барбаршавии шабу рӯзи тирамоҳӣ Меҳргонро ҳамчун нишонаи марзи фасли нави сол, ҷашн мегирифтанд. Ин амалро мутафаккири барҷастаи халқи тоҷик Носири Хусрави Қабодиёнӣ хело ҳам воло қайд кардааст:

Наврӯз беҳ аз Меҳргон гарчӣ,
Ҳар ду замонанд эътидолӣ [14, 466].

Инро ҷашнгириро мутафаккири барҷастаи халқи тоҷик Унсурии Балхӣ низ дар *як* байти худ ишора кардааст:

Чу тир то ду бувад рост гаштани шабу рӯз,
Яке ба вақти баҳору дигар ба аввали тир [18, 37].

Донишманди тоҷик Акбар Турсун роҷеъ ба таносуби ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон дар таърихи тамаддуни форсӣ қайд менамояд, ки ҳарду ҷашн ба баробаршавии шабу рӯз асос ёфта, эъдидолу адолатро дар ҳамаи соҳа тарғибу таблиғ мекарданд. Ҳар ду ҷашн мабдаъи фарҳангофар, ободгар ва махсусан дар соҳаи тамаддуни кишоварзии ниёгони мо маданияти хосеро ба вуҷуд овардаанд [17, 43-44].

Ниёгони мо ҳамчунин кашфи эътидолҳо - дарозтарин шаб (21 декабр) ва дарозтарин рӯз (21 июн)-ро низ дарёфтанд, ки дар натиҷа ба чор фасл тақсим кардани сол ба вуҷуд омад. Дар ин ду инқилоб - зимистона ва тобистона ду ҷашн ё ойини дигар расм шуд. Дар тобистон ҷашни Тиргон, марбут ба об ва дар зимистон ба муносибати шаби дарозтарин Ялдо, даромади Чилла ба доираи таҷлил даромаданд. Баъдтар пас аз эҷод шудани тақвими эронӣ ҷашни Меҳргон ба рӯзи Меҳри моҳи Меҳр ва Тиргон ба рӯзи Тири моҳи Тир кӯчонида шудаанд. Ҷашни Сада бошад дар ин силсилаи ҷашнҳо дар айёми сардиҳои зимистон, ба муносибати анҷоми Чиллаи калон баргузор мешуд.

Метавон гуфт, ки гардиш ва фаслҳои солро ба давраҳои зиндагии инсону кайҳон нисбат дода, фасли баҳору тобистонро ба таваллуду ҷавонӣ, балоғати инсон ва офариниши ҳастӣ, фасли тирамоҳу зимистонро ба поёни давраи балоғат, футуру мирандагӣ ва таназзули ҳастӣ ташбеҳ додан мумкин аст [20, 276].

Ин ақида, бешубҳа, ба тасаввуроти мифологию космологии ориёиҳо асос ёфтааст. Чунки мутобиқи асотири Эрони бостон, Сиёвуш (дар Авесто *Сийаваршан)* худои рустаниҳои мирандаву эҳёшаванда шумурда шуда, мардум тасаввур доштанд, ки дар баҳор баробари зинда гаштани худои наботот ҳамаи гиёҳо аз замин мерӯянд, дарахтон баргу гул мекунанд ва дар тирамоҳ чун баргҳо зард шуд, рустаниҳо пажмурда мегарданд ва худои наботот мемирад.

Ба ақидаи Абӯрайҳони Берунӣ, дар рӯзи Меҳр Худованд офтобро офаридааст ва аз ин рӯ ҳамчун иди Хуршед дар суфраи идонаи худ эрониёни бостон ашё ва меваҳои зарринро мениҳодаанд [2, 242].

Тибқи баъзе ривоёт, Коваи оҳангарро низ ба муносибати пирӯзиаш бар Заҳҳок муассиси ин ҷашн шумурдаанд. Аммо дар бештари манобеъ шоҳ Фаридунро бунёдгузори ҷашни Меҳргон медонанд. Назар ба ривояти Абӯрайҳони Берунӣ дар «Ат-тафҳим», «... андар ин рӯз Афридун зафар ёфт бар Беварасби ҷоду, он ки маъруф аст ба Заҳҳок ва ба кӯҳи Дамованд боздошт» [1, 254].

Ҳамчунин мутафаккир дар «Осор-ул-боқия» овардааст, ки «...ва Фаридун мардумро амр кард, ки камарбанде ба камар банданду замзама кунанд ва ҳангоми таом сухан нагӯянд. Барои сипосгузории худованде, ки эшонро пас аз ҳазор соли тарс (аз Заҳҳок) бори дигар дар мулки худ тасарруф дод ва ин кор дар эшон суннату одат монд» [2, 244].

Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» роҷеъ ба ҷашну ойинҳои бостон маълумотҳои ҷолиб оварда, бо меҳру муҳаббат ба таъриху суннатҳои ниёконамон ҳарф мезанад. Ӯ рӯзи аввали ба тахт нишастани Фаридунро баробар бо рӯзи Меҳргон медонад ва шурӯъи таҷлили ин ҷашнро низ ба ӯ нисбат медиҳад.

... Парастидани Меҳргон дини ӯст,
Таносониву хӯрдан ойини ӯст.
Кунун ёдгор аст аз ӯ моҳи мехр,
Бикӯшу ба ранҷ эч манмой чехр! [19, 124].

Асадии Тӯсӣ низ дар маснавии худ пирӯзии Фаридунро бар Заҳҳок ишора карда, оғози шоҳигарии Фаридунро дар рӯзи аввали моҳи меҳр медонад ва ӯро таъсисгари ин ҷашн медонад.

Чу дар бурҷи Шоҳин шуд аз хӯша мехр,
Нишаст ӯ ба шоҳӣ сари моҳи меҳр.
Бар ороиши Меҳргон ҷашн сохт,
Ба шоҳӣ сар аз чархи маҳ барфарохт [4, 169].

Муаррихи асримиёнагӣ Зайниддин Маҳмуди Гардезӣ дар таърихномаи худ «Зайн-ул-ахбор» фаслеро ба ҷашнҳои Эрони бостон бахшидааст. Ӯ дар ин фасл роҷеъ ба Меҳргон иттилоъ медиҳад, ки Фаридун на танҳо бар Заҳҳок ғолиб омад, ҳамчунин ӯ ба мардумон илму ҳунари бисёреро биёмӯхт: «... ва Афридун илми азимат ба мардумон омӯхт ва илми тиб ӯ овард ва Меҳррӯз буд аз Меҳрмоҳ, ки Заҳҳокро бигирифт ва бибаст ва мардумон шодӣ карданд ва Афридун он рӯз ҷашн кард ва он ҷашнро Меҳргон ном кард» [9, 62].

Муҳаммадҳусайни Бурҳон дар луғатномаи хеш «Бурҳони қотеъ» Меҳргонро ҳамчун ҷашни меҳру муҳаббат муаррифӣ кардааст. Ӯ навиштааст: «Аҷамиён гӯянд, Худои таоло заминро дар ин рӯз густаронид ва аҷсодро дар ин рӯз маҳал ва мақарри арвоҳ гардонид ва дар ин рӯз малоика мададкории Коваи оҳангар карданд ва Фаридун дар ин рӯз бар тахти подшоҳӣ нишаст. Дар ин рӯз Заҳҳокро гирифта, ба кӯҳи Дамованд фиристод, ки дар банд кунанд ва мардумон ба сабаби ин муқаддима ҷашне азим карданд ва ид намуданд ва баъд аз он ҳуккомро меҳру муҳаббат ба раъоё ба ҳам расид. Ва чун Меҳргон ба маънии муҳаббат пайвастан аст, бинобар ин бад-ин ном мавсум гашт» [8, 316].

Мутобиқи ривояти дигар, дар ин рӯз Фаридунро аз шир ҷудо карданд ва ӯ бар гове, ки дар осмон аз нур падид омада буду шоххояш аз тилло ва поҳояш аз нуқра буд ва чархи қамарро мекашид, савор шуд. Ин гов соате падид меомад ва сипас ғойиб мегардид. Ҳар кас, ки муваффақ ба дидори ӯ мешуд (дар соате ки назар бар ӯ меафканд), дуояш мустаҷоб мегардид. Ба ин маънӣ шоир Дақиқӣ низ ишора кардааст:

Меҳргон омад, ҷашни малик Афридуно,
Он куҷо гови наку будаш Бармоюно [10, 429].

Дар гузашта Меҳргон ба мисли Наврӯз дар шаш рӯз баргузор мегардид. Рӯзи нахустро «Меҳргони кӯчак» ё «хурд» меномиданд, ки ҷашни оммавӣ ба шумор мерафт ва рӯзи шашумро «Меҳргони бузург» мехонданд ва он ҷашни хосса буд. Манучеҳрии Домғонӣ низ дар як байти худ дар бораи Меҳргони хурдак ёдовар шудааст:

Чун мутрибон зананд наво тахти Ардашер,
Гаҳ Меҳргони хурдаку гоҳе Сипаҳбадон [12, 207].

Дар ин хусус Абӯрайҳони Берунӣ дар «Ат-тафҳим» ва Муҳаммадҳусайни Бурҳон дар «Бурҳони қотеъ» низ маълумоти васеъ додаанд: Берунӣ зикр мекунад: «Ва рӯзҳо, ки сипаси Меҳргон аст, ҳама ҷашнанд бар кирдори он чи аз паси Наврӯз бувад ва шашуми он Меҳргони бузург бувад ва Ромрӯз ном аст ва бад-ин донандаш» [1, 254].

Муҳаммадҳусайни Бурҳон бошад, навиштааст: «Ҳамчунон ки Наврӯзро омма ва хосса мебошад, Меҳргонро низ омма ва хосса ҳаст ва то шаш рӯз таъзими ин ҷашн кунанд, ибтидо аз рӯзи шонздаҳум ва онро Меҳргони омма хонанд ва интиҳо рӯзи бисту якум ва онро Меҳргони хосса хонанд» [8, 116].

Дар давоми шаш рӯз таҷлил намудани ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон ба решаҳои қадимтарини эътиқодӣ рафта мерасад. Шумораи шаш дар асотир, эътиқод ва маросими ориёиҳо ба таърихи офариниши кайҳону ҷаҳон пайвандӣ дошта, аз ҷониби худованд дар шаш навбат офарида шудаанд. Дар ойини зардуштӣ ин шаш навбати офаринишро шаш «гоҳанбор» номанд. Тибқи «Бундаҳишн», Ҳурмазд дар гоҳанбори аввал осмонро офарид, дувум обро, севум заминро, чорум гиёҳро, панҷум гови муқаддасро ва шашум одамро [7, 33-34].

Сабаби дар тирамоҳ ҷашн гирифтани Меҳргон, ҳарчанд ки асоси астраномӣ дошта, мувофиқ омадани он дар тақвими хуршедӣ мебошад, вале шарҳу тафсири асотирӣ низ дорад. Ба андешаи мо, азбаски Меҳр эзади баракатбахш буд, ниёгони мо маҳз дар айёми пухтупаз ва

ҷамъоварии ҳосил аз ин ҷашн пазироӣ мекарданд ва аз баракати маҳсулоти дастранҷашон Худовандро ниёиш мекарданд.

Сабаби дигари баргузории Меҳргон дар тирамоҳ ин аст, ки меваҳо дар ин фасл пухта мерасанд ва зинатбахши дастархони меҳргонӣ мешуданд. Аз тарафи дигар деҳқонону боғдорон ва чорводорон аз корҳои кишоварзӣ ва саҳроӣ нисбатан фориғ гардида, ба зимистони фаторасанда тайёрӣ медиданд ва барои неъмати ҳосилшуда шукри худованд мекарданд.

Яке аз одати шоҳони ҳахоманишӣ додани бори ом буд. Дар маросими бор, яъне пазироии хоссу омма ва сафирону кабирон масъалаҳои пешниҳодшуда аз ҷониби шоҳ баррасӣ ва ҳаллу фасл мегашт. Дар ин маросим ҳадя ва пешкашҳо аз хоссу ом ба шоҳ супурда мешуд ва ҳамчунин ба шахсони борёб, яъне, аз ҷониби шоҳ пазируфташуда, ҳадяҳо тақдим мегардид.

Дар ҷашнҳои Наврӯз ва Меҳргон шоҳони ҳахоманишӣ «бори хос» ва «бори ом» медоданд. Шоҳ панҷ рӯзи аввали ин ҷашнро ба қабули омма ихтисос медод ва баъдан дар рӯзи шашум ба таври ҷудогона бори хос аз баҳри кормандони давлатӣ, ашрофон ва аъзои хонадони подшоҳӣ сурат мегирифтааст [15, 159-162].

Шоир Манучеҳри Домғонӣ ёдовар шудааст, ки дар ин ҷашн аз навоҳии кишвар барои шоҳ ҳадяву мева меовардаанд.

Омад хуҷаста Меҳргон, ҷашни бузурги хусравон,
Норанҷу нору аққавон овард аз ҳар ноҳия [12, 90].

Аз қадимулайём дар айёми ҷашни Меҳргон бо мақсади файзу баракат ва фаровонии соли оянда расму одат ва амалҳои эътиқодӣ иҷро карда мешудааст. Яке аз рамзҳои Меҳргон ранги арғувонӣ мансуб меёфт, ки дар либосҳои подшоҳу дарбориён мушоҳида мегардид. Рӯйи дастархони идона ҳатман анор мегузоштанд ва он рамзи фаровонӣ ҳисоб меёфт. Ҳамчунин бо мақсади саломатию тандурустӣ ва пешгирӣ аз ҳар гуна зиёну хатар мардум дар рӯзи ҷашн гулоби арғувонӣ менӯшиданд [11, 100].

Муаррихи араб Ҷоҳизи Басрӣ дар «Китоб-ул-маҳосин ва-л-аздод»-и худ, менависад, ки «дар ҷашни Меҳргон маъмулан вазирон, дабирон, хоссу хешу ақрабои шоҳ ба ӯ ҷомаҳои мурассаъ аз тиллою нуқраю ҷавоҳирот, бузургону ашрофон шоҳину уқоб, юз, зину афзори ҳотамкории аспро тақдим мекарданд. Ҳукамо ҷамъ шуда, панду ҳикматҳо мегуфтанд, шуаро шеърҳои нав қироат мекарданд, мутрибону сарояндагон оҳангу сурудҳои нав эҷод мекарданд», ки ин ҳам аз туҳфаҳои меҳргонӣ ба шумор мерафт [6, 81-82].

Муаққиқи эронӣ М. Ёҳақӣ менависад, ки «Меҳргон мисли Наврӯз маросиме дошт ва мардум дар ин рӯз барои якдигар ҳадя мефиристоданд. Султон тоҷи зарринеро, ки тасвири хуршед бар он буд, бар сар мениҳод ва дар Наврӯзу Меҳргон бори ом медод ва ҳар кас ба ҳузур мерафт, агар шикояте дошт, рӯ дар рӯ матраҳ мекард. Дар ин рӯз зардуштиён либоси нав мепӯшиданд ва суфраи алвон мегустарданд ва китоби «Авасто» ва ойинаву сурмадону шаробу гулоб ва... бавижа анор рӯйи он мечиданд. Агар навзоде дар ин рӯз мутаваллид мешуд, исми ӯро ба гунае интихоб мекарданд, ки вожаи «меҳр» дар он бошад» [10, 430].

Ии нуктаро муаррихони юнонӣ Ҳеродот ва Страбон низ қайд кардаанд, ки порсиён ба фарзандонашон номҳое, медоданд, ки дар таркибашон номи Меҳр (Митра) мавҷуд буд.

Ҳамин тариқ, пешгузаштагони мо ба ҷашни зебои Меҳргон алоқа ва муҳаббати зиёд дошта, ба шарафи ин ҷашн дар тӯли садсолаҳо базму маҳфилҳои шоҳона баргузор мекардаанд.

Хулоса, ҷашну ойинҳои аҷдодӣ, аз ҷумла Меҳргон моро на танҳо ба тамаддуни чандинҳазорсолаи халқи тоҷик пайванд медиҳанд, балки дар замони муосир мардуми мо, бахусус, наврасону ҷавононро ба худшиносиву худогоҳӣ ва ифтихори ватандорӣ раҳнамун месозад.

## АДАБИЁТ


1. Абӯрайҳони Берунӣ. Китоб ат-тафҳим ли авоили саноат-ит-танҷим [матн] / бо тасҳеҳи Ҷалолуддин Ҳумоӣ. - Теҳрон: чопхонаи Баҳман, 1362 ҳ. – 746 с.
2. Абӯрайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия [матн]. - Душанбе: Ирфон, 1990. - 432 с.
3. Авесто [матн] / тарҷумаи Ҷ. Дӯстхоҳ. - Душанбе: Қонуният, 2001. – 792 с.
4. Асадии Тӯсӣ. Ҳикоёт ва ҳикматҳо аз «Гашоспнома» [матн]. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2007. – 244 с.
5. Баҳор, М. Ҷусторе чанд дар фарҳанги Эрон [матн]. - Теҳрон: Интишороти Фикри

рӯз, 1376. – 360 с.
6. Бузургзод, Ҳ. Ҷашнҳо ва аъёди миллию мазҳабӣ дар Эрони қабл аз ислом [матн]. - Исфаҳон, 1350 ш. - 118 с.
7. Бундаҳиш [матн] / Фарнбаг Додагӣ. - Душанбе: Эҷод,2006. -196 с.
8. Муҳаммадҳусайн ибни Халафи Табрезӣ. Бурҳони қотеъ [матн] / бо эҳтимоми Муҳаммад Муин. Ҷилди III. - Теҳрон: Муассисаи интишоротии Амири Кабир, 1361. – 2023 с.
9. Гардезӣ, А. Зайн-ул-ахбор [матн] / Муҳаррир ва муаллифи таъliқот Р. Ризозода. Ба хатти кириллӣ баргардони Қ. Рустам.- Душанбе: Бухоро, 2014. - 416 с.
10. Ёҳаққӣ, М. Фарҳанги асотир ва достонвораҳо дар адабиёти форсӣ [матн] / таҳия, шарҳу тавзеҳот ва таъliқоти Р. Ваҳҳоб. - Душанбе: Бухоро, 2014. - 834 с.
11. Манучеҳрии Домғонӣ. Девон / Бо ҳавошӣ ва таъliқот ва тарҷуми аҳвол, фаҳорис, луғатнома ва муқобала бо нусхаҳои хаттӣ ва чопӣ, ба кӯшиши Муҳаммад Дабирсиёқӣ. (чопи дуюм). – Теҳрон: Интишороти китобфурӯшии «Заввор», чопи «Сипеҳр», 1338 ҳ. - 440 с.
12. Назарова, З.О. Отражеиии формулы клятвы в картине мира памирцев [текст] // Ахбори АИ ҶТ, №3, 2010. - С.120.
13. Носири Хусрав. Девон [матн] /бо тасҳеҳи Муҷтабо Минавӣ ва Маҳдӣ Муҳаққиқ. – Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1370 ҳ. - 771с.
14. Раҳмонӣ, Р. Бор [матн] // Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик [матн] / Сармуҳаррир Н.Амиршоҳӣ. - Ҷ.1. - Душанбе: СИЭМТ, 2015. - С. 159-162.
15. Раҳнамун, Ф. Пешнавиштор [матн] // Эронзамин. - №2. - 2002. - С.3.

ТДК 371.015
ТДУ – 74.00

# ҶАНБАҲОИ ПСИХОЛОГИИ РУШДИ ТАФАККУРИ МАНТИҚИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

***ШАРИФИЁН Муқаддас Холиқзода*** *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи назария ва методикаи тарбияи томактабии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, к. Мавлонбеков, 1.* ***E-mail:*** *egamberdieva.1982@inbox.ru,* ***тел.:*** *(+992) 927 91 77 34*

Дар мақола роҷеъ ба рушди тафаккури мантиқии хонандагон дар раванди таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ сухан меравад. Муаллифи мақола бомаврид қайд кардааст, ки мактаб хонандагонро ба омӯхтани забони адабӣ, забони илму фарҳанг водор месозад. Ҳамзамон, дар ташаккули ҳусни баён, ба маҳорати дар нутқ дуруст истифода карда тавонистани санъати лафзӣ, воситаҳои тасвиру образноки забон, аз қабили ташбеҳу ташхис, кинояву истиора, муболиғаву ғайра эътибори ҷиддӣ додан лозим аст. Қайд карда мешавад, ки тафаккур ҳамчун маҳсули фаъолияти зеҳнии инсон дар заминаи муайяни дараҷаи инкишофи хотира ташаккул меёбад. Барои инкишоф ва ташаккули тафаккури мантиқии хонандагон ба ҳам алоқамандии назарияву амалия, дар амалия истифода карда тавонистани дониш, дар асоси донишҳои мавҷуда ба роҳ мондани фаъолияти маърифатӣ бисёр муҳим аст. Дар охири соли таҳсили синфи 4 талабагон бояд чунин унсурҳои таҳлилро азбар намоянд, ки алоқамандии байни зуҳуроту мафҳум, аз қабили баҳамзиддӣ, ҷой доштани ин ё он муносибатҳои функсионалӣ, ҷузъ ва кулро ташкил диҳад. Бояд дар асоси ҷамъбасту хулосакуниҳо, ки дар раванди фаъолияти фикрӣ даст медиҳад, ҳодисаву воқеаҳо мавриди омӯзиш қарор ёфта, сохтори муайяни донишҳо равшан карда шаванд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *забони модарӣ, муошират, ибора, ҷумла, донишҳои фонетикӣ, лексикӣ, грамматикӣ, воситаҳои тасвирӣ, захираи луғавӣ, ҳусни баён, нутқи ҷолиб, таъсирбахш, тасаввуроти ахлоқию эстетикӣ, инкишофи нутқ, санъати лафзӣ, ташбеҳ, ташхис, киноя, истиора, муболиға, фаъолияти фикрӣ, равандҳои маърифатӣ, диққат, эҳсос, идрок, хотир, тафаккур, хаёл, нутқ, фаъолияти зеҳнӣ, тафаккури ҳиссӣ, тафаккури мантиқӣ.*

# ПСИХОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ РАЗВИТИЯ ЛОГИЧЕСКОГО МЫШЛЕНИЯ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ РОДНОМУ ЯЗЫКУ В НАЧАЛЬНЫХ КЛАССАХ

***ШАРИФИЁН Мукаддас Холикзода*** *– кандидат педагогических наук, доцент кафедры теория и методика дошкольного воспитания Худжандского государственного университета имени академика Бабаджана Гафурова, г. Худжанд, ул. Мавлонбекова, 1.* ***E-mail:*** *egamberdieva.1982@inbox.ru,* ***тел.:*** *(+992) 927 91 77 34*

В статье рассматриваются педагогические аспекты развития логического мышления учащихся в прцессе обучения русскому языку. Автор отмечает, что школа готовит учеников начальной школы к обучению литературному языку, языку науки и культуры. В то же время, в процессе развития развития речи необходимо формировать умения правильного использования различных речевых оборотов – метафору, аллегорию, иносказание. Автор полагает, что для развития логического мышления учеников начальных классов очень важно совмещать теоретические знания с практической деятельностью, потому как использование приобретенных знаний на практике способствует развитию познавательных процессов – ощущения, восприятия, памяти, мышления, речи, воображения. На основе обобщений, умозаключений, осмысления приобретенных знаний о предметах и явлениях реальности приобретаются навыки логического мышления.

***Ключевые слова:*** *родной язык, общение, слово, предложение, фонетические знания, лексика, грамматика, образные средства, словарный запас, речь, выразительное чтение, нравственно-эстетическое воображение, развитие речи, познавательные процессы, ощущение, восприятие, память, мышление, речь, воображение, метафора, иносказание, аллегория, интеллектуальная деятельность, логическое мышление.*

# PSYCHOLOGICAL ASPECTS OF THE DEVELOPMENT OF LOGICAL THINKING IN THE PROCESS OF TEACHING THE NATIVE LANGUAGE IN PRIMARY SCHOOL

***SHARIFIYON Muqaddas Kholiqzoda*** *– candidate of pedagogical sciences, associate professor of the department of theory and methods of preschool education, State educational institution Khujand State University named after academician Babajan Gafurov, Khujand, st. Mavlonbekova, 1.* ***E-mail:*** *egamberdieva.1982@inbox.ru,* ***phone:*** *(+992) 927 91 77 34*

The school prepares primary school students to learn literary language, the language of science and culture. At the same time, in the process of developing speech, it is necessary to develop the skills of correctly using various speech patterns - metaphor, allegory, allegory. The author believes that for the development of logical thinking of primary school students, it is very important to combine theoretical knowledge with practical activities, because the use of acquired knowledge in practice contributes to the development of cognitive processes - sensation, perception, memory, thinking, speech, imagination. Logical thinking skills are acquired on the basis of generalizations, conclusions, and comprehension of acquired knowledge about objects and phenomena of reality.

***Key words:*** *native language, communication, word, sentence, phonetic knowledge, vocabulary, grammar, figurative means, vocabulary, speech, expressive reading, moral and aesthetic imagination, speech development, cognitive processes, sensation, perception, memory, thinking, speech, imagination, metaphor, allegory, allegory, intellectual activity, logical thinking.*

Кӯдак забони модариашро тавассути зарурияту талаботи дар ҷамъияту муҳит ҷой дошта, ки ифодаи фикр, ҳиссиёту ҳаяҷонҳои гуногунро тақозо мекунад, меомӯзад. Муомилаву муошират дар ҷамъият дар унсурҳои умумигаштаи забонӣ, аз қабили, калима, ибораву ҷумла ва тобишҳои маънои гуногуни онҳо ифода меёбанд. Кӯдак забонро дар муомила бо ҳамсолону калонсолон, дар фаъолиятҳои бозиву таълми аз бар мекунад, ки албатта он аз

камбудиҳо холӣ нест, зеро азхудкунии забон дар ин давра тариқи стихиявӣ сурат мегирад. Дар ин ҳолат якчанд ҷабҳаҳои муҳими забон аз бар намешаванд. Барои ҳалли масъалаи мазкур ҷойгоҳи муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, ки боғчаҳои бачагона ва мактабҳо ба онҳо шомиланд, хеле назаррас аст.

Аввалан, кӯдакон бояд аз нахустрӯзи таълим дар мактаб ба омӯхтани забони адабӣ, ки ҷавобгӯи меъёрҳои забони адабиянд, ҳидоят карда шавад. Онҳо бояд забони адабиро аз забони кӯчаву бозор фарқ карда метавонистагӣ шаванд. Маҳз мактаб – таълими махсус, хонандагонро ба омӯхтани забони адабӣ, забони илму фарҳанг водор месозад. Ин бошад аз мактабу маориф сохтори муайяни маълумот, фаъолияти ба нақша гирифташударо талаб мекунад, ки ба имконоти синну солӣ ва равонии мактабиёни хурдсол мувофиқат намояд.

Аз ҷониби дигар, талабагон дар таълими ибтидоӣ хондану навиштанро низ аз бар мекунанд, ки ба инкишофу такмили нутқи онҳо бетаъсир намемонад. Айнан тавассути хонишу хат талабагон истифодаи донишҳои фонетикиву графикӣ, лексикиву грамматикӣ, орфоэтипикиву орфографиро меомӯзанд.

Яке аз василаҳои таъсирбахшу ҷолиб намудани нутқ, дурусту нишонрас ва бомаврид истифода карда тавонистани маҷоз – воситаҳои тасвирӣ ва образноки забон мебошад. Танҳо бо ёрии онҳо захираи луғати кӯдакон бою рангин, пуртаъсиру диққатҷалбкунанда мешавад, ҳамчунин, ин омили мусоидаткунандаи бедор намудани тафаккур, тахайюлоти (фантазияи) рангини бачагон маҳсуб меёбад.

В.А.Сухомлинский бисёр ҳам хуб таъкид кардааст: «... бачагонро ба чаҳорбоғе ворид созем, ки номи он забони модарист ва ҷидду ҷаҳд намоем, ки ҳар як бача зебоии сухан, каломи модариашро кашф карда, аз он ба ҳайрат ояд» ва ҳақ бар ҷониби ӯст, ки «...муҳаббати Ватан бидуни муҳаббати забони модарӣ имконнопазир аст»[11].

Хишти аввал дар ташаккули ҳусни баён, нутқи ҷолибу таъсирбахш дар синфҳои ибтидоӣ гузошта мешавад. Ин аст, ки дар барномаи синфҳои ибтидоӣ таълиму ташаккули ҳусни баён махсус таъкид мешавад.

Яке аз мақсадҳои асосии таълими ибтидоии забони тоҷикиро барномаи синфҳои ибтидоӣ чунин аст: «... омӯзиши сухан кардану сухан шунидан, ... ташаккули тасаввуроти ахлоқию эстетикӣ, фикр ва нутқи онҳоро бой намудан муҳимтарин вазифаи дарсҳои забони модарӣ инкишофи нутқи гуфториву навишторӣ, таъмини маҳорати мустақилона ба қалам додани фикр ва тарбияи маънавии хурдсолон мебошад», ки дар он таълими воситаҳои образноки забон, воситаи тасвирии забон, ки ҳусну қубҳи забон аз бисёр ҷиҳатҳо ба онҳо вобаста аст, муҳим мебошад.

Таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ тарҳи амалӣ дорад, вале ин чунин маъно надорад, ки ошноӣ бо санъати лафзӣ дар баёни мазмуни асарҳои бадеӣ, навиштани мушоҳидаҳо, тасвири манзараҳои табиат ва ғайра сарфи назар карда шавад.

Маҳз дар хонишу таҳлили асарҳои адибони классику муосир муаллим бояд ба ҳамон қисматҳои асар эътибори бештар диҳад, ки ба ташаккули ҳусни баён, гуфтори ҷолибу таъсирбахши кӯдакон мусоидат кунанд.

Дар ташаккули ҳусни сухан, инкишофи нутқи ҷолибу образноки забон мавқеи ...тартиб додани ҷумлаҳо аз рӯи мазмуни расмҳо бо ёрии муаллиму намунаҳо... тартиб додани ҷумлаҳоеро ёд гиранд, ки дар онҳо унсурҳои тасвир, воситаҳои образноки забон мавқеъ пайдо карда тавонанд [11].

Барномаи синфҳои ибтидоӣ «ба тарзи баёни адабӣ ва бадеӣ шарҳ дода тавонистани чизи дида, шунида ё хондашуда, истифодаи унсурҳои тарзи баёни бадеӣ дар матнро» махсус таъкид мекунад.

«Тартиб додани ҳикоя аз рӯи мушоҳидаи табиат, ки дар он унсурҳои тасвир бояд мавқеъ дошта бошанд. Бо ин мақсад ба роҳ мондани шарҳи маъноҳои гуногуни калимаву ибораҳо дар матн. Аз матн ёфтани калима ва ибораҳои кушояндаи образи қаҳрамонон ва манзараи табиатро тақозокунандаро қайд кардан ҷоиз аст».

Аз таҳлили ҳадафгузориҳои барномаи синфҳои ибтидоӣ бармеояд, ки дар ташаккули ҳусни баён, ба маҳорати дар нутқ дуруст истифода карда тавонистани санъати лафзӣ, воситаҳои тасвиру образноки забон, аз қабили ташбеҳу ташхис, киноя ву истиора, муболиғаву ғайра эътибори ҷиддӣ додан лозим аст. Инҷо нақши ҳалкунандаро санъату маҳорати омӯзгор,

эҷодкору нисбати худ серталаб будани ӯ мебозад, ки тавассути силсилаи машқ, мавод ва усулу василаҳои таълимӣ ба мацсади гузошташуда мерасад.

Устод М.Лутфуллоев дар тарҳрезӣ ва ҷобаҷогузории маводи таълимӣ, пеш аз ҳама, ба инкишофи нутқ– нутқи маданӣ, ташаккули ҳусни баён, имконоти онҳо дар сайқал додани маданияти нутқ диққати махсус додаст [6].

Маврид ба қайд аст, ки, фаъолияти фикрӣ бо амалияи равандҳои маърифатии шахс (диққат, эҳсос, идрок, хотир, тафаккур, хаёл ва нутқ) зич алоқаманд аст. Ҳама гуна намудҳои фаъолияти одам – меҳнат, таълим, бозӣ, ҳалли масъалаи фикриро талаб мекунанд. Амалия сарчашмаи фаъолияти фикрии мактаббачагон аст. Дар баробари ин, амалия ҳам барои эҳсосу идрок ва ҳам барои тафаккур меъёри ҳақиқат мебошад. Одам ҷамъбаст ва хулосаҳояшро дар амалия месанҷад. Амалия фаъолияти фикрии инсонро ислоҳ мекунад. Амалия ин ҳамон соҳаест, ки дар он натиҷаҳои фаъолияти фикрӣ татбиқ мегарданд. Чунин амалҳо дар фаъолияти таълимии хонандагони синни хурди мактабӣ аз рӯзҳои аввали ба таълим ҷалб кардани онҳо зоҳир мешавад. Хонанда минбаъд барои аз худ кардани дониш ба душвориҳо дучор омада, кӯшиши аз он баромадан мекунад. Барои аз чунин вазъият баромадани талаба таъсири муаллим, волидайн ва одамони иҳотакардаи ӯ нақши муассир мебозад.

Аз гуфтаҳои болоӣ бармеояд, ки яке аз вазифаҳои муҳими мактаб ҳанӯз аз нахустқадамҳои кӯдакон, ташаккул додани маҳорати ба роҳ мондани фаъолияти фикрӣ дар онҳо мебошад.

И.М.Сеченов қайд карда буд, ки «тафаккур ин рӯбарӯ омадани фикри инсонӣ бо ҳақиқати объективӣ буда раванди онро идрок ташкил менамояд. Ин аст реаксияи ҷавобӣ ба ҳақиқати воқеӣ» [10].

Психологҳо (Л.С.Виготский, С.Л.Рубинштейн, П.П.Блонский ва диг. ) таъкид мекунанд, ки тафаккур бо нутқ – забон муносибати тарафайн дошта, ба инкишофи ҳамдигар таъсир мерасонанд. Нутқ воқеияти бевоситаи фикр аст. Ҳар қадар ки тафаккур инкишоф ёбад, нутқ, забон ҳам ҳамонқадар суфтаву равон мегардад. Ҳамзамон нутқи ҳаматарафа инкишофёта дар рушди тафаккур низ бе таъсир намемонад.

Маълум аст, ки тафаккур ҳамчун маҳсули фаъолияти зеҳнии инсон дар заминаи муайяни дараҷаи инкишофи хотира ташаккул меёбад. Барои он ки фаъолияти фикрии кӯдак такмил ёбад, бояд дар зеҳни вай донишу маълумотҳои заруриро ҷамъ намудаву онро ба истифода гузошта, актуалӣ гардонид.

Ба андешаи П.П.Блонский: «Мазмуни хотира – ин таассуроти ҳосилшуда, мазмуни фикррронӣ, ин масъалаҳои ҳалношуда мебошад». Олим фикрҳои як қатор педагогҳоро, ки ақидаи тафаккур бидуни дониш низ инкишоф ёфта метавонад-ро ҷонибдорӣ мекарданд, зери тозиёнаи танқид гирифта мегӯяд, ки «агар дониш набошад, пас барои инкишофи тафаккур асос, поя мавҷуд нест». Дар ин бобат ӯ таъкид мекунад, ки «дониш василаи асосӣ ва натиҷаи ниҳоии тафаккур мебошад».

П.П.Блонский алоқамандии донишу амалияро таъкид намуда зикр мекунад, ки: «Каллаи холӣ муҳокимаронӣ карда наметавонад. Муҳокимаронӣ ба андозаи таҷрибаву дониш вобаста аст». Лекин бояд тазаккур дод, ки «аз бар намудани роҳу усулҳои фаъолонидани фикр танҳо дар сурати ба кор даромадани тафаккури мантиқиву мустақилона, ки омӯзиши сохтори муайяни донишҳоро таъмин мекунад, даст медиҳад» [1].

Аз гуфтаҳои болоӣ бармеояд, ки барои инкишоф ва ташаккули тафаккури мантиқии хонандагон ба ҳам алоқамандии назарияву амалия, дар амалия истифода карда тавонистани дониш, дар асоси донишҳои мавҷуда ба роҳ мондани фаъолияти маърифатӣ бисёр муҳим аст.

Илми психология собит кардааст, ки кӯдаки 7-8 сола одатан ба тафаккури ҳиссӣ бештар такя мекунад. Тафаккури вай ба эҳсос вобастагӣ дошта, маҳз дар таълими ибтидоӣ дар ӯ гузариш аз тафаккури ҳиссӣ ба тафаккури абстрактӣ воқеъӣ мегардад.

Дар лаҳзаи гузариш ба ҳалқаи миёнаи мактабӣ (синфи 5) бояд талаба маҳорати мустақилона фикррронӣ намудан, баровардани хулосаҳо, қиёсу муқоисакунӣ, таҳлилу таркиб, ёфтану муайян намудани аломатҳои умумиву ҷузъии ашёву ҳодисаҳоро ӯҳда карда метавонистагӣ шаванд.

Мувофиқи талаботи мавҷуда, тибқи инкишофи қобилиятҳои зеҳнии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, кӯдаки дар ин зинаи таълим таҳсилкунанда, бояд маҳорати муайяни фикррониро азбар карда бошад. Барои он ки мо дар талабагон мафҳумҳои илмиро ташаккул

диҳем, бояд аввало дар онҳо маҳорати ба аломатҳои ашё муносибати инфиродӣ намуданро омӯзонем. Бояд хонандагони хурдсол идрок намоянд, ки ҳар як ашё аломату хусусиятҳои хоси худро дорад, ки бидуни он ашёҳоро бо мафҳум мувофиқат кунонидан имконнопазир аст.

Кӯдакӣ 7-8 сола соҳиби тафаккури воқеӣ мебошад. Маъмулан, бача ҳангоми таҳсил дар синфҳои ибтидоӣ, пеш аз ҳама бо моҳияти мафҳум ошноӣ пайдо карда, аломатҳои асосӣ ва дуюмдараҷаи онро бояд фарқ карда тавонад..

Ин аст, ки педагоги рус А.Ф.Тихомирова инкишофи тафаккури назариявии кӯдаконро ба 5 давра ҷудо кардааст [12].

Давраи якумро дар шаклгирии тафаккури назариявӣ – ошноӣ бо аломатҳои мафҳум ташкил медиҳад.

Дар давраи дуюм маҳорати бо аломатҳои барҷастаи ашёҳо амалиёт гузаронидан, яъне ташаккули яке аз паҳлӯҳои амалиёти мантиқӣ –абстрактонидан – дар назар дошта мешавад.

Дар давраи сеюм бояд ба ташаккули маҳорати муқоисакунӣ, ки ба муқоисаи аломатҳои барҷаста ифодаёфтаву ниҳонии ашё асос мегирад, диққати ҷиддӣ дода шавад. Дар ташаккули чунин амалиёти мантиқӣ ба масъалаи ҷустуҷӯи аломатҳои умумӣ ва фарқкунандаи мафҳумҳо, ашёву ҳодисаҳо бояд эътибори махсус дод.

Воқеӣ намудани се давраи инкишофи тафаккури мантиқӣ вазифаи раванди таълими синфҳои 1-2 буда, дар синфи сеюм давраи чорум – маҳорати ёфтани мафҳумҳои хешиву авлодӣ ва муайянкунии алоқамандии ашёву мафҳумҳо омӯзонида мешавад. Дар давраи панҷум фаъолияти таҳлилии бачагон, ки дар синфҳои 1-2 аз бар шуда буд, васеътар мегардад. Акнун бачагон (дар синфҳои 3-4) маҳорати таҳлил намудани алоқамандӣ байни ашёву ҳодисаҳо, аз қабили ҷузъу қисм, монандиву фарқият, сабабу оқибат ва ғайраро меомӯзанд. Дар ниҳоят, чунин коргузорӣ дар талабагони хурдсол кор бо чунин паҳлӯҳои амалиёти мантиқӣ, аз қабили, ҷамъбасткунӣ, гурӯҳбандӣ (классификатсия), таҳлил ва таркибро меомӯзонад.

Дар охири соли таҳсили синфи 4 талабагон бояд чунин унсурҳои таҳлилро азбар намоянд, ки алоқамандии байни зуҳуроту мафҳум, аз қабили баҳамзиддӣ, ҷой доштани ин ё он муносибатҳои функсионалӣ, ҷузъ ва кулро ташкил диҳад.

Инкишофи тафаккури назариявӣ оид ба мафҳумҳо ба шаклгирӣ, ба миён омадани рефлекс (яъне идрок кардани амалиёту муносибати хеш) мусоидат намуда, ба идроки бошууронаи ҳодисаву воқеаҳо-мафҳумҳо-табдил меёбад.

Психолог Н.Н.Ладыгина-Котс зикр мекунад, ки «тафаккур раванди маърифатиест, ки тавассути он инсон дар бораи олами ҳастӣ дониши мукаммал мегирад ва он бо ҳақиқати реалӣ сахт марбут аст. Дар навбати худ инсон ба ҳақиқати воқеӣ таъсир расонида, онро меомӯзад ва ба он тағйирот медароварад» [9].

Тафаккур, бахусус, тафаккури мантиқӣ, ки маҳорати муайян карда тавонистани масълаҳои нав ва бидуни кӯмаки дигарон ёфта тавонистани роҳи ҳалли онҳоро дар назар дорад, пеш аз ҳама, дар ҷараёни фаъолияти фикрӣ зуҳур меёбад.

Таҳлил, амали фикрӣ – фикран муайян намудани алоқамандиҳои зарурии ашёҳо, ҷудо карда тавонистани онҳо ва дар амалия – дар қоидаву таъриф, қонуниятҳои мавҷудаи объекти омӯхташаванда истифода карда тавонистани онҳо мебошад. Он бояд дар асоси муқоиса алоқамандии тарафҳои норавшани объектро равшан намояд, умумият ва фарқияти мавҷударо гурӯҳбандӣ кунад, ки ҳамаи ин маҳз тавассути фаъолияти фикрӣ амалӣ мегардад.

Шакли асосии ифодаи тафаккур – чӣ мантиқиву чӣ мустақилона – мафҳум мебошад. Вай ҳамчун яке аз шаклҳои тафаккур хусусӣ буда, алоқа ва муносибатҳои муҳимтарини ашёву ҳодисаҳоро ифода мекунад.

Дар ҷараёни таълим кор бо мафҳум мавқеи муҳим касб мекунад. Мафҳум қисми асосии дониши шахсро ташкил медиҳад. Талаба дар мактаб бояд дар муддати кӯтоҳ сохтори муайяни илмии мафҳумҳоро аз бар намояд, ки дар тӯли асрҳо шакл гирифтааст. Ин кори саҳлу осон нест! Бояд дар асоси ҷамъбасту хулосакуниҳо, ки дар раванди фаъолияти фикрӣ даст медиҳад, ҳодисаву воқеаҳо мавриди омӯзиш қарор ёфта, сохтори муайяни донишҳо равшан карда шаванд. Алоқамандии мафҳумҳо дар муҳокимарониҳо ошкор мешаванд. Дар ҳар як муҳокимаронӣ алоқамандӣ ва баъзе вобастагии паҳлӯҳои мафҳумҳо равшан карда мешаванд, ки ба мафҳуми омӯхташаванда тааллуқманданд. Агар муҳокимаи объекти омӯхташаванда, алоқамандии тарафҳои онро дуруст инъикос карда тавонад, ин гуна муҳокимаронӣ дуруст

буда, дар акси ҳол нодуруст ва нопурра мемонад, яъне тавассути муносибати мафҳумҳо чизе тасдиқ ва ё инкор карда мешавад. Фикр кардан ин собит намудани муҳокима аст.

Равоншинос Л.С.Виготский чунин иброз дорад, ки умуман, муҳокимаронӣ дар тафаккур дар ду намуд: бевосита ва бавосита шакл мегирад. Масалан, гуфтори «Ин давра аст» муҳокимаронии бевосита мебошад, зеро он дар заминаи таъсири ҳиссӣ ба миён омадааст. Чун мо дар бораи давра тариқи зайл муҳокима меронем: Давра чунин шакли геометриест, ки аз нуқтаҳои зиёди геометрӣ ташкил ёфта, аз маркази он дар як масофа ҷойгиранд», ин натиҷаи фаъолият фикрӣ буда, дар асоси хулосаҳои илмӣ арзи вуҷуд намудааст [2].

Дар ҷараёни фаъолияти фикрӣ гузариш аз як муҳокимаронӣ ба гурӯҳи муҳокимаroniҳои байни ҳам алоқаманд ба миён омада, дониши навро ба вуҷуд меорад. Чунин гузариш, хулосакунии илмӣ мебошад. Хулосаҳои илмӣ – ин чунин алоқамандии фикру муҳокимрониҳост, ки дар асоси он мо муҳокимаронии тамоман дигарро ба даст меорем, ки заминаи онро муҳокимарониҳои пешина ташкил додаанд.

Бо такя ба ақидаҳои зикршуда, хусусиятҳои хоси тафаккурро ҳамчун раванди олитарини инъикоси олами воқеӣ номбар намудан мумкин аст, ки зеринанд:

1.Тафаккур фақат дар заминаи аз бар ва истифода намудани донишҳо ташаккул ва инкишоф мeёбад.

2.Тафаккур бо амалия алоқаи ногусастанӣ дорад, ё ба ибораи дигар, шакли ибтидоии воқеияти фикр – тафаккур, амали фикрӣ аст.

3.Тафаккур характери муаммовӣ дорад. Он ҳамеша чизеро ҷустуҷӯ ва дарёфт намуданро тақозо мекунад.

4.Шакли асосии ифодаи мустақилияти тафаккур ин мафҳум, муҳокимаронӣ ва хулосагузориҳои зеҳнӣ мебошад.

5.Тафаккур танҳо бо роҳи баёни калимагӣ ва истифодаи амалиётҳои мантиқӣ амаливу воқеӣ мегардад.

6.Тафаккур бо нутқ алоқаманд буда, он ҳамеша тарҳи ҷамъбасткунии фикрро дорад.

Тафаккур ҷараёни психологии дарки объекти воқеият аст ва инсон бо усулҳои тайёри муҳокимаронӣ тавлид намешавад. Он дар тӯли таҷрибаҳои зиндагӣ, ҳангоми кордоршавӣ бо шаклҳои объективии ҷаҳони воқеӣ ба миён меояд, яъне тафаккур бидуни муҳокимаву муносибати одамон вуҷуд надорад.

Бодарназардошти ин, зимни роҳандозии ҷараёни ташаккули қобилиятҳои фикрии хонандагон, муаллим бояд хусусиятҳои инфиродии зеҳнии ҳар як талабаро ба назар гирад ва диққати онҳоро ба худ ҷалб карда тавонад.

Равоншинос А.Н.Леонтев қайд мекунад, ки “муаллим бояд ҳамеша бодиққат бошад ва бо ибрати шахсӣ ба талабаҳо бодиққатиро омӯзонад”. Кори мураттаби муаллим барои тарбияи диққат натиҷаи мусбат медиҳад – дар талабаҳо одати ҳар корро бодиққат иҷро намуданро ташаккул медиҳад. Хусусиятҳои синнусолии хотири бачаҳои синни хурди мактабӣ дар зери теъсири таълим тараққӣ мекунанд. Мавқеъ ва аҳамияти бахотиргирии калимагию мантиқӣ меафзояд ва имконияти шуурона идора намудани хотир ва ба тартиб даровардани зуҳуроти он инкишоф мeёбад [8].

Маҳз ба роҳ мондани ҷараёни таълиму тарбия ба он мусоидат мекунад, ки мақсади фаъолияти таълимӣ амалӣ гардад: Д.Б.Элконин мегӯяд – «фаъолияти таълимӣ дар ҷараёни дарс таҳти роҳбарии муайян ташаккул мeёбад, ташаккулёбии он муҳимтарин омили таълим ба шумор меравад, ки аҳамияти он аз омӯхтани донишу малакаҳо камтар нест. Аз ин рӯ, мактаб ва оила инкишофи ҳаматарафаи фикрӣ ва тарбиявии ташаккул додани маънавиёти насли наврасро таъмин намоянд, барои дарки маърифатии онҳо тамоми шароитҳоро муҳайё созанд. Барои ҳалли натиҷабахши ин вазифа зарур аст, ки хусусиятҳои анатомӣ - физиологӣ ва психологии бачагон дар ҷараёни таълим ба эътибор гирифта шавад» [13].

Агар мактаббачаҳои хурдсол ҳангоми омӯзиши предмет аз асбобҳои аёнӣ: модел, расм, схема ва ғайра истифода баранд, дар он сурат аз худ намудани усулҳои бахотиргирии маъноӣ нисбатан бомуваффақият мегузарад.

Муҳим он аст, ки мо дар талабаҳо мақсади муддати дароз дар хотир нигоҳ доштани маводи таълимиро тарбия намоем. Тарбия намудани мақсади мустаҳкамтар ба хотир гирифтан, ҳам бо санҷиши доимӣ ва мураттаби дониши маводи ҳозир омӯхташаванда ва ҳам бо маводи пештар азбаршуда алоқаманд аст.

Ҳамин тавр, ташаккули тафаккури мантиқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълими фанни забони модарӣ, алалхусус, интихоби маводи таълимӣ, ки ба мақсади инкишофи тафаккури мантиқӣ, рушди ҳусни баён, таъсирбахшию ҷолибияти нутқи хонандагони хурдсол нигаронида шудааст, мавқеи муҳим дорад.

**АДАБИЁТ**


1. Блонский, П. П. Психология младшего школьника: избранные психологические труды [Текст] / П. П. Блонский; под ред. А. И. Липкиной, Т. Д. Марцинковской. – М.: Моск. психол.-социал. ин-т; Воронеж. : МОДЭК, 2006. – 629 с.
2. Выготский, Л.С. Мышление и речь. // Выготский Л.С. Собр. соч. В 6-ти т. Т.2. – М.: Педагогика, 1982. – 504 с.
3. Гальперин, П.Я. Методы обучения и умственное развитие ребенка. - М., 1985. - С.8.
4. Гальперин, П.Я., Запорожец А.В., Карпова С.Н. Актуальные проблемы возрастной психологии: Материалы к курсу лекций. - М.: Изд-во МГУ, 1978. - 118 с.
5. Давыдов, В.В. Виды обобщения в обучении. – М.: Педагогика, 1972. – 424 с.
6. Лутфуллоев, М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. - Душанбе: Собириён, 2007. - 463 с.
7. Лутфуллоев, М., Шарифов, Э., Рабиев, С.М. Усули таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. - Хуҷанд, 2008. - 128с
8. Леонтьев, А.Н. Деятельность. сознание. Личность. – М.: ИПЛ, 1977. – 304 с.
9. Ладыгина-Котс, Н. Н. Предпосылки человеческого мышления. - М: Советская наука, 1965.
10. Сеченов, И.М. Речь И.М. Сеченова О предметном мышлении с физиологической точки зрения, произнесенная в общем собрании IX Съезда 4 января 1894 года. (1894)
11. Сухомлинский, В.А. Воспитание коллективизма у школьников: из опыта работы сел. сред. шк. / В. А. Сухомлинский. – М. : Изд-во Акад. пед наук РСФСР, 1956. – 272 с
12. Тихомиров, О. К. Психология мышления. [Текст] : учеб. пособие для студентов вузов по спец. психологии / О. К. Тихомиров. – М. : Академия, 2007. – 288 с.
13. Эльконин, Д. Б. Избарнные психологические труды. Москва, Педагогика. – 1989. – 288с.


## РУШДИ ТАСАВУРОТ ОИД БА ЛАЁҚАТМАНДӢ ДАР АДАБИЁТИ ФАЛСАФӢ ВА ПСИХОЛОГӢ-ПЕДАГОГӢ

***АБДУРАҲМОНОВ Гулрӯз Нурмаҳмадович*** *– сармутахассиси шуъбаи методикаи таълим, психология ва омодасозии кадрҳои илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои психологӣ, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2.* ***E-mail:*** *abduraxmonov_1979@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992)98 333 02 79*

Дар мақола таърихи пайдоиш ва рушди тасаввурот оид ба лаёқат, нубуғ ва истеъдод дар адабиёти фалсафӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст. Дигаргун шудан ва рушд намудани тасаввурот оид ба зуҳуроти болозикр дар фалсафаи тосхоластикӣ, схоластикӣ ва пасосхоластикӣ пайгирӣ гаштааст. Хулоса карда мешавад, ки танҳо дар фалсафаи пасосхоластикӣ мафҳумҳои лаёқат, истеъдод ва нубуғ дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиши объективии илмӣ қарор гирифтанд. Аҳамияти омӯзиши фалсафии мафҳумҳои мазкур барои заминаи мусоид фароҳам овардан дар омӯзиши нисбатан муназзам ва илмии ин зуҳурот дар илми психологияи таъкид мегардад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *рушд, лаёқат, истеъдод, нубуғ, фалсафа, фалсафаи антиқа, фалсафаи тосхоластикӣ, фалсафаи схоластикӣ, фалсафаи пасосхоластикӣ.*

# РАЗВИТИЯ ПРЕДСТАВЛЕНИЙ ОБ ОДАРЁННОСТИ В ФИЛОСОФСКОЙ И ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

***АБДУРАХМОНОВ Гулруз Нурмахмадович*** *– главный специалист отделения методики обучения, психологии и подготовки научных кадров Академии образования Таджикистана, кандидат психолгических наук Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамов, 11/2.* ***E-mail:*** *abduraxmonov_1979@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 98 333 02 79*

В статье анализируется и рассматривается история возникновения и развития представлений о способностях, гениальности и таланте в философской литературе. Изменение и развитие представлений о вышеназванных явлениях прослеживается в досхоластической, схоластической и постсхоластической философии. Делается вывод, что только в постсхоластической философии понятия способности, таланта и гениальности изучались отдельно и объективно. Подчеркивается важность философского изучения этих понятий для создания благоприятной основы для систематического и научного изучения этих явлений в психологической науке.

***Ключевые слова:*** *развитие, способности, талант, гениальность, философия, античная философия, тосхоластическая философия, схоластическая философия, постсхоластическая философия.*

# DEVELOPMENT OF IDEAS ABOUT ABILITIES, GENIUS AND TALENT IN PHILOSOPHICAL LITERATURE

***ABDURAKHMONOV Gulruz Nurmakhmadovich*** *– chief specialist of the department of teaching methods, psychology and training of scientific personnel of the Academy of Education of Tajikistan, candidate of psychological sciences of the Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, st. A. Adkhamov, 11/2.* ***E-mail:*** *abduraxmonov_1979@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 98 333 02 79*

The article analyzes and discusses the history of the emergence and development of ideas about ability, genius and talent in philosophical literature. The change and development of ideas about the above-mentioned phenomena can be traced in pre-scholastic, scholastic and post-scholastic philosophy. It is concluded that only in post-scholastic philosophy were the concepts of ability, talent and genius studied separately and objectively. The importance of philosophical study of these concepts is emphasized to create a favorable basis for the systematic and scientific study of these phenomena in psychological science.

***Key words:*** *development, abilities, talent, genius, philosophy, ancient philosophy, toscholastic philosophy, scholastic philosophy, post-scholastic philosophy.*

Истифодаи босамари захираи ақлонӣ ва эҷодии ҷомеа аз масъалаҳои умдатаринест, ки дар ҳар давру замон ба он диққати хосса дода мешуд. Ҳанӯз 2,5 ҳазор сол қабл ҳакими чинӣ Конфутсио идеяи ҷудо намудани кӯдакони болаёқат ва вобаста ба махсусияти лаёқаташон таълим додани эшонро пешниҳод намуда буд. Ҳакими юнонӣ Афлотун низ чунин мешумурд, ки кӯдакони болаёқат бояд аз хурдӣ муайян карда шуда, ба онҳо илмҳои барои давлат зарурӣ омӯзонида шаванд.

Ин аст, ки дар мақолаи мазкур тасмим гирифтем рушди фаҳмиш оид ба лаёқатмандӣ, истеъдод ва нубуғро дар илми фалсафа пайгирӣ намоем.

Фалсафаи антиқа – ин маҷмуи таълимоти фалсафӣ мебошад, ки дар ҷомеаи қадимаи ғуломдории юнонию румӣ аз охири асрҳои VII-и то мелод то асрҳои VI-и мелодӣ рушд намудааст [2].

Аз аҳди антиқа огоз намуда, мутафаккирон миёни чунин мафҳумҳо ба монанди лаёқатмандӣ, нубуғ ва истеъдод фарқиятҳои муҳим намегузоштанд.

Зиёда аз ин, аксаран онҳо чунин одамонро нобиға ё боистеъдод ҳам намехонданд. Ҳарчанд калимаи гений решаи лотинӣ дорад [5].

Марҳилаи тосхоластикиро нисбати андешаҳо перомуни нубуғ, истеъдод ва лаёқатмандӣ ба ду ҷараён тақсим намудан мумкин аст. Ба сифати меъёри чунин ҷудонамоӣ ғояро оид ба озодии инсон қабул намудан мумкин аст.

Намояндагони ҷараёни якум ғояи азалӣ будани рушди инсон, мавҷудияти тақдир, як нерӯеро, ки ҳама гуна зуҳуроти инсониро муайян месозад, ҷонибдорӣ мекунанд. Ба чунин файласуфон Афлотун, Посидоний, Сенека, Плотин мансубанд. Қисман андешаҳои ба ин монанро Демокрит низ ҷонибдорӣ мекунад.

Ба андешаи Афлотун рӯҳҳои инсонҳо метавонанд ба кавкабаи худоҳо пайравӣ намоянд. Зимнан, чунин рӯҳҳое мавҷуданд, ки бештар қобиланд пайрави худоҳо бошанд (ва ин тасодуф нест ва аз иродаи соҳиби рӯҳ низ вобаста нест, ки дар зер муфассалтар баррасӣ мекардад). Чунин рӯҳҳо ба худоҳо монанд мешаванд ва тавасути ҳаракати даврзанандаи осмон ба кавкаба ҷалб мегарданд. Ҳангоми чархзанӣ рӯҳ донишро мушоҳида мекунад.

Умуман, одами лаёқатманд ё нобиға ба андешаи Афлотун – ин шахсест, ки соҳиби дониши ҳақиқӣ аст. Ба андешаи Афлотун, рӯҳҳои одамони алоҳида на танҳо аз рӯи некӯкорӣ ва шуҷоати ахлокии худ, балки инчунин аз рӯи қобилиятҳои зеҳнӣ ва дигар имкониятҳояшон фарқ мекунанд. Пас ин қобилиятҳо чӣ гуна зоҳир мегарданд? Меъёри асосии зоҳиргардии онҳо ва ҳамзамон нишондиҳандаи мавҷудияти лаёқатмандиро Афлотун илҳом медонад. Зуҳуроти лаёқатмандиро Афлотун дар мисоли эҷодиёт баррасӣ мекунад.

Сарчашма ва сабаби эҷодиётро савдоӣ будани наққош ташкил медиҳад, ки намуди махсуси илҳом буда, ба ӯ аз ҷониби қудратҳои олии илоҳӣ илқо мегардад. Нерӯҳои мазкур аз рӯи табиати худ на ба даъват ва на ба дигар таъсиррасониҳои шуурона дастрас нестанд. Яъне сухан дар бораи на танҳо хилофи мантиқ будани илҳом ҳамчун зуҳуроти лаёқатмандӣ ва истеъдод, балки аз мухтории мутлақи он аз ирода ва хусусиятҳои шахс меравад.

Инсонро на таълиму омӯзиш, на ирода барои такмилёбӣ ё баланд кардани маҳорат, балки интихоби ба тарзи барои инсон номавҳум дар ӯ қароргирифтаи қудратҳои илоҳӣ наққоши мумтоз мегардонад.

Интихоби мазкур на хирад ва на характери инсонро дигаргун намесозад, балки танҳо барои муддате ба ӯ қудрати наққошӣ мебахшад ва зимнан, ҳамеша дар як самти қатъиян муайян. Дар тамоми дигар самтҳо ҳар яке аз онҳо (одамони лаёқатманд) заифанд [3].

Яъне Афлотун лаёқатмандиро ба маънии таҳтуллафзияш – ҳамчун атои худованд маънидод мекард, ки хусусияти ғайримантиқиро соҳиб аст. Ғайримантиқӣ будани он дар маърифатнашавандагии мутлақ ва пешгӯинашавандагияш ифода мeёбад. Дар баробари ин, инсони лаёқатманд танҳо дар сурате офарида метавонад, ки илҳомгирифта ва бехуд гардида, аз ақл дур гардад, зеро то замоне дар инсон ин ато (ақл) мавҷуд аст, ӯ ба эҷодкорӣ ва пешгӯнамоӣ қодир нахоҳад буд.

Дар баробари маҳдудияти болозикр Афлотун инчунин як ҷанбаи дигарро ҷудо мекунад – қатъиян рад намудани нақши таълим дар рушди лаёқатмандӣ. Ба андешаи ӯ таълим барои табдили фаъолият ба касб, маҳорат мусоидат мекунад. Ва агар фаъолият чунин шаклро бигирад, пас кудратҳои илоҳӣ ба манфиати шахсе, ки ба чунин табаддулот роҳ додаст, интихоби худро анҷом нахоҳанд дод. Роҳи ҳалли ин муаммо ба даст овардани донишҳо дар ҷодаи мазкур дар чаҳорчӯбаи рушд ва таълими маҷмуии инсон мебошад.

Ҳамин тариқ, Афлотун лаёқатро қудрати илоҳии ғайримантиқӣ ва пешгӯинашаванда медонад, ки одамони фаъолияташонро ба касб табдилнадодаро интихоб менамояд ва ба онҳо тавассути Олиҳаҳо (Музаҳо) илхом мебахшад. Олиҳаҳо низ ба фаъолиятҳои гуногун ҷавобгӯянд (Олиҳаи ашъор, Олиҳаи таърих ва амсоли инҳо).

Плотин сабабгори лаёқатманд гардидани инсонро табаддулоти қаблии ӯ медонад. Агар дар табаддулоти қаблӣ шахс истеъдоди сарояндагӣ дошта бошад, пас дар минбаъдӣ ӯ метавонад ё ба шакли парранда ё сароянда зуҳур кунад. Ба андешаи Плотин инсон дар интихоби бадалгардии худ озод нест, ҳарчанд ҳадафи олии ӯ – ин озод гардидан аз асорати ҷисм аст. Сабабгори табаддулоти аввалин қудрати илоҳист. Табдилгардиҳои минбаъдӣ бошанд, аз рӯи принсипи аксуламали занҷирӣ, вобастаи якдигаранд. Ин ҷо ҳатто мумкин аст оид ба истеъдод ҳамчун намуди муайяни асорати рӯҳ сухан гуфт.

Посидоний бошад, инсони комилро натиҷаи пневмаи илоҳӣ медонад [3]. На танҳо рӯҳ, балки ҷисм ҳам натиҷаи ин пневма мебошад. Ба инсоне, ки бо марҳамати илоҳӣ ё бо амри тасодуф миқдори бештари чунин пневма «мерасад», миёни дигарон бо қобилиятҳои худ фарқ мекунад. Яъне ин ҷо низ тамоюли ҷустуҷӯи сабабои лаёқатмандӣ дар хост ва қудрати илоҳӣ ба назар мерасад.

Сенека низ чунин мешуморид, ки ҳама чизҳоро ситораҳо муайян мекунанд [2]. Ӯ ҳатто мантиқан нуқтаи назари худро исбот карданӣ шуда, фолбинӣ ва пешгӯинамоиро методҳои баробарҳуқуқи маърифат медонист. Ҳамин тариқ, ситораҳо муайян мекунанд, ки дар ин ё он одам бояд кадом андоза қобилиятҳо мавҷуд бошанд. Ба таҳқиқотчӣ бошад, мустақиман алоқа намудан бо одами лаёқатманд зарур нест. Ӯ метавонад аз методҳои астрология истифода намуда, роҳи объекти таҳқиқотро, ки аз боло муайян гардиааст, маърифат намояд.

Умуман чунин қадария (тақдирпарастӣ, фатализм) ба стоикҳо хос буд, ки Поседоний ва Сенека низ пайрави онҳо буданд. Стоикҳо, албатта, мафҳумҳои озодӣ ва иродаи инсонро истисно намекарданд. Ин феноменҳо (хориқаҳо) тавсифоти сифатии хирадмандон буданд. Он замон файласуфон шахсони лаёқатманд ва нобиғаро чунин ном мебурданд. Вале барои хирадманд озодӣ ва зарурият дар мувофиқаанд, ӯ озодона амал намуда, ба зарурият сар мефурорад [3]. Озодии мутлақро танҳо худоён соҳибанд. Маҳз онҳо роҳи ҳар як инсонро муайян месозанд.

Ҳамин тариқ, файласуфони болозикр лаёқатмандӣ, нубуғ, истеъдод, хирадро чунин зуҳурот ба қалам медоданд, ки комилан аз раъйи худоҳо вобастаанд. Ин сифат ба одам аз рӯзи тавлид дода мешавад ва ҳар лаҳза метавонад мувофии ҳамон раъйи худовандӣ «пас гардонида шавад».

Дар бурриши ин нуқтаи назар ва нуқтаи назари баъдӣ Демокрит қарор дорад [3], ки чун Афлотун илҳомро зуҳуроти лаёқатмандӣ (нубуғ, истеъдод, хирад – бори дигар такрор мекунем, ки дар замон антиқа, аз он ҷумла дар давраи тосхоластикӣ ин мафҳумҳо сифатан фарқ намекарданд ва ба истиснои охирӣ, қариб истифода намегардиданд) медонад.

Сарчашмаи илҳом – сеҳри ба ном табиӣ мебошад. Вале он ихтиёри худро надошта, балки образҳое мебошад, ки дар муҳити фазо ҷойгиранд ва бо ҷараён гирифтани худ ба инсон таъсироти гуногун мерасонанд. Ба инсон аз берун «ворид» гардида, неруҳои илҳом дар ӯ чизеро ба вуҷуд меоранд, ки ӯро аз ҳудуди муқаррарии ақл берун мекунанд. Вале дар ин неруҳо ягон чизи хориқулодда нест – сарчашмаи онҳо образҳоеянд, ки аз ҳамон атомҳои инсон низ аз онҳо офаридашуда иборатанд. Ва дар ин ҷо на танҳо худраъйӣ ба қувваҳои илоҳӣ ё худи инсон нест, ин умуман худраъйие ҷой надорад, танҳо сабабият. Чуноне ки туршӣ ба тарши «майл» мекунад, ба ҳамон монанд магия ба инсоне, ки атомҳои монанд дорад, «мечаспад». Ин раванд танҳо дар сурате ба назари мо ё тасодуф ё таъсири раъйи ягон чиз менамоянд, ки агар сабабҳои ҳақиқии онро надонем. Ва чун ҳадафи муҳаққиқ ҷустуҷӯи сабабҳои ҳақиқӣ аст, пас муҳаққиқи лаёқатмандиро бояд сабабҳои ҳақиқии ин зуҳурот ҷалб созанд. Яъне Демокрит ба таври мустақим оид ба амали иродавии инсон ва ё қувваҳои осмонӣ ҳарф намезанад, ӯ ҷустуҷӯи сабабҳо даъват мекунад. Инчунин қайд намудан ҷоиз аст, ки Демокрит, чун Афлотун, илҳомро, ҳамчун зуҳуроти лаёқатмандӣ, як навъи ҷунун медонист. Эҳтимолан маҳз ҳамин идеяҳо ба таҳқиқи нубуғ дар доираи равондармонӣ (психиатрия) ҳусни оғоз бахшиданд.

Самти дигари давраи тосхоластикии рушди масъалаи лаёқатмандӣ дар осори чунин файласуфоне ба монанди Гераклид, Эпикур, Арасту муаррифӣ гардидааст.

Онҳо ҷонибдори идея оид ба озодии иродаи инсон буданд. Аз он ҷумла озодии ӯ дар рушди қобилиятҳояш то ба дараҷаи идеол. Барои тамоми файласуфон, чӣ ба ном қадариҳо ва чӣ намояндагони равияи дуюм, идеол – ин Хирадманд, инсони комил буд, ки ба худоҳо наздик меистод ва ҳатто худ ба мартабаи онҳо мерасид.

Танҳо барои намояндагони ҷараёни дуввум инсони муқаррарӣ низ соҳибирода дониста мешуд.

Ба андешаи Гераклид [3] «беҳтаринон» аққалияти одамонро ташкил мекунанд, онҳо соҳибхираданд. Вале қобилият ба маърифати ҳақиқиро (ки дар як вақт ҳам замина ва ҳам натиҷаи хирад мебошад) ҳамаи одамон соҳибанд. Дар ҳақиқат бошад, аққалият аз он истифода мекунанд. Ин аққалият бо кӯшиши иродавӣ тавонистанд ва метавонанд ба садои табиат гӯш диҳанд, ки боиси бартарият ва хирадмандӣ мегардад.

Эпикур [3] исрор мекард, ки инсон соҳиби озодӣ, қобилият ба рафторҳои мустақил, ихтиёрӣ аст. Ӯ ба зуҳуроти ба ном афканишоти фикрӣ қодир аст, ки дар маҳорати шарҳ додани чизҳои зиёд тавассути чизҳои кам, ҷамъбастнамоӣ, паси ҷузъиёт кулро дидан, чизи асосиро дида тавонистан, бо калимаҳои кӯтоҳ фаро гирифтани тамоми он чизе, қисм ба қисм омӯхта шудааст, ифода меёбад. Ягона чизе, ки инҷо мустақиман аз иродаи инсон вобастааст, ин қобилияти ба зудӣ истифода намудан аз ин афканишоти фикрӣ мебошад. Бо истилоҳҳои муосир мо ин қобилиятро аломату нишонаҳои анатомӣ-физиологӣ меномем.

Ҳамин тариқ, идеяи асосии Эпикур он аст, ки дар шароитҳои мувофиқ ҳар як инсон метавонад хирадманд бошад.

Арасту бошад, ба иродаи мутлақ доштани инсони исрор мекард. Ба андешаи Арасту, расидан ба камолот танҳо аз ҳамин вобастааст. Инсон қодир аст қарор қабул намояд, ки фаъолияти худро ба кадом самт равона созад; онро барои ноил гардидан ба камолоти маънавӣ равона карда истода, ӯ ҳақиқатро ошкор месозад ва хирадманд (лаёқатманд, нобиға ва ғ.) мегардад [1].

Ҳамин тариқ, ин файласуфон мавҷудияти баъзе заминаҳои ботиниро (қобилияти ба зуд истифода намудани афканишоти фикрӣ – Эпикур) инкор намекунанд. Аммо комил гардидани инсонро то ба дараҷаи хирадмандӣ, лаёқатмандӣ онҳо маҳсули озодӣ ва иродаи ҳар як инсони алоҳида медонанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло хулоса намудан мумкин аст, ки дар давраи тосхоластикии фалсафа оид ба мафҳумҳои нубуғ, лаёқатмандӣ ва хирадмандӣ таърифҳои дақиқу равшан мавҷуд набуданд.

Вазъият дар давраи схоластӣ тағйир ёфт.

Умуман, схоластика – ин «фалсафаи мактабӣ»-и асримиёнагӣ мебошад, ки тарафдорони он – схоластҳо мекӯшиданд ба таври оқилона ва мантиқӣ эътиқодоти насронияро асоснок кунанд ва ба система дароранд [5].

Фарқияти асосии давраи схоластӣ аз антиқа дар он буд, ки намояндагони давраи схоластӣ ба ирсӣ будани тамоми сифатҳои инсон исрор менамуданд. Зимнан сухан ҳатто на дар бораи ирсӣ будан, балки аз ҷониби Худо дода шудани ин сифатҳо меравад. Иродаи инсон танҳо дар фароҳам овардан ё наовардани имконият барои рушди ин сифатҳо зоҳир мегардад. Ва дараҷаи баланди қобилиятҳо ба маънои аслияш лаёқат, яъне ҳадяи Худованд шумурда мешуд.

Дар асрҳои миёна калимаи «гений» (нобиға), ки дар антиқа ба вуҷуд омада буд, аз истеъмолот хориҷ мегардад ва бо ифодаҳои «атои Худованд», «шӯълаи худовандӣ» ва амсоли инҳо иваз мегардад. Яъне тарибан дар ҳамин давраҳо истилоҳи «лаёқатмандӣ» ба вуҷуд меояд. Бо ин мафҳум қобилиятҳои ирсии аз Худованд эҳдогардида, ки ба дараҷаи баландтарин рушд мекунанд, фаҳмида мешавад.

Гений (нобиға) гуфта, аз ин давра дараҷаи олии лаёқатмандии эҷодӣ дар назар дошта мешуд, ки ҳамчун қолияти аслии (оригиналӣ) даркнамоӣ (фаросат ё интуитсия), пайвастани унсурҳои гуногун (тахайюлот), ташаккул ва тасвири эҷодӣ зоҳир мегардад.

Оид ба нубуғ андешаҳои гуногун мавҷуданд, вале яке аз онҳо нисбатан универсиалӣ аст. Кант [5] нубуғро ҳамчун қобилияти офаридани чизе таъриф мекунад, ки нисбати он қоидаҳои тайёр мавҷуд нестанд. Нубуғ муқобили ҳама гуна тақлидкорӣ аст. Ва чун омӯзиш ин чизе ба ҷуз тақлидкорӣ нест, пас ҳатто қобилияти барҷаста ба омӯзиш наметавонад нубуғ эътироф гардад.

Ба андешаи Шопенгауэр [4] нубуғ дар қобилияти барҷаста ба маърифат ифода меёбад, ки берун аз талаботи ирода аст ва он ба манфиати тамоми инсоният бахшида мешавад, дар сурате, ки зеҳни оддӣ танҳо ба манфиати худи фард равона гардидааст.

Шопенгауэр инчунин андеша дошт, ки занҳо метавонанд соҳибистеъдод бошанд, вале нобиға буда наметавонанд, зеро онҳо ҳамеша субъективиянд. Яъне хосияти асосии нубуғ – объективӣ будани он аст.

Истеъдод ҳамчун қобилиятҳои барҷаста, лаёқатмандии ғайриоддӣ дар ягон соҳаи муайян зоҳир мегардад, ки ба фард аз рӯзи таввлид хос аст ё зери таъсири машқу тамрин ба дараҷаи баланд рушд намуда, ба шахс имконият медиҳад, то ин ё он фаъолиятро муваффақона иҷро намояд. Дар муқоиса бо мафҳуми нубуғ мафҳуми истеъдод на он қадар амиқ аст. Ҳамин тариқ, дар давраи пасосхоластикӣ ҳам ҷудогардии мафҳумҳои лаёқатмандӣ, истеъдод ва нубуғ ба назар мерасад, ҳам таърифи нисбатан дақиқу возеҳи онҳо.

Гуфтаҳои болоро хулоса намуда, қайд намудан зарур аст, ки баррасии масъалаи қобилиятҳои олӣ (лаёқатмандӣ, истеъдод ва нубуғ) дар фалсафа барои омӯзиши нисбатан муназзам ва илмии ин зуҳурот дар психология заминаи мусоид фароҳам овард. Чигилӣ дар мафҳумҳои фалсафии «лаёқатмандӣ», «истеъдод» ва «нубуғ» ба психологҳо имконият доданд, ки ба назари интиқодӣ ба ин осори фалсафӣ назар намуда, ин чигилиро бартараф намоянд ва назарияи лаёқатро рушд диҳанд.

Айни замон лаёқати зеҳнӣ аз ҷонии аксари муҳаққиқон ҳамчун зуҳуроти бисёрҷанба, тағйирпазир, мурракабташкил эътироф мегардад, ки дар баробари қобилиятҳои зеҳнӣ инчунин эҷодкорӣ, имаромнокии маърифатӣ ва сифатҳои шахсии фардро фаро мегирад [4, 5,8, 9, 10, 11, 12].

## АДАБИЁТ


1. Аристотель. Сочинения. М.: Мысль, 1975. Т.1.
2. Асмус, В.Ф. История античной философии. М.: Высш.шк., 1965.
3. Асмус, В.Ф. Платон. М.: Мысль, 1969.
4. Атаханов, Р. Мышление и интеллектуальная одарённость детей [Текст]/ Р. Атаханов //Одарённые дети Узбекистана. Тезисы выступлений к научно-практической конференции. – Термез, 1992. – С. 17-19.
5. Бабаева, Ю.Д. Особенности развития эмоциональной сферы одаренных детей и подростков [Текст]/ Ю.Д. Бабаева // Одаренный ребенок. – 2003. – №2. – С. 6-24.
6. Ковалевский П.И. Психиатрические этюды из истории. В 2т. М.: Терра, 1995.
7. Краткая философская энциклопедия. М., 1992.
8. Ландау, Э. Одарённость требует мужества [Текст] / Э. Ландау. – М.: Изд-во АСТ. – 2007. – 175 с.
9. Лейтес, Н.С. Ранние проявления одарённости [Текст] / Н.С. Лейтес // Вопросы психологии. – 1998. – №4. – С. 97-101.
10. Панов, В.И. Одаренные дети: выявление – обучение – развитие [Текст] / В.И. Панов // Педагогика.– 2001. – №4. – С. 30-43.
11. Психология одарённости детей и подростков [Текст] / Под. ред. Н.С. Лейтеса. – М.: Издат. центр «Академия», 1996. – 416 с.
12. Шумакова, Н.Б. Обучение и развитие одаренных детей [Текст] / Н.Б. Шумакова. – М.: Моск.псих. -соц. ин-т.; Воронеж: МОДЭК, 2004. – 336 с.


# СОХТОР ВА ХУСУСИЯТИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ КАСБИИ ДОНИШҶӮЁНИ КОЛЛЕҶИ ТИББӢ

***АБДУСАМАДОВ Сайфулло** – унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2.* ***E-mail:*** *saifullo@mail.ru,* ***тел:.*** *(+992) 918 34 34 90*

Дар мақола масоили сохтор ва хусусияти технологияҳои инноватсионӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳои касбии донишҷӯёни коллеҷҳои тиббӣ мусоидат мекунанд, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст. Вобаста ба ин, муаллиф таъкид мекунад, ки дар педагогика технологияҳои инноватсионӣ дар алоқамандӣ бо хусусиятҳои назариявии омодагии шахсият ба тағйироти зудфарорасанда дар ҷамъият, омодагӣ ба ояндаи номаълум аз ҳисоби рушди қобилиятҳо ба эҷодкорӣ, шаклҳои гуногуни тафаккур, ҳамчунин қобилият ба ҳамкорӣ бо одамони дигар мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Фаъолияти инноватсионӣ аз доираи меъёрҳои амалкунанда мебарояд, меъёрҳои нави дорои самтияти шахсиятию эҷодӣ ва инфиродии фаъолияти омӯзгор, технологияҳои нави педагогиро, ки фаъолияти мазкурро амалӣ мегардонанд, ба вуҷуд меорад.

Масъалаи инноватсияҳо ҳам дар мамлакати мо ва ҳам дар хориҷа яке аз мавзӯъҳои маркази таҳқиқоти сершумори психологию педагогӣ қарор гирифтааст. Масъалаи технологияҳои педагогӣ алҳол он пурра ҳалли худро наёфтааст. Ба ин масъала гуногунии

муносибатҳо, консепсияҳо, нуқтаи назарҳо оид ба мафҳуму қонуниятҳои асосӣ, ки заминаи онро ташкил мекунанд, хос аст.

***Вожаҳои калидӣ:*** *технологияи инноватсионӣ, навгонӣ, салоҳияти касбӣ, омодагии шахсият, қобилият, эҷодкорӣ, технологияи педагогӣ.*

## СТРУКТУРА И ХАРАКТЕР ИННОВАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ ФОРМИРОВАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ КОМПЕТЕНЦИЙ СТУДЕНТОВ МЕДИЦИНСКОГО КОЛЛЕДЖА

***АБДУСАМАДОВ Сайфулло*** *– соискатель Института развития образования им. А. Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2.* ***E-mail:*** *saifullo@mail.ru,* ***тел:.*** *(+992) 918 34 34 90*

В статье рассматриваются вопросы структуры и характера инновационных технологий, которые способствуют формированию профессиональных компетенций студентов медицинских колледжей. В связи с этим, автор подчеркивает, что в педагогике инновационные технологии рассматриваются в связи с теоретическими особенностями готовности личности к быстрому изменению общества, готовности к неизвестному будущему за счет развития способностей к творчеству, различных форм мышления, а также способности к сотрудничеству с другими людьми. Инновационная деятельность выходит за рамки действующих норм, создает новые нормы личной, творческой и индивидуальной ориентации педагогической деятельности, новые педагогические технологии, которые осуществляют данную деятельность.

Проблема инноваций как в нашей стране, так и за рубежом является одной из центральных тем многочисленных психолого-педагогических исследований. Как и вопрос педагогических технологий, он не был полностью решен. Этот вопрос характеризуется разнообразием взглядов, концепций, точек зрения на основные понятия и законы, которые составляют его основу.

***Ключевые слова:*** *инновационная технология, новизна, профессиональная компетентность, готовность личности, способности, творчество, педагогическая технология.*

## THE STRUCTURE AND NATURE OF INNOVATIVE TECHNOLOGIES FOR THE FORMATION OF PROFESSIONAL COMPETENCIES OF MEDICAL COLLEGE STUDENTS

***ABDUSAMADOV Saifullo*** *– applicant A. Jami Institute of Educational Development Academician of Education Tajikistan, Dushanbe, 11/2 A. Adhamov str.* ***E-mail:*** *saifullo@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 918 34 34 90*

The article examines the issues of the structure and nature of innovative technologies that contribute to the formation of professional competencies of medical college students. In this regard, the author emphasizes that in pedagogy innovative technologies are considered in connection with the theoretical features of a person's readiness for rapid change in society, readiness for an unknown future due to the development of creative abilities, various forms of thinking, as well as the ability to cooperate with other people. Innovative activity goes beyond the existing norms, creates new norms of personal, creative and individual orientation of pedagogical activity, New pedagogical technologies that carry out this activity.

The problem of innovation both in our country and abroad is one of the central themes of numerous psychological and pedagogical studies. Like the issue of pedagogical technologies, it has not been fully resolved. This issue is characterized by a variety of views, concepts, and points of view on the basic concepts and laws that form its basis.

***Keywords:*** *innovative technology, novelty, professional competence, abilities, creativity, innovative activity, pedagogical technology.*

Дар педагогика технологияҳои инноватсионӣ дар алоқамандӣ бо хусусиятҳои назариявии омодагии шахсият ба тағйироти зудфаросанда дар ҷамъият, омодагӣ ба оянда аз ҳисоби рушди қобилиятҳо ба эҷодкорӣ, шаклҳои гуногуни тафаккур, ҳамчунин қобилият ба ҳамкорӣ бо одамони дигар мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Фаъолияти инноватсионӣ аз доираи меъёрҳои амалкунанда мебароянд, меъёрҳои нави дорои самтияти шахсиятию эҷодӣ ва инфиродии фаъолияти омӯзгор, технологияҳои нави педагогиро, ки фаъолияти мазкурро амалӣ мегардонанд, ба вуҷуд меорад. Масъалаи инноватсияҳо ҳам дар мамлакати мо ва ҳам дар хориҷа яке аз мавзӯъҳои маркази таҳқиқоти сершумори психологию педагогӣ қарор гирифтааст. Масъалаи технологияҳои педагогӣ алҳол он пурра ҳалли худро наёфтааст. Ба ин масъала гуногунии муносибатҳо, консепсияҳо, нуқтаи назарҳо оид ба мафҳуму қонуниятҳои асосӣ, ки заминаи онро ташкил мекунанд, хос аст.

Таърихи пайдо шудани истилоҳро дар бисёр таҳқиқотҳо бо тасҳеҳу иловаҳои мухталиф дидан мумкин аст [7, 16, 11-14, 19 ва ғайра]. Дар бораи баъзеи онҳо, ки ба назари мо, марҳилаҳою самтҳои асосиро инъикос мекунанд, изҳори ақида менамоем. Масалан, Л.В. Илюхина (1999) ҳангоми баррасии ҷанбаи иҷтимоии дигаргуниҳои инноватсионӣ дар таҳсилот менависад, ки ҳанӯз дар садаи XIX истилоҳ ба соҳаи дониши илмӣ дохил шуда, дар соҳаҳои мухталифи илм ба бозидани нақши ба қадри кофӣ мухталиф оғоз мекунад. Дар забоншиносӣ тағйирёбии шаклҳои грамматикиро ҳангоми аз як минтақаи фарҳангӣ ба минтақаи дигар кӯчонидани онҳо бо истилоҳи мазкур баён мекунанд. Ассимилятсияи он ва сифатҳои наву муносибатҳои сохтории дар раванди мазкур ҳосилшаванда, ки чун “механизми табии инкишофи мутташаккилиҳои фарҳангӣ” шарҳ дода мешаванд, номи инноватсия фарҳанги (забонӣ)-ро гирифтанд. Равандҳои шабеҳ (яъне гузаронидан аз фарҳанге ба фарҳанги дигар) дар этнография низ бо ҳамин истилоҳ ифода мешавад. Дар ҳуқуқшиносӣ ивази як ӯҳдадории мавҷударо бо ӯҳдадории дигар инноватсия меноманд. Дар табиатшиносӣ истилоҳ барои ифодаи тағйироте ба кор меравад, ки дар раванди афзоиш ба даст меоянд” (9, 4).

Чи тавре ки мебинем, аллакай дар марҳилаи мазкур хусусиятҳои назариявии мафҳуми “инноватсия” дар шарҳи он ҷанбаҳои ҳам умумӣ ва ҳам хусусӣ, ба таври вижа пайдо мешаванд. Аз ҷумла, сухан дар бораи пайдо шудани як сифати нав, ки ба объекти инноватсия пештар хос набуд, меравад. Ҳамин тариқ, нуктаи мазкур чун яке аз меъёрҳои ҷанбаи моҳиятии инноватсия хизмат карда метавонад. Лаҳзаи дигари умумии инноватсия он аст, ки он гузариши (гузаронидани) ба худ хоси объект аз як ҳолат ба ҳолати дигар аст.

Дар педагогика равандҳои инноватсионӣ тахминан аз охирҳои солҳои 50-ум асри XX дар ғарб ва дар даҳсолаҳои охири асри XXI дар мамлакати мо мавриди омӯзиши махсус қарор гирифтанд. Ин ҳолат бо ҳаракати оммавии педагогӣ, ба вуҷуд омадани зиддият байни талаботи мавҷуда ба рушди босуръати мактаб ва аз амалӣ гардонидани он оҷиз будани педагогҳо алоқаманд аст [12].

Муаллифон аксаран ба истилоҳи “инноватсия” маъноҳои гуногунро ворид мекунанд. Якчанд мисол меорем. А.И. Пригожин (1989) чунин мешуморад, ки навгониҳо дар рушди технологияю техника, идоракунӣ дар марҳилаҳои пайдоиш, азхудкунӣ ва диффузияи онҳо ба объектҳои дигар зоҳир мегарданд [17]. М. Хучек (1992) қайд мекунад, ки дар “Фарҳанги забони полякӣ” инноватсия маънои ҷорӣ намудани ягон чизи нав, навгонӣ, ислоҳотро мефаҳмонад [26]; раванди ба таври сунъӣ ташкил шуда, ки барои ба даст овардани натиҷаи муайян равона ва идора карда мешавад [5]; раванди азхудкунии навгонӣ [8]. Р.А. Фатхуддинова (2000) чунин мешуморад, ки инноватсия натиҷаи ниҳоии ҷорӣ намудани навоварӣ бо мақсади тағйир додани объекти идора ва ба даст овардани самараи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмию техникӣ, экологӣ ва ё дигар намуди самара мебошад [25].

Ба назари мо мавқеъгирии олимони мазкур барои фаҳмиши масъала хеле маҳдуд аст. В.Р. Степанов (1999) шарҳи нисбатан васеи истилоҳро пешниҳод мекунад: инноватсия маҷмӯи навгониҳо ва фаъолият оид ба эҷод кардан, ҷорӣ намудан ва паҳн кардани он мебошад [24].

Мо ба ақидаи олимоне пайравӣ мекунем, ки дар бораи инноватсия чун раванди эҷодӣ сухан меронанд. Барои он, ки мавқеъҳои назариявии дар ин кор интихобшударо муфассалан мудаллал намоем, мо зарур мешуморем далелҳоеро баррасӣ кунем, ки асоси консепсияҳои

дигарро, ки падидаи инноватсияро таҳқиқ мекунанд, ташкил менамоянд. Боз як нуктаи назарро таҳлил мекунем. Инноватсия тағйироти ҳадафманд аст, ки ба воҳиди муайяни иҷтимоӣ унсурҳои нави нисбатан устуворро дохил мекунад [6]. Ин таъриф, ба назари мо, имкон медиҳад, инноватсия чун раванди фаъолияти ҳадафманди одамон – навоварон мавриди баррасӣ қарор гирад. Олимони Донишгоҳи техникии Қазон нуқтаи назари дигарро иброз кардаанд. Онҳо менависанд: “Инноватсия (аз калимаи “новатсия” – нав, навгонӣ, префикси –**ин**, ки такроршавии раванд, ҳодиса, рухдодро мефаҳмонад) ба вуҷуд омадан ва инкишоф ёфтани чизи навро дар дохили чизи мавҷудаи амалкунанда пешбинӣ менамояд. Инноватсионӣ будан маънои пайдоиши превентивӣ, инкишоф, диверсифатсияи навгониҳоро дорад, ки пеш аз ҳама дар натиҷаи инкишоф ва ба даст омадани сатҳи созандагии (эҷодкории) субъектҳои раванди таълиму тарбия арзи ҳастӣ мекунанд” [2].

Мушаххасоти чунин мафҳумҳои мураккаб, аз қабили **инноватсия** ва **навоварӣ дар инноватсия,** ки мо иҷмолан тавсиф кардем, имкон медиҳанд, роҷеъ ба муқаррароти асосии назариявии марбут ба раванди инноватсионӣ ва сохтори он муҳокимаронӣ намоем. Инноватсия ба яке аз механизмҳои муҳимтарини иҷтимоии рушд табдил меёбад ва, аз ин нуқтаи назар, таҳлили ташкили амали ин механизм ҷолиби диққат аст. Пеш аз ҳама ба кори А.Ф. Балакирев руҷӯъ менамоем. Муаллиф нисбат ба масъалаи мавриди назар диди нав дорад, бинобар ин раванди инноватсиониро чи тавр фаҳмидани ӯ хеле ҷолиб аст. Раванди инноватсионӣ ягонагӣ ва алоқамандии шаш ҷузъи зерин мебошад: ҷустуҷӯи инноватсия, аз худ кардани он, тарҳрезӣ (лоиҳакашӣ), амалигардонӣ, арзёбӣ ва тасҳеҳ. Раванди иноватсионӣ – ягонагӣ ва алоқамандии панҷ ҷузв мебошад: ба вуҷуд овардани новатсия, тарҳрезӣ (лоиҳакашӣ), амалигардонӣ, арзёбӣ ва тасҳеҳ [3].

Акнун сохтори раванди инноватсионии муаллифони дигарро баррасӣ мекунем. Р.Н. Юсуфбекова (1991) дар ин раванд се қисмро ҷудо мекунад: қисми ба вуҷуд овардани навгонӣ дар педагогика; қисми идрок, азхудкунӣ ва арзёбии навгонӣ; қисми истифода ва татбиқи навгонӣ [27]. Чи тавре ки мебинем сохтори Р.Юсуфбекова бо мушаххасоти равандҳои новатсионию инноватсионии А.В. Балакирев ҳамоҳангӣ дорад. Дар ин ҷо ба як масъалаи дигар даст задан зарур аст. Як қатор муҳаққиқон таҳти раванди инноватсионӣ занҷираи пайдарпаи ҳодисаҳоро аз ғояи нав то татбиқи он дар маҳсул, хизмат ва технологияи мушаххас ва интишори минбаъдаи навоварӣ мефаҳманд. Онҳо схемаи раванди инноватсиониро дар намуди се ҷузъ тасвир мекунанд: новатсияҳо (ғояю дониши нав); инноватсия (ҷорӣ намудан) ва диффузияи инноватсияҳо [5]. Ба назари мо , муносибати мазкур хеле сода карда шудааст.

Фаъолияти инноватсионӣ маҷмӯи амалҳои ба ҳам алоқаманд мебошад, ки пайдарпайии мантиқии онҳо сохтори онро муайян мекунад [18]. Моҳиятан, равандҳои инноватсионӣ равандҳои томанд, зеро ҷузъҳои сершуморро дарбар мегиранд, вале ҳосили ҷамъи одии онҳо бидуни робитаю қонуниятмандиҳои сохторӣ, ки раванди инноватсиониро умуман тавсиф мекунанд, ғайрикофӣ мебошад. Муҳаққиқони ҷанбаи психологию педагогии фаъолияти инноватсионӣ (Л.С. Подимова, В.А. Сластенин) хусусиятҳои онро мутобиқан бо сохтори умумии фаъолият баррасӣ мекунанд. Муаллифон ҷузъҳои зеринро ҷудо мекунанд: арзишию ангезишӣ, созандагӣ, технологӣ, рефлексивӣ. Барои мо муайян кардани механизми худидора ва худтанзими фаъолияти инноватсионӣ аз ҷониби субъект принсипан муҳим аст. Мавҷудияти ҷузъи охирин ва алоқаи мутақобилаи онҳо рушди худидорашавандаи фаъолияти инноватсиониро таъмин мекунад. Дар ин сохтор ҷузъҳои функсионалӣ ҳалқаҳои минбаъда башумор мераванд. Ҷузъҳои сохторӣ ва функсионалӣ байни ҳам ҳамкории мутақобилаи зич дошта, низоми томи динамикиро ташкил мекунанд. Баъдан, муаллифон ба сохтори баррасишаванда меъёрҳо ва сатҳҳои муташаккилии фаъолияти инноватсиониро дохил мекунанд [22].

Ҳамин тариқ, метавонем гӯем, ки фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи маориф доираи ба қадри кофӣ васеи соҳаҳои мушаххас ва предметҳои мушаххаси татбиқи худро дорад. Он ба назаррас баланд бардоштани сифати таҳсилот нигаронида шудааст.

Дар боло изҳор кардем, ки дар педагогика технологияҳои инноватсионӣ дар иртибот бо хусусиятҳои назариявии ташаккули омодагии шахсият ба тағйироти зудфарорасанда дар ҷамъият, омодагӣ ба ояндаи номаълум аз ҳисоби инкишофи қобилиятҳо ба эҷодиёт, ба шаклҳои гуногуни тафаккур, ҳамчунин қобилияти ҳамкорӣ бо одамони дигар баррасӣ мешавад.

Яке аз шартҳои фаъолияти бомуваффақияти инноватсияҳо дар фаъолияти педагогӣ интихоб ва таҳлили технологияҳои инноватсионӣ мебошад. Омӯзгор бояд ҳам фарҳанги олии инфиродии коркарди иттилоот дошта бошад ва ҳам тибқи имкониятҳои кӯдакон онро мувофиқ карда тавонад, яъне дорои қобилиятҳои дидактикӣ бошад.

Шаклу тарзҳои истифодаи технологияҳои инноватсионӣ аз бисёр ҷиҳат бо муқаррароти консептуалӣ муайян карда мешаванд. Мӯҳтавои баъзеи онҳоро баррасӣ мекунем. Шахсият агар ба он имкони рушди эҷодӣ пешниҳод карда шавад метавонад қобилиятҳои худро татбиқ намояду сермаҳсул кор кунад. Фаъолияти педагогӣ танҳо ҳангоми амалигардонии робитаи мутақобила байни мӯҳтаво, тарзҳо, маъниҳо ва максадҳои шахсият самарабахш буда метавонад [16].

Дар иртибот бо гуфтаҳои боло хусусиятҳои асосии технологияҳои инноватсиониро ҷудо мекунем. Яке аз хусусиятҳои асосӣ пешакӣ сарфаҳм рафтан ва ширкат (иштирок) ба ҳисоб меравад. Хусусияти дигари технологияҳои инноватсионӣ - боз будан ба фарҳангу ҷамъият; самтгирӣ ба таълими муколамавӣ; самтгирӣ ба шаклҳои мухталифи ҳамкорӣ мебошад [15, 16].

Азбаски технологияҳои педагогӣ категорияи равандӣ мебошанд, ба ҳайси низоми муайяни фаъолият зуҳур мекунанд. Пайдоиш ва паҳншавии технологияҳои инноватсионӣ тағйирёбии на танҳо худи фаъолият ва воситаю механизмҳои ба он хоси амалигардонӣ, балки бозсозии бунёдии муқаррароти ҳадафӣ, самтгириҳои арзишӣ, донишу маҳорат ва малакаҳои мушаххасро ба бор меорад.

Л.С. Подимова ва В.А. Сластенин вазифаҳои зерини фаъолияти педагогро дар раванди амалигардонии технологияҳои инноватсионӣ ҷудо кардаанд: таҳлили бошууронаи фаъолияти касбӣ дар асоси ангезаҳо ва диспозитсияҳо; дар воқеият дида тавонистани номутобиқатию хушунатҳое, ки бевосита идрок намешаванд; муносибати танқидӣ ба меъёрҳо; рефлексия ва таҳияи низоми маънoҳо (маъниофарӣ); кушода ё боз будан ба муҳит ва навгониҳои касбӣ, ба ибораи дигар қобилияти пазируфтани навгониҳои касбӣ, муносибати эҷодкорона ба олам, бо мақсади тағйир додани он, баромадан аз ҳудуди муқаррароти меъёрӣ, ҷидду ҷаҳд ба худтатбиққунӣ, дар фаъолияти касбӣ таҷассум кардани ниятҳо ва тарзи ҳаёти худ, субъекткунонии унсурҳои мӯҳтаво дар мундариҷаи шахсиятию маъноӣ, яъне ба унсур бахшидани маънои шахсиятӣ [15, 1].

Баррасии моҳияти технологияҳои инноватсиониро ҷамъбаст намуда, вижагиҳои хоси онҳоро ҷудо кардан лозим аст. Технологияҳои инноватсионӣ ба хусусиятҳои назариявии омодасозии шахсият ба тағйироти зудфарорасанда дар ҷамъият, ба ояндаи номуайян, ба рушди қобилиятҳои эҷодӣ, гуногунии шаклҳои тафаккур, ҳамчунин қобилят ба ҳамкорӣ бо одамони дигар нигаронида шудааст.

Таснифи технологияи таълимро аз рӯи аломату асосҳои мухталиф амалӣ гардонидан мумкин аст. Алҳол дар педагогикаи ватанӣ таснифи аз ҷониби умум эътирофгардидаи технологияҳои инноватсионӣ вуҷуд надорад, ки ин ҳолат таҳлили масъаларо мушкил мегардонад. Дар кори А.Я. Савелйева (1994) зикр гардидааст, ки технологияҳоро ба анъанавӣ ва инноватсионӣ ҷудо кардан лозим аст. Муаллиф технологияҳоро чунин тақсим кардааст: аз рӯи самтияти амал; аз рӯи мақсадҳои таълим; аз рӯи муҳити предметӣ, ки технология барои он коркард мешавад; аз рӯи воситаҳои техникии татбиқшаванда (муҳити техникӣ), аз рӯи ташкили раванди таълим, аз рӯи вазифаҳои методӣ [20]. Вале дар ин тасниф нишондиҳандаҳое оварда шудаанд, ки ҳам ба технологияҳои анъанавӣ ва ҳам инноватсионӣ хосанд. Муаллиф технологияҳои инноватсиониро чун намуди технологияҳои инноватсионӣ баррасӣ мекунад.

Дар диссертатсияи Л.С. Подимова (1995) технологияҳо ба умумӣ ва хусусӣ ҷудо карда шудаанд. Технологияҳои омодасозии инноватсионии омӯзгорро ба технологияҳои умумӣ, шаклҳою методҳои мушаххаси фаъолияти педагогиро ба хусусӣ нисбат додан мумкин аст [14]. Муаллиф фаъолияти эҷодии педагогиро ба асосҳои умумии омодасозии омӯзгор мансуб дониста, намудҳои зерини онро зикр менамояд: таҳқиқи муназзам (системавӣ), фаъолияти муколамавӣ ва музокиравӣ, амсиласозӣ ва ояндабинии навовариҳои педагогӣ [15].

Дар ин ҷо мехоҳем роҷеъ ба кори Г.К. Селевко [20] чанд сухан гӯем, ки дар он бештар аз 50 усули муаллифӣ ҷамъбаст карда шудааст. Бисёр технологияҳо аз лиҳози максад, мӯҳтаво, методҳою воситаҳои истифодашаванда умумиятҳои зиёд доранд ва аз рӯи аломатҳои умумӣ онҳоро ба якчанд гурӯҳи ҷамъбастӣ тақсим кардан мумкин аст. Дар рафти таҳлили оянда мо метавонем хулоса кунем, ки таснифи мазкурро мустақилона истифода бурдан мумкин нест.

Эҳтимол, онро бо назардошти мухтассоти таснифӣ ҳангоми таҳлили технологияҳои дигари таълим истифода бурдан ба салоҳи кор бошад. Дар ин бора Г.К. Селевко низ хангоми тавсифи усули муаллифӣ сухан рондааст.

Дар байни технологияҳои инноватсионӣ Д. Ахметова ва Л. Гурйе технологияҳои зеринро оядадор мешуморанд: «кейс-стади» (таълим бо истифодаи вазъиятҳои таълимии мушаххас); рефлексия чун методи худмаърифатӣ ва хударзёбӣ ва ҳамчунин технологияи ташхисию инкишофдиҳанда; технологияҳои машқӣ (тренингӣ; тренинги иртиботии корӣ, рушди шахсиятӣ, маҳоратҳои коммуникативӣ) [2].

В.Д. Симоненко (2003) кӯшиш ба харҷ додааст, ки таснифи технологияҳои инноватсиониро дар асоси аломати барқароркунии (имитатсияи) матни фаъолияти касбӣ, тасаввуроти амсилавии он дар таълим ба анҷом расонад. Муаллиф ба технологияҳои инноватсионӣ технологияи интерактивии таълим, технологияи таълими лоиҳавӣ, технологияҳои компютериро мансуб медонад. Технологияҳои интерактивӣ чун тарзҳои азхудкунии салоҳиятҳо дар раванди муносибату ҳамкории мутақобилаи педагог бо таълимгиранда чун субъектҳои фаъолияти таълимӣ баррасӣ карда мешаванд. Моҳияти технологияҳои мазкур дар он аст, ки онҳо на танҳо ба равандҳои идрок, хотира, диққат, балки дар навбати аввал ба тафаккури эҷодии самарабахш, рафтор, муошират такя мекунанд. Олим ҳамаи технологияҳои интерактивии таълимро ба ғайриимитатсионию имитатсионӣ (ғайритақлидию тақлидӣ) ҷудо мекунад. Дар технологияҳои ғайриимитатсионӣ сохтани амсилаҳои ҳодисаҳо ё фаъолияти мавриди омӯзиш пешбинӣ карда намешавад. Ба ин ин гурӯҳ мансубанд: лексияи муаммоӣ, семинар – музокира, музокираи таълимӣ, ангезиши зеҳн, ҳамкории таълимӣ. Асоси технологияҳои имитатсиониро амсиласозии имитатсионӣ ё имитатсионию бозӣ ташкил мекунад: кейс-стадӣ, бозии дидактикӣ, коромӯзӣ ба иҷрои нақши мансабдорӣ, тренинги имитатсионӣ, лоиҳакашии бозӣ. Ба технологияҳои таълими лоиҳавӣ олим намудҳои зерини лоиҳаҳои таълимиро мансуб медонад: зеҳнӣ, моддӣ, иҷтимоӣ ва ғайра. Ба технологияҳои компютерӣ намудҳои зерини барномаҳои таълимӣ, аз қабили мултимедиа, интернет-технологияҳо ва ғайра дохил мешаванд [10].

С.А. Батишев (1999) фасли махсуси асарашро ба технологияҳои инноватсионӣ дар таҳсилоти касбӣ бахшидааст. Ӯ чунин технологияҳои инноватсиониро ҷудо мекунад: технологияҳои ба шахсият нигаронидашуда, технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, технологияҳои модулӣ [18].

Стратегияи таҳсилоти муосир педагогиро инкишофи субъективӣ ва худинкишофи шахсияти омӯзгор ташкил мекунад, ки қобил аст на танҳо ба технологияҳои мавҷудаи педагогӣ ва иҷтимоӣ хизмат расонад, балки аз худуди фаъолияти меъёрӣ баромада, равандҳои инноватсиониро амалӣ гардонад. Ин стратегия дар самтияти принсипиалии мундариҷа ва шакли раванди таълими муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ - тиббӣ бо афзалиятбахшӣ ба технологияҳои ба шахсият нигаронидашудаи таҳсилот, ки то андозаи муайян ҳамчунин онҳоро ба технологияҳои инноватсионӣ мансуб донистан мумкин аст, таҷассум меёбад.

Пеш аз ба роҳ мондани технологияҳои ба шахсият нигаронидаи таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ - тиббӣ бояд оид ба масъалаҳои зерин таҳқиқот гузаронида шавад: тавсиф ва андозашавандагии мақсадҳо, воситаҳо, натиҷаҳои педагогӣ; таносуби ҷузъҳои шахсиятӣ ва мантиқию протсессуалии фаъолияти педагогӣ, имкони ворид сохтани мушаххасоти инфиродии педагогии омӯзгорон ба сохтори технологияҳои педагогӣ, яъне ба он бахшидани хусусияти муаллифии ба шахсият нигаронидашуда [21].

В. А. Сластенин қайд мекунад, ки бояд асоси коркарди технологияҳои ба шахсият нигаронидашудаи педагогиро муносибати муколамавӣ ташкил кунад, ки ҳамкории субъект – субъектӣ ва афзоиши меъёри озодии иштирокдорони раванди педагогӣ, худфаъолкунӣ ва худмуаррифии шахсияти омӯзгори ояндаро муайян менамояд. Чунин технологияҳо табдилёбии суперпозитсияи омӯзгор ва мавқеи субординатсияшудаи донишҷӯро ба мавқеъҳои шахсиятан баробарҳуқуқ пешбинӣ мекунанд. Чунин табдилёбӣ ба он нукта вобаста аст, ки омӯзгор нисбат ба таълиму тарбия, бештар донишҷӯро ба рушди умумию касбӣ фаъол ва ҳавасманд мекунад, барои худпешниҳоди ӯ шароит фароҳам меорад. Табиист, ки ин кор аз ниқобҳои нақшӣ даст кашидан ва ба ҳамкории таҷрибаи эҳсосию арзишии омӯзгору донишҷӯ ворид шуданро тақозо менамояд [21].

Дар таҳқиқоти диссертатсионии худ С.С. Горбачёва (2000) ошкор сохтааст, ки 67,2% омӯзгорон мисли пештара шахсияти талабаро на тавассути аслияту томияти ӯ, балки аз нуқтаи назари пешрафт ва рафтори «дуруст» қабул мекунанд. Танҳо 10% омӯзгорон ба муносибатҳои субъект – субъектӣ ҷидду ҷаҳд менамоянд. Ҳамагӣ 6,7% омӯзгорон дар машғулиятҳо вазъияти интихобу ташаббусро ба вуҷуд меоранд. Дар иртибот бо ин нукта раванди таълим чунин ташкили корро тақозо менамояд, ки дар он донишҷӯ ба субъекти фаъолияти таҳсилотӣ мубаддал мегардад. Дар амалияи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ - тиббӣ то ҳол муносибати сохторию фаъолиятӣ ба таълими донишҷӯён вуҷуд дорад. Ин амалия ҳамчун роҳи азхудкунии дониш, малака ва маҳоратҳои академӣ дар асоси тезис дар бораи он ки таълими бунёдӣ ба таври бояду шояд мутахассиси ояндаро ба сифати соҳибкасб мутобиқу мувофиқ месозад, муайян мегардад [7]. Дар рӯзҳои мо ин муносибат дар педагогикаи касбӣ васеъ истифода мешавад ва тамоюлро ба рушди шахсиятӣ ва худтакмилдиҳии мутахассиси оянда ифода мекунад. Агар мӯҳтавои пешниҳодшаванда томияти ҷаҳоншинохти шахсият, мақоми иҷтимоӣ ва касбии ӯ ва ғайраро тағйир дода тавонад, шахсияти худро бештар татбиқ мекунад. Дар бораи технологияҳои таъсир ба шахсият бо дараҷаи муайяни шартияту эҳтимолият сухан рондан мумкин аст. Ҳамеша дар назар доштан лозим аст, ки шахсият чун симои амалкунанда, шарик, ва дар баъзе мавридҳо ташаббускори раванди таҳсили худ зуҳур менамояд.

Таҳсили инноватсионӣ тарзи мушаххасу муайяни пешбинишудаи ташкили раванди педагогиро, ки он ҳамзамон барои ҳама амалӣ гардонида мешавад, надорад. Маҳз дар шахсият ҷанбаҳои соф шахсиятиро ба вуҷуд меорад. Ҷанбаҳои соф шахсиятӣ бо роҳи субъективонии мӯҳтавои эҷодиёт арзи ҳастӣ мекунанд. Мақсаду мӯҳтаво ва усулҳои таълим – омилҳои бавоситаи ин раванд мебошанд. Аз тарафи дигар, дар таълими инноватсионӣ ҷанбаҳои ниҳонӣ зоҳир мегарданд: мубориза и ангезаҳо, задухӯрди маъноҳо ва арзишҳо гӯё, ки ба ба рӯи об мебароянд ва барои шахсият фаъол мегардад. Ҳамин тариқ, мо мебинем, ки худи мафҳум ва ҷузъҳои таркибии номбаргардида ба он чизе, ки мо ба технологияҳои инноватсионӣ мансуб медонем, ихтилоф надоранд. Мо ба сифати технологияҳои инноватсионӣ технологияҳои зерини таълими ҳамшираҳои тиббиро истифода мебарем: усулу методҳои муколамавӣ, бозӣ ва рефлексивӣ, «кейс-стади», технологияҳои компютерӣ, технологияи «гиреҳи дуҳалқа», ки дар мақолаҳои минбаъда роҳу усулҳои истифодаи амалии онҳоро дар ҷараёни таълим ва машғулиятҳои беруназ синфӣ муфассал шарҳ хоҳем дод.

**АДАБИЁТ**

1. Аксенова, И.В. Профессионально-направленное восприятие как компонент психологической культуры психолога // Теория и технология формирования профессионально-педагогической культуры / Белгород: Изд-во БелГУ, 1999, с. 30-31.
2. Ахметова, Д., Гурье, Л.И. Преподаватель вуза и инновационные технологии // Высшее образование в России. - 2001. - № 4. - с. 138 -144.
3. Балакирев, А.Ф. Затруднения учителей в инновационной деятельности: Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата педагогических наук. - Шуя, 2000. – 20 с.
4. Бондаренко, О.В. Применение мультимедийных технологий в образовательном процессе высшего учебного заведения. / Современные проблемы науки и образования. – 2017. – № 3
5. Воронина, Т., Молчанова, О., Абрамешин, А. Управление инновацичми в сфере образования // Высшее образование в России. - 2001, № 6, - с.3-12.
6. Железнякова, С.И. Ориентации и установки учителей на инновационную деятельность: Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата социологических наук / Уральский государственный университет. - Екатеринбург, 1997. – 19 с.
7. Захаров, В.В. Компьютерные технологии в экономическом и бизнес- образовании // Бизнес-образование. - Выпуск 2 (3) / 97. - с. 66-71.
8. Кавтарадзе, Д.Б. // Мир психологии. - 1998. - № 4. - с.46.
9. Мухина, В.С. Возрастная психология. М.: 1982. – 444 с.
10. Общая и профессиональная педагогика: учебное пособие для студентов, обучающихся по специальности «профессиональная педагогика»: В двух книгах / Под

редакцией В.Д.Симоненко, М.В. Ретивых. - Брянск: Издательство Брянского государственного университета, 2003. - кн.2. – 169 с.

11.Перфильева, Г.М. Сестринское дело в России: Автореферат диссерта¬ции на соискание ученой степени доктора медицинских наук. - М., 1995.

12.Поваренков, Ю.П. Профессиональное становление личности: Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора психологических наук. - М., 1999 - 38с.

13.Поваренков, Ю.П. Психологическое содержание профессионального становления человека - М.: Изд-во УРАО, 2002. -159 с.

14.Подымова, JI.C. Теоретические основы подготовки учителя к инновационной деятельности: Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора педагогических наук. - М., 1996 -32 с.

15.Подымова, JI.C. Креативная парадигма профессионального образования учителя. / Проблема становления личности в образовательном процессе: сб.научных статей / Под ред. Подымова Н.А., Подымовой Л.С. - Курск: Издательство КГПУ, 2000. - 233с.

16.Подымова, Л.С. Инновационные технологии в обучении студентов. Сборник научно-практической конференции. - Курск: Изд-во КГПУ, 1998.

17.Профессиональная педагогика: Учебник для студентов, обучающихся по педагогическим специальностям и направлениям. - 2-ое изд., переработано и дополнено. - М.: Под редакцией С.Я. Батышева - М.: Ассоциация «Профессиональное образование», 1999. – 904 с.

18.Сапунцов, В.Д. Компьютерные деловые игры и дистанционное образование. - 2000. - № 1. - с. 14 – 20.

19.Селевко, Г.К. Современные образовательные технологии: Учебное пособие. -М.: Народное образование, 1998. – 256 с.

20. Фатхутдинов, Р.А. Инновационный менеджмент. Учебник 2-е издание. М.: ЗАО «Бизнесс-школа», «Интел- синтез», 2000. – 624 с.

**ТДУ 37.025 (575.3)**

## ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯҲОИ АСОСИИ ПАДИДАИ ЛАЁҚАТМАНДӢ

***АСҲОБИДДИНИ Шералӣ*** *– номзади илмҳои педагогӣ, директори Муассисаи давлатии таълимии “Литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Душанбе”, ш. Душанбе, к.Маякосвкий, 27/1.* ***E-mail:*** *asomnazarov@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 93 999 96 99*

Мақола ба таҳлили муфассали табиати падидаи истеъдоди зеҳнии хонандагон бахшида шудааст. Масъалаи тадқиқот бо эҳтиёҷоти илми муосири педагогӣ-психологӣ, инчунин амалияи таълимӣ ба таҳияи консепсияе вобаста аст, ки сохтор ва динамикаи зуҳуроти падидаи истеъдоди зеҳнии мактаббачагонро дар бар мегирад ва баррасии онро мубрам мегардонад.

Муаллиф ин масъаларо ошкор намуда, мавқеъҳои гуногуни илмии муҳаққиқонро таҳлил намудааст. Бо назардошти гуногунии таърифҳои мафҳумҳои «зеҳн» ва «истеъдод» ба хулосае меояд, ки имрӯз ба таърифи онҳо муносибати ягона вуҷуд надорад. Муаллиф ба ҷузъҳое, ки ҳангоми таҳияи онҳо бояд ба назар гирифта шаванд, таваҷҷуҳи хоса додааст, ба мисли истеъдоди зеҳнӣ, инчунин дастгоҳи истилоҳоти консептуалӣ ва ғояҳои асосӣ. Дар мақола таҷрибаи пешниҳодшудаи мактабҳои илмии муосир, ки усулҳои таълимро татбиқ мекунанд, ки ба рушди истеъдоди зеҳнии мактаббачагон мусоидат мекунанд, таваҷҷӯҳи хоса дода шудааст.

Мақола далели он аст, ки шарти муҳимми таҳсилоти бомуваффақияти кӯдакони лаёқатманд фардикунонии фаъолияти таълимии онҳост, зеро кӯдакони лаёқатманд як гурӯҳи махсуси хонандагоне мебошанд, ки омӯзиши на фронталӣ, балки инфиродиро талаб мекунанд. Масъалаи ташкили кор бо хонандагони болаёқат дар асоси барномаҳои фардии таълимӣ, бо назардошти муқаррарот дида баромада мешавад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *истеъдод, лаёқатмандӣ, кӯдакони лаёқатманд, қобилият, зеҳн, модели зеҳнӣ, модели секутбии лаёқатмандӣ, рушди шахсият.*

# АНАЛИЗ ОСНОВНЫХ ТЕОРИЙ ФЕНОМЕНА ОДАРЕННОСТИ

***АСХОБИДДИНИ Шерали** – кандидат педагогических наук, директор Государственного образовательного учреждения "Лицей для одаренных учащихся в городе Душанбе", г. Душанбе, ул. Маякосвского, 27/1. **E-mail:** asomnazarov@mail.ru, **тел.:** +(992) 93 999 96 99*

Статья посвящена подробному анализу сущности феномена интеллектуальной одаренности учащихся. Вопрос исследования с потребностями современной педагогико-психологической науки, а также образовательной практики связан с разработкой концепции, включающей в себя структуру и динамику феномена интеллектуальной одаренности школьников и обуславливающей актуальность ее рассмотрения.

Автор раскрывает эту проблему и анализирует различные научные позиции исследователей. Принимая во внимание многообразие определений понятий «интеллект» и «талант», делается вывод о том, что на сегодняшний день нет единого подхода к их определению. Особое внимание автор уделяет компонентам, которые следует учитывать при их развитии, таким как интеллектуальная одаренность, а также устройство понятийных терминов и основных идей. В статье особое внимание уделяется предложенному опыту современных научных школ, применяющих методы обучения, способствующие развитию интеллектуальной одаренности школьников.

В статье доказывается, что важнейшим условием успешного обучения одаренных детей является максимальная индивидуализация их учебной деятельности, поскольку одаренные дети представляют собой особую группу учащихся, требующих индивидуальной, а не фронтальной подготовки. Рассмотрен вопрос организации работы с одаренными учащимися на основе индивидуальных образовательных программ с учетом нормативных документов.

***Ключевые слова:** гений, одаренность, одаренные дети, талант, интеллект, модель интеллекта, трехкольцевая модель одаренности, развитие личности.*

# ANALYSIS OF THE MAIN THEORIES OF THE PHENOMENON OF GIFTEDNESS

***ASHOBIDDINI Sherali** – candidate of Pedagogical Sciences, Director of the State Educational Institution "Lyceum for Gifted Students in the city of Dushanbe", Dushanbe, Mayakosvskogo, 27/1. **E-mail:** asomnazarov@mail.ru, **phone:** +(992) 93 999 96 99*

The article is devoted to a detailed analysis of the essence of the phenomenon of intellectual giftedness of students. The issue of research with the needs of modern pedagogical and psychological science, as well as educational practice, is associated with the development of a concept that includes the structure and dynamics of the phenomenon of intellectual giftedness of schoolchildren and determines the relevance of its consideration.

The author reveals this problem and analyzes the various scientific positions of researchers. Taking into account the variety of definitions of the concepts of "intelligence" and "talent", it is concluded that today there is no single approach to their definition. The author pays special attention to the components that should be taken into account in their development, such as intellectual giftedness, as well as the arrangement of conceptual terms and basic ideas. The article pays special attention to the proposed experience of modern scientific schools that use teaching methods that contribute to the development of the intellectual giftedness of schoolchildren.

The article proves that the most important condition for the successful education of gifted children is the maximum individualization of their educational activities, since gifted children are a special group of students who require individual, rather than frontal training. The issue of organizing work with gifted students on the basis of individual educational programs, taking into account regulatory documents, is considered.

***Keywords: genius**: giftedness, gifted children, talent, intelligence, intelligence quotient (IQ), Guilford model of intelligence, Renzulli's three-ring model of giftedness, Working concept of giftedness, personality development.*

Дар хусуси тарбияи фарзандон ва муносибати нек ба илмомӯзӣ ва рушди қобилиятҳои кӯдакону наврасон дар афкори ниёгони халқи тоҷик таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст. Омӯхтан ва дастраси умум гардонидани дастовардҳои нотакрори педагогикаи ниёгон, махсусан дар замони соҳибистиқлолӣ барои мо муҳим мебошад.

Ҳануз дар таълимоти Авасто ба таълим ва тарбияи насли наврас дар мактаб аҳамият дода шуда, мувофиқи нишондоди он мактабҳои авастоӣ дар назди идораи ҳокимони маҳаллӣ ва донишкадаҳо ташкил карда мешуданд. Усули таълим гуногун буд. Барномаҳои ягона вуҷуд надошт. Раванди таълим аз рӯи принсипҳои зерин ба роҳ монда мешуд:

- ҳаёти талаба (шогирд) дар хонаи муаллим (устод);
- эҳтироми баланди муаллим;
- интизоми қатъӣ;
- назорати қатъии тафаккур, эҳсосот ва майлу хоҳишҳои шогирдон;
- тарзи шифоҳии таълим (то пайдо шудани хат) [4, 56].

Масъалаҳои шавқу ҳаваси кӯдак ба омӯзиши илму дониш ва сайқал додани маҳорату малака ва тарбияи хислату сиришти неки инсонӣ дар таълимот ва педагогикаи ниёгон мавқеи хоса дорад ва таъкидҳои бешумори онҳо барои иломӯзиву донишазхудкунӣ ва касбу ҳунаромӯзиӣ равона карда шудаанд. Ба ин гуфтаҳо мисол шуда метавонанд мероси педагогии мутафаккирон Рӯдакӣ, Форобӣ, Фирдавсӣ, Унсурмаолии Кайковус, Ибни Сино, Носири Хисрав, Саъдии Шерозӣ, Хоҷа Насриддини Тӯсӣ, Абӯшукури Балхӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Давонӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон, ки паҳлуҳои гуногуни таълиму тадрис ва тарбияи кӯдаконро фаро гирифтаанд.

Форобӣ дар ташаккули қобилияти фикрии талабагон ба муттасилии таълим эътибори ҷиддӣ додааст. Олим дар рисолаи “Таснифоти улум” тартиби таълими муттасилро чунин пешниҳод кардааст: дар ҷои аввал забон гузошта шудааст, зеро ба қавли олим забон “ба инкишофи ҳамаи илмҳо” ҳидоят мекунад; дар ҷои дуюм мантиқ меояд, чунки қонунҳои умумии мантиқ ба дарки мазмун, моҳият ва инкишофи ҳамаи илмҳо мусоидат менамояд; баъдан омӯхтани илмҳои риёзиёт, табиатшиносӣ, илоҳиёт ва ҷомеашиносиро тавсия медиҳад [4, 128].

Дар назарияи Форобӣ ба тарбияи фикрии кӯдакон диққати зиёд дода мешавад. Ӯ дар инкишофи ақлии инсон мавҷудияти ду навъи ақл: амалӣ ва назариявиро нишон медиҳад. Форобӣ ҳар ду навъи ақли инсониро зарур медонад. Бинобар ин ба муаллимон пешниҳод менамояд, ки ба инкишофи қобилияти фикрии бача эътибори доимӣ диҳанд [4, 129].

Абӯалӣ ибни Сино дар ташкили тарбия ва таълим, муайян намудани мазмуни маълумот, пеш аз ҳама чун педагог баромад карда, талаботеро пешниҳод менамояд, ки аксари онҳо дар илми дидактикаи имрӯза амал мекунад. Аз ҷумла, дар мисолҳои мувофиқи синну сол муайян намудани мазмуни маълумот, ба назар гирифтани истеъдод, қобилият, маҳорат, тавоноӣ, сиҳатӣ, шавқмандӣ ва пандомӯзии маводҳои таълимӣ, мувофиқати онҳо ба синну соли шогирдон, соҳибихтиёрии талаба дар интихоби китоб барои кори мустақилона, зарурати машқҳои ҷисмонӣ, ҳамфикрӣ ва ҳамрайъии талабагон дар роҳи интихобкардаи худ, муҳити солим дар оила ва таълимгоҳ, истифодаи усулҳои гуногуни таълим ва тарбия дар вобастагӣ бо синну соли талабагон ваё вазъияти рӯйдода дидан мумкин аст [4,153].

Дар афкори Саъдии Шерозӣ тарғиб илму дониш ва аҳамияти он дар ташаккули шахсияти инсон, алоқамандии назария бо амалия мавқеи авваро ишғол мекунад. Дар ин хусус ӯ гуфтааст: “Ҳар ки илм ханду амал накард ба дон монад, ки гов ронд ва тухм наяфшонд”. Ба ақидаи Саъдии Шерозӣ маънои ҳақиқии дониш инкишоф додани ҳисси ақлонии инсон мебошад. Ҳисси ақлӣ дар инсон фақат дар натиҷаи кӯшиши татбиқи дониш фароҳам мегардад. [11,84]

Камолиддин Биноӣ ба васфи илм диққати зиёд додааст. Ӯ дар баҳои умумии худ ба илм ҳарчанд асосан ба шоирони пешин ҳамфикр бошад ҳам, вале дар айни замон баъзе махсусиятҳои худро дорад. Ин фарқият пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки Биноӣ ба мисли шоирони гузашта ҷавононро нафақат ба омӯхтани илм даъват мекунад, балки дар айни замон се шарти асосиро мушаххас нишон медиҳад, ки риояи онҳо инсонро ба одамият даъват

менамояд. Шарти аввал – аҳамияти илм дар ҳаёти инсон; шарти дуюм – шароитҳои ба дастоварии илм ва шарти сеюм алоқаи илм бо фаъолияти амалии инсон. [4,194]

Биноӣ дар таълимоти педагогии худ шаш шарту шароитҳои асосии ба даст овардани илму донишро нишон медиҳад: шарти аввал – талаб ва кӯшиш; шарти дуюм – вақт; шарти сеюм – ҳиммат; шарти чорум – даст кашидан аз коҳилӣ; шарти панҷум – ҳурмати илму устоду китоб ва шарти шашум – ҳалолкорист. [4,195-197]

Носири Хисрав бар зидди кӯр-кӯрона аз худ намудани дониш баромада, барои ба даст овардани илму дониш назарияи истифодаи айёниятро пешниҳод менамояд:

Макун бовар суханҳои шунида,
Шунида кай бувад ҳаргиз чу дида. [11, 51]

Ба ақидаи Бедил илму ҳунар дар натиҷаи қобилият ба даст оварда мешавад:

Фонуси шамъҳои асар қобилият аст,
Бе ранг ҳеҷ ҷилва мусаввар намешавад. [11, 142]

Бедил кӯшишу заҳмат, ҳиммату азму иродаи ҳаррӯзаро воситаи сайқал додани дониш, малакаю маҳорат медонад; донишу ҳикмат таввассути кӯшишу ҳиммат ба даст оварда мешавад. Инсон танҳо тавассути талошу ҳиммати ҳаррӯза ба мақсад мерасад. Дар масъалаи лаёқату қобилият Бедил таъкид менамояд:

Пеши чашме, ки нури ирфон нест,
Гар бувад осмон, намоён нест.

Ба андешаи Бедил инсоне, ки лаёқату маърифату дониш надорад, гумон мекунад, ки осмон ҳавзи оббозист. Дар ин ҷо мушоҳида карда мешавад, ки Бедил то кадом андоза ба лаёқат, кобилият ва марифат таваҷҷуҳ намудааст. [11, 142]

Дар тӯли садсолаи асри XX, истилоҳи «лаёқатмандӣ» тағйиротҳои назаррасро аз сар гузаронид. Дар оғоз, ин мафҳум танҳо ба калонсолон марбут дониста мешуд, ки дастовардҳои онҳо беҳамто ҳисобида мешуданд. Минбаъд рушди зеҳнии кӯдакон, комёбиҳои беназири онҳоро дар таълим ба инобат гирифта, ба истифодаи ин мафҳум нисбати кӯдакон низ шурӯъ намуданд. Ба сафи кӯдакони лаёқатманд онҳое ворид гардиданд, ки дар қатори беҳтаринҳо ҷой гирифта, дорои нишондиҳандаҳои баланди зеҳнӣ буданд. Ба сифати меъёри рушди зеҳнӣ, одатан нишондиҳандаи коэффисиенти зеҳнии IQ истифода мешавад.

Дар ҳаёти ҳаррӯза пайваста тағйироту иловаҳо ва навгониҳо ворид гашта истодаанд, ки онҳоро пешгӯи кардан ғайриимкон аст. Ин дигаргуниҳо, ки мавриди санҷишҳо қарор мегиранд нишондиҳандаҳои баланди рушди ақлонӣ ва дастовардҳои эҷодии беҳамторо кафолат дода наметавонанд. Ҳамзамон, кӯдаконе, ки дорои нишондиҳандаҳои нисбатан назарраси IQ мебошанд, дар қатори онҳое қарор мегиранд, ки сабабгори пешрафтҳое мегарданд, ки ҳаёти ҷомеаро дигаргун месозанд. Чунин ҳолатҳои бавуҷудомада моро водор намуд, ки пайваста ба мазмуни истилоҳи "лаёқатмандӣ" ва алахусус ба масъалаи он, ки кадом намудҳои лаёқатмандӣ аз назари муҳаққиқон ва таҷрибадорон дур мондаанд диққати худро равона созем.

Муддати тӯлонӣ нисбат ба мафҳуми зеҳн ду ақида вуҷуд дошт. Тибқи ақидаи аввал зеҳн - як аломати сирф ирсӣ мебошад: ё одам бо зеҳн таваллуд мешавад, ё баръакс. Мувофиқи нуқтаи назари дуввум, зеҳн бо суръати дарк ё вокуниш ба ҳавасмандиҳои беруна алоқаманд аст. Дар баробари ин, олимоне, ки аввалин санҷишҳоро дар хусуси зеҳн таҳия намудаанд (масалан, Dinet, Simon, 1905), ин хусусиятро нисбатан васеътар баррасӣ намудаанд. Ба андешаи онҳо, шахси дорои зеҳн, онест, ки "дуруст доварӣ намуда, мефаҳмад ва андеша мекунад, ва касест, ки тавассути ақли солим ва ташаббускорӣ, метавонад ба шароитҳои ҳаёт мутобиқ гардад".

Тибқи гуфтаҳои психолог М.А. Холодная «фарзияи лаёқат» вуҷуд дорад, яъне ҳама одамон лаёқатманд мебошанд ва муҳимтар аз ҳама - ин истеъдод дар ҳаёт таҳия ва татбиқ карда мешавад. Одами боистеъдод дар як намуди муайяни фаъолият дастовардҳои ғайриоддӣ дорад, ки дар баъзе маҳсулотҳои воқеӣ, объективӣ нав, то андозае маводи моддӣ ё идеалии маъмул таҷассум меёбанд.

Масъалаи омӯзиши психологияи лаёқатмандӣ, шинохтан ва таълим додани кӯдакони лаёқатманд дар кишварҳои гуногун таърих ва анъанаҳои худро дорад. Ҳануз дар соли 1972 Кумитаи маорифи ИМА мафҳуми «кӯдакони лаёқатманд» -ро таҳия кард, ки то ҳол дар ғарб муҳим аст: «Фарзандони лаёқатманд ва боистеъдод онҳоеро номидан мумкин аст, ки ба гуфтаи мутахассисони таҷрибадор, бо қобилиятҳои барҷастаи худ дар як ё якчанд соҳаҳои зерини

фаъолият дастовардҳои баланд доранд (ё имкониятҳои потенсиалӣ доранд): зеҳнӣ; академикӣ; тафаккури эҷодӣ ё истеҳсолӣ; муошират ва роҳбарӣ; санъат; варзиш» [8, 42]. Пас аз каме (1978) ин таърифро худи ҳамон Кумитаи маориф таҳрир карда буд: «Фарзандони лаёқатманд дорои малакаҳои аллакай ташаккулёфта ё потенсиалӣ мебошанд, ки зуҳуроти қобилияти зеҳнии баланд, эҷодкорӣ, санъат (мусиқӣ ё бадеӣ) ё академикӣ мебошанд ё сифатҳои барҷастаи пешсафӣ доранд. Дар робита ба ин, онҳо ба кумак ва фаъолиятҳое ниёз доранд, ки ба ҷузъи барномаи таълимии иактаби муқаррарӣ дохил нестанд» [8; 44]. Бори аввал дар сатҳи расмӣ эълом карда шуд, ки ба чунин кӯдакон барномаҳои таълимӣ ва кӯмаки мухталифе лозиманд, ки берун аз таълими мактаб барои амалисозии потенсиалашон ва саҳмгузорӣ дар рушди ҷомеа саҳм мегиранд. Дар таърифи охирин ибораи мазкур ҷолиби диққат аст, зеро он барои таҳқиқи мо аҳамияти амалӣ дорад.

Кӯдаконе, ки ба дастовардҳои баланд майл доранд, метавонанд онҳоро дарҳол нишон надиҳанд, вале дар дилхоҳ самтҳои зерин (дар як ё якҷоя) маҳоратҳои худро зоҳир намоянд:

- ✓ қобилияти зеҳнии умумӣ;
- ✓ қобилиятҳои махсуси таълимӣ;
- ✓ эҷодӣ, самаранокӣ, фикрӣ;
- ✓ қобилиятҳои роҳбарӣ;
- ✓ санъати бадеъӣ ва сарояндагӣ;
- ✓ қобилиятҳои психомоторӣ.

Таҳқиқотҳои амиқи дар солҳои минбаъда анҷомдодашуда муайян намуд, ки навъҳои аллакай шинохташудаи лаёқатмандӣ ба таври гуногун баррасӣ карда мешаванд. Таҳлилҳо нишон дода доданд, ки дар дурнамо бояд имкониятҳои эҷодии (маърифатии) кӯдаконро ба назар гирифта шавад. Санҷишҳои маърифатие, ки махсусан аз ҷониби П. Торренс барои ташхиси тафаккури кӯдакон таҳия гардидаанд, дар таҳқиқотҳои лаёқатмандӣ васеъ истифода мешаванд, зеро ба тариқи таҷрибавӣ исбот шудааст, ки онҳо он ҷанбаҳои қобилияти ақлиро чен мекунанд, ки дар санҷишҳои зеҳнӣ инъикос нагардида, вале ба пешгӯиҳои дастовардҳои оянда таъсири назаррас мерасонанд [10; 27-32].

Равоншиноси амрикоӣ Ҷ. Гилфорд [1] мафҳуми тафаккури дивергентӣ (авҷгиранда) маҳсулнокро ҷорӣ намуд, ки ба гирифтани як қатор ҷавобҳои дуруст равона шудааст (дар муқоиса бо маърифатӣ - як самтро доро мебошад - тафаккури маҳсулнок, ки ба ҷавоби ягонаи дуруст нигаронида шудааст). Маҳз тафаккури дивергентӣ метавонад, ҳамчун воситаи тавлиди ғояҳои нав ва худбаёнӣ хизмат намояд.

Хусусияҳоти тафаккури дивергентӣ чор хосияти асосиро дарбар мегирад:

- равонии (сабукии) фикр - шумораи ғояҳо аз рӯи воҳиди вақт;

- тағйирпазирии фикр - қобилияти гузариш аз як ғоя ба ғояи дигар;

- аслият - қобилияти тавлид кардани ғояҳое, ки аз ғояҳои муқаррарӣ, умумӣ фарқ кунанда, тавлиди ғояҳои нав;

- дақиқӣ (ё мукаммалӣ) - қобилияти такмил додан, ба маҳсулоти эҷодии худ манзараи комил бахшидан.

Ҷ. Гилфорд дар «Сохтори зеҳн» [1] чунин мешуморад, ки тафаккури эҷодӣ, аз як тараф, дар худ фаъолияти ҳамаи омилҳои қарорҳои ғайристандартӣ, аз дигар тараф бошад, омилҳои биниши мушкилот ва рушди онҳоро, фаро мегирад.

Модели мукаабии сохтори зеҳнии Ҷ. Гилфорд (расми 1 ва ҷадвали №1), кӯшиши муайян кардани ҳар як 120 қобилияти мушаххасро бар се андозаи тафаккур ифода менамояд: мо чӣ фикр мекунем (мазмун), чӣ гуна мо дар бораи он (амалиёт) фикр мекунем ва ин маҳорат (натиҷа) ба чӣ оварда мерасонад.

Масалан, ҳангоми аз бар намудани аломатҳои шартӣ, ба монанди бонгҳои алифбоии Морзе (EI2), ҳангоми ёд кардани дигаргуниҳои семантикӣ, ки барои тасрифи феъл дар ин ё он вақт ё дигар (ДУЗ) ё ҳангоми арзёбии тағйиротҳо дар рафтор, ҳангоми ба кор рафтан аз рӯи самти нав (AV4), намудҳои комилан гуногуни зеҳн ҷалб карда мешаванд.




**Расми 1.** Модели зеҳнии Ҷ. Гилфорд

Ҷадвали №1.

Шарҳи модели мукаабии сохтори зеҳнии Ҷ. Гилфорд

| Амалиётҳо | Натиҷа | Мазмун |
|---|---|---|
| A. Арзёбӣ | I. Унсурҳо | 1. Образнок |
| B. Тафаккури маърифатӣ | II. Синфҳо | 2. Рамзӣ |
| C. Тафаккури дивергентӣ | III. Муносибат | 3. Семанти |
| D. Хотира | IV. Низомҳо | 4. Рафторӣ |
| E. Функсияҳои даркнамоӣ | V. Ислоҳот | |
| | VI. Истифоданамоӣ | |

Омӯзгор – равоншиноси амрикоӣ Ҷ. Рензулли чунин мешуморад, ки лаёқат натиҷаи омезиши се хусусият мебошад: ақл, ки аз сатҳи миёна зиёд аст, эҷодкорӣ ва ангеза. Вай онро «модели сикли лаёқатмандӣ» меномад. Равоншиноси голландӣ Ф. Мокс қисман бо модели лаёқатмандии Ҷ.Рензулли розӣ аст ва ба он омилҳои иҷтимоиро илова намуд, ки ба он: оила, мактаб ва ҳамсолон дохил мешаванд. Ба андешаи ӯ, шахс маҳсулоти иҷтимоӣ аст, аз ин рӯ, вай ба муносибатҳои хуб, пеш аз ҳама бо оила, мактаб ва дӯстон ниёз дорад ва барои рушди истеъдодҳо ҷузъи шахсӣ, низ лозим аст. Ӯ инро «модели бисёрҷанбаи лаёқат» номид. Мувофиқи гуфтаҳои Ф. Монкс, қобилиятҳои зеҳнии аз ҳисоби миёна баланди ақл, ин дараҷае мебошанд, ки тавассути истифодаи тестҳо чен карда шуда, дар IQ тақрибан 130 ва ё он баландтар ифода шудааст, ҳарчанд муайян кардани сарҳади дақиқ имконнопазир аст. Эҷодиётро ӯ ҳамчун қобилияти дарёфт намудани қарори мумтоз ва шево муайян менамояд; ҳавасмандиро бо иродаи қавӣ, суботкорона ва хушнудона ҳал кардани мушкилот («ҷузъи эҳсосӣ» ҳавасмандӣ), қобилияти гузоштани мақсадҳо ва ноил шудан ба онҳо («ҷузъи маърифатӣ» ҳавасмандӣ) пайваст мекунад [9].

Намунаи равиши дигар консепсияи секутбавии лаёқатмандии Ҷ.Рензулли (расми 2) хизмат мерасонад. Он се ҷузъро дар бар мегирад: зеҳни аз миёна боло, ҳавасмандии мукаммал ва «эҷодкорӣ» [9] .




**Расми 2.** Модели секутбавии лаёқатмандии Ҷ. Рензулли

1 - қобилияти зеҳнии аз миёна баландтар;

2 - завқ ба супориш;

3 – қобилиятҳои эҷодкорӣ.

Муайян карда шудааст, ки ҳеҷ гуна дониши абстрактӣ дар алоҳидагӣ аз ҳиссиёт самаранок буда наметавонад. Эҷодкорӣ пеш аз ҳама, тафаккури махсус, сифати махсуси равандҳои ақлониро ифода менамояд. Аҳамияти калонро дар раванди эҷодкорӣ - дар ҳама гуна соҳаи фаъолият - тасаввурот, эҳсосот ва ҷузъҳои дарккнашавандаи фаъолнокии ақлонӣ доро мебошад. Тафаккур бояд озоду осуда бошад.

Дар асоси гуфтаҳои дар боло қайдгардида, лаёқатмандии ақлонӣ чизи яксон нест. Аз шинохти чунин низом бармеояд, ки фарқиятҳо оид ба қобилияти ақлонӣ дар фарқиятҳо аз рӯи бузургии он хулоса намеёбад: гуногун метавонанд таносуби "ҷузъҳо", нақши нисбии ҳар яки онҳо бошанд.

Лаёқатмандии кӯдакро таҳлил намуда, ин моделро дар таҷриба истифода намудан қобили қабул мебошад. Гузашта аз ин, хеле муҳим аст, ки дар бораи падидаи лаёқатмандӣ дар маҷмӯъ дар худ нишонаи синну соли шахси афзояндаро доро мебошад.

Аз ҷониби равоншиноси олмонӣ К. Ҳеллер лаёқат ҳамчун шарти инфиродӣ (маърифатӣ ва ҳавасмандкунанда) -и шахсият барои дастовардҳои баланд дар як ё якчанд соҳа муайян карда шудааст [12]. Модели ӯ «Модели лаёқати Мюнхен» номида шуд - он на танҳо таъсири омилҳои когнитивиро ба меъёрҳои ноилшавӣ, балки таъсири омилҳои ғайрикогнитивӣ, шахсиятро қайд мекунад ва иртиботро бо шароити иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ таъкид мекунад.

Муҳимтарин шартҳои равоншиносии муосири лаёқатмандӣ дар он хулоса меёбад, ки рушди лаёқатмандӣ берун аз ҳамоҳангии шахсияти рушдёбанда ва муҳити иҷтимоии он наметавонад баррасӣ гардад. Кӯшишҳои фаҳмидан ва инъикос намудани ин ҳамоҳангиҳо дар як қатор моделҳои лаёқатмандии Ҷ.Рензулли [9], Ф.Монкс [2], К. Ҳеллер [12] ва дигарон нишон дода шудаанд. Дар баробари ин, нақши махсуси таълими мактабӣ дар фароҳам овардани шароитҳое, ки ба имкониятҳои махсуси кӯдакони лаёқатманд нигаронидашудаанд қайд карда мешавад. Барои фароҳам овардани чунин шароит, рушд додани усулҳои ошкор намудани ин хусусиятҳо ҳангоми зуҳуроти мухталифи лаёқатмандӣ, пайгирии тағйироти онҳо дар ҷараёни рушди синну сол, вобаста ба шароити таълиму тарбия, кӯмак ба хонандагони болаёқат дар ҳалли мушкилоти онҳо зарур мебошад.

Дар айни замон, масоили лаёқатмандӣ ба таври алоҳида аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ дар Тоҷикистон ва хориҷа таҳия гардида истодаанд. Моделҳои зиёди консептуалӣ ва амалии лаёқатмандӣ, таъсисдиҳии барномаҳои калон оид ба ҷустуҷӯ, шинохтан ва рушди кӯдакони лаёқатманд вуҷуд доранд. Ҳар як барнома дорои модели консептуалии худ, пойгоҳи ташхисӣ, нақшаҳои таълимӣ мебошад.

Ҳамин тавр, таҳлили пешниҳодшудаи адабиёти фалсафӣ, психологӣ ва педагогӣ оид ба мушкилотҳои лаёқатмандӣ ба хулосае омад, ки кӯдаки лаёқатманд дорои хосиятҳои хос мебошад, мутаносибан кор бо чунин кӯдак хусусиятҳои худро дорад ва истеъдоди худро танҳо дар ҷараёни фаъолияти маърифатӣ мушоҳида, зоҳир ва инкишоф додан мумкин аст.

**АДАБИЁТ**


1. Guilford ,J. The Nature of Human Intelligence.- N.Y.,1968.

2. Monks, F. J. Development of gifted children: The issue of identification and programming II Monks F. J. (ed). Talent for the future.- Assen. 1992.- P. 191-202.

3. Sternberg, R. et al. Conceptions of Giftedness.-Cambrige, 1986.

4. Атахонов, Т., Лутфуллоев, М., Шарифов, Ф.. Очеркҳои афкори педагогӣ. Воситаи таълим – Душанбе, 2005.

5. Афзалов, Х., Раҳимов, Б. Таърихи педагогикаи халқи тоҷик//Х. Афзалов. Б. Рахимов. – Душанбе: «Маориф», 1994.-с. - 25, 40, 51,79, 84, 96, 104, 142.

6. Богоявленская, Д.Б.., Богоявленская М.Е. Психология одаренности: понятие, виды, проблемы. Выпуск 1. - М.: МИОО, 2005. – 176 с.

7. Галтон, Ф. Наследственность таланта, ее законы и последствия (репринт издания 1875 г.). – М., 1996. – 313 с.

8. Рабочая концепция одаренности / Д.Б. Богоявленская, В.Д. Шадриков, Ю.Б. Бабаева, А.В. Брушлинский, В.Н. Дружинин, и др. – М.: Магистр, 2003. – 43 с.

9. Рензулли, Дж. Модель обогащающего школьного обучения: практическая программа стимулирования одаренности детей // Основные современные концепции творчества и одаренности / Под ред. Д.Б. Богоявленской. – М.: Молодая гвардия, 1997. – 372 с.

10. Савенков, А.И.. Одаренные дети: методики диагностики и стратегии обучения// Директор школы. - 1999. -№ 5. - С. 55–63.

11. Хеллер, К.А. Диагностика и развитие одаренных детей и подростков // Основные современные концепции творчества и одаренности / Под ред. Д.Б. Богоявленской. – М.: Молодая гвардия, 1997. – 372 с.

12. Холодная, М.А. Психология интеллекта: парадоксы исследования. - СПб.: Питер, 2002. -272 с.

# ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ СОЦИАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ СТАРШИХ ДОШКОЛЬНИКОВ И МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ В СЕМЬЕ

***БЕГОВА Фарзона Ибрагимовна*** *– соискатель Института развития образования им. Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2.* ***E-mail:*** *begovaf88@mail.ru,_* ***тел.:*** *+(992)800 111 918*

В статье рассматривается проблема социального развития детей как одной из ведущих и значимых для современной науки и государственной политики. Автор отмечает, что социальное развитие и воспитание является актуальное направление педагогической работы с детьми на всех ступенях образования, активно исследуется учеными и отражается в современных нормативно-правовых документах. Ученые подчеркивают важнейшее значение раннего социального развития в становлении личности ребенка, что существенно определяет весь его жизненный путь.

Выделяя приоритетные направления в организации социального развития подрастающего поколения, автор утверждают, что для успешной жизни в современном обществе для ребенка важно не только присвоение социальных норм и правил, но и получение социального опыта, творение культуры в виде новых для него способностей, которые будут обеспечивать его дальнейшую жизнедеятельность: поступки, принятие решений, осуществление выбора, соблюдение норм отношений и проявление своих социальных качеств.

***Ключевые слова:*** *социальное развитие, старшие дошкольники, младщие школьники, ступени образования, становлеие личности, ребёнок, социальные нормы и правила.*

# АСОСҲОИ ПЕДАГОГИИ РУШДИ ИҶТИМОИИ КӮДАКОНИ СИННИ КАЛОНИ ТОМАКТАБӢ ВА ХОНАНДАГОНИ ХӮРДСОЛ ДАР ОИЛА

***БЕГОВА Фарзона Иброҳимовна*** *– унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2.* ***E-mail:*** *begovaf88@mail.ru,_* ***тел.:*** *+(992)800 111 918*

Дар мақола масъалаи рушди иҷтимоии кӯдакон ҳамчун яке аз масъалаҳои мубрам ва муҳим барои илм ва сиесати муосири давлатӣ баррасӣ карда мешавад. Муаллиф қайд мекунад, ки рушди иҷтимоӣ ва тарбия самти мубрами кори педагогӣ бо кӯдакон дар ҳама зинаҳои таҳсилот буда, аз ҷониби олимон фаъолона таҳқиқ ва дар ҳуҷҷатҳои меъерию ҳуқуқии муосир инъикос ефтааст. Олимон аҳамияти муҳими рушди барвақти иҷтимоиро дар ташаккули шахсияти кӯдак таъкид мекунанд, ки тамоми роҳи ҳаети ӯро ба таври назаррас муайян мекунад.

In the article, the author recommends using his analytical experience to use the psychological and pedagogical abilities of coaches of sports institutions and their cognitive activities. It also reflects the functions of activating the trainer in scientific knowledge, theoretical application of the problem formed. Considers it valuable to solve problems related to the ability of a sports coach to improve his skills as a factor in the development of skills and cooperation of athletes besed on competencies. Additions to this reality of competencies are necessary for the diversity of model plans of the student in the process of pedagogical and psychological training.

Namely, because the training of pedagogical and psychological aspects in the personality of the coach popularizes the highest creative mission, cognitive formation, innovation and the ability to achieve professional goals. And he considers the success of trainers ability to show interest and love for their profession as the only factor in the phenomenon of the pedagogical and psychological aspect, whish relates to modern times.

***Key words:*** *aspects, abilities, pedagogical, psychological, coach, athletes, formation,function, value.*

Масъалаи қобилияти мураббиёни варзиш, сатҳи омодагии баланди ҳамгироӣ ва эъҷодӣ бахри такаммул додани зеҳни варзишгарон дар ташаккули системаҳои тарбия яке аз ҳолати руҳии аввалиндараҷа барои ихтисосманди соҳа зарурияти хоса дорад. Аз ин рӯ, мураббиёни варзишро мебояд ҳар як падидаи омодагиро вобаста ба сатҳи тарбиявӣ ва руҳӣ нуқтаи назари андешаи ҷолибу дақиқ қарор диҳанд. Ташаккули тарбиявӣ ва руҳии қобилияти мураббиёни варзиш дар татбиқи андешаҳои олимони классикии аврупоӣ ба монанди Я.А.Коменский тақвият дода шудаанд. Барои ташаккули педагогӣ-психологии қобилияти мураббиёни варзиш шакли муҳиммияти ҳамкорӣ мавҷуданд, ки зеринҳоянд:

1. Робитаи мақсаднокии падидаҳои қобилият;
2. Ҳамбастагии рушду такомули қобилияти зеҳнӣ;
3. Тасаввуроти навъу рангини ташкили қобилияти баҳаракатоварандагӣ;
4. Ҳамфикрӣ бо варзишгарон дар ҷараёни тамрин.

Робитаи мақсадноки падидаҳои қобилият , алоқамандии хостаҳо ва тибқи тамрин додани пайдарпайи варзишгаронро бо меъёрҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, принсипи якҷоягии маромро тафовутҳои байни ҳамдигарӣ инъикос менамояд.

Ҳамбастагии рушди қобилияти зеҳнӣ ба истеъдодҳо ва дарки мазмун дар қобияти эъҷодӣ, якдигарфаҳмӣ нисбат ба тамрини натиҷадиҳанда, омили идора ва иродаи мураббиён дар ҳаёти воқеӣ маҳсуб меёбад.

Ҳамкорӣ дар раванди ташаккули педагогӣ-руҳии қобилияти мураббии варзиш хусусияти иҷтимоӣ дорад, зеро якҷоя амал кардани мураббӣ бо варзишгарон муоширати ҳадафмандии бошууронаро дар раванди фаъолият пешбинӣ менамояд. Аз ин нуқтаи назар дуруст аст, ки амалиёти якҷояи мураббӣ бо варзишгарон, ҳамдигарфаҳмии онҳо ба тағйироти сифати дар қобилияти шахсият оварда мерасонад. Ташаккули қобилияти педагогӣ дар раванди тамрин дар сурати таъсир расонидан ба олами ботинии варзишгарон (эҳтиёҷ, майлу рағбати онҳо) натиҷаҳои мусбат медиҳад, ки дар эҷоди ҳамҷоя ба даст овардан мумкин аст.

Воқеан, қобилияти мураббӣ табиатан моҳияти эҷодӣ дорад, ки дар асл хеле гуногун аст. Он ҳалли шуурнокии беохири масъалаҳои маъмулӣ ва ғайримаъмулии педагогӣ бо муносибати ғайриқолабӣ; коркарди методҳо, шаклҳо, воситаҳои тамрин, татбиқи таҷрибаҳои пешқадам дар шароити нав, маҳорати ворид кардани тавсияҳои методӣ, матлабҳои назариявии педагогӣ ба амалиёти мушаххаси педагогӣ, такмил додан, навсозии чизҳои маълум дар шароити мавҷуда ба бунёди низомҳои наву самарабахши қобияти тарбияи руҳии мураббиёни варзиш мебошад.

Қобилиятҳои мураббиён хосиятҳои психологие мебошанд, ки дар он намудҳои мушаххаси фаъолиятро аз худ намуда, дараҷаи маҳорати касбӣ ва педагогиро бомуваффақият такмил дода ба гуруҳҳои зерин тақсим мешаванд:

1. Қобилияти дидактикӣ-ин қобилияти интиқоли тамринии варзишгарон мебошад, ки дар он дастрас намудани маводе, ки барои тамрингирандагон фаҳмо бошад. Вобаста ба шавқу рағбат ва ҳавасмандгардонӣ фаъолияти мустақилонаи мураббӣ барои сабук гардонидани сарбории душвор дар шакли мураккаб, содда, норавшан ва фаҳмо гардонидани нақшаи тамрин кӯмак мекунад.

2. Қобилиятҳои таълимии тамрин барои гирифтани дониши илмӣ-назариявӣ сайъу кӯшиши мураббӣ ба он вобаста мебошад, ки дар таҳқиқ ва мушоҳидаи фаъолияти корӣ бозёфти навтарини соҳаро омӯзад.

3. Қобилияти дарккунӣ ворид шудан ба олами ботинии тамрингиранда бо дарки руҳии ӯ алоқаманд аст.

4. Қобилияти нутқ ин қобилияти аниқ ва возеҳ баён кардани фикри худ мебошад. Муҳиммияти ин қобилият дар он зоҳир мегардад, ки мураббӣ ба эҳсосот ва қувваи худ таваҷҷуҳ мекунад, ки чӣ тавр ҳарф мезанад то диққати шогирдонро ҷалб намояд.

5. Қобилияти ташкилотчигӣ малакаи ташкил кардани гуруҳи варзишгарон ба ҳалли масъалаҳои тамрин ва тарбия руҳбаланд гардонида, илова бар ин қобилияти ташкили фаъолияти худи мураббӣ аст.

6. Қобилияти авторитарӣ барои ноил шудан ба қудрати худ аз таъсири эмотсионалӣ ва ихтиёрӣ, ки ба тамрингиранда истифодаи бевосита мебошад.

7. Малакаи муошират қобилияти муносибати дуруст ба роҳ мондани мураббӣ, ки шогирдонро ба худ наздик созад.

Аз мушоҳидаҳои тамрини варзишгарон аён мегардад, ки намудҳои варзиш хеле зиёданд ва аз лиҳози педагогӣ-психологӣ ҳар як навъи варзиш вобаста ба худ қобилияти худтакмилдиҳӣ дорад. Уҳдадориҳои касбии мутахассис қобилияти муайяни педагогии дорои сифатҳои дониш ва зеҳнии мураббиро дар бар мегирад.

Тавре, ки дар гуфтаҳои боло зикр гардид, фаъолияти мураббӣ ин пеш аз ҳама фаъолияти педагогӣ мебошад, ки нисбат ба шахсияти мураббӣ талаботи муайян мегузорад ва дар қобилиятҳои иртиботӣ, ташкилотчигӣ, созандагӣ, инфиродӣ ва ҳаракатӣ зоҳир мегардад. Самаранокии кори мураббӣ аз сатҳи маҳорати педагогӣ вобаста буда, бо таҷриба ташаккул меёбад, ба шарте ки барои ин намуди фаъолият шароити мусоид мавҷуд бошад. Агар талаботро ба шахсият ва маҳорати касбии мураббии варзиш аз ҷониби мутахассисон ҷамъбаст кунем, метавон номгӯи сифатҳои зеринро қайд кунем:

Талабот ба сифати қобилият ва маҳорати шахсии мураббии варзиш

| | |
|---|---|
| Сифатҳо ва равандҳои психологии мураббии варзиш | - хусусиятҳои мурабии варзиш;<br>-тармаркузи диққат, таваҷҷуҳи инкишофёбӣ,қобилияти дарк кардани якчанд объектҳо;<br>- тасвир кардани ашё ба таври образнок дар раванди падидаи қобилият. |
| Сифатҳои қобилияти руҳӣ ва тарбивӣ | - тафаккури таҳлилӣ, қобилияти муайян кардани унсурҳои алоҳидаи воқеият ва қобилияти тасниф кардан;<br>- объективии тафаккур, аломатҳои фикронии воқеӣ ва ҷаҳонӣ;<br>- тафаккури стратегӣ;<br>- қобилияти возеҳ ва фаҳмо таҳия намудани иттилоот;<br>- қобилияти мнемоникии хуб инкишофёфта (хусусиятҳои хотира). |
| Сифатҳои руҳӣ дар раванди эҳсосот | - устувории эҳсосотӣ ва худидоркунӣ;<br>- ифоданокии суханронӣ ва бо эҳсоси самаранокӣ; |

Мураббии варзиш дар раванди тарбия намудани варзишгарон шахсияти маҳсулофар ва қонеъ гардонидани талаботҳои ихтисосиро дуруст истифода карда, аз алоқамандиҳои дониш ва малакаи хуби дарккунӣ аз қабили малакаи муошират, малакаҳои таҳлилӣ, омода будан дар шароитҳои гуногун , ҳамдардӣ ва ҳавасмандкуниро дар худ таҷассум намояд. Масалан, олими педагог ва психолог Корх А.Я. дар таҳқиқи худ чунин овардааст, ки мураббии варзиш дар худ қобилияти руҳбаланд ва интихоби гузаронидани маҳфили бозиҳои варзишие, ки шавқовар мебошад, ташаккул диҳад. Дар таҳқиқоти натиҷаҳои олимон Вайнберг ва Гулд хислатҳои муҳими касбие, ки фаъолияти мураббиён марҳилаҳои муваффақона доранд, бо методҳои инфиродӣ баҳо додаанд.

Қобилияти таълимии мураббиёни варзиш дар он инъикос мегардад, вақте, ки муносибати масъулиятшиносӣ дошта бошад ва ин масъулиятҳо дар ин самт эҷод мешавад:

- муносибати эҷодӣ, илмӣ дар фаъолияти корӣ истифодаи техникаи нав, дониши пешқадами асосёфта;

- дар баланд бардоштани чи маълумоти умумӣ ва чи маълумоти махсус, ки ба такмили комёбиҳои педагогӣ мунтазам қаноатманд мешавад;

- қобилияти интихоби усулҳои ғайристандардии таъсири педагогӣ расонидан ба шогирдон;

- дар машғулиятҳои инфиродӣ истифода бурдани унсурҳои омӯзиши мушкилотӣ ва барномавӣ; машғулият

- ҳангоми омӯзиш ваъиятҳои гуногун қобилиятҳои гуногуни тамрингирандагонро эъҷод намояд.

Вазифаҳои қобилиятнокии мураббиёни варзиш дар раванди фаъолияти самаранокӣ

Табиист, ки вазифаҳои асосии ҳар як мураббӣ тарбия ва рушди варзишгарон аст. Аммо ӯ боз чанд вазифаҳои дигар дорад ки бояд дар хотир дошта бошад.Ин вазифаҳоро ба чанд гуруҳҳо тақсим намудан мумкин аст:

- вазифаҳои озмоишӣ ва машваратӣ, ки агар мураббӣ дар муассисаи варзишӣ фаъолият кунад, бояд физиологияи одамро ҳамаҷониба омӯзад, то ҳангоми тамрин додан ва дар мусобиқа сабқат варзидан ба шогирдаш зарар нарасонад.
- вазифаҳои тарҳрезии мураббиён бояд қобилияти банақшагирии дарозмудат ва ҷорӣ дошта бошад. Қобилияти эҷодӣ дурнамо дар варзишгарон махсусан қобилияти таваҷҷӯҳ аст, ки ин фидокории онҳоро ба таври назаррас афзоиш медиҳад.
- вазифаҳои маъмурии мураббӣ бо асбобу анҷом, либоси варзишӣ, таъмин намудани варзишгарон, барои тамрин фароҳам овардани толорҳои варзишӣ, дар истироҳатгоҳҳо мусобиқаҳо ташкил намудан мебошад.
- вазифаҳои намояндагӣ аз як тараф барои варзишгарон худи мураббӣ ба ҳайси роҳбар бошад, аз тарафи дигар дар назди мақомоти ҳукуматӣ намояндагони роҳбарикунанда, шогирдонро муаррифӣ менамояд.
- вазифаи тарбиявӣ муносибати мураббӣ бо шогирдон тақлидкорӣ буда, рафтори мураббиро шогирдон нусхабардоӣ менмоянд. Мураббӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, то ки хислатҳои шахсияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ мусбат дошта бошад.
- вазифаҳои маърифатӣ - донистани хусусиятҳои психологии варзишгарон, ки бе он якдигарфаҳмӣ имкон надошта, раванди чунин шинохти мураббӣ қоидаҳои дар қоидаҳои зерин ба амал меояд:
- варзишгаронро дар шароити табии раванди тамрин рақобат омӯзад ва тарбия диҳад;
- пеш аз ҳама бояд хислатҳои асосии шогирдро дарёбад (ба иборaи А.С. Макаренко);
- арзёбии натиҷаҳои варзишгаронро фаъол гардонад;
- сабабҳои зуҳурии хислати манфии варзишгаронро бо муносибати хуб ошкор созад;
- тамоюли инкишофи хислатҳои варзишгаронро назорат кунад.

Дараҷаи фаъолияти дуюми мураббиён – мураббии варзиш дорои дониши мукаммалдошта, дар ҳаёти варзишгар нақши муҳимро мегузорад. Зеро, дар раванди сабқатҳои варзишӣ мураббӣ нақши равоншиносро бозида тавонад, то ин ки аз ҳолати руҳии шогирд бохабар гардад ва заифкунандаву қавигардонидани шогирдро барои натиҷаи дилхоҳ манфиат орад. Дар ин бобат худи мураббӣ бояд, намунаи садоқат ба варзиш намунаи рафтор дар ҳаёти ҳаррӯза барои шогирдон ибрат бошад.

Дар хулоса, бояд таъкид кард, ки муваффақияти фаъолияти психологию педагогии мураббиёни варзиш на танҳо бо рӯоварии натиҷаҳои гуногуни ӯ, балки бештар ба қобилият ва муносибати ӯ ба меҳнат, меҳру муҳаббат ба меҳнат, ғамхории доимӣ барои натиҷаҳои фаъолияти худ, аз ҷиҳати моддӣ майлу хоҳиш, хастагиро эҳсос накардан ва пайдарпай такмил додани маҳорати педагогиро тақозо менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Александр Веракса, А. Горовая. Мысленная тренировка в психологической подготовке спортсмена. М-2016.
2. Александр Николаев и Виктор Семенов. Развитие выносливости у спортсменов. Учебное пособие, М., – 2017.
3. Анатолий Бондарчук. Основы силовой поготовки в спорте. Москва- 2019.
4. В.А.Сухомлинский. Принципи средства, иетоды и условия спортивно-педагогической деятельности. Киев., 1986.
5. Виктор Никитушкин и Ф. Суслов. Спорт высших достижений: теория и методика. Учебное пособие, М., – 2017.
6. Владимир Сафонов. Психология спортсмена: слагаемые успеха. М – 2017.
7. Ирина Васильевна Е., Г.А. Ямалетдинова.Педагогика физической культуры и спорта. Учебное пособие для академического бакалавриата.М- 2017
8. Ирина, М.П., Ирина Станиславская. Психология. Основные отрасли. М- 2014.
9. Поздняков, А. Формирование компетентности будущих педагогов и руководителей образования/ А. Поздняков // Народное образование.- 2008.-№ 1.С.141-145.

10. Шарифзода, Ф. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ. Китоби дарсӣ/ Ф. Шарифзода, А.М. Миралиев Душанбе: Ирфон, 2012.

ТДУ 37.02 (575.3)

## РУШДИ ҚОБИЛИЯТ ВА САЛОҲИЯТҲОИ АСОСИИ КӮДАКОН ДАР НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

***АСҲОБИДДИНИ Шералӣ*** *– номзади илмҳои педагогӣ, директори Муассисаи давлатии таълимии “Литсей барои хонандагони болаёқат дар шаҳри Душанбе”, ш. Душанбе, к.Маякосвкий, 27/1.* ***E-mail:*** *asomnazarov@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 93 999 96 99*

***КАРИМЗОДА Шавкат Карим*** *– номзади илмҳои педагогӣ, директори Филиали Муассисаи давлатии “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе”, к. Мирзо Турсунзода, 8/1 а.* ***E-mail:*** *shavkatnormatov@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 93 803 93 92*

Дар мақола зарурати дарёфт ва инкишоф додани лаёқатмандии кӯдакон дар шароити таҳсилоти иловагӣ, ки он ба бо назардошти майлу хоҳиши фардӣ ҳар як кӯдак имконияти озодона интихоб намудани самти таълим, равия ва муҳлати таҳсилро фароҳам меорад, баррсӣ шудааст. Дар ин баробар тазаккур додан бамаврид аст, ки таълими иловагӣ дар инкишофи қобилияти эҷодӣ ва зеҳнии кӯдакон нақши муҳим дорад.

Низоми таълими иловагй барои дар ин ё он самт азхуд кардани донишхои фундаменталӣ, ба фаъолияти эҷодӣ ҷалб намудан ва ташаккули заковат ёрӣ мерасонад. Вазифаи асосии омӯзгорон нисбат ба кӯдакони болаёқат аз он иборат аст, ки ҳарчи зудтар қобилиятҳои онҳоро муайян карда, ба онҳо сарбории зарурии равонӣ дода, намудҳои фаъолияте, ки ба қобилиятҳои кӯдак мувофиқат мекунанд, муйаян намояд.

Ҳамчунин дар мақола равишҳои гуногун ба таърифи лаёқатмандӣ, кӯдаки лаёқатманд, низоми имконпазири кори омӯзгор бо кӯдакони лаёқатманд дар шароити муассисаи таҳсилоти иловагии кӯдакон, мушкилоти ҳамроҳии шахси болаёқат дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ баррасӣ шудааст. .Сохтор, мундариҷа, технология ва усулҳои фаъолияти маҳфилҳо ҳамчун яке аз шаклҳои самараноки рушди истеъдоди зеҳнии кӯдакон дар шароити таҳсилоти иловагӣ ошкор карда шудаанд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *таҳсилоти иловагӣ, барномаҳои таълимӣ, мазмуни таҳсилот, таълими инфиродӣ, инкишофи қобияти зеҳнию эҷодӣ, қобилият, маҳфилҳо.*

## РАЗВИТИЕ ОСНОВНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ И КОМПЕТЕНЦИЙ ДЕТЕЙ В СИСТЕМЕ ДОПОЛНИТЕЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ

***АСХОБИДДИНИ Шерали*** *– кандидат педагогических наук, директор Государственного образовательного учреждения “Лицей для одаренных учащихся в городе Душанбе", г. Душанбе, ул. Маякосвского, 27/1.* ***E-mail:*** *asomnazarov@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 93 999 96 99*

***КАРИМЗОДА Шавкат Карим*** *– кандидат педагогических наук, директор Государственного учреждения “Филиала Института повышения квалификации и переподготовки работников образования в городе Душанбе”, ул. М. Турсунзода 8/1а.* ***E-mail:*** *shavkatnormatov@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 93 803 93 92*

В данной статье раскрывается необходимость выявления и развития одаренности детей в условиях дополнительного образования, где дополнительное образование представляет каждому ребенку возможность свободного выбора образовательной области, профиля программ, времени их освоения, включения в разнообразные виды деятельности с учетом индивидуальных наклонностей. Однако нужно отметить, что дополнительное образование играет важную роль в развитии творческих и интеллектуальных способностей детей.

Система дополнительного образования помогает получить фундаментальные знания в том или ином направлении, включить их в творческую деятельность, повысить эрудицию.

Основная задача педагогов по отношению к одаренным детям: как можно быстрее выявить способности школьников, дать им необходимую умственную нагрузку и определить виды занятий, которые будут соответствовать способностям ребенка.

Также в статье рассматриваются различные подходы к определению одарённости, одарённого ребёнка, возможная система работы педагога с одарёнными детьми в условиях учреждения дополнительного образования детей, проблемы сопровождения одарённой личности в учреждениях дополнительного образования. Раскрывается структура, содержание, технологии и методы деятельности кружков как одной из наиболее эффективных форм развития интеллектуальной одарённости детей в условиях дополнительного образования.

***Ключевые слова:*** *дополнительное образование, образовательные программы, содержание образования, индивидуальное образование, развитие интеллектуальных и творческих способностей, способности, кружки.*

## DEVELOPMENT OF BASIC ABILITIES AND COMPETENCIES OF CHILDREN IN THE SYSTEM OF ADDITIONAL EDUCATION

***ASHOBIDDINI Sherali*** *– candidate of Pedagogical Sciences, Director of the State Educational Institution “Lyceum for Gifted Students in the city of Dushanbe", Dushanbe, Mayakosvskogo, 27/1.* ***E-mail:*** *asomnazarov@mail.ru,* ***phone:*** *+(992) 93 999 96 99*

***KARIMZODA Shavkat Karim*** *– candidate of Pedagogical Sciences, Director of the State Institution “Branch of the Institute of Advanced Training and Retraining of Education Workers in the city of Dushanbe", M. Tursunzoda str. 8/1a.* ***E-mail:*** *shavkatnormatov@mail.ru,* ***phone:*** *+(992) 93 803 93 92*

This article reveals the need to identify and develop the giftedness of children in the conditions of additional education, where additional education provides each child with the opportunity to freely choose the educational field, the profile of programs, the time of their development, inclusion in various types of activities, taking into account individual inclinations. However, it should be noted that additional education plays an important role in the development of creative and intellectual abilities of children.

The system of additional education helps to acquire fundamental knowledge in one direction or another, to include it in creative activity, and to increase erudition. The main task of teachers in relation to gifted children is to identify the abilities of schoolchildren as soon as possible, give them the necessary mental load and determine the types of activities that will correspond to the abilities of the child.

The article also discusses various approaches to the definition of giftedness, a gifted child, a possible system of work of a teacher with gifted children in the conditions of an institution of additional education for children, problems of accompanying a gifted person in institutions of additional education. The structure, content, technologies and methods of activities of circles are revealed as one of the most effective forms of development of intellectual giftedness of children in conditions of additional education.

***Key words:*** *additional education, institutions of additional education, educational programs, content of education, individual education, development of intellectual and creative abilities, talent, abilities, gifted children, circles.*

Айни замон маълумотнокии инсон на танҳо аз рӯи донишҳои фаннӣ, балки бештар аз рӯйи рушди ӯ ҳамчун шахсияте, ки ба анъанаҳои фарҳанги милливу ҷаҳонӣ, низоми муосири авлавиятҳо, мутобиқшавии фаъолона дар ҷамъият ва интихоби мустақилона дар ҳаёт мувофиқ мебошад, арзёбӣ карда мешавад. Инсони муосир дар ҳолате комил аст, ки ҳамеша аз пайи рушди худ ва баланд бардоштани сатҳи зеҳнияти худ бошад.

Аз ин рӯ, раванди таълим дар муассисаҳои таълимӣ бояд на танҳо ба интиқоли дониш, малака ва маҳорати муайян, балки ба инкишофи гуногунсамти кӯдак, ошкор намудани

қобилияти эҷодӣ, қобилият ва хислатҳои шахсии ӯ, аз ҷумла ташаббускорӣ равона карда шавад. То он даме, ки таълим ба интиқоли дониш бе назардошти рушди ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак нигаронида шудааст, ҳалли масъалаҳои фардӣ ва тафриқавии таълим, худмуайянкунӣ ва худшиносии хонандагон ҳалношуда боқӣ мемонад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ин талаботи хонандагонро танҳо дар доираи таҳсилоти умумӣ қонеъ гардондан мумкин нест. Таълими базавӣ ба таҳсилоти иловагӣ, ки яке аз омилҳои муайянкунандаи инкишофи майлу қобилият ва манфиатҳои шахс, худмуайянкунии иҷтимоӣ ва касбии ӯ буд ва мемонад, бештар ниёз дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳиммияти таҳсилоти иловагиро барои хонандагон махсус қайд намуда, ҳангоми суханрониашон ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави Академияи Вазорати корҳои дохилӣ аз 30 августи соли 2017 аз ҷумла зикр намуданд, ки: "Барои амалӣ намудани ин тадбирҳои муҳим зарур аст, ки ба таҳсилоти иловагӣ ҳамчун қисми таркибии раванди донишомӯзӣ ва интихоби касб эътибори ҷиддӣ дода шавад, зеро ҳадафи он, пеш аз ҳама, рушди қобилияту истеъдоди кӯдакон ва наврасону ҷавонон мебошад.

Мо бояд на танҳо аз марказҳои таҳсилоти иловагӣ самаранок истифода намоем, балки дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ маҳфилҳои гуногуни эҷодиёти техникиву бадеӣ, санъати амаливу ороишӣ, варзишӣ, шоҳмотбозӣ, сайёҳиву кишваршиносӣ, биологиву экологӣ, гуманитарӣ ва монанди инҳоро ба роҳ монем." [8]

Бо назардошти ин омил дар кишвар таълими базавӣ (асосӣ) ва иловагии наврасон ҳамчун ҷузъҳои баробарҳуқуқи якдигарро мукаммалкунанда маҳсуб гардида, ба ин васила фазои ягонаи таълимӣ ба вуҷуд омадааст, ки барои инкишофи ҳаматарафаи шахсият ва рушди фардии ҳар як кӯдак зарур аст. Дар ин шароит мактаб барои дар ҷамъият бомуваффақият иҷтимоишавии наврасон замина ба вуҷуд оварда метавонад.

Таҳсилоти иловагӣ - низоми таълиму тарбия, ки дар асоси барномаҳои таълимии иловагӣ амалӣ шуда, ба омӯзиши илм, техника ва технологияи муосир, эҷодкорӣ, дарёфти ихтисоси нав, бозомӯзӣ, такмили ихтисос, ки онҳоро шахс метавонад ҳангоми таҳсил дар мактаб, пас аз хатми мактаб ва баъди гирифтани диплом ба таври ройгон ё пулакӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ берун аз барномаҳои асосии таълимӣ ё дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ бе маҳдудият омӯзад, равона карда шудааст. [5].

Таҳсилоти иловагӣ ҷузъи таркибии низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мақсади он инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодӣ ва истеъдоди таълимгирандагон, қонеъ гардонидани рағбат, эҳтиёҷоти маънавӣ ва талаботи онҳо ба интихоб ва гирифтани касб ҳангоми фориғ будан аз таълим дар муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Вазифаҳои асосии таҳсилоти иловагӣ аз инҳо иборатанд:

- тарбия ва таълими шаҳрвандон;
-инкишофи озодона ва ташаккули таҷрибаи иҷтимоию ҷамъиятии шахсият;
- тарбия дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ватандӯстӣ ва эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- инкишоф додани ҳисси эҳтиром ба урфу одат, расму оин, анъанаҳои мардумӣ ва арзишҳои миллӣ;
- ташаккули муносибати эҳтиромонаи таълимгирандагон нисбат ба оила ва ҷомеа;
- фароҳам овардани шароит барои инкишофи эҷодӣ, зеҳнӣ, маънавӣ ва ҷисмонии таълимгирандагон;
- ташаккули муносибати бошуурона ва масъулиятноки таълимгирандагон ба муҳити зист ва ҳифзи он;
- қонеъ гардонидани талаботи таълимгирандагон ба интихоби касб;
- дастгирии таълимгирандагони боистеъдод;
- ташаккули тарзи ҳаёти солими таълимгирандагон;
- амалӣ намудани чорабиниҳои иттилоотию методӣ, ташкилию оммавӣ ва фарҳангию маърифатӣ;
- такмили худфаъолиятӣ ва худидоракунии таълимгирандагон;
- фароҳам овардани шароит барои фаъолияти эҳсонкории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади рушди таҳсилоти иловагӣ.

Дар моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” шаклҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номбар карда шудаанд, ки чунинанд: марказҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон; академияҳои хурди илмҳо; қасрҳо, стансияҳо, клубҳои кӯдакон ва наврасон; мактабҳои касбии варзишӣ, ҳунарӣ, бадеӣ, мусиқӣ ва рассомӣ; курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ; хонаҳо, студияҳои эҷодиёти кӯдакон ва наврасон, лагерҳои варзишӣ ва сайёҳӣ; мактабҳои варзишии кӯдакон ва наврасон, мактабҳои махсуси захираҳои олимпии кӯдакону наврасон, клубҳои варзишии кӯдакон ва наврасон, варзишгоҳҳои кӯдакона;– клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маҳалли зист; клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маъюбон; муассисаҳои солимгардонӣ, мактабҳои маҳорати баланди варзишӣ, марказҳои омодагии олимпӣ; муассисаҳои таълимии ибтидоии махсуси бадеӣ; муассисаҳои такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва дигар муассисаҳое, ки иҷозатномаи дахлдор доранд [4].

Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ метавонанд маҷмӯӣ ва соҳавӣ бошанд. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии маҷмӯӣ фаъолияти худро аз рӯи самтҳои гуногуни таҳсилоти иловагӣ (илмию техникӣ, таҷрибавию санҷишӣ, ҷамъиятию гуманитарӣ, китобдорию китобшиносӣ, сайёҳию кишваршиносӣ, бадеию эстетикӣ, экологию табиатшиносӣ, тарбияи ҷисмонию варзишӣ, ҳарбию ватандӯстӣ, солимгардонию гигиенӣ) ташкил менамоянд. Ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии маҷмӯӣ қасрҳо ва марказҳои эҷодии кӯдакону наврасон дохил мешаванд.

Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии соҳавӣ фаъолияти худро аз рӯи самтҳои мушаххаси таҳсилоти иловагӣ ташкил мекунанд. Ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии соҳавӣ марказҳои илмию техникӣ, эҷодиёти бадеию эстетикӣ, хонаҳои эҷодии кӯдакону наврасон, клубҳои сайёҳию кишваршиносӣ, экологию табиатшиносӣ, варзишию солимгардонӣ, ҳарбию ватандӯстӣ, стансияҳои сайёҳони ҷавон, табиатдӯстон, техникҳои ҷавон, мактабҳои санъат, муассисаҳои таълимии ибтидоии махсусгардонидашудаи бадеӣ, студияҳо, мактабҳои варзишии кӯдакону наврасон, варзишгоҳҳои кӯдакона ва муассисаҳои солимгардонӣ мансуб мебошанд.

Афзалияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар он зоҳир мегардад, ки машғулиятҳо дар онҳо дар асоси барномаҳои таълимиву тарбиявӣ, нақшаҳо ва воситаҳои таълимиву тарбиявӣ бо истифодаи шакл ва усулҳои муосири таълим аз ҷониби омӯзгорон (роҳбарони маҳфилҳо) ва мутахассисон мустақилона ташкил карда мешаванд [1, 84]. Шумора ва давомнокии машғулиятҳо дар маҳфилҳо тибқи ҷадвали машғулиятҳо дар асоси нақшаҳои таълимӣ ва оинномаи муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ муайян ва аз ҷониби директор тасдиқ карда мешавад.

Соли таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ аз 15 сентябр то 1 июн идома меёбад. Дар вақти таътил муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ метавонанд дар заминаи худ ҷойи истиқоматӣ ташкил намуда, барои таълимгирандагон машғулиятҳо, истироҳатҳои беруназшаҳрӣ, машғулият дар майдончаҳои солимгардонӣ ё маҳфилҳои гуногун баргузор карда, ҳамчунин истироҳатгоҳ ё базаҳои сайёҳӣ кушоянд.

Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ метавонанд бо пешниҳоди кормандони омӯзгорӣ ҷадвали машғулиятҳоро мувофиқи имкониятҳои фардӣ, шавқу рағбат, майлу хоҳиш, қобилият ва дараҷаи маҳорати таълимгирандагон бо дар назар доштани дараҷаи таҳсилот, ихтисос, собиқаи кор, синну сол, хусусиятҳои рӯҳию ҷисмонӣ, вазъи саломатии онҳо таҳия намоянд.

Давомнокии машғулиятҳо дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо санадҳои меёриву ҳуқуқӣ муайян шудаанд. Дар асоси банди 15-и Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, тахти №98 тасдиқ шудааст, машғулиятҳо дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар шакли гурӯҳӣ, инфиродӣ ё бо тамоми ҳайати иттиҳодия гузаронида мешаванд. Давомнокии машғулиятҳо дар маҳфилҳо (ба истисноӣ маҳфилҳои яккахонию мусиқӣ) 2-3 соати академӣ бо танаффуси 5-10-дақиқагӣ баъди ҳар 45 дақиқа муқаррар карда мешавад. [6].

Оғоз ва анҷоми соли таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ нисбат ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ фарқият дида мешавад. Масалан, дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ соли таҳсил аз 15 сентябр оғоз мегардад ва то 1 июн идома меёбад. Дар вақти таътил муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ вобаста ба мавҷуд будани шароит ва имконияти зарурӣ метавонанд дар заминаи худ барои таълимгирандагон машғулиятҳо, истироҳатҳои беруназшаҳрӣ, машғулият

дар майдончаҳои солимгардонӣ ё маҳфилҳои гуногун баргузор карда, ҳамчунин истироҳатгоҳ ё базаҳои сайёҳӣ кушоянд.

Дар шароити ҷорӣ намудани стандартҳои таълимии насли нав, аҳамияти дохил намудани таҳсилоти иловагӣ барои кӯдакон ба сохтори барномаҳои таҳсилоти умумии асосӣ бо зарурати таҳкими ҷузъи тағйирёбандаи таҳсилоти умумӣ алоқаманд аст, ки ба татбиқи амалии он мусоидат мекунад ва дониш, малака ва маҳоратҳои дар мактаб ба даст оварда, ҳавасмандии маърифатии хонандагонро таҳрик медиҳад. Дар шароити таҳсилоти иловагӣ кӯдакон метавонанд нерӯи эҷодии худро инкишоф дода, малакаҳои мутобиқшавӣ ба ҷомеаи муосирро соҳиб гарданд. Инчунин, имкони истифодаи пурраи вақти холии худро пайдо мекунанд.

Таълими иловагии кӯдакон ҳамчун «минтақаи инкишофи наздик»-и шахсияти кӯдак, ки интихоби озоди самтҳои он ҳамеша бо хоҳиш ва эҳтиёҷоти кӯдакон алоқаманд аст, метавонад фардикунонии раванди таълим, бунёди тарбияи инфиродиро таъмин намояд [10, 56].

Дар айни замон нақши системаи таълими иловагӣ дар тайёр кардани насли наврас хеле меафзояд. Он барои ҳалли муҳимтарин масъалаи иҷтимоӣ - муайян кардан ва инкишоф додани он майлу қобилиятҳои кӯдакон, ки рушди устувори худидоракунии онҳоро дар ҳаёт таъмин менамояд, пешбинӣ шудааст.

Таълими иловагии кӯдакон ба ғайр аз таълим ва инкишофи эҷодии шахсият имкон медиҳад, ки як қатор мушкилотҳои дигари аз нигоҳи иҷтимоӣ муҳим, аз қабили: таъмини шуғли кӯдакон, худшиносӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии онҳо, ташаккули тарзи ҳаёти солим, пешгирии беэътиноӣ, ҳуқуқвайронкуниҳо ва дигар зуҳуроти иҷтимоӣ дар байни кӯдакону наврасон ҳалли худро ёбанд. Дар асоси таълими иловагӣ масъалаҳои таъмини таълими босифати интихобӣ, мушкилотҳои иҷтимоию иқтисодии кӯдакон ва оилаҳо, беҳбудии тамоми ҷамъият ҳал карда мешаванд [9, 72].

Таҳсилоти иловагӣ ба кӯдак имкони воқеии интихоби роҳи инфиродии таҳсилотро фароҳам меорад, то ин ки нављаста аз сатҳи дастовардҳои таълимӣ мувофиқи қобилиятҳои худ ба муваффақият ноил шавад. Дар таҳсилоти иловагӣ мазмун, шакли дарсҳоро худи кӯдак интихоб мекунад. Ҳамаи ин барои муваффақият шароити мусоиди психологӣ фароҳам оварда, дар навбати худ ба фаъолияти таълимӣ таъсири мусбат мерасонад.

Бо амалӣ намудани вазифаҳои таҳсилоти иловагӣ мактаб зиддияти мавҷудаи байни зарурати аз як тараф, аз худ намудани стандарти таълим, аз тарафи дигар, фароҳам овардани шароит барои инкишофи озодонаи шахсият, ки асоси он аст, ҳал мекунад. Педагогикаи гуманистӣ бо тамаркуз ба қабули кӯдак ба сифати шахсият ва фардият, ҳифзи ҳуқуқи ӯ ба рушди худшиносӣ ва худмуайянкунӣ фарқ мекунад. Маълум шуд, ки маҳз таҳсилоти иловагӣ пурра ба ин меъёрҳо мувофиқат мекунад. Он аз рӯи принсипҳои худ ба рушди шахсият нигаронида шудааст, бар хилофи таҳсилоти ибтидоӣ, ки минбаъд ҳам фаннӣ буда, ба аз худ намудани стандарти мактаб нигаронида шудааст. Танҳо як омезиши органикӣ дар деворҳои мактабҳои ҳарду намуди таълим метавонад ҳам ба рушди кӯдак дар алоҳидагӣ ва ҳам ба ҳалли тамоми ташкилоти таълимӣ мусоидат кунад.

Мақсади асосии фаъолияти таълимии таҳсилоти иловагӣ фароҳам овардани шароит барои ифодаи худ, инкишоф ва худмуайянкунии кӯдакон мебошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад зарур аст, ки хонандаро на ҳамчун объект, балки ҳамчун субъекти омӯзиш дид.

Раванди таълим дар низоми таҳсилоти иловагии кӯдакон дорои хусусиятҳои зерин аст:

- аз ҷониби кӯдакон дар вақти холигиашон аз таҳсилоти асосӣ гузаронида шуда, бо озодии интихоби самтҳо, намудҳои фаъолият ва имконияти тағйир додани соҳаи фаъолият дар давоми сол фарқ мекунад;

- бо ихтиёрӣ, ташаббус ва фаъолияти ҳамаи иштирокчиён (кӯдакон, волидон, омӯзгорон), набудани танзими қатъӣ ва натиҷаи қатъии муқарраршуда тавсиф мешавад;

- ба инкишофи қобилияти эҷодии хонандагон нигаронида шуда, шавқу ҳаваси маърифатиро инкишоф дода, ба хонандагон имкон медиҳад, ки самтҳо ва шаклҳои гуногуни машғулиятро якҷоя кунанд;

- барои ҳамаи иштирокчиён (хонанда, омӯзгор ва волидайн) ғайрирасмӣ ва бароҳат аст.

Замоне фаро расидааст, ки танҳо ба раванди таълим такя кардан ғайриимкон аст. Бояд таҳсилоти иловагӣ ҳамчун “раванди дуюмдараҷа” бартараф ва дарк карда шавад, ки он ба

таври объективӣ қобилияти ба ҳам пайвастани таълим, тарбия ва инкишофи кӯдакро дар як муассисаи таълимӣ доро мебошад.

Рушди ҳамаҷонибаи таълими иловагии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба ҳалли вазифаҳои зерин нигаронида шудааст:

1. Системам таълими иловагӣ ба ҳар як кудак имконият медиҳад, ки касбро мувофиқи табъаш интихоб намоянд, барои пурра машғул сохтани хонандагон ва амиқ омӯхтани бисёр фанҳо шароит фарохам меоварад.

2. Кор бо хонандагон дар доираи таҳсилоти иловагӣ дар мактаб вазифаҳои муҳими тарбиявиро иҷро менамояд: истироҳати хонандагонро мақсаднок ташкил намуда, шахсияти эҷодкорро ташаккул медиҳад, барои худмуайянкунии иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва касбӣ шароит фароҳам меорад, аз рафтори ғайриҷамъиятӣ пешгирӣ мекунад.

3. Машварати фаннӣ аз рӯи фанҳои биология, физика, таърих, забони русӣ, англисӣ ва дигар фанҳо ба азхудкунии асосҳои фаъолияти лоиҳавӣ ва тадқиқотии хонандагон аз рӯи ин фанҳо мусоидат мекунад.

4. Системам таълими иловагӣ ба баланд шудани неруи эҷодии коллективи педагогӣ, ошкор ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ ёрӣ мерасонад.

5. Истифодаи фаъолонаи ғояҳои инноватсионии педагогӣ, моделҳо ва технологияҳои таълимиро таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, таҳсилоти иловагӣ барои фароҳам овардани имкониятҳои иловагӣ барои рушди зеҳнӣ, ҷисмонӣ, қонеъ кардани ниёзҳои эҷодӣ ва таълимӣ пешбинӣ шудааст. Мақсади асосии системаи таҳсилоти иловагии кӯдакон фароҳам овардани шароит барои интихоби озоди ҳар як кӯдак дар соҳаи таълим, профили барномаи иловагӣ ва мӯҳлати таҳияи он мебошад.

Ба татбиқи ин вазифа унсурҳои зерин мусоидат мекунанд: гуногунии фаъолият, хусусияти ба шахсият нигаронидашудаи раванди таълим, равона кардани он ба рушди ҳавасмандии шахсӣ, дониш ва эҷодкорӣ, худмуайянкунии касбии кӯдакон ва худшиносии онҳо.

Таҳсилоти иловагӣ ба ҳар як кӯдак имкон медиҳад, ки самти таҳсилот, профили барномаҳо, вақти дарсҳо, шомил шудан ба намудҳои гуногуни фаъолият бо назардошти майлу хоҳиши инфиродиро озодона интихоб намояд. Хусусияти шахсият-фаъолияти раванди таълим имкон медиҳад, ки яке аз вазифаҳои асосии таҳсилоти иловагӣ – муайянсозӣ, инкишоф ва дастгирии кӯдакони лаёқатманд ҳалли худро ёбад.

Таълими иловагӣ раванди муттасил аст. Он мӯҳлати муайяни анҷомдиҳӣ надорад ва пайдарпай аз як марҳила ба марҳилаи дигар мегузарад. Асоси инфиродӣ-шахсии фаъолияти ин муассисаҳо имкон медиҳад, ки талаботи кӯдакони мушаххас бо истифода аз имконоти вақти холии онҳо қонеъ карда шавад.

Дар системаи таҳсилоти иловагӣ шаклҳои зерини таълимро барои кӯдакони болаёқат ҷудо кардан мумкин аст:

1. Омӯзиши инфиродӣ ё омӯзиши инфиродӣ дар гурӯҳҳои хурд аз рӯи барномаҳои рушди эҷодӣ дар соҳаи муайян;

2. Кор аз рӯи лоиҳаҳои тадқиқотӣ ва эҷодӣ дар реҷаи роҳбаладӣ (ҳамчун роҳбалад, чун қоида, олим, ходими фарҳангӣ, мутахассиси дараҷаи олӣ баромад мекунанд);

3. Мактабҳои ғоибона;

4. Лагерҳои истироҳатӣ, дарсҳои маҳорат, лабораторияҳои эҷодӣ;

5. Озмунҳо, фестивалҳо, олимпиадаҳо;

6. Конференсияю семинарҳои илмию амалии бачагон.

Имкониятҳои мусоид барои таҳсилоти иловагӣ, аз ҷумла, дар соҳаи рушди санъат равшан зоҳир мешаванд. Кӯдакон аксар вақт ба ин муассисаҳо замоне меоянд, ки истеъдоди онҳо аллакай ошкор шудааст. Онҳо ба фарқ аз аксари хонандагон ба азхудкунии фаъолияти бадеӣ ва эҷодӣ ҳавасманданд ва ин барои рушди пурсамари маҳорату донишҳои махсус шароит фароҳам меорад.

Дар таҳсилоти иловагӣ аз чунин захираи тавонои рушди истеъдод, ба монанди ягонагӣ ва таъсири мутақобилаи ҳунар истифода бурдан мумкин аст, аммо дар мактаби маъмулӣ мазмуни таълимро аз рӯи фанҳо ҷудо кардан душвор аст [7, 67].

Дар баробари ин, ин шакли кор бо кӯдакони лаёқатманд хатари ҷиддӣ дорад. Хеле муҳим аст, ки дар ӯ “эҳсоси истисноӣ будан”-ро ба вуҷуд наоваред: ҳам бо он сабаб, ки ин эҳсос метавонад дар ҳаёти баъдӣ тасдиқи худро наёбад ва ҳам бо сабаби он ки дар маҳфилҳо ва

студияҳо на танҳо кӯдакони лаёқатманд, балки онҳое, ки аз эҷоди санъат лаззат мебаранд, иштирок мекунанд ва муносибатҳо бо онҳо бояд мутаносиб инкишоф ёбанд [2, 189].

Ду хатари дигар, мутаассифона, аксар вақт аз омӯзгорон бармеояд. Якум, ба хотири обрӯю эътибори муассисаи таълимӣ ё роҳбари он истифода бурдани қобилиятҳои фавқулоддаи хонанда (вокалӣ, саҳнавӣ, мусиқӣ ва ғайра) мебошад, ки аксаран ба зарари худи кӯдак мешавад. Дуюм, майлу хохиши бешууронаи роҳбар барои татбиқ кардани худ ба воситаи хонандагон, ки боиси муваффақияти гӯё намоёни роҳбар мегардад. Дар ҳарду ҳолат кӯдакони лаёқатманд на мақсад, балки воситаи ҳалли мушкилоти калонсолон мегарданд. ғайр

Агар ҳамаи ин мушкилот бартараф карда шаванд, пас соҳаи таълими иловагии бадеӣ барои ташаккули кӯдаки болаёқат, омода намудани ӯ ба роҳи касбии санъат аҳамияти ниҳоят калон пайдо мекунад.

**АДАБИЁТ**


1. Азизова, Л.Х. Педагогическая поддержка одаренных младших школьников в условиях дополнительного образования: диссертация кандидата Педагогических наук, 2019. – 235 с.
2. Бабаева, Ю.Д., Лейтес, Н.С. Психология одаренности детей и подростков [Текст]: учеб. пособие для студ. высш. и сред. пед. учеб. заведений/ под ред. Н.С. Лейтес. – М.: Академия, 2000. – 336с.
3. Бурменский, Г.В., Слуцкий, В.М. Одаренные дети [Текст]/ Г.В. Бурменский, В.М. Слуцкий //М.: Прогресс, 1991. – 376 с
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”. Душанбе “Маориф ва фарҳанг”, 2013.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти иловагӣ”. Душанбе “Маориф ва фарҳанг”.
6. Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, таҳти №98 тасдиқ шудааст
7. Психология одаренности: от теории к практике / под ред. Д.В. Ушакова. М.: ПЕР СЭ, 2000. 80 с.
8. Суханрони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави Академияи Вазорати корҳои дохилӣ аз 30 августи соли 2017, http://www.president.tj/node/16031
9. Уманова, Н.В. Одаренные дети: их особенности и организация работы с ними. – М.: Академия, 2004–103 с.
10. Фанзова, Ф.Р. Выявление и развитие одарённости в условиях дополнительного образования [Текст]/ авт.-сост. Фанзова Ф.Р. – Омск. - 56с


## САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ ТАҲҚИҚОТИ ПЕДАГОГӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***РАҶАБЗОДА Маҳмадулло*** *– муовини сардори раёсати илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Носиров, 33.* ***E-mail:*** *rmg-2013@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 988 92 63 33*

Муаллиф дар мақола самтҳои афзалиятноки рушди таҳқиқоти педагогии кишварро дар заминаи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»,«Номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ва фаъолияти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф мавриди таҳлили қарор додааст.

Зимни омӯзиш ва таҳлили квалиметрии масъалаи мазкур муаллиф пешниҳод менамояд, ки ҷиҳати рушди илмҳои педагогӣ дар ҷумҳурӣ бояд чунин корҳо ба анҷом расонида шаванд:

роҳандозии таҳқиқоти педагогӣ дар самти омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии таъмин намудани баробарӣ ва дастрасии таҳсилот, баланд бардоштани сифат дар тамоми зинаҳои таҳсилот, менеҷмент ё мудирияти молиявии муассисаҳои соҳаи маориф; таҳия, тасдиқ ва татбиқи барномаи маҷмуии рушди марказҳои миллии илмию таҳқиқотӣ дар соҳаи педагогика, инчунин, таҳия ва амалисозии «Консепсияи рушди илмҳои педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои минбаъда».

***Вожаҳои калидӣ:*** *самтҳои афзалиятнок, илмҳои педагогогӣ, квалиметрия, маориф, менеҷмент, масъалаҳои мубрам.*

## ПРИОРИТЕТНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ РАЗВИТИЯ ПЕДАГОГИЧЕСКИХ ИССЛЕДОВАНИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***РАДЖАБЗОДА Махмадулло*** *– заместитель начальника управления науки и инновации Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, г. Душанбе, ул. Носирова, 33.* ***E-mail:*** *rmg-2013@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 988 92 63 33*

В данной статье автор описывает приоритетные направления развития педагогических исследований в стране на основе «Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года», «Перечень приоритетных направлений развития науки, техники и технологии в Республике Таджикистан на 2015-2020 годы», «Приоритетные направления научных и научно-технических исследований в Республике Таджикистан на 2021-2025 годы», а также проанализировал деятельность Академии образования Таджикистана и Института развития образования.

На основе изучения и качественного анализа данного вопроса автор предлагает для развития педагогической науки в республике решить следующие задачи: проводить педагогические исследований в направлении изучения мирового опыта с оценкой обеспечения равенства и доступа к образованию, повышение качества на всех уровнях образования, управления или финансового менеджмента образовательных учреждений; разработка, утверждение и реализация комплексной программы развития национальных научно-исследовательских центров в области педагогики, а также разработка и реализация «Концепции развития педагогических наук в Республике Таджикистан на ближайшие годы».

***Ключевые слова:*** *приоритетные направления, педагогические науки, образование, менеджмент, критические проблемы.*

## PRIORITY DIRECTIONS FOR THE DEVELOPMENT OF PEDAGOGICAL RESEARCH IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***RAJABZODA Mahmadullo*** *– deputy Head of the Department of Science and Innovation of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nosirova street, 33.* ***E-mail:*** *rmg-2013@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 988 92 63 33*

In this article, the author describes the priority directions for the development of pedagogical research in the country on the basis of the “National Development Strategy of the Republic of Tajikistan for the period until 2030”, “List of priority directions for the development of science, technic and technology in the Republic of Tajikistan for 2015-2020”, “Priority directions scientific and scientific-technical research in the Republic of Tajikistan for 2021-2025”, and also analyzed the activities of the Academy of Education of Tajikistan and the Institute for Educational Development.

Based on the study and qualitative analysis of this issue, the author proposes to solve the following issus for the development of pedagogical science in the republic: conduct pedagogical research in the direction of studying world experience on focusing of ensuring equality and access to education, improving quality at all levels of education, management or financial management of

educational institutions ; development, approval and implementation of a comprehensive program for the development of national research centers in the field of pedagogy, as well as the development and implementation of the “Concept for the development of pedagogical sciences in the Republic of Tajikistan for the coming years”.

***Key words***: *Republic of Tajikistan, priority areas, pedagogical sciences, concept, quality metrics, critical topics, education, management, critical problems, institutions, researcher, human capital, field of pedagogy, strategy, formation, education, analysis, research, pedagogical research, technologies.*

Одатан зери мафҳуми самтҳои афзалиятнок самтҳои мавзуии рушди илмӣ, техникӣ ва технологие фаҳмида мешавад, ки дар заминаи илми муайян ё бо истифода аз методҳои байнифаннӣ сурат гирифта, метавонад саҳми аз ҳама беш дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат, дар таъмини амнияти миллии он гузорад ва бо ин роҳ рақобатпазирии кишварро аз ҳисоби рушди илмӣ-техникӣ ва роҳандозии истеҳсолоти илмталаб боло барад. Аз ин рӯ, дар ҳар як кишвари муосири пешрафта ҳатман самтҳои афзалиятноки илм, дар маҷмуъ, ҳар як соҳаи он дар алоҳидагӣ барои давраҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат, дарозмуҳлат ва барои дурнамо аз ҷониби давлат ва мақомоти он дар якҷоягӣ бо ҷомеаи илмӣ ва ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, намояндагони соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва махсусан, мутахассисони соҳаҳои иқтисодиёти воқеӣ ва истеҳсолот муайян карда мешаванд.

Барои муайянсозии самтҳои афзалиятноки илм методология ва методҳои интихоби онҳо вуҷуд доранд, ки муҳаққиқон онҳоро бо тарзи гуногун шарҳу тафсир кардаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқ аз Федератсияи Россия Л.Э. Миндели интихоби лоиҳаҳои илмиро бо ҷалби доираи васеи коршиносон қайд кардааст, ки чунин «таҳқиқотеро ҷустуҷӯ мекунанд, ки он ба натиҷаҳои фавқулода оварда, дар оянда онҳо метавонанд ба пайдоиши фан ё соҳаи нави донишҳои илмӣ таҳаввул кунанд» [10]. Методҳои дигари хеле васеъ интишорёфта, ба ақидаи ин муҳаққиқ, интихоби мавзуъ дар асоси мубрамият, дараҷаи навгонӣ ва аҳаммияти илмии он, инчунин, бо такя ба тавсифи илмсанҷии (наукометрии) ягон мақола ё кори илмии нашршуда мебошад, ки дар он ягон навгонӣ ба назар мерасад [10].

Муҳаққиқи дигар аз Федератсияи Россия Сазонов Б.В. дар баробари интихоб бо истифода аз баҳогузории экспертӣ ва экстраполятсия, яъне паҳн кардан ё интиқол додани хулосаҳо дар асоси ҳолати гузашта ва ё ҳозираи ашёву зуҳурот ва равандҳо ба ҳолати ояндаи тахминшавандаи ҳамин объектҳо, барои муайянсозии самтҳои афзалиятноки рушди илм, ки шубҳанок аст, методи «форсайт»-ро низ муҳим медонад [13, с. 16]. Ин ҷо дар назар аст, ки форсайт раванди систематикӣ ва якҷояи бунёди дидгоҳ ба оянда аст, ки ба болобарии сифати қабули қарорҳо ва ҷуръатбахшии фаъолияти якҷоя нигаронида шудааст ва ба инноватсия такя мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ собиқаи муайнсозии самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология мавҷуд буда, аллакай, якчанд маротиба онҳо ба таври расмӣ тасдиқ ва татбиқ шуда, ё дар ҳолати татбиқшавӣ қарор доранд. Аммо ин ҷо танҳо сухан аз қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.12.2014, №765 «Номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503 «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» меравад.

Бояд тазаккур дод, ки дар «Номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» дар илмҳои педагогӣ чунин самтҳои таҳқиқот афзалиятнок дониста шуда буданд: «- равандҳои инноватсионии таҳсилот; - такмили таълими забони русӣ дар шароити гуногунфарҳангӣ ва бисёрзабонӣ дар Тоҷикистон; - заминаҳои ҳуқуқӣ, равонӣ ва педагогии такмили таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; - равандҳои педагогии наздикшавии таҳсилоти касбии ҷаҳонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Тоҷикистон; - роҳҳои таъмини сифати таълим ва сифати дониш дар муассисаҳои таҳсилоти Тоҷикистон; - таҳқиқи педагогикаи муқоисавӣ дар раванди ҷаҳонишавии илми педагогика; - ташаккули фарҳанги муоширати иҷтимоии шаҳрвандони Тоҷикистон» [6].

Вобаста ба ин, бояд таъкид намуд, ки дар аксарияти самтҳои зикршуда корҳои муайяну мушаххас бурда шуда, таҳқиқоти назаррас ба нашр расиданд ва ё доир ба онҳо чорабиниҳои

муҳимми илмӣ баргузор карда шуданд. Ҳамчун намуна метавон гуфт, ки доир ба такмили таълими забони русӣ бо ташаббуси Академияи таҳсилоти Тоҷикистон соли 2018, чунонки дар фаслҳои гузашта зикр гашта буд, дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами таълим ва омӯзиши забонҳо дар таҳсилоти муосири бисёрзабонӣ ва гуногунфарҳангӣ» конференсияи байналмилалӣ доир гардида буд.

Аммо новобаста аз корҳои баанҷомрасида, самтҳои дар «Номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» зикршуда дар қисмати илмҳои педагогӣ то ҳол ҳам мубрам боқӣ мемонанд ва онҳо, аз нуқтаи назари мо, бояд ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ барои оянда низ аз нав ворид карда шаванд.

Дар ин росто, бояд қайд намуд, ки таҷрибаи амалисозии номгӯйи мазкурро оид ба самтҳои афзалиятноки рушди илм барои солҳои 2015-2020 хулоса намуда, муҳаққиқони тоҷик Саид Н. ва Қурбонов А. қайд намудаанд, ки «бо дарназардошти мушкилоти мавҷудаи ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ дар ҳамаи кишварҳо барои давраи муайян равияҳои афзалиятноки илм интихоб ва муқаррар карда мешаванд... Теъдоди чунин равияҳо маҳдуд буда, аслан ба таҳқиқ ва ҳалли масоили муҳимтарини ҳар як кишвар равона карда мешаванд. Масалан, дар кишвари Россия аз соли 2007 то соли 2015 вобаста бо зарурати ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ - сиёсӣ ҳамагӣ 5 равияи афзалиятноки илму техника муқаррар гардида буд. Соли 2019 бошад, бо фармони Президенти Федератсияи Россия В.Путин теъдоди равияҳои афзалиятноки соҳаи илму техника ба 8 адад расонда шуд. Вобаста ба талаботи ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар кишварҳои дигар, аз ҷумла дар ҷумҳуриҳои Беларус – 9, Қазоқистон – 5 ва Узбекистон – 8 равияи афзалиятноки соҳаи илму техника муайян шудааст. Қобили қайд аст, ки зимни интихоб ва муайян намудани равияҳои афзалиятноки илму техника дар кишварҳои номбурда ва ҷумҳурии мо умумият ё монандие ба назар мерасад… Вобаста ба зарурати ҳаёти иқтисодии Тоҷикистон ва имкониятҳои мавҷудаи он дар ин самт, муқоисаи мушкилоти иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурии мо бо кишварҳои дигар, дар марҳилаи кунунии рушди Тоҷикистон муайян намудани 5 самти афзалиятноки соҳаи илму техника» [14] мувофиқи мақсад мебошад.

Ин самтҳоро Н. Саид ва А. Қурбонов чунин муайян сохтаанд: 1) таъмини истиқлолияти энергетикӣ; 2) таъмини амнияти озуқаворӣ; 3) саноатикунонии босуръат - илмҳои техникӣ ва муҳандисӣ, соҳаи фармакология; 4) рушди сармояи инсонӣ.

Дар «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» бошад, танҳо як самти он фарогири масъалаҳои педагогӣ низ мебошад. Ин самт ҳамчун «маориф ва фарҳанги миллӣ, ташаккули низоми самараноки тайёр кардани кадрҳои ба рушди нерӯйи инсонӣ, ҷомеа, давлат ва иқтисодиёт мусоидаткунанда ва дар сатҳи ҷаҳонӣ рақобатпазир» [7] мушаххас карда шудааст. Чунонки мебинем, ба фаслҳо ҷудо кардани ин самти муайяншуда барои илмҳои педагогӣ метавонад мушкилотро ба вуҷуд орад.

Дар баробари номгӯйи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ, чунонки ба ҳамагон маълум аст, рушди умумии кишвари соҳибистиқлоли мо тавассути таҳия, қабул ва татбиқи консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ сурат мегирад. Дар ин росто, зикри «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» хеле муҳим аст. Дар ин санад яке аз сенарияҳои асосии рушди умумии мамлакат ин сенарияи индустриалию инноватсионӣ ҳисобида шудааст. Сенарияи зикршуда «бунёди асосҳои рушди инноватсионии иқтисодиёти кишвар дар заминаи гузаронидани ислоҳот дар соҳаи маориф ва тайёр кардани мутахассисони замонавиро пешбинӣ мекунад. Сенарияи мазкур имконият медиҳад, ки ҳангоми ташаккулдиҳии равишҳои инноватсионӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, тақвият бахшидан ба заминаи институтсионалии рушд, такмилдиҳии низоми ҳуқуқӣ ва тақвияти ҳифзи ҳуқуқҳои молу мулкӣ, аз ҷумла моликияти зеҳнӣ, шароит барои афзоиши ҳам сармоягузориҳои хусусию дохилӣ ва ҳам мустақими хориҷӣ муҳайё месозад» [15]. Бо ҳамин сабаб, мо бояд рушди илм, аз ҷумла таҳқиқоти педагогӣ ва самтҳои афзалиятноки онро, қабл аз ҳама, бо дарназардошти талаботи стратегияи мазкур муайян созем.

Афзалиятҳое, ки дар соҳаи маориф ва илм дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» зикр гардидаанд, чунинанд: «(1) таъмин намудани баробарӣ ва дастрасии маълумот (таҳсилот - М.Р.); (2) баланд бардоштани сифат дар тамоми сатҳҳои таҳсилот; (3) афзун намудани устувории молиявӣ ва самаранокии соҳаи маориф; (4)

рушди марказҳои миллии илмию тадқиқотӣ ва корҳои таҷрибавию лоиҳакашӣ; (5) таҳкимдиҳӣ ва татбиқи самарабахши нерӯйи илмии кишвар» [15].

Дар самти таҳкимдиҳӣ ва татбиқи самарабахши нерӯйи илмии кишвар бошад, Стратегия роҳандозии чунин тадбирҳоро пешбинӣ намудааст: «-таҳия ва амалисозии Консепсияи дарозмуҳлати тақвияти нерӯйи илми ватанӣ барои давраи то соли 2030; - муайян намудани афзалиятнокии таҳқиқотҳои фундаменталӣ (заминавӣ) аз рӯйи соҳаҳо бо баланд бардоштани мутамаркази нерӯйи илмӣ; - ташаккули маҷмуи тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ барои ҷалби мутахассисони ҷавон ба илм ва то ҳаддалимкон дароз намудани давраи фаъолияти олимон ва мутахассисони табақаи синну солашон калон; - дастгирии рушди ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ; - андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати ҷавобгӯи талаботи байналмилалӣ гардонидани нерӯйи илмӣ ва аз байн бардоштани монеаҳо вобаста ба эътирофи унвонҳои илмии хатмкунандагони донишкадаю донишгоҳҳои хориҷӣ» [15].

Ба андешаи мо, талаботи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030»-ро ба эътибор гирифта, дар соҳаи илмҳои педагогӣ бояд чунин корҳо ба анҷом расонида шаванд:

1. Роҳандозии таҳқиқоти педагогӣ дар самти омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии таъмин намудани баробарӣ ва дастрасии таҳсилот, баланд бардоштани сифат дар тамоми зинаҳои таҳсилот, менеҷмент ё мудирияти молиявии муассисаҳои соҳаи маориф.

2. Таҳия, тасдиқ ва татбиқи барномаи маҷмуии рушди марказҳои миллии илмию таҳқиқотӣ дар соҳаи педагогика, яъне Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки аз ихтисосҳои омӯзгорӣ ва педагогика мутахассисонро омода месозанд ва бо ин роҳ таъмин намудани таҳкимдиҳӣ ва татбиқи самарабахши нерӯйи илмии кишвар дар соҳаи педагогика.

3. Таҳия ва амалисозии «Консепсияи рушди илмҳои педагогӣ барои солҳои 2025-2030».

Дар асоси талаботи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» муҳаққиқони тоҷик Саид Н. ва Қурбонов А. таҳқиқоти педагогиро дар доираи самти афзалиятноки рушди сармояи инсонӣ, яъне маҷмуи донишҳо, малакаву маҳоратҳои инсон, ки барои қонеъгардонии талаботи мухталифи шахси алоҳида ё ҷомеа дар кул истифода мешаванд, дониста, чунин мавзуъҳоро мубрам донистаанд: «- ислоҳоти низоми маориф ва илм; … - баланд бардоштани арзишҳои фарҳангӣ, рушди сармояи инсонии, хусусан ҷавонон, баланд бардоштани нерӯйи эҷодии онҳо» [14]. Бо такя ба ин, метавон ислоҳоти низоми маориф ва илмҳои педагогӣ, инунин нақши арзишҳои фарҳангиро дар тарбияи ҷавонон ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ ворид намуд.

Чунонки дар таҷрибаи ҷумҳурии мо қабул шудааст, рушди илми донишгоҳӣ, таҳқиқоти илмӣ дар муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳаи маориф ва амсоли он дар асоси нақша ва санадҳои расмии ҳамин соҳа сурат мегирад. Аз ин рӯ, барои рушди илмҳои педагогӣ ва муайянсозии самтҳои афзалиятноки онҳо ҳамчун роҳнамо маҳз консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф хизмат мекунанд. Аз ин нуқтаи назар, яке аз санадҳои асосӣ дар ин самт «Стратегияи миллии рушди маорифи Тоҷикистон барои то соли 2030» ба шумор меравад.

Таҳлили квалиметрии Стратегияи мазкур нишон медиҳад, ки дар ин санад афзалиятҳои зиёде барои таҳқиқоти педагогӣ муайян гардидаанд, вале миёни онҳо маҳз ба масъалаи навъҳои гуногуни арзёбии соҳа таваҷҷуҳи махсус равона карда шудааст. Аз ҷумла, арзёбии сифати кадрҳои омӯзгорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (банди 62 Стратегия), арзёбии сифати хизматрасониҳо дар муассисаҳои таълимии томактабӣ (банди 62 Стратегия), инчунин, низоми миллии стандартии арзёбии натиҷаҳои таълим ва методологияи муназзами он (бандҳои 112, 113 Стратегия) аз афзалиятҳои рушди соҳаи маориф шинохта шудаанд. Ҳамзамон, тайёр кардани мутахассисон оид ба логопедия ва сурдопедагогика (банди 63 Стратегия) ва тақвияти неруи идоракунӣ дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои он, аз ҷумла дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ (банди 206 Стратегия) аз зумраи афзалиятҳо дар ислоҳоти соҳа эътироф гардидаанд [16].

Дар иртибот ба талаботи ин санади стратегии рушди соҳа, ба ақидаи мо, иҷрои чунин тадбирҳо мувофиқи мақсад мебошад:

1. Ворид намудани квалиметрия ва намудҳои дигари арзёбии соҳаи маориф, инчунин, таҳқиқот дар соҳаҳои логопедия ва сурдопедагогика ба номгӯйи самтҳои асосии афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Роҳандозии таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи менеҷмент ё мудирияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ.

Қобили тазаккур аст, ки дар баробари «Стратегияи миллии рушди маорифи Тоҷикистон барои то соли 2030» ҳамчун санадҳои роҳнамо шумораи зиёди дигари консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаи маориф дар кишвари соҳибистиқлоли мо қабул ва амалӣ шуда истодааст. Аммо бо мақсади муайянсозии самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ мо ба «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, № 94) [5]. ва зарурати такмили он, инчунин, ба якчанд барномаҳои дигари давлатӣ таваҷҷуҳи хосса намудаем.

Чунонки мебинем, аз давраи қабул ва амалишавии нахустин Консепсияи миллии тарбия муҳлати тӯлонӣ гузашта, дар ин давра дар кишвари мо ва дар ҷаҳони муосир таҳаввулоти куллӣ ба вуқуъ пайвастанд. Дар ин давра мардуми кишвар 30-солагии Истиқлолияти давлатиро бо як шукуҳу шаҳомати хосса истиқбол гирифта, таҳаввулоти мусбати рухдодаро дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ ба таври айёнӣ мушоҳида намуданд. Маҳз ба ҳамин ишора карда, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон ба муносибати таҷлили ин ҷашни бузургӣ миллӣ таъкид доштанд: «Дар солҳои истиқлоли давлатӣ рушди соҳаҳои иҷтимоӣ аз ҷумлаи самтҳои афзалиятнок эълон гардида, барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳи дониш ва маърифатнокиву саводнокии мардум, ҳифзи саломатии аҳолӣ ва зина ба зина беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии сокинони кишвар ҳамаи захираву имкониятҳо сафарбар карда шуданд... Мо мушоҳида карда истодаем, ки дар ҳазораи нав, яъне дар асри пешрафти босуръати илм ва техникаву технологияҳо давлатро бо низоми асримиёнагӣ ва хурофоту тафаккури ақибмонда обод кардан ғайриимкон аст. Баръакс, давлатро танҳо кадрҳои пешрафтаву донишманд, соҳибмаърифату баландихтисос ва навовару ихтироъкор метавонанд соҳибӣ кунанд ва тараққиёти онро таъмин намоянд» [12].

Бо сабабҳои дар боло зикргардида имрӯз зарурати таҳия ва қабули «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав ба миён омадааст. Консепсия дар таҳрири нав бояд таҷрибаи дар ин самт андӯхтаро ҷамъбаст намуда, роҳҳои муосиру муассири тарбияи миллии тамоми табақаҳо ва қишрҳои аҳолии ҷумҳуриро нишон диҳад.

Ба андешаи мо, бояд дар роҳандозии тарбияи миллӣ ва муайянсозии дурнамои он чунин омилҳо ба эътибор гирифта шуда, дар Консепсия ҳатман дарҷ гарданд: аввалан, вазифаҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди тарбияи кӯдакон, наврасон ва ҷавонон, ки ба муассисаҳои таълимӣ фаро гирифта шудаанд, муайян карда шуда, кумитаҳои ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, вазорат ва идораҳои дигари дахлдор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, ҷамоатҳои деҳот ва дигар ниҳодҳои давлатӣ ба тарбияи кӯдакон, наврасон ва ҷавонон, ки берун аз муассисаҳои таълимиянд ё дар корхонаву ташкилоти дигар ба фаъолияти меҳнатӣ машғул мебошанд, таваҷҷуҳ намоянд.

Дуюм, масъулияти таълифи китобҳои тарбиявӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, таҳияи барномаҳои соатҳои тарбиявӣ барои таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, таҳияи рӯйхати тавсиявии китобҳои бадеӣ барои мутолиаи беруназсинфӣ барои тамоми зинаҳои таҳсилот ва мунтазам такмил додани онҳо мушххас карда шавад.

Сеюм, дар Консепсия барои рушди малакаҳои шаҳрвандон оид ба одоби муошират ва асосҳои рӯзгордорӣ, сарфакорӣ дар истифодаи об, барқ, маводи сӯхт ва ғайра, инчунин, арҷгузорӣ ба либоси миллӣ, муқовимат ба экстремизм ва терроризм, зӯроварию ифротгароӣ, пешгирии наврасону ҷавонон аз гаравидан ба ҳар гуна ҳаракатҳои радикалӣ ва бегонапарастӣ тадбирҳои мушаххас нишон дода шаванд.

Чорум, ба ҷойи ибораи «Тарбияи тафаккури интиқодӣ» дар Консепсия ибораи «Тарбияи тафаккури мантиқӣ, ақлонӣ, дунявӣ ва техникӣ» истифода карда шавад, зеро маҳз ҳамин навъи тафаккур ба шаҳрвандон имконият медиҳад, ки тамоми масъалаҳоро бо низоми мукаммали илмӣ ҳаллу фасл намоянд ва аз таассубу хурофотпарастӣ раҳоӣ ёфта, ашё ва зуҳуроти оламро аз нигоҳи илмҳои табиатшиносӣ баҳогузорӣ кунанд.

Дар баробари ин, хуб мебуд, агар дар Консепсия дар таҳрири нав дар сохтори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додани раёсати тарбия ва дар сохторҳои АТТ ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ташкил намудани шуъбаҳои дахлдор оид ба таҳқиқоти педагогии масъалаҳои тарбиявӣ дарҷ меёфт.

Вобаста ба масъалаҳои тарбия инро низ бояд ба эътибор гирифт, ки дар ҷаҳони муосир вобаста ба омилҳои манфии ҷаҳонишавӣ барои давлатҳои миллӣ тарбияи худшиносӣ, ҳуввияти миллӣ, ватандӯстӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва амсоли он аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар кишвари мо зарур аст, ки ҳар чӣ зудтар оид ба таъсиси ихтисоси «6D012300 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ» дар зинаи докторантура аз рӯйи ихтисос дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии самти омӯзгорӣ, инчунин, дар АТТ ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф тадбирҳо андешида шаванд. Ҳамзамон, зарур аст, ки «Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ» ба номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои педагогӣ ворид карда шавад.

Бо такя ба «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2019, № 438) бошад, метавон чунин самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогиро муайян намуд: «гузаронидани таҳқиқоти якҷояи илмӣ, методӣ, педагогӣ ва сотсиологӣ дар соҳаи таҳсилоти хориҷӣ, забоншиносии идрокӣ (когнитивӣ), забоншиносӣ-кишваршиносӣ, забоншиносӣ-фарҳангшиносӣ, методикаи таълими забонҳои русӣ ва англисӣ дар шароити воқеии дузабонӣ ва бисёрзабонӣ [2].

Дар доираи татбиқи «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2019, № 316), аз таҳлилҳои квалиметрии ин санад бармеояд, ки «таҳияи низоми миллии мониторинги сифати таҳсилоти томактабӣ барои арзёбии сифати таҳсилот» [3]. пешбинӣ гардидааст, ки он низ ногузир бояд аз самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ дар ҷумҳурӣ ҳисобида шавад.

Ба андешаи мо, дар муайянсозии самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ бояд омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷии дуру наздик низ ба эътибор гирифта шавад. Дар ин росто, мо андешаҳои доктори илмҳои педагогӣ В.И. Загвязинскийро оид ба самтҳои афзалиятнок ва мавзуъҳои мубрами таҳқиқоти методологӣ ва назариявии педагогӣ дар Федератсияи Россия таҳлил намуда, қайд кардем, ки як қатор мавзуъҳои зикргардидаи ин муҳаққиқ барои шароити ҷумҳурии мо низ мубрам мебошанд. Аз ин рӯ, пешниҳод менамудем, ки чунин самтҳои таҳқиқоти педагогӣ аз миёни мавзуъҳои ироанамудаи В.И. Загвязинский ба масъалаҳои афзалиятнок дар кишвари мо ворид карда шаванд:

- таносуби манфиатҳои миллӣ ва шароити глобалӣ ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти психологӣ-педагогӣ;
- навоварӣ ва анъана дар таҳсилот;
- роҳҳои ҳамгиросозии таҳсилоти гуманитарӣ ва табиатшиносӣ;
- нақши сохторҳои ғайрирасмӣ дар иҷтимоишавии ҷавонон [8;9].

Аз мавзуъҳои пешниҳоднамудаи муҳаққиқи дигар аз Федератсияи Россия, профессор Д.И. Фелдштейн, ки онҳо низ мавриди таҳлил қарор доштанд, якчанд самту мавзуъҳо барои кишвари мо мубрам ба назар мерасанд. Бо ҳамин сабаб, онҳоро низ метавон барои ворид намудан ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ дар ҷумҳурӣ пешниҳод намуд:

1) нақши техника дар ташаккул ва рушди шахсият ва ҷомеа, мушкилоти таҳаввули ҷомеа дар шароити «таркиши иттилоотӣ»;

2) таҳқиқи роҳҳои таъмини ворисияти наслҳо;

3) муайнсозии асосҳои назариявии болоравии сатҳи вайроншавии асабӣ-психикии ҷавонон ва роҳҳои кумаки психологӣ-педагогӣ ба онҳо;

4) методологияи таълифи китобҳои дарсӣ ва маводи таълимии насли нав [17].

Дар баробари ин, ба андешаи муҳаққиқ аз Федератсияи Россия Орлов О.С. «мақоми махсусро дар миёни афзалиятҳои педагогика ҳамчун илм мурофиқати илмӣ-методологии он ишғол мекунад. Маҳз мурофиқати илмӣ-методологӣ, аз нуқтаи назари мо, ташкилкунандаи низом дар робитаҳои мутақобила ва муносибатҳое, ки байни зерсистемаҳои гуногуни системаи таҳсилотии мактаби рушдёбанда ба вуҷуд меоянд, ҳисоб меравад» [11].

Дар ин асос мурофиқати илмӣ-методологии таҳқиқоти педагогиро низ метавон аз самтҳои афзалиятнок ҳисоб намуд.

Боиси зикри хос аст, ки то имрӯз дар ҷумҳурии мо пешниҳодҳои маҷмӯӣ оид ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогии худи муҳақиқиқони тоҷик низ манзур гардидаанд. Ин масъаларо дар мисоли коркардҳои илмии АТТ ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба таври муфассалтар мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Ба андешаи яке аз муҳаққиқони варзидаи педагогикаи ватанӣ, академики АТТ Ф. Шарифзода самтҳои афзалиятноке, ки омили ташаккул ва рушди илмҳои педагогӣ ва маориф дар ҷомеаи муосир мегарданд, инҳоянд:

1. Дурнамои инкишофи илмҳои педагогӣ ва маориф дар ҷомеаи муосир.
2. Такмили таҳқиқотҳои иҷтимоӣ-педагогӣ, методология ва стратегияи азнавсозии иҷтимоӣ-фарҳангии таҳсилот.
3. Асосҳои назариявии мазмун, технология ва механизмҳои азнавсозии таҳсилоти муттасил (томактабӣ, умумӣ, касбӣ ва иловагӣ).
4. Иттилоотонии таҳсилот, ташаккули зеҳнӣ ва иҷтимоисозии инсони муосир.
5. Заминаҳои назариявӣ ва моделҳои ояндадори иҷтимоисозӣ, тарбияи кӯдакон ва ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосир.
6. Азнавсозии низоми ёрирасон ба шахсони дорои имкониятҳои маҳдуди ҷисмонӣ.
7. Асосҳои илмии инкишофи ибтикоронаи таҳсилоти педагогӣ ва моделҳои дурнамои инкишофи таҳсилоти муттасили педагогӣ.
8. Асосҳои илмии идораи таҳсилот дар ҷаҳони тағйирёбанда.
9. Асосҳои назариявӣ-методологии сохторсозӣ ва инкишофи таҳсилоти тахассусии сатҳҳои гуногун.
10. Асосҳои назариявӣ-методологии азнавсозӣ ва инкишофи таҳсилоти табиӣ-илмии сатҳҳои гуногун [18, с. 61-63].

Таҳлили квалиметрӣ нишон дод, ки ҳар яке аз ин 10 самтҳоро муаллиф иборат аз 1 то 7 фасл донистааст, ки ҳар яке, дар навбати худ, аз зерфаслҳо таркиб ёфтааст. Дар маҷмуъ, аз нигоҳи академики АТТ Ф. Шарифзода чунин мавзуъҳоро дар таҳқиқоти педагогӣ афзалиятнок шумурдан имкон дорад:

1. Асосҳои фалсафӣ, назариявӣ ва методологии ояндабинии педагогӣ
2. Таҳқиқи дидгоҳи педагогии ниёгон ва ворид сохтани онҳо дар педагогикаи муосири миллӣ
3. Методологияи нави тадқиқотҳои педагогӣ
4. Тамоюлоти инкишофи таҳсилот, назариёти педагогӣ ва амалия дар олами муосир
5. Ҳамгироии илм ва таҳсилот
6. Равандҳои ҳамгироӣ дар таҳсилот
7. Истифодаи ақидаи таълими тафриқа дар раванди таҳсилоти муосир
8. Таҳқиқи масоили ҷаҳонишавии таҳсилот: меҳнат, шаклҳои зуҳурёбӣ, тамоюлоти инкишоф
9. Моҳият ва мушкилоти (масоили) низоми таҳсилоти муттасил (пайваста)
10. Заминаҳои фалсафӣ-методологӣ, иҷтимоӣ-педагогии ташкил ва инкишофи фазои иттилоотӣ-таҳсилотӣ
11. Пояҳои назариявӣ-методии тайёр кардани кадрҳои педагогӣ ва роҳбарӣ ба маориф дар соҳаи технологияи иттилоотӣ ва иртиботӣ
12. Технологияҳои нави таълим ва тарбия
13. Маданияти иттилоотии шахсият
14. Сабабмандии (мотиватсияи) таълим ва тарбия
15. Инкишофи таҳаммулпазирӣ дар низоми таҳсилот ҳамчун талаботи воқеии ҷомеаи муосир
16. Муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии таҳсилот
17. Ғайриинститутӣ (деинституцизатсия) сохтани тарбия ва таҳсилоти кӯдакони маъюб ва ятим
18. Таҳсилоти фарогир, инклюзивӣ (ба кӯдакони маълул)
19. Равандҳои ибтикорӣ дар таҳсилот
20. Педагогикаи ҳамкорӣ
21. Таҳлили назария ва амалияи тайёр кардани омӯзгорон дар низоми таҳсилоти муттасили педагогӣ

22. Асосҳои назариявӣ-методологии инкишофи касбӣ ва такмили ихтисоси роҳбарони муассисаҳои таълимӣ
23. Моделҳои назариявӣ ва механизмҳои роҳбарӣ ба низоми таҳсилот дар сатҳҳои гуногун бо дарназардошти махсусиятҳои инкишофи фарҳанги иҷтимоӣ ва иқтисодӣ
24. Роҳбарӣ ба сифати таҳсилот дар асоси тартиби арзёбии натиҷаҳои таълим ва иҷтимоишавии хонандагон
25. Фаъолияти педагогӣ дар мактаби олӣ: ғайриодӣ будани назария ва амалия
26. Самтгирии таҳсилот ба талаботи касбии ҷомеа
27. Заминаҳои назариявӣ-методологӣ ва моделҳои ибтикории тайёрии касбӣ ва бозомӯзии мутахассисон дар шароити бозори меҳнати тағйирёбанда
28. Тадқиқотҳои мазмун ва технологияи таҳсилоти табиӣ-илмӣ ва ғайра [1, с. 5-56; 19; 20].

Таҳлили квалиметрии пешниҳодҳои академики АТТ Ф. Шарифзода оид ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ (10 адад) ва фаслҳои он (28 адад) нишон медиҳад, ки номбурда ҳамчун омили ташаккул ва рушди илмҳои педагогӣ ва маориф дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон тамоми самтҳои назарияи педагогикаро ҳисобидааст.

Дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ низ барои магистрантон, аспирантон ва докторантони ихтисосҳои педагогӣ ва муҳаққиқони илмҳои педагогӣ баъзе самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ муайян шудаанд, ки чунин мавзуъҳоро дар бар мегиранд:

1. Масъалаҳои мубрами фалсафаи таҳсилот дар асри XXI
2. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф дар Тоҷикистони соҳибистиқлол: дастовардҳо ва дурнамо
3. Самтҳои асосии ислоҳоти соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
4. Таҳсилоти босалоҳият дар таълиму тарбияи томактабӣ
5. Таҳсилоти босалоҳият дар зинаи ибтидоии таҳсилоти умумӣ
6. Таҳсилоти босалоҳият дар зинаи умумии асосӣ ва миёнаи умумӣ
7. Таҳсилоти босалоҳият дар зинаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ
8. Таҳсилоти босалоҳият дар зинаи таҳсилоти миёнаи касбӣ
9. Таҳсилоти босалоҳият дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ
10. Таҳсилоти босалоҳият дар зинаи таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ
11. Таҳсилоти босалоҳият ва татбиқи он дар соҳаи таҳсилоти иловагӣ
12. Методикаи таълими фанҳо тибқи талаботи таҳсилоти босалоҳият (мувофиқан ба зинаҳои таҳсилот)
13. Меъёрҳои баҳогузорӣ дар муассисаҳои таълимии зинаҳои гуногуни таҳсилот
14. Арзёбии педагогӣ дар муассисаҳои таълимии зинаҳои гуногуни таҳсилот
15. Роҳҳои мутобиқсозии стандарт, барнома ва нақшаҳои таълими таҳсилоти касбӣ ба меъёрҳои кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон
16. Масъалаҳои мубрами педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ
17. Мушкилоти соҳаи педагогикаи ислоҳӣ дар самтҳои сурдопедагогика, тифлопедагогика, олигофренопедагогика ва логопедия
18. Ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ ва раҳоӣ аз хурофот дар раванди таълиму тарбия (тибқи зинаҳои таҳсилот)
19. Методикаи таълими диншиносӣ бо такя ба таҳлили илмии моҳияти дин дар муассисаҳои таълимии зинаҳои гуногуни таҳсилот
20. Арзишҳои миллӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълиму тарбия
21. Равандҳои педагогии наздикшавии таҳсилоти касбии ҷаҳонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Тоҷикистон
22. Ҷаҳонгароии илми педагогика ва стандартизатсияи муосири таҳсилот
23. Тамоюлҳои рушди таҳсилот, назария ва амалияи илми педагогика дар ҷаҳони муосир
24. Ҳамгироии илм ва таҳсилот
25. Муҳити иҷтимоию фарҳангии таҳсилот
26. Маданияти оиладорӣ ва омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ
27. Педагогикаи ҳамкорӣ

28. Мотиватсияи таълим ва тарбия
29. Валеология – самти дурнамои таҳқиқоти илмию педагогӣ дар асри XXI
30. Масъалаҳои методологияи навини таҳқиқоти педагогӣ
31. Такмили таълими забонҳои хориҷӣ ва забони русӣ дар шароити гуногунфарҳангӣ ва бисёрзабонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
32. Заминаҳои ҳуқуқӣ-равонӣ ва педагогии такмили таҳсилоти фарогир ва кӯдакони талаботи махсусдошта дар шароити муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон
33. Роҳҳои таъмини сифати таълим ва тарбия дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон
34. Ташаккули фарҳанги муоширати иҷтимоии шаҳрвандони Тоҷикистон
35. Ташаккули тарзи ҳаёти солим ва ҳифзи саломатӣ дар муассисаҳои таълимии Тоҷикистон
36. Асосҳои илмӣ-методии рушд ва фаъолияти мактаб (синфҳо)-и камнуфус дар шароити Тоҷикистон
37. Истифодаи ғояи таълими тафриқа дар ҷараёни муосири таҳсилот
38. Таҳсилоти муттасил: раҳёфти маҷмӯӣ ба ҳалли мушкилот дар заминаи таҷрибаи пешқадам
39. Такмили низоми таҳсилот дар муқоиса бо таҳсилоти давлатҳои мутамаддин
40. Мутобиқсозии таҳсилот ба дархости касбии ҷомеа
41. Фаъолияти педагогӣ дар муасисаи таҳсилоти олии касбӣ: ҳамоҳангӣ ва мухолифат дар назария ва амалия
42. Моҳият ва масъалаҳои умумӣ ва хусусии таҳсилот
43. Ҷараёнҳои навгонӣ (инноватсионӣ) дар таҳсилот
44. Демократикунонии таҳсилот ва раванди таълим дар замони муосир
45. Педагогикаи муқоисавӣ дар раванди ҷаҳонишавии илмҳои педагогӣ
46. Инсонгароӣ дар таълим ва тарбия
47. Масъалаҳои мубрами методологияи таҳсилот
48. Масъалаҳои мубрами идеологияи таҳсилот
49. Масъалаҳои мубрами антропологияи таҳсилот
50. Ояндабинӣ дар таҳсилот ва ғайра [4, с. 33-34].

Дар Пажуҳишгоҳи рушди маориф, инчунин, ҳисобида мешавад, ки «Дар асоси таҳқиқоти муосир дар ин самт зарурати он вуҷуд дорад, ки, қабл аз ҳама, ба як қатор масъала ва мавзуъҳое аҳаммияти аввалиндараҷа дода шавад, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

- тимсоли инсон ва стратегияҳои таҳсилотӣ дар таърихи афкори фалсафӣ ва педагогӣ, аз ҷумла дар таърихи фалсафа ва педагогикаи тоҷикон;
- таҳсилот ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ ва объекти таҳқиқоти илмию фалсафӣ;
- таҳлили фалсафӣ-методологии фаъолияти педагогӣ, ҳадаф, мундариҷа ва махсусиятҳои он дар замони муосир; - муҳит ва контексти (қаринаи) таҳсилот;
- система ва моделҳои таҳсилот;
- диагностикаи педагогӣ-психологӣ;
- фард, шахс, шахсият, рафтор ва психикаи он;
- навъҳои тарбия; - нақши фарҳанг ва муошират дар раванди таълиму тарбия;
- аҳаммияти таҷриба, маърифат, идрок, эҷодкорӣ дар таҳсилот ва ғайра» [4, с. 33-34].

Агар пешниҳодҳои Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомиро оид ба баъзе самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ мавриди таҳлили квалиметрӣ қарор диҳем, маълум мегардад, ки дар самтҳои манзуршуда (50 мавзуъ ва 8 зермавзуъ) бештар назарияи педагогика, фалсафаи таҳсилот ва махсусан, муносибати босалоҳият ба таълим фаро гирифта шудаанд, ки, ба андешаи мо, пешниҳодҳои АТТ-ро комилтар мегардонанд. Аз ин рӯ, истифодаи якҷояи ин ҳар ду пешниҳод дар амалия метавонад номгӯйи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогиро дар ҷумҳурӣ ғанитар созад.

Дар баробари ин, ба андешаи шахсии мо, барои рушди бомароми таҳқиқоти педагогӣ дар Тоҷикистон, мутобиқсозии пажӯҳишҳои илмии кормандони АТТ ва Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба таҳаввулоти азими ҷомеаи муосир дар раванди ҷустуҷӯҳои илмии педагогӣ ба инобат гирифтани самтҳои зерин ба мақсад мувофиқ мебошад:

1. Сиёсати давлатии соҳаи илму маориф дар Тоҷикистони соҳибихтиёр.

2. Фалсафаи таҳсилот дар асри XXI.
3. Равандҳои инноватсионӣ дар соҳаи маориф.
4. Демократикунонии таҳсилот дар замони муосир
5. Бухрони иқтисодии ҷаҳон ва пайомадҳои он ба соҳаи илм, маориф ва таҳсилот дар Тоҷикистон.
6. Татбиқи технологияи муосир дар раванди таълиму тарбия.
7. Тарбияи маънавӣ дар мактаби муосир дар партави ҷаҳонишавии фарҳанг.
8. Мотиватсияи таълиму тарбия.
9. Афкори педагогии ниёгон, арзишҳои умумибашарии таълиму тарбия ва дастовардҳои педагогикаи ҷаҳон.
10. Проблемаҳои асосии педагогикаи муқоисавӣ.
11. Валеология - самтиояндадори таҳқиқоти педагогикаи асри XXI.
12. Проблемаҳои методологии таҳқиқоти педагогӣ.
13. Квалиметрияи педагогӣ.
14. Библиометрияи педагогӣ.
15. Илмсанҷии педагогӣ .
16. Таъмини ояндабинии пажӯҳишҳои илмӣ-педагогӣ
17. Татбиқи дастовардҳои менеҷмент дар раванди идоракунии таҳқиқоти илмии педагогӣ.
18. Меъёрҳои арзишии таҳсилот ва ҷойгоҳи онҳо дар низоми умумии фарҳанги миллӣ.
19. Педагогикаи волидайн ва ғайра.

Дар маҷмуъ, дар асоси таҳлили квалиметрии манбаъҳои гуногун метавон ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти педагогӣ дар кишвари мо мавзуъҳои зиёдеро ворид намуд. Ҳамзамон, бахри вусъат бахшидан ба раванди таҳқиқоти педагогӣ ва мушаххас сохтани дурнамои рушди он дар мамлакат дар сохтори АТТ ташкил намудани Маркази миллии квалиметрияи педагогӣ ба сифати мақоми ҳамоҳангсози арзёбии сатҳу сифати таҳқиқоти илмӣ, таъсиси мақоми ваколатдори давлатии ҳамоҳангсози корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи илмҳои педагогӣ, ба чоп омода намудани натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ ва маркетингӣ вобаста ба мавзуъҳо ва проблемаҳои соҳаҳои нави педагогика, идомаи таҳқиқот оид ба «Энсиклопедияи педагогикаи халқи тоҷик», тарҷума ва нашри асарҳои нодир оид ба дастовардҳои педагогикаи башарият ва таъсиси китобхонаи бунёдии педагогӣ дар Тоҷикистон ва амсоли он низ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим дар фаъолияти ояндаи ниҳодҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи педагогика, аз қабили АТТ, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, муассисаҳои таҳсилоти олии касбии самти педагогӣ ва муҳаққиқони алоҳида ба шумор меравад.

Хулоса, таҳлили квалиметрии қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология, консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷии дуру наздик, коркардҳои илмии АТТ ва Пажуҳишгоҳи рушди маориф дар ин самт ва дигар пешниҳодҳои муҳаққиқони алоҳида нишон дод, ки дар ҷумҳурии мо самтҳои зиёде вуҷуд доранд, ки бо вуҷуди мубрамият, аҳаммияти назариявӣ ва амалии худ то ҳол мавриди таҳқиқоти комплексии инфиродӣ ва дастаҷамъонаи педагогӣ қарор нагирифтаанд. Аз ин рӯ, таҳия ва амалисозии консепсияи рушди илмҳои педагогӣ барои давраҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат, ки дар он самтҳои афзалиятноки рушди таҳқиқоти педагогӣ ба таври густурда бояд инъикос ёбанд, як амри зарурӣ буда, метавонад дурнамои рушди илмҳои педагогиро равшан созад.

**АДАБИЁТ**

1. Аббос Ҳуррӣ. Оини таҳқиқи илмӣ /Таҳияи Сафар Сулаймонӣ // Душанбе, 1997. - 76 с.
2. Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Манбаи электронӣ]. // https://maorif.tj/storage/Dokument's/d51a1ea279d1fa75f044588cb2d02b49.pdf (санаи муроҷиат: 10.02.2022)
3. Зиёӣ, Х.М. Муносибати босалоҳият ба таълим: масъалаҳои умуминазариявӣ ва роҳҳои татбиқи амалӣ. / Х.М. Зиёӣ. - Душанбе: «Нигор», 2018. -112 с.

4. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. // https://maorif.tj/storage/Dokument's/Barnomaho/81c1a2a242b19928404ebdb2b1fc4754.pdf (санаи муроҷиат: 10.02.2022)

5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи "Номгӯйи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020". – Душанбе, 2014. – № 765. – 04 дек. [6].

6. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, №503 «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025»

7. Маводи конференсияи IV байналмилалӣ «Таҳсилоти фарогир: мушкилот ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он» / Мураттибон Каримова И., Негматов С., Байзоев А.- Душанбе 250 с.

8. Маводи Конференсияи V-уми байналмилалии «Таҳсилоти фарогир: мушкилот ва ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли он»/ Мураттибон Зиёев Қ., Бӯриев Б., Ҳакимова Б.- Душанбе, 2019.- 151 с.

9. Орлов, О.С. О современных приоритетах педагогической науки [Электронный ресурс]. // https://cyberleninka.ru/article/n/o-sovremennyh-prioritetah-pedagogicheskoy-nauki (санаи муроҷиат: 15.04.2022)

10. Раҳмон, Э. Суханронӣ дар ҷаласаи ботантана ба муносибати 30 – солагии истиқлоли давлатӣ [Манбаи электронӣ]. // http://www.president.tj/node/26483 (санаи муроҷиат: 20.12.2021)

11. Сазонов, Б.В. Методы и проблемы определения направлений перспективных научных исследований // Выявление приоритетных научных направлений: междисциплинарный подход / Отв. ред.: И.Я. Кобринская, В.И. Тищенко/ Б.В. Сазонов .– М.: ИМЭМО РАН, 2016. - С.16-28.

12. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. – Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2012. – №334.

13. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Манбаи электронӣ]. // http://ncz.tj/system/files/ArticleAttachments (санаи муроҷиат: 17.01.2022).

14. Шарифзода, Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳангӣ/ Ф. Шарифзода; муҳарр. масъул С. Сулаймонӣ; Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон. – 2010. – 544 с.

15. Шарифзода, Ф. Актуальные проблемы современной педагогики: в 2 кн. / Ф. Шарифзода. – Душанбе: Ирфон. – Кн. 2. – 2010. – 328 с.

16. Шарифзода, Ф. Интеграция науки и образования в зеркале новых исследований / Ф. Шарифзода // Вестник Академии образования Таджикистана. – 2014. – №1(15). – С. 42-56.

# ПСИХОЛОГИЯИ СИННУСОЛӢ ВА РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ ҚОБИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН

***ОРИФОВ Абдулло Асоевич*** *– мудири шуъбаи фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва технологияи инноватсионии таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2.* ***E-mail:*** *orifov_68@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 900 00 46 00*

***ҚОДИРОВ Набӣ Муродалиевич*** *– мутахассиси пешбари шуъбаи фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва технологияҳои инноватсионии таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2.* ***E-mail:*** *kodirov1968@list.ru,* ***тел.:*** *(+992) 904 23 77 07*

Дар мақола маълумот оид ба психологияи синнусолии кӯдакон, наврасону ҷавонон, даврабандии онҳо, қобилияти эҷодию креативии хонандагон, роҳҳои инкишофи онҳо дар давраҳои рушди кӯдак ва зимни таълим баён шудааст. Мақола таҷрибаи олимони соҳаи равоншиносиро дар масъалаи психологияи синну солӣ ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон фаро гирифтааст. Муаллифон дар мақола номгӯйи қобилият ва корҳои эҷодии хонандагон ва роҳҳои инкишофи онҳоро нишон додаанд.

Мақола таҷрибаи олимони соҳаи психологиро дар масъалаи психологияи синну солӣ ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон фаро гирифтааст. Муаллифон дар мақола номгӯйи қобилият, корҳои эҷодии хонандагон ва роҳҳои инкишофи онҳоро нишон дода, нақши омӯзгорро дар

фароҳам овардани чунин шароит махсус қайд кардаанд. Шароити зудтағйирёбандаи ҷамъияти инсонӣ оид ба қобилиятҳои пайдо кардани ҳалли ғайристандартии мушкилоти бамиёномадаро тақозо дорад, дар мақола ба таври возеҳ нишон дода шуда аст. Ҳамчунин, нақши шахсияти эҷодкорро дар ҳалли чунин мушкилоти мавҷуда пешниҳод кардааст.

***Вожаҳои калидӣ:*** *қонуниятҳои инкишоф, психологияи синнусолӣ, қобилият, салоҳиятҳои эҷодӣ, креативӣ, малака, маҳорат, салоҳиятҳои эҷодӣ, ташаббускорӣ, креативӣ, ҳалли ғайристандартии мушкилот.*

## ВОЗРАСТНАЯ ПСИХОЛОГИЯ И СПОСОБЫ ФОРМИРОВАНИЯ ТВОРЧЕСКИЕ СПОСОБНОСТИ УЧЕНИКОВ

***ОРИФОВ Абдулло Асоевич*** *– заведующий отделом естественных наук, точных и инновационных технологий образования Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамов, 11/2.* ***E-mail:*** *orifov_68@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 900 00 46 00*

***КОДИРОВ Наби Муродалиевич*** *– ведущий специалист отдела естественных и точных наук и инновационных технологий обучения Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамов, 11/2.* ***E-mail:*** *kodirov1968@list.ru,* ***тел.:*** *(+992) 904 23 77 07*

В статье изложены сведения о возрастной психологии детей, подростков и молодежи, их периодизации, творческих и креативных способностях учащихся, способах их развития в периоды развития ребенка и в процессе обучения. В статье рассматривается вклад анатомических наук, физиологии и педагогики в качестве пропагандиста возрастной психологии и отражено установление учебного и воспитательного процесса в зависимости от психологических особенностей учащихся разных возрастов.

В статье рассматривается опыт ученых-психологов по вопросу возрастной психологии и творческих способностей учащихся. Авторы в статье указывали на перечень способностей, творческие работы учащихся и способы их развития и особо подчеркивали роль педагога в создании таких условий. Быстро меняющиеся условия человеческого общества, требующие способности находить нестандартные решения возникающих проблем, четко изложены в статье. Также предложена роль творческой личности в решении таких существующих проблем.

***Ключевые слова:*** *закономерности развития, возрастная психология, таланты, навыки, умения, способности, творческие способности, творческие компетенции, креативность.*

## AGE PSYCHOLOGY AND METHODS OF FORMATION READERS' CREATIVE ABILITIES

***ORIFOV Abdullo Asoevich*** *– Head of the Department of Natural Sciences, Precision and Innovative Technologies of Education Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, A. Adhamov Street, 11/2.* ***E-mail:*** *orifov_68@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 900 00 46 00*

***KADIROV Nabi Murodalievich*** *– leading specialist of the department of natural and exact sciences, and innovative technologies of education of Academy Education Tajikistan, Dushanbe, A. Adkhamov, Street 11/2.* ***E-mail:*** *kodirov1968@list.ru,* ***phone:*** *(+992) 904 23 77 07*

The article provides information about the age psychology of children, adolescents and youth, their periodization, creative and creative abilities of students, ways of their development during the periods of child development and in the learning process. The article examines the contribution of anatomical sciences, physiology and pedagogy as a propagandist of age psychology and reflects the establishment of the educational and educational process depending on the psychological characteristics of students of different ages.

The article examines the experience of psychological scientists on the issue of age psychology and creative abilities of students. The authors in the article pointed to the list of abilities, creative work of students and ways of their development and emphasized the role of the teacher in creating such

conditions. The rapidly changing conditions of human society, which require the ability to find non-standard solutions to emerging problems, are clearly outlined in the article. The role of a creative personality in solving such existing problems is also proposed.

***Keywords:*** *patterns of development, age psychology, pedagogical norms, abilities, talents, skills, abilities, creative competencies, initiative, creativity, non-standard problem solving.*

Қонуниятҳои инкишофи анатомӣ, физиологӣ, психологӣ, хусусиятҳои тағйирёбии синну сол, имконоти маърифатӣ, ташаккулёбии шахсият, душворию зиддиятҳои дохилии ҳар як зинаи синнусолӣ ва инчунин саҳму фаъолиятҳои пешбарандаи инкишофи психикӣ дар зинаҳои гуногуни синнусолӣ мо, масъулони соҳаи маориф бавижа омӯзгоронро вазифадор менамояд, ки психологияи синнусолиро омӯзем ва ба ин васила, давраҳои тараққиёт ва тағйироти синнусолии кӯдаконро муайян карда, тарзе бо онҳо муносибат намоем, ки кӯдак дуруст тарбия ёбад. Зеро дар ҳар як давраи синнусолӣ диққату идрок, хотираю тафаккур, ҳиссиёту ирода, шавқу ҳавас, қобилият ва донишомӯзии хонандагон якхела нест.

Илмҳои анатомия, физиология ва педагогика тарғибгари психологияи синнусолианд. Зеро дар соҳаи психологияи синнусолӣ анатомия ва физиология фаровон истифода мегарданд. Физиология ва анатомия муайян намудаанд, ки системаи фаъолияти олии асаб ва қобилияти дарки майнаи сари кӯдакон, мактаббачагон ва наврасону ҷавонон якхела нест. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки тибқи талаботи анатомию физиологӣ таълиму тарбияи кӯдакро ба роҳ монем.

Психологияи синнусолӣ аз соҳаҳои зеррин иборат аст:

- Психологияи кӯдакони синни томактабӣ (аз рӯзи таваллуд то 6-солагӣ);
- Психологияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ (аз 7 то 11-солагӣ);
- Психологияи синни миёнаи мактабӣ ё давраи наврасӣ (аз 11 то 15);
- Психологияи синни калони мактабӣ ё давраи барвақти ҷавонӣ (аз 15 то 17-солагӣ);
- Психологияи калонсол, пиронсолон (геронтопсихология).

Психологи рус Л. С. Виготский (1896-1934) инкишофи психикии кӯдакро чунин тавсиф намудааст: «синну сол чунин ташкилаи яклухти динамикӣ, чунин сохторест, ки нақш ва аҳамияти ҳар як ҷузъи алоҳидаи инкишофро муайян мекунад» [2, С.-78].

Аз ин ҷо Л. С. Виготский ба сифати ченаки таҳлили инкишофи психикӣ воҳиди давраҳои синнусолиро истифода карда, даврабандӣ ва бухрони синнусолиро ба таври зерин пешниҳод намудааст.

1. Буҳрони навзодӣ - аз 0 то 2 моҳагӣ
2. Сини тифлӣ - аз 2-моҳагӣ то 1-солагӣ
3. Буҳрони 1-солагӣ
4. Синни барвақти кӯдакӣ - аз 1 то 3-солагӣ
5. Буҳрони сини 3-солагӣ
6. Синну соли томактабӣ - аз 3 то 7-солагӣ
7. Буҳрони 7-солагӣ
8. Синну соли мактабӣ - аз 8 то 12-солагӣ
9. Буҳрони 13-солагӣ
10. Синну соли гузариш - аз 14 то 18-солагӣ [2, С.-115].
11. Буҳрони 17-солагӣ

Даврабандии муҳимми инкишофи синнусолии психикӣ, даврабандии психологи рус А. Н. Леонтев (1903-1979) мебошад. А. Н. Леонтев ҳафт марҳилаи инкишофи психикии кӯдакро ба таври зерин муайян кардааст: навзодӣ (аз таваллуд то 2-моҳагӣ); синни аввали тифлӣ (аз 2 то 6-моҳагӣ); синни баъдии тифлӣ (аз 6 то 12-14-моҳагӣ); синни барвақти томактабӣ (аз 1 то 3-солагӣ); синни томактабӣ (аз 3 то 7-солагӣ); синни хурди мактабӣ (аз 7 то 11-12-солагӣ); синни наврасӣ ва навҷавонӣ (аз 13-14 то 17-18-солагӣ). [4, С.-92].

Фаъолияти эҷодӣ на якбора, балки тадриҷан ба вуҷуд омада, аз шаклҳои оддӣ инкишоф меёбад ва дар ҳар як зинаи синну сол ифодаи худро дорад. Мувофиқи ақидаи Т. Рибо [147], ҳамаи шаклҳои эҷодкорӣ талаб мекунанд, ки эҳсосот ҳамчун ангезандаи ин раванд ва донише, ки барои татбиқи он зарур аст, дониста шавад. Барои эҷоди нав омезиши эҳсосот ва ҳушёрии ақл зарур аст. Аз ин маълум мегардад, ки имкониятҳои эҷодии одамон дар давраҳои гуногуни синну сол яксон нестанд. Дар кӯдакӣ қариб ҳама шеър қироат мекунанд, рақс мекунанд ва

суруд мехонанд. Аллакай дар давраи мактаби ибтидоӣ ин шумораи хеле камтари кӯдаконро дар бар мегирад ва дар синни наврасӣ ангуштшумор боқӣ мемонанд.

Ба ақидаи баъзе муаллифон, эҷодкорӣ раванди истисноӣ нест, ки танҳо ба шахсиятҳои алоҳидаи эҷодӣ дахл дошта бошад, он ҳаёти ҳар як инсонро, алахусус дар кӯдакӣ фаро мегирад. Д. А. Леонтев [97] эҷодиётро ҳамчун функсияи универсалии табиӣ, ки ба ҳамаи кӯдакони муқаррарӣ инкишофёбанда хос аст, ва эҷодиётро ҳамчун функсияи олии равонӣ, ки эҷодиёти кӯдакон метавонад дар раванди ба воя расидан ба он табдил ёбад, ҷудо мекунад.

Агар наврасонро бо кӯдакони 6-7-сола муқоиса кунем, маълум мешавад, ки дар синни 15-солагӣ (наврасӣ) ба расмкашӣ шавқ ду-се маротиба камтар аст. Агар иҷозат диҳем, ки бозии саҳнавӣ, яъне эҷодиёти ҳунарӣ, ки идомаи бозии кӯдакона аст ва рушди қобилиятҳои ҳунарӣ бояд то андозае дар фаъолияти бозӣ омода карда шавад, пас дар синни баркамолӣ шумораи зиёди шахсони дорои қобилиятҳои хунармандии рушдёфтаро пайдо кардан мумкин аст. Аммо бо гузашти солҳо доираи одамоне, ки табиатан қобилияти иҷрои амалҳои саҳнавиро доранд, ба таври назаррас коҳиш меёбад. Бо эҷодиёти адабӣ баръакси ҳолат рӯй медиҳад: хеле кам кӯдаконе, ки дар синни 4-5-солагӣ шеър эҷод мекунанд. Он чизе, ки кӯдак бо нутқи аз 2 то 5-7 сола мекунад, зухуроти қобилияти адабӣ ҳисобида намешавад. Дар синни 7-8-солагӣ низ чунин нест. Аммо баъд як тағйироти ногаҳонӣ ба амал меояд, вақте ки ҳар як навраси сеюм шеърҳо, очеркҳо менависад, рӯзнома менависад, майли кори самаранокро дар ин ё он жанри эҷодиёти адабӣ пайдо мекунад. Аммо бо гузашти солҳо талабот ба эҷодиёти адабӣ, ба монанди тасвирӣ нест мешаванд, аммо қобилиятҳо гум намешаванд. Эҷодиёти кӯдакон ин хати рушди пинҳонии эҷодиёти калонсолон, воситаи муҳими ташаккули истеъдоди умумии инсон мебошад. Агар қобилият ба истеъдод табдил наёбад, онҳо барои ташаккули шахсият, тафаккури тасвирӣ «кор мекунанд».

Вобаста аз усулҳо ва категорияҳои иштирокчиён, ки дар таҳқиқот иштирок кардаанд, маълумоти гуногун дар бораи робитаи синну сол ва эҷодкорӣ ба даст оварда шуданд. Дар арзёбии тафаккури дивергентӣ, Е. Торранс [283] аввалин шуда қонунияти хосеро ошкор кард: арзишҳои баландтарини тафаккури эҷодӣ дар 6-солагӣ, каме коҳиш ёфтани ин нишондод ҳангоми дохил шудан ба мактаб, сипас болоравӣ, коҳиши шадид пас аз синфи 4 ва афзоиши тадриҷӣ. Чунин коҳиши тафаккури гуногунҷабҳа дар хонандагони синфи 4 барои бисёр кишварҳо нишон дода шудааст. Е. Торранс пешниҳод кард, ки ин ба мутобиқати афзоянда вобаста аст, ки дар ҳама кӯдакон зери фишори мактаб ва ҳамсинфон рух медиҳад. Дар кӯдакон танқид нисбат ба эҷодиёти худ, шартӣ будани тасаввурот меафзояд, корҳо воқеъбинонатар ва камтар эҷодкорона мешаванд [261, 262]. Барои иҷтимоӣ шудан ва ба ҷомеа ворид шудан, кӯдак бояд беназирии худро қурбон кунад. Фоизи ҷавобҳои аслӣ дар 4 сол, дар 50% кӯдакон қайд карда мешавад, шумораи онҳо дар соли аввали таҳсил ду маротиба коҳиш меёбад ва танҳо дар коллеҷ, дар синни наврасӣ то 50% меафзояд [246].

Чунин ҳолатро Г. Смит ва И. Карлсон [276] низ пайдо карданд ва қайд карданд, ки мукаммалшавии назарраси сохтори мағзи сар дар 5-6 солагӣ рух медиҳад, вақте ки сатҳи максималии тафаккури дивергентӣ қайд карда мешавад. Сипас, дар синни 7-8 солагӣ ҳангоми ба мактабхонӣ шурӯъ кардан ин нишондиҳанда кам мегардад. Дар мактаби ибтидоӣ баланд гардида, дар синни 10-11 солагӣ ба ҳадди аксар мерасад, дар синни 12 қариб ба сатҳи 7-8 солагӣ паст мефарояд ва сипас тадриҷан меафзояд. Ҳамаи ин муаллифон кӯдакони синфҳои гуногунро муқоиса кардаанд. Аз ин рӯ, тадқиқоти А. Ф. Клакстон бо ҳаммуаллифоне [217], ки ҳамон кӯдаконро омӯхтанд, аввал дар синфҳои 4, сипас дар синфҳои 6 ва 9 тафтиш карда шуданд.

Г. Гарднер [226], ки қобилияти ҳунармандии кӯдакон (артистические способности)-ро арзёбӣ мекард, муносибати оддии U-монандро байни қобилият ва синну сол ошкор кард. Вай дар синни томактабӣ баланд аст, пас вақте ки кӯдак ба мактаб меравад, паст мефарояд ва пеш аз оғози давраи балоғат дубора меафзояд. Тадқиқотчиёне, ки қобилияти кӯдаконро барои расмкашӣ таҳлил кардаанд, низ чунин натиҷа ба даст оварданд [222, 249].

Тадқиқоти қобилияти ҳалли мушкилоти воқеии ҳаёт ва масъалаҳои фигуравӣ нишон дод, ки хонандагони синфи 6 вазифаҳои фигуравиро беҳтар ҳал мекунанд, дар ҳоле ки донишҷӯёни коллеҷ вазифаҳои марбут ба ҳаётро хуб ҳал мекунанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки бисёр натиҷаҳо аз рӯйи намудҳои вазифаҳо ва мавҷудияти таҷриба барои ҳалли онҳо муайян карда мешаванд.

Р. Милгрем [243] кӯшиш кард фаҳмад, ки оё қобилияти эҷодии калонсолонро бо таваҷҷӯҳ ба ҳавасҳои наврасон пешгӯйӣ кардан мумкин аст ва тавонист ба ин савол ҷавоби мусбат диҳад. Дар як тадқиқоти тӯлонӣ, ӯ нишон дод, ки агар оила манфиатҳои кӯдакро дар кӯдакӣ ё наврасӣ дастгирӣ кунад (на дар дохили мактаб), ӯ ин ҳавасро минбаъд низ идома медиҳад.

Дар қисми тадқиқотҳо, арзёбии қобилияти эҷодии кӯдакони синфҳои 4-6 ба кашфи робитаи байни синну сол, эҷодкорӣ, аслият, маҳорати иҷро кардан ва майлҳои эстетикӣ оварда нарасонид [259]. Байни қобилияти кӯдакон барои арзёбии рафтори эҷодӣ ва эҷодкорӣ робита пайдо шуд.

Дар наврасон ташаккули қобилияти эҷодӣ муназзам нест, балки дар рушди худ ду қулла дорад: афзоиши дурахшони зуҳуроти онҳо дар синни 10-солагӣ ва дуввум дар синни наврасӣ ба қайд гирифта мешавад. Якчанд сатҳҳои эҷодкориро фарқ мекунанд [27]. Ҳудуди синну соли поёнии сатҳи эвристикӣ ба синни томактабии калонсол рост меояд. Дар ин сатҳ, кӯдак ҳалли худро ёфта, ҳалли минбаъдаи масъаларо идома медиҳад, ки ба ошкор кардани роҳҳои дигари ҳалли он оварда мерасонад. Сатҳи навбатии эҷодӣ бо он хос аст, ки қонунияти эмпирикии мустақилона пайдошуда аз ҷониби кӯдак на танҳо ҳамчун ҳалли масъала, балки ҳамчун мушкилоти нав истифода мешавад. Аввалин пайдоиши ин сатҳ дар синни 10-солагӣ ба қайд гирифта шудааст. Кӯдакони як синну сол метавонанд дар сатҳҳои гуногуни эҷодкорӣ қарор дошта бошанд, ки бо хусусиятҳои ташаккули шахсияти ҳар кадоми онҳо алоқаманд аст [27].

Креативӣ будан (креативность) - қобилиятест, ки инсон дилхоҳ масъаларо ба таври ғайристандартӣ ҳал менамояд. Яъне малакае, ки эҷод ва эҷоднамоии инсонро инъикос менамояд. Дар асоси умумиятҳои назариявӣ ва эмпирикӣ (таҷрибавӣ) хусусиятҳои сифатии нишондиҳандаҳо ва меъёрҳои салоҳияти креативӣ дар сатҳи паст, миёна ва баланд муайян карда мешаванд.

Сатҳи пасти рушди салоҳияти креативӣ бо набудани таваҷҷӯҳи маърифатӣ хос аст. Наврасон танҳо дар марҳилаҳои аввали кор фаъоланд.

Дар наврасони дорои сатҳи миёнаи рушди салоҳияти креативӣ таваҷҷӯҳи маърифатӣ ба таври вазъиятӣ ба вуҷуд меояд. Хонандадар вақти ҳамкорӣ бо муаллим фаъол аст, аз кӯмак ва дастгирии ӯ вобаста аст ва ба ҳавасмандии беруна ниёз дорад.

Наврасони дорои сатҳи баланди рушди салоҳияти креативӣ бо таваҷҷӯҳи устувори маърифатӣ, ки новобаста аз талаботи беруна ба вуҷуд меояд, фарқ мекунанд. Чун қоида, онҳо идея ва хоҳиши амалӣ кардани онро доранд. Наврасони ин сатҳ ба озмоиш, моделсозии вариантҳои гуногуни рушди фаъолият ва натиҷаҳои эҳтимолии он майл доранд. Онҳо генераторҳои хуби ғояҳо мебошанд, фаъолияти онҳо бо дараҷаи баланди навоварӣ фарқ мекунад.

Вазифаи омӯзгор аз фароҳам овардани чунин шароит барои татбиқ ва рушди қобилиятҳои инфиродӣ ва эҷодии хонандагон, тарбияи шахс иборат аст:

- қодир будан ба рушди худ ва эҷодкорӣ,
- бо хоҳиши муваффақият, боварӣ ба имкониятҳои худ, ниёз ба дастовардҳои нав,
- доштани тафаккури мусбат,
- қобилияти пешгӯйии натиҷаҳои амалҳои худ,
- дорои мавқеи фаъоли ҳаётӣ.

Барои креативӣ будан, ба монанди бисёр дигар хусусиятҳои психологӣ, давраи ҳассос вуҷуд дорад – як муддати маҳдуд, ки дар давоми он ин сифат махсусан шадид зоҳир мешавад, агар ба он муҳити атроф мусоидат кунад. Метавон гуфт, ки мисли дигар сифатҳо, давраи ҳассос барои рушди эҷодкорӣ панҷ соли аввали ҳаёти кӯдак аст.

Кӯдакони 12-15 сола ба худ диққати махсусро талаб мекунанд. Ин давраи масъули ташаккули шахсият, афзоиши шадиди қувваҳои эҷодӣ ва имкониятҳои шахси наврас аст, сарфи назар аз зиддият, ки моҳияти асосии давраи наврасии рушди шахсиятро ташкил медиҳад.

Дар наврасӣ дар рушди равандҳои равонӣ: хотира, тафаккур, хаёлот, дарк, диққат як ҷаҳиши шадид ба назар мерасад. Рушди назарраси соҳаи зеҳнӣ ба амал меояд, муқаррароти арзишӣ-ҳавасмандӣ ташаккул меёбанд.

Аз нуқтаи назари давраҳои ҳассосии рушди шахсият, метавон гуфт, ки наврасӣ барои рушди эҷодкорӣ, тарбияи ташаббуси шахс ва зуҳури фаъолияти эҷодӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолият ҳассос аст.

Дар ҷаҳони муосир ва шароити зудтағйирёбандаи ҷамъиятӣ қобилияти пайдо кардани ҳалли ғайристандартӣ барои мушкилоти пайдошуда талаб карда мешавад. Сифатҳои номбаршуда бештар ба шахсиятҳои эҷодӣ хосанд ва ба онҳо имкон медиҳанд, ки на танҳо зуд мутобиқ шаванд, балки дар ҳама гуна ҳолатҳои ҳаёт самаранок амал карда, дар ҷомеаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва системаҳои иқтисодӣ муваффақ шаванд. Рушди қобилиятҳои эҷодӣ аз кӯдакӣ оғоз меёбад ва сатҳи ташаккули онҳо кафолати муваффақияти шахс дар фаъолияти амалӣ, ҳаракати иҷтимоии он мебошад. Ин сифатро дар ҳама фаъолиятҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва шахсӣ муҳим инкишоф додан мумкин аст.

Фароҳам овардани шароити мусоиди муҳити эҷодкорӣ, имконияти ҷустуҷӯйи эҷодӣ ва ифодаи худ дар рушди қобилиятҳои эҷодии наврасон нақши муҳим мебозад. Муҳити мусоиди ташаккулёфта метавонад ба фаъолшавии эҷодкорӣ ва фаъолияти эҷодии наврасон дар соҳаҳои гуногуни фаъолият мусоидат кунад. Дар шароити мусоид, наврасон барои рушд ва зуҳури эҷодиёти худ имкониятҳои калон доранд.

**АДАБИЁТ**


1. Л. С. Выготский. Психология искусства. Издание третье. Искусство. Москва - 1986. С - 178.
2. А. Н. Леонтьев. Деятельность. Сознание. Личность. Москва, Смысл, 2005. – с 352.
3. Т. Рибо. «Психология внимания» (La Psychologie de l'attention). 1888. пер. с фр. А. Цомакион. 3-е изд. – СПб. Ф. Павленков, 1897. с. 99.
4. Леонтьев Д. А. Психология смысла: природа, строение и динамика смысловой реальности – 3-е изд. М. Смысл, 2007. 256 с.
5. Е. Торранс. Возрастные особенности творчества [283]. https://psyera.ru /vozrastnye-osobennosti-tvorchestva_9076.htm
6. Говард Гарднер. Структура разума: теория множественного интеллекта. М.: «Вильямс», 2007. – с. 356.
7. Р. Милгрем (R. Milgram). Книга Психология детского творчества с 243. http://loveread.me»read_book.php?id=48084&p=10
8. Божович, Л. И. Личность и ее формирование в детском возрасте.- М.,1968;
9. Возрастная и педагогическая психология. под редакцией А. В. Петровского.-М., 1980;
10. Гин, А. А. «Приемы педагогической техники», М.,Вита – Пресс, 2002.


**ТДУ 371.15 (575.3)**

## МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ТАЪЛИМ ВА РУШДИ МАҲОРАТИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОН

***КАРИМЗОДА Шавкат Карим*** *– номзади илмҳои педагогӣ, директори Филиали Муассисаи давлатии "Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе", к. Мирзо Турсунзода, 8/1 а.* ***E-mail:*** *shavkatnormatov@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 93 803 93 92*

Дар айни замон омода кардани мутахассиси аз ҷиҳати касбӣ салоҳиятдор муҳим аст, ки қодир ба пешгӯии тағироти эҳтимолии вазъият бошаду зуд мутобиқ гардад ва цобилияти ҳалли низоъҳои ба вуҷуд омадаро дошта бошад. Омӯзгори оянда бояд амалҳои муайянеро, ки бо худшиносӣ, худтакмилдиҳӣ ва худтатбиққунӣ алоқаманданд иҷро карда тавонад. Дар асоси инм ҳангоми тайёр кардани мутахассиси оянда ба ташаккули салоҳияти касбӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои асосии педагогика диққати махсус додан лозим аст. Дар ҳама давру замон нақши калидӣ дар тарбия ва таълим ба зиммаи омӯзгорн гузошта шудааст. Муваффақияти хонандагон маҳз ба маҳорати касбии ӯ, қобилияти идора кардани раванди таълим вобаста аст. Дар мақолаи мо имкониятҳои истифодаи равишҳои гуногуни илмӣ дар ташаккули салоҳиятҳои омӯзгори соҳибихтисос баррасӣ шудааст ва таҳлили адабиёти психологию педагогӣ оид ба ин мавзӯъ оварда шудааст.

Дар мақола инчунин равишҳои гуногуни илмӣ ба таърифи салоҳияти касбӣ, ки хусусияти ҷудонашавандаи касбӣ ва шахсии омӯзгор мебошад, мавриди баррасӣ қарор дода

шудааст. Муаллиф дар фаъолияти омӯзгор аҳамияти ҳам равишҳои салоҳиятнокӣ ва арзишӣ, системавӣ, фаъолияти ба хонанда нигаронидашударо қайд кардааст. Дар мақола модели оптималии ташаккули салоҳияти касбии омӯзгор дарҷ гардидааст.

***Вожаҳои калидӣ:*** *салоҳият, муносибати босалоҳият, омӯзгор, маҳорати касбӣ, такмили ихтисоси омӯзгорон, салоҳияти иҷтимоӣ, омӯзгори оянда.*

## КОМПЕТЕНТНОСТНЫЙ ПОДХОД В ОБУЧЕНИИ И РАЗВИТИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ НАВЫКОВ ПЕДАГОГОВ

***КАРИМЗОДА Шавкат Карим*** *– кандидат педагогических наук, директор Государственного учреждения “Филиала Института повышения квалификации и переподготовки работников образования в городе Душанбе”, ул. М. Турсунзода 8/1а.* ***E-mail:*** *shavkatnormatov@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 93 803 93 92*

В настоящее время важно подготовить профессионально компетентного специалиста, умеющего предвидеть возможную смену обстоятельств и быстро адаптироваться к ним, разрешать возникающие конфликты. Будущему учителю необходимо владеть определенными действиями, связанными с самопознанием, саморазвитием, самореализацией. Исходя из этого, особое внимание при подготовке будущего специалиста необходимо уделить формированию профессиональной компетентности, как одной из ключевых проблем педагогики. Во все времена ключевая роль в воспитании и образовании отводилась педагогу. Именно от его профессионализма, умения управлять учебным процессом зависят успехи учеников. В нашей статье рассмотрены возможности использования различных научных подходов при формировании профессионально компетентного педагога. Анализ психолого-педагогической литературы по данной теме.

В статье также рассмотрены различные научные подходы к определению профессиональной компетентности, которая является интегральной профессионально-личностной характеристикой педагога. Автор отмечает важность как компетентностного, так и ценностно-смыслового, системного, деятельностного, личностно-ориентированного подходов в работе учителей. Статья содержит оптимальную модель формирования профессиональной компетентности учителя.

***Ключевые слова:*** *компетентность, компетентное отношение, педагог, профессиональные качества, профессиональное развитие педагогов, социальная компетентность, будущий педагог.*

## COMPETENCE-BASED APPROACH IN TEACHING AND DEVELOPMENT OF PROFESSIONAL SKILLS OF TEACHERS

***KARIMZODA Shavkat Karim*** *– candidate of Pedagogical Sciences, Director of the State Institution “Branch of the Institute of Advanced Training and Retraining of Education Workers in the city of Dushanbe", M. Tursunzoda str. 8/1a.* ***E-mail:*** *shavkatnormatov@mail.ru,* ***phone:*** *+(992) 93 803 93 92*

At present, it is important to prepare a professionally competent specialist who is able to foresee a possible change in circumstances and quickly adapt to them, resolve emerging conflicts. The future teacher needs to master certain actions related to self-knowledge, self-development, self-realization. Based on this, special attention in the preparation of a future specialist should be paid to the fomation of professional competence, as one of the key problems of pedagogy. At all times, the key role in upbringing and education was assigned to the teacher. It is on his professionalism, ability to manage the educational process that the success of students depends. In our article, the possibilities of using various scientific approaches in the formation of a professionally competent teacher are considered. Analysis of psychological and pedagogical literature on this topic.

The article also discusses various scientific approaches to the definition of professional competence, which is an integral professional and personal characteristic of a teacher. The author notes the importance of both competence-based and value-semantic, systemic, activity-based, student-oriented approaches in the work of teachers. The article contains an optimal model for the formation of a teacher's professional competence.

***Keywords:*** *competence, competent attitude, teacher, professional qualities, professional development of teachers, professional competence of teachers, social competence, future teacher*

Муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ мафҳуми комилан нав нест. Салоҳият дар низоми таълиму тарбия барои инкишофи ҷаҳонбинӣ, дониш ва малакаву маҳорати хонандагон нақши созгор дорад.

Ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таркиби меъёрӣ ва амалии таҳсилот имкон медиҳад масъалаи зерини ба муассисаи таҳсилоти умумии Тоҷикистон хеле хос ҳалли худро ёбад: хонандаҳо метавонанд донишҳои назариявиро хеле хуб азхуд кунанд, вале дар фаъолияте, ки истифодаи донишҳои мазкурро барои ҳалли вазифаҳои мушаххаси ҳаётӣ ё вазъиятҳои муаммоӣ тақозо мекунад, сахт эҳсоси мушкилӣ менамоянд. Муносибати босалоҳият на донишу маҳоратҳои аз ҳамдигар дурро аз худ кардани хонанда, балки маҷмӯан азхуд намудани онҳоро пешбинӣ мекунад. Дар иртибот бо гуфтаҳои боло низоми методҳои таълим иваз мешавад.

Фаҳмиши мафҳуми салоҳият маъниҳои зиёдеро ифода мекунад. Раванди муносибати босалоҳият дар соҳаҳои мухталифи ҳаёт ба таври гуногун сурат мегирад ва натиҷаҳои хуб ба бор меоварад. Дар соҳаи маориф муносибати босалоҳият дар таълиму тарбия муҳим арзёбӣ гардида, диққати асосӣ ба рушди салоҳиятмандии хонанда ё омӯзгор худ ба ташаккули малакаҳои амалӣ равона мегардад. Яъне салоҳиятнокӣ, салоҳиятмандӣ раванди самарабахши таълим ва омӯзиш маҳсуб меёбад.

Салоҳият мафҳуми томест, ки маъноҳои гуногунро аз қабили дониш, маҳорат, малака, ангеза, тафаккур ва ғайраро фаро мегирад. Он, яъне салоҳият, бо вуҷуди маъниҳои гуногунро доро будан, он ҳама дар доираи мафҳуми (салоҳият) бо ҳам алоқамандӣ пайдо карда, дар яклухтии том яке маънои дигареро тақвият бахшида маънои ҳамдигарро пурра менамояд.

Ҷузъи олитарини шахсият салоҳиятнокии касбӣ мебошад. Зери мафҳуми салоҳиятнокӣ тавсифи ҳамгирои сифатҳои шахсияти мутахассисон фаҳмида мешавад, ки сатҳи донишҳо, маҳорату малакаҳо, таҷрибаро инъикос менамояд, ки барои амалӣ кардани навъи муайяни фаъолияти бо қабули қарорҳо алоқаманд кофӣ мебошанд.

Зери мафҳуми салоҳият, чунонки А.В. Хуторской тавзеҳ медиҳад, талаботи меъёрӣ ба омодагии касбии педагог бояд фаҳмида шаванд, салоҳиятнокӣ бошад, сифатҳои аллакай ташаккулёфтаи он аст. Дар баробари ин, сохтори салоҳиятнокиро навъҳои фаъолияти касбии мансуб ба он муайян мекунанд [9, 56]

Касби омӯзгорӣ дар як вақт ҳамчун дигаргунсозанда ва идоракунанда фаҳмида мешавад. Барои идоракунии раванди инкишофи шахсият салоҳиятнок будан зарур аст. Бинобар ин, мафҳуми салоҳиятнокии касбии омӯзгор ягонагии омодагии назариявӣ ва амалии онро дар сохтори томишахсият дар назар дошта, кордонии ӯро таъйин менамояд. Фаъолияти педагогӣ фаъолияти касбии педагог ҳамчун яке аз навъҳои фаъолияти меҳнатии ӯ мебошад. Дар баробари ин, истилоҳи «педагогӣ» мансубияти фардро ба касби педагог ошкор менамояд, ки ба фаъолияти педагогӣ хизмат мерасонад. Ҳамин тавр, истилоҳҳои «фаъолияти касбии омӯзгор» ва «фаъолияти омӯзгорӣ» аз ҷиҳати маъно якхелаанд. Дар ин замина, истилоҳҳои «салоҳиятнокии педагогӣ» ва «салоҳиятнокии касбӣ» метавонанд ҳамчун муродиф истифода шаванд. Салоҳиятнокии касбӣ барои тавсифи фаъолияти омӯзгорӣ мафҳуми калидӣ ба шумор меравад.

Баъзе олимон оид ба усули салоҳиятнокӣ бар он андешаанд, ки омӯзгор нафақат кӯдакро бо дониш таъмин кунад, он бояд ӯро ба ҳаёт омода созад. Хатмкунандаи беҳтарин - ин на аллома бо ҷаҳонбинии васеъ, балки шахсе мебошад, ки дар назди худ ҳадафҳо мегузорад, фикри ба онҳо расиданро мекунад, муассир муошират кардан, дар ҷаҳони иттилоотӣ ва фарҳангӣ дуруст зистан, интихоби огоҳона кардан ва барои он масъулиятро бар дӯш гирифтан, мушкилотро ҳал намудан, аз ҷумла мушкилоти ғайримуқаррариро, то соҳиби зиндагии хуб бошад. Ҳар яке аз ин сифатҳои овардашуда «салоҳият» номида мешаванд. Дар назди омӯзгор вазифа гузошта шудааст, ки ин салоҳиятҳоро ташаккул диҳад. Аммо салоҳиятҳо гуногун мешаванд: асосӣ, байнифаннӣ, фаннӣ. Салоҳиятҳое, ки барои ҳаёт дар ҷаҳони муосир муҳиманд, «асосӣ» номида мешаванд. Назариядонон ҳафт салоҳияти асосии таълимиро ҷудо мекунанд:

1. Салоҳияти арзишӣ-маънавӣ. Ин салоҳият дар соҳаи ҷаҳонбинӣ аст, ки ба ғояҳои

арзишии хонанда, қобилияти ӯ оид ба дидан ва дарк кардани олами атроф, ба он тамаркуз кардан, нақш ва ҳадафи худро донистан ва қодир будан ба интихоби манзури мақсаднок ва маъної барои амал ва рафтори худ қарор қабул намудан вобастагӣ дорад. Траекторияи инфиродии таълимии хонанда ва барномаи ҳаёти ӯ дар маҷмӯъ аз он вобаста аст.

2. Салоҳияти умумии фарҳангӣ - як қатор масъалаҳое, ки дар онҳо хонанда бояд хуб бохабар бошад, дониш ва таҷрибаи фаъолият дошта бошад. Инҳо хусусиятҳои фарҳанги миллӣ ва умумибашарӣ, асосҳои динӣ - мадании ҳаёти инсон ва башарият, халқҳои алоҳида, асосҳои фарҳангии оила, падидаҳо ва анъанаҳои иҷтимоӣ, нақши илм ва дин дар ҳаёти инсон, таъсири онҳо ба ҷаҳон, салоҳият дар соҳаи маишӣ ва фарҳангӣ -фароғатӣ мебошанд, масалан, роҳҳои самараноки ихтиёрдории ташкили вақти холӣ.

3. Салоҳияти таълимӣ - маърифатӣ. Ин маҷмӯи салоҳиятҳои хонандагон дар соҳаи фаъолияти мустақили маърифатӣ мебошад, ки фаъолияти унсурҳои мантиқӣ, методологӣ ва таълимиро дар бар мегирад, ки бо ашёи воқеии маърифатӣ алоқаманд аст. Ба он дониш ва малакаҳои тахияи ҳадафҳо, банақшагирӣ, таҳлил, инъикос, худбаҳодиҳии фаъолиятҳои таълимӣ ва маърифатӣ дохил мешаванд. Дар доираи салоҳияти мазкур, талаботи саводнокии функсионалии мувофиқ муайян карда мешаванд: қобилияти фарқ кардани далелҳо аз тахайюл, доштани малакаи ченкунӣ, истифодаи усулҳои эҳтимолӣ, оморӣ ва дигар намудҳои маърифат.

4. Салоҳияти иттилоотӣ. Бо ёрии объектҳои воқеӣ (телевизор, магнитофон, телефонии мобилӣ, факс, компютер, планшет, принтер, модем, дастгоҳи нусхабардор) ва технологияҳои иттилоотӣ (сабти овоз ва видео, почтаи электронӣ, ВАО, Интернет) малакаҳо барои ҷустуҷӯйи мустақилона, таҳлилкунӣ ва интихоби маълумоти зарурӣ ташкилдиҳӣ, тағйир додан, захира кардан ва интиқоли он ташаккул меёбанд. Ин салоҳият маҳоратҳои фаъолияти хонандагонро бо иттилооте, ки дар мавзӯъҳо ва соҳаҳои таълимӣ, инчунин дар ҷаҳони атроф мавҷуд аст, фароҳам меорад.

5. Салоҳияти коммуникатсионӣ донистани забонҳои зарурӣ, роҳҳои таъсир расонидан ба атрофиён ва одамони дур ва ҳодисаҳо, малакаҳои кор дар гурӯҳ, доштани нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ дар гурӯҳро дар бар мегирад. Хонанда бояд худро муаррифӣ карда тавонад, нома, саволнома, изҳорот нависад, савол диҳад, мубоҳиса кунад ва ғайра.

6. Салоҳияти иҷтимоӣ ва меҳнатӣ маънои доштани дониш ва таҷриба дар фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандӣ (нақши шаҳрванд, нозир, интихобкунанда, намоянда), дар соҳаи иҷтимоӣ ва меҳнат (истеъмолкунанда, харидор, муштарӣ, ҳуқуқи истеҳсолкунандагон), дар соҳаи муносибатҳои оилавӣ ва ухдадориҳо, дар масъалаҳои иқтисодиёт ва ҳуқуқ, дар самти худмуайянкунии касбиро дорад. Ба салоҳияти мазкур, масалан, қобилияти доштани малакаи таҳлили вазъият дар бозори меҳнат, амал кардан мутобиқи манфиатҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ, азхудкунии ахлоқи меҳнатӣ ва муносибатҳои шаҳрвандӣ дохил мешаванд. Хонанда малакаҳои фаъоли иҷтимоӣ ва саводнокии ҳадди ақҷалро, ки барои ҳаёт дар ҷомеаи муосир зарур аст, аз худ мекунад.

7. Салоҳияти худтакмилдиҳии шахсият ба азхудкунии усулҳои худташаккулдиҳии ҷисмонӣ, маънавӣ ва зеҳнӣ, худтанзимкунии эҳсосӣ ва худдастгирикунӣ нигаронида шудааст. Ба сифати объекти воқеӣ дар ин ҷо худи хонанда баромад мекунад. Вай усулҳои фаъолиятро ба манфиатҳои худ ва имкониятҳои худ, ки дар худшиносии доимии ӯ, ташаккули сифатҳои шахсии барои одами муосир зарур, ташаккули саводнокии психологӣ, фарҳанги тафаккур ва рафтор зоҳир мешавад, аз худ менамояд. Салоҳияти мазкур қоидаҳои гигиенаи шахсӣ, ғамхорӣ барои саломатии худ, саводнокии ҷинсӣ ва фарҳанги дохилии экологиро дар бар мегирад. Он ҳамчунин як қатор сифатҳоеро дар бар мегирад, ки бо асосҳои ҳаёти бехатар вобастаанд.

Таваҷҷӯҳи зиёди муҳаққиқони муосир ба ташаккули салоҳияти касбии омӯзгорон дода мешавад. Ба ақидаи А.К.Маркова, салоҳияти касбии омӯзгор ин омодагии зоҳир ба фаъолияти педагогӣ, муносибати ӯ ба меҳнат, сифатҳои шахсӣ, инчунин майл ба дарки нави эҷодкоронаи фаъолияти ӯ мебошад [5, 145].

О. Лебедева мафҳуми салоҳияти педагогиро бо мафҳуми маҳорати касбии омӯзгор зич алоқаманд мекунад. Маҳорати касбии омӯзгор, ба ақидаи олим, чунин як хусусияти ҷудонашавандаи фаъолияти ӯ мебошад, ки аз сатҳи хеле баланди азхудкунии касб шаҳодат медиҳад [4, 108-111].

Мувофиқи ақидаи Д. Иванов салоҳият маҷмӯи дониш, малака, усулҳои фаъолият, яъне ҷузъҳои таркибии мундариҷаи таълим, ки барои амалисозии самараноки фаъолият нисбат ба доираи муайяни субъектҳо ва равандҳо заруранд мебошад[3, 71].

Салоҳияти касбӣ ҳамчун ҳадафи таълим ва ҳамчун натиҷаи пайвасткунанда баромад мекунад, ки ҳолати мутахассиси ба фаъолияти касбӣ машғул бударо тавсиф менамояд ва омодагӣ ба иҷрои намудҳои гуногуни фаъолиятро дар бар мегирад.

Салоҳияти касбии омӯзгор дар як қатор омӯзишҳо маҳорати самаранок иҷро кардани фаъолияти касбиро, ки бо талаботи вазифа муайян карда мешавад, дар асоси маълумоти бунёдии илмӣ ва муносибати эмотсионалӣ арзишманд ба фаъолияти педагогӣ баррасӣ мекунад. Он дорои муносибатҳои аз ҷиҳати касбӣ муҳим ва сифатҳои шахсӣ, донишҳои назариявӣ, малака ва маҳоратҳои касбӣ мебошад.

Салоҳиятҳо дониш, малака ва маҳоратро истисно наменамоянд, гарчанде ки аз онҳо куллан фарқ мекунанд. «Бе дониш салоҳият вуҷуд надорад, аммо на ҳама дониш дар ҳар вазъият ҳамчун салоҳият зоҳир мешавад»,- қайд мекунад В. Сериков [8, 63].

Психологи маъруфи тоҷик, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Р. Атаханов дар яке аз мақолаҳояш қайд менамояд: «Омӯзгори фаннӣ ҳангоми ба нақша гирифтани амалиёти таълимӣ-педагогӣ ҷузъиёти таъсироти мутақобили худро бо хонандагон муайян мекунад ва онро ҳам барои амалисозии имконияти ҳар як хонанда дар соҳаҳои зеҳнӣ, шахсиятӣ ва эмотсионалӣ, ҳам барои такмили фаъолияти касбии худ равона карда, хусусиятҳои инфиродӣ-психологии хонандагонро ба ҳисоб мегирад: - дар тӯли машғулият ба вояҳо тақсим намудани (дозирование) маводи таълимро иҷро менамояд;- методҳои таълим ва воситаҳои ба онҳо мувофиқи дидактикиро муайян менамояд; - пайдарпаии амалҳои хонандаи мушаххас, гурӯҳҳои алоҳидаи хонандагон ва синфро дар маҷмӯъ муқаррар мекунад; - аз ҷониби хонандагон истифода шудани воситаҳои инфиродии иҷрои супоришҳои таълимиро пешакӣ пай мебарад, сермаҳсултарини онҳоро ҷудо карда, муносибати худро ба онҳо муайян намуда, хонандагони муваффақтаринро ҳавасманд мекунад; - тарзҳои корро оид ба инкишофи диққат, хотир ва равандҳои дигари маърифатиро муқаррар менамояд; - истифодаи воситаҳои гуногуни ташкили диққати хонандагонро пешбинӣ мекунад; - шаклҳои назорат ва баҳодиҳии фаъолият ва рафтори хонандагонро дақиқ менамояд; - хусусиятҳои муошират ва эътинои эмотсионалиро дар марҳалаҳои гуногуни машғулият «аз сар гузаронида», кӯшиш мекунад, ки воситаҳои муошират мусоидаткунандаро истифода барад; - истифодаи воситаҳои корро оид ба ташаккули ангезаҳои маърифатӣ ва иҷтимоии омӯзишро аз хотир намебарорад» [10, с. 100].

Махсусияти омодагии педагогҳои касбиро имрӯз талабот ба дигаргуниҳои куллии низоми мавҷудаи таҳсилот таъйин менамоянд. Вазифаи умумитарини фаъолияти педагогӣ дар раванди таҳсилот аз фароҳам овардани шароит барои инкишофи мутаносиби шахсият, омодагии насли наврас ба меҳнат ва шаклҳои дигари иштирок дар ҳаёти ҷомеа иборат аст. Муҳаққиқон самтҳоеро нишон медиҳанд, ки аз рӯйи онҳо бояд омодагии касбии омӯзгорон амалӣ гардад. Дар байни ин самтҳо асосиашон инҳоянд: такмили донишҳои педагогҳо оид ба фанне, ки ӯ таълим медиҳад; инкишофи қобилияти коммуникативии омӯзгор; инкишофи қобилияти омӯзгор ба рефлексия, пеш аз ҳама, ҳамчун қобилияти баҳодиҳӣ ба сифатнокӣ ва норасоиҳои фаъолияти худ. Таваҷҷуҳи махсус ба муаммои омодагии психологии бештар амиқи омӯзгор - кордон зоҳир мегардад. Сухан дар бораи зарурати таъмини махсуси дар омӯзгор ташаккул додани салоҳиятнокӣ нисбат ба ҷиҳатҳои гуногуни фаъолияти бисёрамали (бисёрфунксионалӣ) ӯ ҳамчун педагог - кордон меравад.

Ба салоҳиятҳои асосии (асосии) омӯзгорони муосир инҳо дохил мешаванд: касбӣ; педагогӣ; муоширатӣ; иттилоотӣ; иҷтимоӣ; психологӣ ва педагогӣ; иҷтимоӣ-фарҳангӣ; ҳифзи саломатӣ (ташаккулдиҳанда).

Салоҳияти касбии омӯзгор, ба ақидаи тадқиқотчиён, намудҳои зеринро дар бар мегирад:

- асосӣ (универсалие), ки муваффақияти фаъолияти педагогиро таъмин менамояд: ташаккулдиҳанда; тадқиқотӣ; санҷишӣ; системасозӣ; тарҳрезӣ; интерактивӣ; эмпатикӣ; роҳбарӣ);
- фаннӣ (таълими бомуваффақияти фанҳо);

- махсус (тамаркузи маҳдуд, ҳалли вазифаҳои педагогии ба ҳам алоқамандро таъмин менамояд: барномавӣ; профилӣ, байнисоҳавӣ; иҷтимоӣ; диагностикӣ; инкишофёбанда; эҷодкорӣ; ташкилӣ; низомноккунанда).

Э. Зеер низоми зинаҳои салоҳиятҳои омӯзгорро баррасӣ мекунад: арзишӣ-маъноӣ; умумии фарҳангӣ; тарбиявӣ ва маърифатӣ; иттилоотӣ; муоширатӣ; иҷтимоӣ ва меҳнатӣ; салоҳияти худтакмилдиҳии шахсият [2, 261].

Дар баррасии салоҳиятнокии касбии омӯзгор шахсияти педагог дар мадди аввал қарор дода мешавад. Чунончи, пеш аз ҳама, шахсияти омӯзгор - тамоюлҳои арзишии ӯ, идеалҳо, ҳадафҳо ӯ - моҳияти фаъолияти педагогиро таъйин мекунанд. Дар оғози асри XX П.Ф. Каптерев махсус таъкид карда буд, ки «шахсияти омӯзгор дар вазъияти таълим мавқеи аввалро ишғол менамояд, ин ё он сифатҳои шахсияти омӯзгор таъсири тарбиявии ӯро ба натиҷаҳои таълим баланд ё пст мекунанд». А.Н. Леонтев қайд кардааст, ки инкишофи шахсияти донишҷӯй, педагоги оянда - на танҳо андӯхтани донишҳо, маҳорату малакаҳост. Муҳимтар аз ин, ташаккули соҳаи ангезишии шахсияти омӯзгорони оянда аст, ки ба он чигунагии аҳамияти донишҳои азхудшаванда барои ӯ, ба чиҳо равона шудани онҳо вобаста мебошад. Сифатҳои шахсияти педагог аз сифатҳои касбӣ (ки дар раванди омодагии касбӣ азхуд гардида, бо гирифтани донишҳо, маҳорат, воситаҳои тафаккур, методҳои махсуси фаъолият алоқаманд аст) ҷудонашаванда мебошанд. Дар байни онҳо И.П. Подласий шавқмандӣ ба илм, дӯст доштани меҳнати касбии худ, фазилат, донистани предмети таълим, методикаи таълими фан, омодагии психологӣ, доираи васеи чашмандози фарҳангӣ, маҳорати педагогӣ, фарогирии технологияҳои меҳнати педагогӣ, маҳорату малакаҳои созмондиҳӣ, одоби педагогӣ, техникаи педагогӣ, донистани технологияҳои муошират, санъати суханронӣ ва сифатҳои дигарро зикр мекунад [133, с. 50].

Ба ғайр аз сифатҳои шахсиятӣ ва касбӣ педагог бояд дорои як қатор маҳорате бошад, ки оид ба салоҳияти фаннӣ-касбии ӯ гувоҳӣ медиҳанд. Шартан ин маҳорат ба навъҳои гностикӣ, созанда (конструктивӣ), ташкилӣ ва махсус тақсим карда шудаанд (Е.А. Панко).

А.С.Макаренко барои педагог зарур будани азхудкунии маҳорати педагогӣ, техникаи муошират педагогиро таъкид мекард: «Қиёфаи инсонро хонда тавонистан зарур аст. Дар фаҳмидани баъзе аломатҳои ҳаракати рӯҳ аз қиёфаи инсон ҳеҷ найранг, ҳеҷ муаммое нест. Маҳорати педагогӣ аз таҳияи овози мураббӣ ва дар идоракунии қиёфаи худ иборат аст. Педагог нақш бозӣ накарда наметавонад. Касе, ки нақш бозӣ карда наметавонад, наметавонад педагог бошад. Аммо ҳамту бозии саҳнавӣ, зоҳириро иҷро кардан мумкин нест. Тасмаи ҳаракатоваре бояд бошад, ки бо ин нақшофарӣ шахсияти зебои шуморо мепайвандад. Ман ҳамон вақт устоди ҳақиқӣ шудам, ки ибораи «ин ҷо биё»-ро бо 15-20 оҳанг талаффуз карданро омӯхтам, вақте ки дар гузориши тарзи қиёфа, пайкар, овоз 20 тобиш нишон доданро ёд гирифтам». Маҳорати муоширати педагогӣ - муоширати касбии омӯзгор (агар он пурра ва мувофиқ бошад) бо хонандагон дар раванди таълиму тарбия, ки вазифаҳои муайян дошта, барои фароҳам овардани иқлими мусоиди психологӣ, беҳтарнамоии фаъолияти таълимӣ ва муносибати байни педагог ва хонанда дар дохили коллектив равона гардидааст. Ба иборати дигар, муоширати педагогӣ- муоширати педагог бо тарбиягирандагон бо ҳадафҳои педагогӣ.

Аксари тадқиқотчиён салоҳияти ҳуқуқиро ба рӯйхати салоҳиятҳои омӯзгор дохил намекунанд. Мо пешниҳод менамоем, ки рӯйхати салоҳиятҳои асосии омӯзгори дорои салоҳияти ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз салоҳиятҳои муҳимтарин барои омӯзгори муосир пурра карда шавад ва дар курсҳои такмили ихтисос омӯзгорон барои омӯхтани ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф, масъалаҳои хусусии фаъолияти худ (масъалаҳои ҳуқуқҳои меҳнатӣ, оила, гражданӣ ва ғайра), қоидаҳои ҳуқуқи танзимкунанда бояд омӯзонида шаванд.

Салоҳияти навбатии омӯзгорро аз нуқтаи назари аҳамият дар фаъолияти таълимӣ мо салоҳияти коммуникатсионӣ мешуморем. Дараҷаи салоҳияти коммуникатсионии омӯзгор, ба андешаи мо, пеш аз ҳама, бо ташаккули маҳорати малакаи педагогӣ муайян карда мешавад: хамсуҳбатро гӯш кардан ва шунидани он. Аз он бармеояд, ки дараҷаи таҳаммулпазирии одам аз рӯи қобилияти шунидани дигарон муайян карда мешавад, яъне вақте ки шуморо мешунаванд, мефаҳманд ва қабул мекунанд. Барои омӯзгор ин хислати хеле муҳим аст.

Сифатҳои муҳими омӯзгори муосир низ инҳо мебошанд: маданияти нутқ ва маданияти умумӣ; қобилияти баён ва дифоъ аз нуқтаи назари худ; доштани малакаҳои бисёрсатҳии муошират.

Салоҳияти иҷтимоӣ, низ метавонад бо сатҳи ташаккули малакаҳо барои амалисозии шахсият дар воқеияти ҷомеаи муосир ифода карда шавад. Дар ин марҳила ба назари мо, ташаккули муносибатҳои арзишнок ба оила, ҷомеа аз ҷониби омӯзгор хеле муҳим аст; инчунин усулҳои татбиқи онҳо дар фаъолияти муошират, рушди (худшиносии) шахсият зарур мебошад.

Кори омӯзгор вақте салоҳиятнок диниста мешавад, ки ба он фаъолияти педагогӣ ба таври кофӣ баланд ба роҳ монда шуда, муошировати педагогӣ ҳамчун шахсияти омӯзгор амалӣ мегардад ва дар таълиму тарбияи мактаббачагон натиҷаҳои хуб ба даст меояд. Ҳамзамон салоҳияти омӯзгорро таносуби донишу маҳорати касбии ӯ, аз як тараф ва мавқеъҳои касбӣ, сифатҳои психологӣ, аз ҷониби дигар муайян мекунанд [6, 54].

Салоҳияти касбии омӯзгор ягонагии омодагии назариявӣ ва амалии ӯ ба амалӣ намудани фаъолияти педагогӣ мебошад. Аз ин рӯ чунин омӯзгорон боистеъдод, мутахассисҳои ҳақиқӣ мебошанд. Услуби омӯзгори муосир ҳамкорӣ бо шогирдон аст. Вай тадкикотчӣ, мушохидачӣ, ташки-лотчии мухити афзоянда ва инкишофёбандаи бачахо мебошад. Мақсади асосии омӯзгори муосир тарбия намудани шахсияти ҳамаҷонибаи кишвар, ки қодир ба мутобиқшавии иҷтимоӣ дар ҷомеа, шуғл, худомӯзӣ ва худтакомули худ мебошад.

Ҳамин тариқ, салоҳияти омӯзгори муосир маҷмӯи маҳорати касбӣ (таълими махсус, методӣ, психологию педагогӣ), эҷодкорӣ (муносибати эҷодӣ ба раванди таълим, истифодаи оптималии воситаҳо, усулҳо аз ҷумла усулҳои таълим), санъат (актёрӣ ва суханварӣ) мебошад. Барои ташаккули салоҳияти касбӣ, пеш аз ҳама, кори мустақилона аз болои худ лозим аст, зеро он ба ташаккули малакаҳои зерини аз ҷиҳати касбӣ муҳим мусоидат мекунад: банақшагирии фаъолият, гузоштани ҳадафҳо, муайян кардани душвориҳо ва дарёфти роҳҳои бартараф кардани онҳо, ташкили корҳои тарбиявӣ ва беруназсинфӣ, тақсими оқилонаи вақт ва муносибати инфиродӣ ба ҳар як донишҷӯ.

Дар ин раванд такмили ихтисоси омӯзгор дар рушди кулли ҷомеа аҳамияти аввалиндараҷа дорад: шахсияти омӯзгор ҳам мисли дониши касбии ӯ сармояи арзиши ҷомеа мебошад. Омӯзгор метавонад ба шогирдони худ ҳамон самтҳои арзишмандеро, ки ба худи ӯ хос аст, бирасонад. Бинобар ин ҳар як омӯзгори муосир бояд ба худомӯзӣ машғул шавад. Худомӯзӣ бошад, бевосита ба шахсияти омӯзгор, доштан ё надоштани дониши назариявӣ вобаста аст, зеро малакаи умумии таълимӣ воситаи азхудкунии ҳар як маводи таълимӣ мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Атаханов, Р.К вопросу о содержании и структуре профессиональной педагогической деятельности. Вестник таджикского государственного университета имени С. Айни / Р. Атаханов [Текст]. Душанбе, 2018.-256с.
2. Зеер, Э.Ф. Модернизация профессионального образования. Компетентностный подход / Э.Ф. Зеер [Текст]. - Москва: Психолого- социальный институт, 2005.-216 с.
3. Иванов, Д.А. Компетентности и компетентностный подход в современном образовании / Д.А. Иванов [Текст]. - Москва: Чистые пруды, 2007. - 32 с
4. Лебедева, О.Е. Компетентностный подход в образовании / О.Е. Лебедева[Текст]. – Москва: Школьные технологии. 2004. - 312с.
5. Маркова, А.К. Психологические критерии и ступени профессионализма учителя / А.К. Маркова [Текст]. –Москва: Педагогика. 1995. – 261с.
6. Митина, Л.М. Психология личностно - профессионального развития субъектов образования / Л.М. Митина [Текст].- Москва: СПб: Нестор- История, 2014
7. Подласый, И.П. Новый курс: Учебник для студ. пед. вузов: в 2 кн. / И.П. Подласый. [Текст]. – Москва: Гуманит. изд. центр ВЛАДОС, 2000. – Кн.1: Общие основы. Процесс обучения. – 576 с.: ил
8. Сериков, В.В. Образование и личность: Теория и практика проектирования педагогических систем / В.В. Сериков [Текст].- Москва: Логос, 1999. - 272 с.
9. Хуторской, А.В. Ключевые компетенции как компонент личностно – ориентированной парадигмы образования личности / А.В. Хуторской [Текст].–Москва: Народное образование. – 2003. – 64с.

## ОМОДАСОЗИИ ОМӮЗГОРОНИ ОЯНДА БА ИНТИХОБ ВА ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ МОДЕЛИ НАМУДҲОИ ТАЪЛИМ ВОБАСТА БА ВОСИТАҲОИ ТАЪЛИМ

***НАЗАРОВА Муқаддас Султоновна*** *– омӯзгори кафедраи педагогикаи умумии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.* ***E-mail:*** *dasik0530@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 929 99 05 30*

Мусаллам аст, ки ба сифат ва маҳсулнокии фаъолият сифати воситаи фаъолият таъсир мерасонад. Аз ин ҷиҳат фаъолияти таълимӣ – маърифатӣ низ истисно нест. Барои ҳамин ҳам дар раванди таълим ба сифат ва интихоби воситаҳои таълим эътибори ҷиддӣ бояд дод. Таҳия ва тафсири модели намудҳои таълим вобаста ба воситаҳои таълим имкон медиҳад, ки таъиноти дидактикӣ ва зарурати дидактикии истифодаи ҳар як воситаи таълим дар лаҳзаи дидактикии додашуда аниқу дақиқ муайян карда шавад. Дар як самт муайян кардани нақш ва мақоми ҳар як воситаи таълим дар ҳаллу фасли мақсад ва вазифаҳои таълимӣ аҳамияти махсуси илмӣ – таҳқиқотиро касб менамояд. Шарт ва зарур аст, ки ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагон бо ҳамаи намудҳои воситаҳои таълим самаранок кор карда тавонанд, зеро самаранокӣ ва маҳсулнокии таълим аз ин омил вобастагии калон дорад. Маҳдуд гардидан танҳо бо истифодаи як ё ду намуди воситаҳои таълим дар раванди таълим боиси паст гардидани сифат ва маҳсулнокии таълим мегардад. Аз ин лиҳоз дар ҳар лаҳзаи дидактикии додашуда ҳам омӯзгор ва ҳам хонандагон бояд, ки аз маҷмӯаи воситаҳои таълим ин ё он васоити таълимро интихоб намуда мавриди истифода қарор диҳанд. Аз ин ҷиҳат як воситаи таълим воситаи дигари таълимиро иваз карда наметавонад. Ба ҳамин тариқ аз таълими китобӣ, таълими аёнӣ, таълими ҳаётӣ, таълими компютерӣ, вобаста ба зарурат ва талаботи дидактикии лаҳзаи додашудаи дидактикӣ истифо да бурдан лозим аст.

***Вожаҳои калидӣ:*** *намудҳои таълим, воситаҳои таълим, модели таълим, алоқаи назария ва амалия, китобхонаи электронӣ, саводнокии компютерӣ.*

## ПОДГОТОВКА БУДУЩИХ УЧИТЕЛЕЙ К ОПТИМАЛЬНОМУ ВЫБОРУ И ИСПОЛЬЗОВАНИЮ МОДЕЛЕЙ ВИДОВ ОБУЧЕНИЯ В ЗАВИСИМОСТИ ОТ СРЕДСТВ ОБУЧЕНИЯ

***НАЗАРОВА Мукаддас Султоновна*** *– преподаватель кафедры общей педагогики Худжандского государственного университета имени академика Бободжона Гафурова, г. Худжанд, переулок Мавлонбекова, 1.* ***E-mail:*** *dasik0530@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 929 99 05 30*

Общеизвестно, что на качество и продуктивности деятелҳности влияет качество средств деятельности. В этом смысле не исключение и учебно – позновательная деятельность. Поэтому в процессе обучения серьёзное внимание следует уделить на качество и выбор средств обучения. Разработка и интерпретация моделей в зависимости от средств обучения способствует точному и однозначному определению средств обучения их дидактического предназначения и дидактической необходимости их использования в зависимости от данной дидактической ситуации. В этом направлении определении роли и место каждого дидактического средства в решении целей и задач обучения приобретает особое научно – методическое значение. Важно и необходимо, чтобы как учитель, так и ученики могли работать со всеми видами средств обучения, поскольку эффективность и продуктивность обучения зависит от данного фактора. Ограничение только использованием одного или двух видов средств обучения в процессе обучения становиться причиной снижения качества и продуктивности обучения. В связи с этим учитель и ученики в зависимости от знаний дидактической ситуации должны делать выбор в пользу того или иного средства обучения. Исходя из этого, одно средство обучения не может заменить другое средство. Таким образом следует использовать от всего многообразия книжного, наглядного, жизненного, компютерного обучения, которое объективно необходимо и соответствует требованиям заданно дидактической ситуации.

***Ключевые слова:*** *виды обучения, средства обучения, наглядное обучение, модели обучения, связи теории с практикой, электронная библиотека, компютерная грамотность.*

## THE PREPARATION OF THE FUTURE TEACHERS TO THE CHOICE AND USING THE EFFECTIVE MODELS OF TEACHING IN DEPENDENCE TO THE MEANS OF TEACHING

***NAZAROVA Mukaddas Sultanovna*** *– lecture of the department of general pedagogy under the State Khujand State University named after Academician Bobojon Gafurov, Khujand, Mavlonbekov Lane 1.* ***E-mail:*** *dasik0530@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 929 99 05 30*

It is well known that the quality and the productivity of the activity influences to the quality of the means of activity. In this sense there is not exception for the teaching – cognitive activity. Therefor in the process of teaching the serios attention should be given to the quality and the choice of the means of teaching. Working out and interpretation of the models in dependence to the means of teaching contributes to precisely and monosynaptic determination of the means of teaching, their didactic mean and didactic necessity of their using in dependence to the given didactic situation. In this direction, the determination of the role and the place of each didactic mean in solving the aims and the facts of the teaching acquires a special scientific – methodic meaning. It is important and necessary so that as the teacher, so the pupils are able to work with all forms of means of teaching, since the effectiveness and productivity of the teaching depends from this factor. The restriction only with using of one or two forms of mean of teaching in the process of the teaching becomes the reason of the reducing the quality and the productivity of the teaching. In connection to this the teacher and the pupils in dependence of the given didactic situation must choice to the profit of this or that mean of the teaching. Thus, it is necessary to use from all variety of the book teaching, visual teaching, life teaching, computer teaching, that form of teaching, which is impartial and corresponds to the given didactic situation.

***Key words:*** *forms of teaching, means of teaching, book teaching, visual teaching, computer teaching, life teaching, model of teaching, the connection between teaching and the life, the connection between teaching end life, the electronic library, the computer literacy.*

Нақш ва мақоми воситаи фаъолият дар такмили сифат ва баланд бардоштани маҳсулнокии фаъолият ниҳоят калон аст. Чӣ қадаре, ки воситаи фаъолият ба талаботҳои илмӣ - методӣ ҷавобгӯ бошад, ҳамон қадар арзиши он ҳамчун олоти фаъолият боло меравад. Ҳақ бар ҷониби файласуфи булғорӣ Любен Николов аст, ки ӯ таъкид менамояд: «Муносибати мақсад – натиҷа ҳамчун лаҳзаи умумӣ ва муҳиму аниқи фаъолияти инсонӣ асос барои ҷудо намудани ташкили сохти дуюм аст, ки унсурҳои он: «мақсад», «восита», «натиҷа» мебошад» (5,54). Барои гузариш аз «мақсад» ба «натиҷа» аз «восита» истифода бурдан зимни фаъолият зарурати воқеӣ мебошад. Ин барои раванди таълим, ки як намуди фаъолият маҳсуб меёбад, хеле муҳим аст. Аз ин лиҳоз, муайян намудани намудҳои таълим вобаста ба намудҳоли воситаҳои таълим аҳамияти махсуси илмӣ касб менамояд. Дар ин замина ҷудо намудани чунин намудҳои таълим, ба монанди: таълими компютерӣ, таълими аёнӣ хеле муҳим аст. Зеро ин намудҳои воситаҳои таълим ва вобаста ба он ин намудҳои таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии таълимгирандагон нақш ва мақоми бузургро мебозанд. Субъектҳои фаъолияти таълимӣ: таълимдиҳандагон ва таълимгирандагон ҳамон вақт самаранок фаъолият бурда метавонанд, ки агар аз воситаҳои таълим самаранок истифода баранд. Дар чунин ҳолат гузариш аз «мақсад» ба «натиҷа» дар таълим самаранок чараён мегирад. Барои ин субъектҳои таълим аз методҳои кор бо китоб, методи кор бо компютер, методи амалӣ - ҳаётӣ, методи аёнӣ бояд самаранок истифода бурда тавонанд. Барои он, ки омӯзгорони оянда бо методҳои кор бо воситаҳои таълим мусаллаҳ карда шаванд, шарт ва зарур аст, ки дар онҳо дониш, маҳорат, малакаҳои лозимӣ ташаккул дода шавад. Агар субъекти фаъолият бо воситаи фаъолият кор карда натавонад, вай ҳамчун субъекти корношоям маҳсуб меёбад. Таълимдиҳанда ҳам худаш бо методҳои кор бо воситаҳои таълим кор карда тавонистанаш лозим, ҳам таълимгирандагонро бо методҳои кор бо воситаҳои таълим омӯзониданаш лозим аст. Ин дар он сурат имкон медиҳад, ки агар намудҳои таълими китобӣ, компютерӣ, аёнӣ, амалӣ - ҳаётӣ дар амал самаранок татбиқ карда шавад. Аммо барои ин ба миқдори лозима дастрасии воситаҳои

мазкури таълимӣ: китобҳо, компютерҳо, аёниятҳо шарт ва зарур аст. Фаъолияти самараноки китобхонаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, китобхонаҳои анъанавӣ ва электронӣ барои самаранок роҳандозӣ намудани таълими китобии оммавӣ шароити мусоид фароҳам меоварад. Таъсиси китобхонаҳои мактабӣ ва оилавӣ низ бояд ба талаботҳои меъёрии илмӣ - методӣ ҷавобгӯ шуданаш лозим аст. Ташаккули шавқу рағбат нисбат ба китобхонӣ, ташаккули ҳисси китобдӯстӣ имкон медиҳад, ки таълими китобӣ ба таври бояду шояд ба роҳ монда шавад.

Таъсиси китобхонаи шахсӣ намунаи беҳтарини муносибат нисбат ба китоб мебошад. Тавассути адабиёти бачагона шавқу завқи кӯдаконро нисбати китобхонӣ бедор намудан лозим аст. Одам – гурӯҳҳои иҷтимоӣ – ҷомеа дар ин самт ҳамон вақт пешқадам мегарданд, ки агар китобхонӣ қисми муҳими таркибии ҳаёти маънавии рухӣ, фарҳангӣ арзёбӣ гардад. Дар китобхонаҳо мавҷудияти ҳамаи намудҳои китобҳо: китобҳои бачагона, китобҳои дарсӣ, китобҳои бадеӣ, китобҳои илмӣ, китобҳои методӣ, китобҳои таърихӣ, дигар намудҳои китобҳо шарти муҳими фаъолияти самараноки онҳо маҳсуб меёбад.

Дар шароити муосир танҳо бо китоб ва китобхонӣ маҳдуд гардидан низ кофӣ нест, одам – гурӯҳҳои иҷтимоӣ – ҷомеа дар шароити иттилоотонии ҷомеа, иттилоотонии соҳаи мактаб ва маориф қабул – интиқол – коркард – нигоҳдорӣ – банизомдарории иттилоот шарти муҳими пешравӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Барои ҳамин ҳам таълими компютерӣ, саводнокии компютерии одам – гурӯҳҳои иҷтимоӣ – ҷомеа асоси иттилоотонии ҳаёти иҷтимоӣ маҳсуб меёбад. Ноил гардидан ба сатҳи баланди иттилоотонӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ аз дараҷаи саводнокии касбӣ-компютерии мутахассисони соҳаи мухталиф вобаста аст. Ин дар навбати худ аз салоҳияти касбӣ - компютерии омӯзгорони ҳам мактабҳои миёна ва ҳам мактабҳои олӣ вобаста аст. Таълими компютерӣ низ аз ин лиҳоз бояд, ки характери оммавӣ гирад. Таълими барномавии компютерӣ, таълими алгоритми компютерӣ, таълими интернетӣ инчунин аз шаклҳои гуногуни зуҳурёбии таълими компютерӣ маҳсуб меёбад. Таълими компютериро бе таъсиси китобхонаҳои электронӣ тасаввур кардан имконнопазир аст. Ҳам таълимдиҳандагон ва ҳам таълимгирандагон методи кор бо китобҳои электрониро бояд дар сатҳи баланди илмӣ - методӣ азхуд намоянд.

Воситаҳои аёнӣ, принсипи аёниятнокӣ, методҳои аёнӣ бо ҳам алоқаманд буда, асоси таълими аёниро ташкил медиҳанд. Ин намуди таълим низ яке аз намудҳои самараноки ташаккули дониш, маҳорат ва малака маҳсуб меёбад. Агар таълими аёнӣ дар шакли таълими китобӣ -аёнӣ, таълими компютерӣ - аёнӣ, таълими ҳаётӣ - аёнӣ, ё худ таълими амалӣ - аёнӣ мавриди истифода қарор дода шавад, самаранокии илмӣ - методии он низ якчанд маротиба афзоиш меёбад.

Дар қатори таълими китобӣ, таълими компютерӣ, таълими аёнӣ таълими ҳаётӣ низ муҳим арзёбӣ мегардад, зеро одам бо ашё ва ҳодисаҳои ҳаёти ҳамарӯза сарукор дорад ва барои он ҳаёт аз одам муносибати бошуурона ва фаъолонаро тақозо менамояд.

Ҳаёт худ омӯзгори бузург аст. Фанҳои гуногун соҳаҳои гуногуни фан ва ҳодисаҳои ҳаётро мавриди омӯзонидан ва омӯзиш қарор медиҳанд, барои ҳамин ҳам ҳаётро бевосита дар асоси мушоҳида, таҷриба, таълим бевосита ашё ва ҳодисаҳои ҳаётӣ низ мавриди омӯзиш қарор додан лозим аст. Барои ин шароитҳои муосири дидактикӣ -психологӣ фароҳам овардан лозим аст. Таълими ҳаётӣ ҳамчун система унсурҳои зеринро дарбар мегирад. Ин пеш аз ҳама ашё ва ҳодисаҳои гуногуни ҳаётӣ дар ҷудогонагӣ ва ҳаёт, умуман ҳамчун воситаи тавонои таълим, принсипи алоқамандии таълим бо ҳаёт, методҳои амалӣ, аёнӣ, экскурсия – ҳамчун шакли ташкили таълим. Зимни корҳои таҷрибавӣ - озмоиши кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ нақш ва мақоми ҳар як намуди таълимро вобаста ба воситаҳои таълим, яъне таълими китобӣ, таълими компютерӣ, таълими аёнӣ, таълими амалӣ - ҳаётиро чӣ дар ҷудогонагӣ ва чӣ дар алоқамандӣ бо ҳамдигар васеъ ва чуқур дарк намоянд. Дар лаҳзаҳои гуногуни дидактикӣ, вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таълимӣ аз ин ё он намудҳои таълимӣ вобаста ба воситаҳои таълим самаранок бояд истифода баранд. Ҳеҷ гоҳ танҳо бо як ё ду намуди таълим вобаста ба воситаҳои таълим маҳдуд гардидан аз ҷиҳати мантиқӣ ва дидактикӣ нодуруст мебошад, зеро ҳар яке аз намудҳои таълими зикргардида дар раванди таълим нақш ва мақоми худро доро мебошад. Як воситаи таълим воситаи дигари таълимро вобаста ба ин як намуди таълим намуди дигари таълимро иваз карда наметавонад. Ҳар яке таъиноти дидактикии худро доро мебошад. Дар акси ҳол таълим нодуруст ҷараён мегирад, сифат ва

самаранокию маҳсулнокии он паст мегардад. Зимни кор бо донишҷӯёни гурӯҳҳои озмоишӣ мо аз расм ва ҷадвали зерин истифода бурдем:

Расми № 1. «Ягонагӣ ва алоқамандии намудҳои таълим вобаста ба воситаҳои таълим»




Ҷадвали 1

| Интихоб ва истифодаи намудҳои таълим вобаста ба воситаҳои таълим бо назардошти ин ё он мақсад ва воситаҳои таълимӣ | % |
|---|---|
| Моҳият, мазмун, мундариҷаи асосии таълими китобӣ ва ташаккули кор бо китоб дар субъектҳои таълим | 0,25% |
| Моҳият, мазмун, мундариҷаи асосии таълими компютерӣ ва ташаккули кор бо компютер дар субъектҳои таълим | 0,25% |
| Моҳият, мазмун, мундариҷаи асосии таълими ҳаётӣ ва ташаккули кор бо ҳаётӣ дар субъектҳои таълим | 0,25% |
| Моҳият, мазмун, мундариҷаи асосии таълими аёнӣ ва ташаккули кор бо аёният дар субъектҳои таълим | 0,25% |

Дар раванди таълим аз ин ё он воситаи таълим вобаста ба зарурати дидактикӣ - методӣ интихоб ва истифода бурдан лозим аст. Дар ҷадвал ба ҳар воситаи таълим ва вобаста ба он ба ҳар намуди таълим 0,25% ҷудо карда шудааст, ки ин маънои онро дорад, ки онҳо аз ҷиҳати дидактикӣ - методӣ бо ҳам баробар мебошанд. Ин ҳамчунин маънои онро дорад, ки онҳо асосан нисбати ҳамдигар ивазнопазир маҳсуб меёбанд.

Таълими ҳаётӣ - амалӣ барои таълимгиранда барои он лозим аст, ки ӯ таҷрибаи ҳаётӣ ҳосил намояд ва онро таълими китобӣ ҳеҷ гоҳ иваз карда наметавонад. Таълими китобӣ, донишҳои китобӣ ҳамчун асоси дониш, маҳорат ва малакаҳои назариявӣ маҳсуб меёбанд.

Таълими компютерӣ ва таълими аёнӣ низ дорои чунин хусусиятҳое мебошанд, ки ин хусусиятҳо ивазнопазирии онҳоро таҷассум менамояд. Ҳамаи инро ба назари эътибор гирифта субъектҳои таълимӣ дар лаҳзаҳои гуногуни дидактикӣ аз ин ё он намуди таълим вобаста ба воситаҳои таълим истифода мебаранд. Дар баъзе ҳолатҳо онҳоро якҷоя мавриди истифода қарор медиҳанд. Барои ҳамин ҳам омӯзгорони ояндаро ба интихоб ва истифодаи самараноки намудҳои таълим вобаста ба воситаҳои таълим аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ омода намудан лозим аст.

Зимни ташкил ва гузаронидани корҳои озмоишӣ - таҷрибавӣ бо донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ доир ба мавзӯи «Намудҳои таълим вобаста ба воситаҳои таълим» масъалаҳои зерин мавриди муҳокима омӯзиш қарор дода шуд:

1. Нақш ва мақоми воситаҳои фаъолият дар раванди фаъолият дар доираи «мақсад – восита – натиҷа» аз чӣ иборат аст?
2. Нақш ва мақоми воситаҳои фаъолият дар раванди фаъолияти таълимӣ дар доираи дидактикии «мақсади таълим – воситаи таълим – натиҷаи таълим» аз чӣ иборат аст?
3. Нақш ва мақоми субъекти таълим аз нуқтаи назари салоҳияти истифодабарии воситаҳои таълим аз чӣ иборат аст?
4. Алоқамандии байни методи кор бо китоб ва таълими китобиро муайян намоед.
5. Алоқамандии байни методи кор бо компютер ва таълими компютериро муайян намоед.
6. Алоқамандии байни методи кор бо айният ва таълими аёниро муайян намоед.
7. Алоқамандии байни методи мушоҳидаи ашё ва ҳодисаҳои ҳаётиро бо таълими ҳаётӣ муайян намоед.

8. Салоҳияти касбӣ - компютерии омӯзгор дар раванди таълими компютерӣ чӣ гуна нақш ва мақомро мебозад?

9. Саводнокии компютерии таълимгирандагон дар раванди таълими компютерӣ чӣ гуна нақш ма мақомро мебозад?

10. Кор бо китобхонаи электрониро чӣ тавр самаранок роҳандозӣ намудан мумкин аст?

11. Таълими компютерӣ чӣ тавр ба иттилоотонии раванди таълим, алалхусус ва ба иттилоотонии соҳаи мактабу маориф таъсир мерасонад?

12. Кор бо Интернетро барои самаранок гардонидани таълими компютерӣ чӣ тавр ба роҳ мондан лозим аст?

13. Оё суроҷаи электронӣ, кор бо китоби электрониро барои самаранокии таълими компютерӣ истифода бурдан мумкин аст?

14. Зарурати истифодаи таълими аёнӣ аз чӣ иборат аст?

15. Таснифоти аёниятро нисбати фанни тахассусии худ муайян намоед.

16. Алоқамандии дидактикии воситаҳои аёнӣ, принсипи аёниятнокӣ, методҳои айниро муайян намоед.

17. Аёнияти абстрактӣ аз аёнияти конкретӣ бо чӣ фарқ мекунад?

18. Таълими аёниро чӣ тавр бо таълими китобӣ, таълими компютерӣ, таълими ҳаётӣ дар лаҳзаҳои зарури дидактикӣ дар ягонагӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст?

19. Умумият ва фарқияти таълими китобӣ, таълими аёнӣ, таълими ҳаётӣ, таълими компютериро муайян намоед.

20. Оё ба ҷои таълими китобӣ танҳо таълими компютериро истифода бурдан мумкин аст?

21. Нақш ва мақоми ҳар як намуди таълимро вобаста ба воситаҳои таълим дар ташаккули ҷаҳонбинии илмии хонандагон муайян намоед.

22. Оё таълими ҳаётиро пурра бо таълими китобӣ иваз намудан мумкин аст?

23. Байти зерини устод А.Рӯдакиро шарҳ диҳед:

«Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор».

24. Умумият ва фарқияти дониши китобӣ ва дониши ҳаётиро муайян намоед.

25. Оё мактабҳои имрӯза барои таълими ҳаётӣ ҳамаи шароитҳои педагогиро доро мебошанд?

26. Нақш ва мақоми алоқамандии дохилифаннӣ ва байнифаннӣ оиди ба амал тадбиқ намудани таълими китобӣ, таълими ҳаётӣ, таълими компютерӣ, таълими аёнӣ чӣ гуна аст?

27. Нақш ва мақоми намудҳои таълимро вобаста ба воситаҳои таълим дар системаи назарияи таълим муайян намоед.

Барои муайян намудани сатҳи омодагии омӯзгорони оянда ба амалӣ намудани намудҳои таълим вобаста ба воситаҳои таълим ҷадвали седараҷагӣ: баланд, миёна, паст таҳия карда шуд.

**Сатҳи баланд**. Ба ин сатҳ донишҷӯёне дохил мешаванд, ки онҳо доир ба фанҳои ихтисос, педагогика, равоншиносӣ, методикаи таълими фанҳои тахассусӣ дорои донишҳои чуқур ва васеъ мебошанд, нақш ва мақоми алоқамандии дохилифаннӣ ва байнифанниро хуб дарк намудаанд ва онро эҷодкорона дар амал тадбиқ карда метавонанд. Онҳо алоқаи назария ва амалияи таълимро дар ин бобат низ эҷодкорона дар амал тадбиқ карда метавонанд.

**Сатҳи миёна**. Ба ин гурӯҳ донишҷӯёне дохил мешаванд, ки дорои шуур ва фарҳанги баланди омӯзгорӣ мебошанд. Доир ба фанҳои тахассусӣ, педагогика, методикаи таълими фанни ихтисос дониш, маҳорат ва малакаи хуб доранд. Аммо на ҳама вақт ба аҳамияти алоқамандии дохилифаннӣ ва байнифаннӣ ба таври бояду шояд сарфаҳм меравանд.

**Сатҳи паст**. Ин гурӯҳро донишҷӯёне ташкил медиҳанд, ки дар назария ва амалияи намудҳои таълими китобӣ, таълими компютерӣ, таълими ҳаётӣ, таълими аёнӣ хатогиҳо, норасоиҳо, камбудию нуқсонҳои ҷиддӣ доранд. Қисми зиёди ин камбудиҳо аз сатҳи пасти ташаккули методҳои кор бо воситаҳои таълим мебошад, ки он дар навбати худ аз муносибати хунукназаронаи онҳо нисбати касби ояндаи худ бармеояд. Дар қисми дигари донишҷӯёни гурӯҳи мазкур муносибат нисбат ба ҳаётро ва дар ҳамин замина муносибат нисбат ба таълими

ҳаётиро, ҳамчун як шакли таълими самаранок ва таълими ҳатмӣ ташаккул додан шарт ва зарур аст. Албатта, ислоҳи ҳамаи нуқсонҳои зикргардида мушкил ва мураккаб аст, аммо он зарур, ҳатмӣ ва имконпазир мебошад.

Корҳои озмоишӣ - таҷрибавӣ дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ чунин натиҷа дод:




Аломатҳои шартӣ:
 ---------------------      - натиҷаҳои гурӯҳи назоратӣ;
- натиҷаҳои гурӯҳи озмоишӣ;

а. - Моҳият, мазмун, мундариҷаи асосии таълими китобӣ;
б. - Моҳият, мазмун, мундариҷаи асосии таълими компютерӣ;
в. - Моҳият, мазмун, мундариҷаи асосии таълими ҳаётӣ;
г. - Моҳият, мазмун, мундариҷаи асосии таълими аёнӣ;
д. - Ягонагӣ ва алоқамандии намудҳои таълим вобаста ба воситаҳои таълим;
е. - Таҷрибаи пешқадами педагогӣ доир ба интихоб ва истифодаи самараноки намудҳои таълим вобаста ба воситаҳои таълим;
ҷ. - Нақш ва мақоми методҳои кор бо воситаҳои таълим дар интихоб ва истифодаи самараноки намудҳои таълим вобаста ба воситаҳои таълим;
з. - Мушкилиҳо, камбудиҳо, норасоиҳо, хатогиҳо дар интихоб ва истифодаи самараноки намудҳои таълим вобаста ба воситаҳои таълим;
и. - Нақш ва мақоми таълимдиҳанда дар интихоб ва истифодаи самараноки намудҳои таълим вобаста ба воситаҳои таълим;
к. - Нақш ва мақоми таълимгиранда дар интихоб ва истифодаи самараноки намудҳои таълим вобаста ба восаитаҳои таълим.

Расми №2. Натиҷаи корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ доир ба мавзӯи «Намудҳои таълим вобаста ба воситаҳои таълим»

| № | Гурӯҳҳо | А | Б | В | Г | Д | Е | Ҷ | З | И | К |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Гурӯҳи Назораӣ | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 1,7 | 1,7 | 1,7 |
| 2. | Гурӯҳи Озмоиӣ | 2,0 | 1,9 | 1,9 | 2,0 | 2,0 | 2,1 | 2,1 | 2,1 | 2,1 | 2,1 |
| 3. | Фарқият | +0,6 | +0,5 | +0,5 | +0,5 | +0,6 | +0,5 | +0,5 | +0,4 | +0,4 | +0,4 |

Ҷадвали 2

Аломати шартӣ
\+ - афзалият

Натиҷаи ҷамъбастии гурӯҳи назоратӣ 15,2, ки ин ба ҳисоби миёна 1,5 -ро ташкил медиҳад. Натиҷаи ҷамъбастии гурӯҳи озмоишӣ 20,3, ки ин ба ҳисоби миёна 2,03-ро ташкил медиҳад. Фарқияти умумӣ 20,3 – 15,2 0,51. Ин аз афзалияти миқдории нишондиҳандаҳои гурӯҳи озмоишӣ шаҳодат медиҳад.

Диаграммаи 1 Диаграммаи 2
Гурӯҳи озмоишӣ Гурӯҳи назоратӣ




Ҷадвали 3

| № | САТҲ | Гурӯҳи назоратӣ | | Гурӯҳи озмоишӣ | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | То озмоиш | Пас аз озмоиш | То озмоиш | Пас аз озмоиш |
| 1. | Баланд | 05,6% | 13,2% | 04,2% | 26,4% |
| 2. | Миёна | 24,2% | 38,2% | 23,4% | 54,4% |
| 3. | Паст | 70,2% | 48,6% | 72,4% | 19,2% |

Таҳлили муқоисавии натиҷаҳои пас аз корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ нишон медиҳад, ки ҳамагӣ 13,2% донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ дар сатҳи баланд қарор доранд, ҳамин гуна нишондиҳанда дар гурӯҳи озмоишӣ 26,4%-ро ташкил медиҳад, ки ин аз натиҷаи гурӯҳи назоратӣ ду баробар зиёд мебошад. Дар сатҳи миёна 38,2%-и донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ ҷойгир шудаанд, чунин нишондиҳанда дар гурӯҳи озмоишӣ 54,4%-ро ташкил медиҳад, ки ин 16,2% зиёд мебошад. Дар сатҳи паст 48,6%-и донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ қарор доранд, вақте ки дар гурӯҳи озмоишӣ ҳамагӣ 19,2%-и донишҷӯён боқӣ мондаанд, ки ин аз ду баробар ҳам камтар мебошад. Ҳамаи ин натиҷаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки донишҷӯёни гурӯҳи озмоишӣ назар ба донишҷӯёни гурӯҳи назоратӣ дар банақшагирӣ – ташкил – технология – таҳлили намудҳои таълими китобӣ, компютерӣ, ҳаётӣ, аёнӣ ҷӣ дар ҷудогонагӣ ва ҷӣ дар алоқамандӣ нисбатан дорои салоҳияти баланди касбӣ - меҳнатӣ мебошанд. Ин аз афзалияти технологияи моделии омодасозии омӯзгорони оянда назар ба воситаҳои анъанавии омодасозӣ нисбати назария ва амалияи намудҳои таълим вобаста ба воситаҳои таълим шаҳодат медиҳад.

## АДАБИЁТ


1. Абдулина О.А. Общепедагогическая подготовка учителя в системе высшего педагогического образования. – М.: Просвещение, 1984.-208с.
2. Бабанский Ю.К. Оптимизация процесса обучения (Обще дидактический аспект) - М.: Педагогика, 1977. – 256с
3. Бабанский Ю.К. Проблемы повышения эффективности педагогических исследований (Дидактический аспект) - М.: Педагогика, 1982. - 158с.
4. Кантор И.М. Понятийно терминологическая система педагогики – М.: Педагогика, 1980.-158с.
5. Николов Л. Структура человеческой деятельности – М.: Процесс, 1984. – 176с.
6. Усова А.В. Формирование у школьников научных понятий в процессе обучения.: - М.: Педагогика, 1986. – 176с.

# ТАШАККУЛИ ҲАРАКАТИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ ТАВАССУТИ ТРАЕКТОРИЯИ ИНФРОДИИ ТАШАККУЛИ МАҲОРАТИ КАСБӢ

***АМИНОВ Муслиҳиддин Фозилдинович*** *– директори Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи №4 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душаебе», ш. Душаебе, к. А. Адҳамов, 26.* ***E-mail:*** *m_aminov5@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 934 04 66 44*

Дар мақола сухан дар бораи ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути траекторияи инфиродии ташаккули маҳорати касбии ӯ меравад.

Омӯзгор бояд мақсаду маром, вазифа – вазифаи муҳимми рушди касбии худро муайян созад. Ҳамчунин омӯзгор бояд дорои малакаи ба нақшагирии ташаккули касбии худро дошта бошад ва тавассути ин малака ӯ метавонад такмили маҳорати касбии худро ба таври мақсаднок ба роҳ монад. Ҳар як омӯзгори соҳибзавқ ҷустуҷӯӣ ва муайян намудани траекторияи фаъолияти касбиашро маҳаки асосии кори худ донад.

Барои он ки интихоби траекторияи маҳорати касбии худро дақиқан интихоб ё тарҳрезӣ намояд, омӯзгорро лозим аст, ки фаъолияти касбӣ, таҷрибаи педагогӣ, малакаю маҳорат ва имкониятҳои худ ва муассисаи таълимиро таҳлил карда тавонад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *ҳаракати касбӣ, ташаккули маҳорат, омӯзгор, рушди касбӣ, мақсад, малака, фаъолият, таҷрибаи педагогӣ.*

# ФОРМИРОВАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ДЕЙТЕЛЬНОСТИ УЧИТЕЛЕЙ СРЕДНЫХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ ПОСРЕДСТВОМ ЛИЧНОЙ ТРАЕКТОРИИ ФОРМИРОВАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ СПОСОБНОСТИ

***АМИНОВ Муслиҳиддин Фозилдинович*** *– директор Государственного образовательного учреждения “Лицей №4 для одаренных учащихся города Душанбе”, г. Душанбе, ул. А. Адхамов, 26.* ***E-mail:*** *m_aminov5@mail.ru,* ***тел.:*** *+(992) 934 04 66 44*

В статье говорится о формировании профессионального движения учителя общеобразовательных учреждений через индивидуальную траекторию формирования его профессионального мастерства.

Преподаватель должен определить цель, задачу – важную задачу своего профессионального развития. Также преподаватель должен иметь возможность планировать свое профессиональное развитие и благодаря этому умению целенаправленно совершенствовать свое профессиональное мастерство. Каждый целеустремленный педагог главной целью своей работы считает поиск и определение траектории своей профессиональной деятельности.

Чтобы точно выбрать или спланировать траекторию своего профессионального мастерства, учителю необходимо уметь анализировать свою профессиональную деятельность, педагогический опыт, навыки и умения, а также образовательное учреждение.

***Ключевые слова:*** *профессиональное движение, повышение квалификации, педагог, профессиональное развитие, цель, умения, деятельность, педагогический опыт.*

# FORMATION OF PROFESSIONAL ACTIVITY OF TEACHERS OF SECONDARY EDUCATIONAL INSTITUTIONS THROUGH PERSONAL TRAJECTORY OF FORMATION OF PROFESSIONAL ABILITIES

***AMINOV Muslihiddin Fozildinovich*** *- Director of the State Educational Institution "Lyceum № 4 for gifted students of the city of Dushanbe", Dushanbe, st. A. Adkhamov, 26.* ***E-mail:*** *m_aminov5@mail.ru,* ***Phone:*** *+(992) 934 04 66 44*

The article talks about the formation of the professional movement of teachers of general education institutions through the individual trajectory of the formation of his professional skills.

The teacher must determine the goal, the task - the important task of his professional development. Also, the teacher must be able to plan his professional development and, thanks to this ability, purposefully improve his professional skills. Every purposeful teacher considers the main goal of his work to be the search and determination of the trajectory of his professional activity.

In order to accurately choose or plan the trajectory of his professional skills, a teacher needs to be able to analyze his professional activities, teaching experience, skills and abilities, as well as the educational institution.

***Key words:*** *professional movement, advanced training, teacher, professional development, goal, skills, activities, teaching experience.*

Яке аз проблемаҳои мубрами имрӯзаи маорифи мо мунтазам такмил додани маҳорати касбии муаллимон ба ҳисоб меравад. Таҳсилоти пайваста ва ё «таҳсили якумрӣ», ки имрӯзҳо мавриди баҳси олимони соҳаи пеадгогика гардидааст, афзалиятҳои худро пурра собит намудаасту ба гуфтаи Ҳазрати Муҳаммад (с/с) «Зи гаҳвора то ба гӯр дониш биҷӯй» исботи худро ёфтааст.

Муайян намудани масири худ, мақсаду маром, вазифа – вазифаи муҳими рушди касбии омӯзгор аст. Барои он ки интихоби усули таълиму тадрис нисбатан дақиқтар бошад, доштани қобилияти таҳлилӣ ва бартарафнамоии мушкилоти касбӣ барои ҳар як омӯзгор зарур аст.

Омӯзгор бояд дорои малакаи банақшагирии ташаккули касбии худро бошад ва тавассути ин малака ӯ метавонад такмили маҳорати касбии худро ба таври мақсаднок ба роҳ монад.

Дар раванди мақсаднок ба роҳ мондани ташаккули маҳорати касбии омӯзгор нақши траекторияи инфродии ташаккули маҳорати касбӣ баланд аст.

Траекторияи инфродии ташаккули маҳорати касбии омӯзгори муосир як самти муайяни рушди омӯзгор буда, шаклу усулҳои амалисозии рушди касбии ӯро, яъне ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорро инъикос мекунад.

Траекторияи инфродии ташаккули махорати касбии омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба амалишавии имкониятҳо дар фазои таълимӣ, интихоби усулҳои муассири таълим ва самаранокии худомузию такмили ихтисоси омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро мусоидат мекунад.

Траекторияи инфродии ташаккули махорати касбии омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро метавон ҳамчун самти муайяни рушди ӯ фаҳмид.

Бори аввал истилоҳи «траекторияи инфродии ташаккули маҳорати касбии омӯзгор»-ро И.С.Якиманская муаррифӣ кардааст ва тибқи фармудаи ӯ траекторияи инфродии ташаккули маҳорати касбии омӯзгор дар асоси мутобиқшавӣ ба талаботи ҷомеа ва рушди технология бунёд ёфта, ба омӯзгор имкон медиҳад, ки роҳи ҷустуҷӯ ва пайдо кардани роҳи баромадан аз мушкилоти ба амаломадаи таълимию методиро худи омӯзгор ҷустуҷуй намояд»[6, с.65].

Траекторияи инфродии ташаккули маҳорати касбии омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷузъи таркибии траекторияи инфиродии таълимии шахсият аст.

Мафҳуми «траекторияи инфродии ташаккули маҳорати касбӣ» мафхуми мураккабест, ки ба фанни педагогика тавассути дигар соҳахо ворид гардидааст.

Аксарияти олимони педагогика, ки дар ҷодаи траекторияи инфродӣ таҳқиқот бурдаанд бар он ақидаанд ва мафҳуми мазкурро бо мафҳумҳои имкониятҳо, маҳоратҳо, манфиатҳои шахсӣ алоқаманд медонанд.

О.А. Абдуллина ва А.А. Плигин коркарди траекторияи инфродии ташаккули маҳорати касбии омуӯгорро бо мафкураи эҷодӣ ва маҳорати қабули иттилоот вобаста мешуморанд. Дархур бо асосҳои дидактикии таълимӣ ба рушди шахсият нигаронидашуда олимони мазкур қайд намудаанд, ки омӯзгор бояд донад, ки шогирди ӯ кист ва мақсаду маромаш чист [1,с.35].

Муаллифи технологияи омӯзиши эвристикӣ А.В. Хуторской бар он ақида буд, ки траекторияи инфродии ташаккули маҳорати касбии омӯзгор ин роҳи инфиродии пиёданамоии нерӯи ақлии омӯзгор дар ҷодаи маҳорати касбӣ мебошад [5,с.12].

Ҳамин тариқ, траекторияи инфродии ташаккули маҳорати касбии омӯзгор - ин роҳи шахсии амалӣ намудани иқтидори шахсии ӯ дар раванди фаъолияти касбиаш мебошад.

Гуфтаҳои болоро ба назар гирифта, хулоса карданием, ки барои ҳар як омӯзгори соҳибзавқ ҷустуҷӯй ва муайян намудани траекторияи фаъолияти касбиаш маҳаки асосии ташаккули маҳорати касбии ӯ ба ҳисоб меравад. Барои он ки интихоби траекторияи маҳорати

касбии худро дақиқан интихоб намояд ва ё тарҳрезӣ намояд омӯзгорро лозим аст, ки фаъолияти касбии худ, таҷрибаи педагогӣ, малакаю маҳорат ва имкониятҳои худ ва муассисаи таълимиро таҳлил намояд.

Аз ин нуқтаи назар омӯзгори муосир бояд дорои малакаю маҳорати тарҳрезии ташаккули фаъолияти касбии худро доро бошад, ки ин ба истифодаи мақсаднок ва самараноки модел ва мазмуни такмили ихтисоси ӯ мусоидат хоҳад кард.

Мазмун ва мундариҷаи ташаккули ҳаракати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути траекторияи инфиродии ташаккули маҳорати касбӣ ба чунин тадбирҳо такя менамояд:

- аттестатсияи муассисавӣ,;
- курсҳои такмили ихтисоси дохилимуассисавӣ, нохиявӣ, шахрӣ ва вилоятию ҷумҳуриявӣ;
- иштирок дар конференсияҳо;
- иштирок дар конкурсҳои эҷодӣ;
- иштирок дар семинарҳои дохилимуассисавӣ, ноҳиявӣ, шахрӣ ва вилоятию ҷумҳуриявӣ;
- иштирок дар олимпиадаҳои дохилимуассисавӣ, ноҳиявӣ, шахрӣ ва вилоятию ҷумҳуриявӣ;
- иштироки фаъолона дар машваратҳои иттиҳодияи методии омӯзгорони муассисавӣ ва ноҳиявию шаҳрӣ;
- мунтазам истифода бурдан аз вебинарҳо ва видеодарсҳои фосилавӣ;
- тавассути алоқаи фосилавӣ мукотиба намудан бо ҳамкасбони дохилӣ ва хориҷии худ;
- иштирок дар гурӯҳҳои экспертӣ ба ҳайси ҳакамон, волонтёр ва ғайра;
- иштироки фаъолона дар Шурои педагогии муассисаи таълимӣ;
- иштироки фаъолона дар Шурои методдии муассисаи таълимӣ;
- ташкил ва гузаронидани дарсҳои намунавӣ ва иштироки фаъолона дар дарсҳои намунавии ҳамкасбони худ;
- мунтазам машғул шудан ба худоомӯзӣ;
- доир ба мавзуи методии худ навиштани мақолаҳои илмию методӣ;
- омӯзиши технологияҳои педагогии муосир;
- бо хонандагон, ҳамкасбон ва падару модарон гузаронидани мастер- классҳо;
- ташкили портфолиои электронӣ.

Алгоритми таҳияи траекторияи инфродии ташаккули маҳорати касбӣ чунин амалҳоро пешбинӣ мекунад:

1) ташхиси маҳорати касбию худомӯзии омӯзгор;
2) дар асоси натиҷаҳои бадастомада тартиб додани роҳи индивидуалии рушди касбӣ;
3) татбиқи технологияҳои педагогии муосир;
4) таҳлили мунтазами самаранокии фаъолияти касбӣ.

Тарҳи намунавии траекторияи инфродии ташаккули маҳорати касбии омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба тариқи зайл аст:

Мақсад ва вазифаҳои рушди касбӣ:

1. Омӯзиши адабиёти марбут ба масъалаҳои такмили ихтисос

| Саволҳо | Адабиёти илмию методӣ ва асноди меъёрию ҳуқуқӣ | Вазифаҳои истифода аз сарчашмаҳои илмию методӣ | Муҳлат | | Шакли ҳисобот | Дар куҷо, аз тарафи кӣ ва кай ҳисоботи иҷрои кор шунида мешавад |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Оғоз | Анҷом | | |
| 1 | | | | | | |
| 2 | | | | | | |
| 3 | | | | | | |

2. Таҳияи маводи методӣ, ки такмили ихтисоси омӯзгоронро таъмин менамояд.

| Вазифахо ва мундаричаи фаъолият | Мухлати ичро | | Шакли ҳисобот | Дар кучо, аз тарафи кӣ ва кай ҳисоботи ичрои кор шунида мешавад |
|---|---|---|---|---|
| | Оғоз | Анчом | | |
| 1 | | | | |
| 2 | | | | |
| 3 | | | | |

3. Ҷамъбаст ва хулосабарорӣ аз фаъолияти педагогии худ

| Вазифаҳо ва мундаричаи фаъолият | Муҳлати ичро | | Шакли ҳисобот | Дар кучо, аз тарафи кӣ ва кай ҳисоботи ичрои кор шунида мешавад |
|---|---|---|---|---|
| | Оғоз | Анчом | | |
| 1 | | | | |
| 2 | | | | |
| 3 | | | | |

4. Иштирок ба корхои методии мактаб

| Номгӯи чорабиниҳо | Муҳлати баргузоркунӣ | | Шаклҳои иштироки омӯзгор | Шакли пешниҳоди натичаҳо |
|---|---|---|---|---|
| | Оғоз | Анчом | | |
| 1 | | | | |
| 2 | | | | |
| 3 | | | | |

5. Омӯзиш дар курсҳои такмили ихтисос

| Мавзуъ | Суроға | Муҳлат | | Шакли пешниҳоди натичаҳо |
|---|---|---|---|---|
| | | Оғоз | Анчом | |

Ҳамин тарик, траекторияи инфродии ташаккули маҳорати касбӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки бо назардошти шавқу рағбатҳои худ дурнамои нақшаи инфиродии худро таҳия кунад.

Таҳияи траекторияи инфродии ташаккули маҳорати касбӣ на танҳо боиси такмили салоҳияти касбии омӯзгор мегардад, балки ба шаффофияти нақшаи дурнамои ташаккули маҳорати касбии ӯ замина мегузорад.

Тачрибаҳои дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии озмоишӣ гузаронидаи мо аз он далолат медихад, ки траекторияи инфродии ташаккули маҳорати касбӣ барои васеъ намудани имкониятҳои фазои таълимӣ, интихоби усулҳои самараноки таълим ва дастрасии мазмуни таҳсилот имконияти васеъ меоварад.

Хулоса, максад аз таҳияи траекторияи инфродии ташаккули маҳорати касбии омӯзгор аз фароҳам овардани шароит барои рушди салоҳияти касбии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва назорати худомӯзии омӯзгор аз давраи курсӣ такмили ихтисос то ба даври ояндаи курси такмили ихтисос аст.

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллина, О.А., Плигин, А.А. Новые технологии образования. Личностно ориентированная технология обучения: Проблемы и поиски// Наука и школа. 1998. №4.С. 34-36.

2. Марсова, С. Е. Специфика реализации индивидуального образовательного маршрута на уровне магистратуры // Научный журнал КубГАУ. 2013. № 85(01). URL: http://www.ej.kubagro.ru/2013/01/pdf/03.pdf.

3. Сергеева, Н.Н. Индивидуальный образовательный маршрут ученика в рамках профильного обучения / Н.Н. Сергеева //Администратор образования. – 2009. - №2. - С.66-69.

4. Туринова, Н.П. Алгоритм построения личностной траектории обучения / Н.П. Туринова //Образование в современной школе. - 2006. -№4. - С.48-54.

5. Хуторской, А.В. Методика личностно-ориентированного обучения. Как обучать всех по-разному? М., 2005.

6. Якиманская, И.С. Требования к учебным программам, оринтированным на личностное развитие школьников // Вопросы психологии. 1994. №2. С. 64-67.

7. Ястребова, Г. А. Индивидуальный профессиональныйтраектория педагога как инструмент овладения новыми профессиональными компетенциями в условиях внедрения профессионального стандарта педагога / Г. А.Ястребова, Г. В. Цветкова // Научно-методический электронный журнал «Концепт». - 2014. - Т. 25. -С. 26-30.

*ТЕХНОЛОГИЯИ ТАЪЛИМ*
*ТЕХНОЛОГИЯ ОБУЧЕНИЯ*
*TEACHING TECHNOLOGY*

## ТАҲЛИЛИ ИННОВАТСИЯҲОИ ТЕХНОЛОГӢ ДАР НИЗОМИ МАЪЛУМОТИ ОЛИИ ТОҶИКИСТОН

***МИРЗОЕВ Абдулазиз Раҷабович*** *– доктори илмҳои педагогӣ, профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.* ***E-mail:*** *aziz69@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 200 651 881*

***САЛИЕВ Одилҷон Қурбонхолович*** *– номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.* ***E-mail:*** *aziz69@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 918 63 61 13*

Тибқи консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати инноватсионӣ дар соҳаи технологияҳои таълим яке аз афзалиятҳои асосии рушди он ба ҳисоб меравад. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» нақши баландшудаи зернизомро, ки коркард ва ҷорисозии технологияҳои нави таълим ба амалияи мактабҳои олӣ дар шароити ислоҳоти сохторӣ-мазмунии маълумоти олӣ таъмин мекунад, нишон медиҳад. Самти технологӣ дар ислоҳоти маълумоти олии касбӣ аз набудани объективии муваффақиятҳои воқеӣ дар тадқиқотҳое, ки ба ҷустуҷӯи шаклҳои амалан фаъоли илмӣ-омӯзгорӣ дар чорчӯбаи ғояҳои анъанавии классикии дидактикаи гурӯҳӣ равона шудааст ва ҳалли тамоми маҷмуи вазифаҳои дар назди мактаби олӣ истодаро таъмин мекунад, вобастагӣ дорад.

Имрӯзҳо ворид кардани натиҷаҳои самараноки технологияҳои муосири компютерӣ ва телекоммуникатсионӣ ба низоми маълумоти олӣ азнавсозии ҳамаи фаъолияти таълимиро, инчунин, зернизомҳои омӯзгорӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва назариявӣ-методологиро дар мадди назар дорад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *ТИК, консепсия****,*** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонун****,*** *маориф, таълим, омӯзиш, дидактика, лоиҳакашӣ, технологияҳои компютерӣ, иттилоот, омӯзиш, функсия, донишҷӯ****,*** *омӯзгор.*

## АНАЛИЗ ТЕХНОЛОГИЧЕСКИХ ИННОВАЦИЙ В СИСТЕМЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА

***МИРЗОЕВ Абдулазиз Раджабович*** *– доктор педагогических наук, профессор, заведующий кафедрой программирование и интеллектуальных систем Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.* ***E-mail:*** *aziz69@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 200 651 881*

***САЛИЕВ Одилджон Қурбонхолович*** *– кандидат педпгогических наук, доцент кафедрой программирование и интеллектуальных систем Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана.* ***E-mail:*** *aziz69@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 918 63 61 13*

Согласно концепции развития профессионального образования в Республике Таджикистан инновационная политика в области образовательных технологий является одним из главных приоритетов ее развития. Закон Республики Таджикистан "Об образовании" свидетельствует о растущей роли подсистемы, обеспечивающей разработку и внедрение новых образовательных технологий в практику высших учебных заведений на основе структурных и значимых реформ высшего образования. Технологическое направление реформы высшего профессионального образования зависит от объективного отсутствия реального успеха в исследованиях, направленных на поиск практически активных научно-педагогических форм в рамках классических традиционных идей групповой дидактики и обеспечивающих решение всего набора задач, стоящих перед высшим образованием.

Сегодня это подразумевает общую и эффективную интеграцию современных компьютерных и телекоммуникационных технологий в систему высшего образования, реорганизацию всей образовательной деятельности, а также достижение педагогических, организационных, экономических и теоретико-методологических тем.

***Ключевые слова:*** *ИКТ, концепция, Республика Таджикистан, закон, образование, учебная работа, обучение, дидактика, дизайн, компьютерные технологии, информация, образование, функции, студент, учитель.*

# ANALYSIS OF TECHNOLOGICAL INNOVATIONS IN THE HIGHER EDUCATION SYSTEM OF TAJIKISTAN

***MIRZOEV Abdulaziz Rajabovich** – professor, head of the Department of Programming and Intelligent Systems Donyhori International Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. **E-mail:** aziz69@mail.ru, **phone:** (+992) 200 651 881*

***SALIEV Odiljon Kurbonkholovich** – candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Programming and Intelligent Systems of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan. **E-mail:** aziz69@mail.ru, **phone:** (+992) 918 63 61 13*

According to the concept of professional education development in the Republic of Tajikistan, innovation policy in the field of educational technologies is one of the main priorities of its development. The Law of the Republic of Tajikistan "On Education" shows the increased role of the subsystem that ensures the processing and introduction of new educational technologies into the practice of higher education institutions in the context of structural and substantive reform of higher education. The technological direction in the reform of higher professional education depends on the objective lack of real success in research aimed at finding practically active scientific and pedagogical forms within the framework of traditional classical ideas of group didactics and ensuring the solution of the entire set of tasks facing Higher Education.

Today it implies the generalized and effective integration of modern computer and telecommunication technologies into the higher education system, the reorganization of all educational activities, as well as the achievement of pedagogical, organizational, economic and theoretical and methodological subtopics.

***Keywords:** ICT, concept, Republic of Tajikistan, law, education, education, training, didactics, design, computer technology, information, training, functions, student, teacher.*

Таҳлили инноватсияҳои технологӣ дар низоми маълумоти олии Тоҷикистон дар асоси ТИК ошкоркунии ҳаматарафаи таркиби мафҳумҳои асосии соҳаи фаннӣ ва робитаи мутақобилаи онҳоро дар назар дорад. Ҳангоми дида баромадани сарчашмаҳои махсус, полисемияи мафҳумҳои гуногун, ки аз ҷониби муаллифон вобаста ба масъалаҳои баррасишаванда ба кор бурда мешаванд, ошкор мегардад. Ҳамин тариқ, дар баробари истилоҳоти «технологияи педагогӣ» ва «технологияи омӯзиш», ки аз охирҳои солҳои 90-уми асри XX ба таври васеъ дар маъхазҳои илмӣ ворид карда шудаанд, истилоҳоти синонимии «технологияи омӯзиши иттилоотӣ», «технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионии таълим», «технологияҳои нави иттилоотӣ дар таълим» ва ғайра ба истифода дода шудаанд.

Робитаи мутақобилаи мафҳумҳои дар боло зикргардида дар чорчӯбаи парадигмаи «умумӣ-хусусӣ» дар расми 1 нишон дода шудааст.




Расми 1. Робитаи мутақобилаи мафҳумҳои асосии соҳаи фаннӣ

Тахти маҳфуми аввалаи «технология» мазмунан маҷмуи чараёни коркард ва тағйири ягон чиз бо мақсади ба даст даровардани ягон маҳсулоти самарабахш бо таъминоти меъёриии чараёни мазкур, ки тартиб ва хусусиятҳои ташкилии онро муайян мекунад, дар назар дошта мешавад. Мутахассисони соҳаҳои илмҳои техникӣ дар зери маҳфуми технология тарзи амалисозии раванди мураккабро бо роҳи тақсимоти он дар пайдарпаии қоидаҳо ва амалиётҳои ба ҳам алоқаманд ва як хел иҷрокунанда аз ҷониби одамон ва ё механизмҳо, ки имкон медиҳад ба самаранокии баланди тамоми чараён ноил шаванд, мефаҳманд. Дар зери маҳуми қоида ҷамъи баъзе амалҳое фаҳмида мешавад, ки ба воситаи он, ин ё он чараёни асосӣ (ва ё давраи алоҳидаи он) амалӣ карда мешавад, ки моҳияти технологияи муайянро инъикос мекунад.

Ҳар як технологияи илмӣ-асоснокшуда ҳамчун воситаи асосии баёни илми муайян (назария) ва истеҳсолоти мувофиқ (амалия) баромад мекунад. Барои раванди маълумоти касбӣ, технология лоиҳаи назарияи таълимро дар фаъолияти омӯзгорон ва донишҷӯён ифода мекунад [5]. Баъзе муаллифон технологияи педагогиро (омӯзишӣ) ҳамчун воситаи кафолатноки ба мақсад ноил шудан дар таълим баррасӣ мекунанд. Бо назардошти ин, онҳо хотирнишон мекунанд, ки технология ҳамавақт дар ҳама гуна раванди таълимӣ-тарбиявӣ вуҷуд дорад ва бо ин маънӣ дидактикаи классикиро рушд мекунад. [3]. Дигар тадқиқотчиён технологияи омӯзишро ҳамчун «тарзи амалисозии мазмуни таълим, ки дар барномаҳои таълимӣ пешбинӣ гардидаанд ва низоми шакл, усулҳо ва воситаҳои омӯзишро ифода мекунанд, ҳамчунин самаранокии ноилшавӣ ба мақсадҳои гузоштташударо таъмин мекунанд», баррасӣ мекунанд. [6]. Сеюмин, дар зери маҳфуми технологияи омӯзиш маҷмӯи пурраи қоидаҳои гуногунсифатро (равонӣ, дидактикӣ, умумиомӯзгорӣ ва ғ.) мефаҳманд, ки барои амалисозии тағйироти талабшудаи (то ба вуҷуд омадани дигар) шаклҳои рафтор ва фаъолияти таълимгирандагон вазифадор шудаанд. [7].

Ақидаи асоноккардашудаи он вуҷуд дорад, ки технологияи педагогӣ низоми пурраи воситаҳо ва усулҳоеро, ки ба ноилшавии кафолатноки мақсадҳои дидактикии рушди таълимгиранда, ташаккули вазъи зеҳнӣ, рафторӣ ва касбии ӯ равона шудааст, ифода мекунад. Ҳамин тариқ, дар кори мазкур дар зери мафҳуми *технологияи омӯзиш* пайдарпаии коидаҳо ва амалиётҳое, ки дар маҷмӯъ низоми пурраи дидактикиро ташкил мекунад ва амалишавии он дар амалияи омӯзгорӣ бо кафолат ба ноилшавии мақсадҳои омӯзиш ва тарбия оварда мерасонад, фаҳмида мешавад.

Шарҳи нашриёти илмӣ оид ба масъалаҳои технологияи омӯзиш имкон дод, ки як қатор хусусиятҳои ба он хос ҷудо карда шаванд: мақсадгузории ташхисӣ, самаранокӣ, алгоритмшавӣ, каммасрафӣ, лоиҳакашӣ, идоракунӣ, пуррагӣ, ислоҳкунӣ, аёншавӣ. Ба таври кӯтоҳ мазмуни онҳоро мекушоем.

Мақсадгузории ташхисӣ ва самаранокӣ кафолати ноилшавиро ба мақсадҳо ва самаранокии умумии тамоми раванди таълимро инъикос мекунад. Қобили қайд аст, ки мақсад ба таври ташхисӣ монда шудааст, агар тавсияи сифат ба қадре аниқ бошад, ки беғалат ва якмаънӣ онро аз дигар сифатҳо фарқ намоӣ; барои ин асбобу анҷоми муайян вуҷуд дорад, ки имкони чен кардани шиддатнокии сифати ташхисшавандаро дар асоси назорат медиҳад ва ҳамчунин ҷадвали баҳодиҳии сифат дар асоси натиҷаҳои ченкунӣ муқаррар шудааст. [3; С. 11-12].

Каммасрафии технологияи омӯзиш дараҷаи мутобиқи меҳнати омӯзгор, захираи вақти таълимӣ ва ноилшавӣ ба натиҷаҳои банақшагирифташудаи дидактикиро ифода мекунад. Алгоритмшавӣ, лоиҳакашӣ, пуррагӣ ва идоракунӣ тарафҳои гуногуни ақидаи таҷдиди технологияи омӯзишро инъикос менамояд. Ислоҳкунӣ имконияти робитаи мутақобилаи доимӣ ва фавриро, ки пайваста ба мақсадгузории аниқ нигаронида шудааст, дар назар дорад. Хусусияти аёншавӣ бо масъалаи коркард ва татбиқи асбобҳои аёнии таълимӣ ва маводҳои дидактикӣ, истифодаи воситаҳои техникии аёншавии иттилоот вобастагӣ дорад.

Технологияи таълим, ки қисми мурофиавии низоми дидактикӣ ва методӣ мебошад, пеш аз ҳама ба саволи: «чӣ тавр *бонатиҷа* омӯзонем?» ҷавоб медиҳад. Ҳамин тариқ, муносибати технологӣ ба таълим мақсади ташкили раванди таълимро аз рӯи нишондодҳои ибтидоии супоридашуда (мақсад ва мазмуни омӯзиш, аломатҳои омӯзишӣ, фармоиши иҷтимоӣ) мегузорад. Роҳи дарки ташкили технологии раванди таълим, ин самти пайдарпаи он ба ноилшавии кафолатнок ба мақсадҳои дидактикии аниқ муайяншуда мебошад. Технологияи омӯзиш ба таври вазифавӣ се қисматро якҷоя месозад: тавсифӣ, шарҳдиҳанда ва лоиҳакашӣ.

Қисмати вазифавии тавсифӣ кушодашавии аниқи ҷанбаҳои аслии раванди таълимро дар назар дорад. Асбобу анҷоми якхеларо истифода бурда, мутахассисони гуногун бояд тавсифи якхелаи раванди мазкурро диҳанд. Функсияи шарҳдиҳанда имкон медиҳад, ки самаранокии усулҳо ва қисматҳои гуногуни омӯзиш муқаррар карда шаванд ва маҷмӯаҳои муносиби онҳо муайян гарданд. Функсияи лоиҳакашӣ бошад, ҳангоми тавсифи ҷараёни омӯзиш дар тамоми сатҳҳо, аз ҷумла сатҳи амалисозии омӯзгорӣ, амалӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, амалигардии технологияи омӯзиш иҷроиши пайдарпайи қадамҳои зеринро дар назар дорад:

тасвият ва тавсифи мақсадҳои вопасини низоми маориф;

тавсифи мақсадҳои (вазифаҳои) фосилавӣ дар нишондиҳандаҳои ташхисӣ;

ташкили асосноки мазмуни раванди омӯзиш;

тартибдиҳии тавсияҳо оид ба истифодаи технологияҳои стандартии омӯзиш, ки ноилшавии мақсадҳои интихобкардашударо кафолат медиҳанд ва бо усулҳои назорати объективии сифати таълим таъмин мебошанд;

тавсифи шаклҳои ташкилӣ ва шартҳои таълим.

Дохилшавии фаъоли воситаҳо, техника ва усулҳои нави дидактикӣ ба муҳити таълимӣ, ки ба татбиқи воситаҳои инноватсионии техникӣ ва технологияҳо асос ёфтааст, тамоюли айни замон амалкунандаи мукаммалгардонии сохтори раванди таълимро дар мактабҳои олӣ боис шуд, ки бо функсияҳои робитаи мутақобила ва иваз намудани омӯзгор ба воситаҳои интерактивӣ дар як қатор давраҳои раванди таълим тавсиф ёфтааст. Раванди объективии мазкур инъикоси худро дар истилоҳоти истифодабаранда ёфтааст. Аз як тараф пуррашавии дидактикии мазмуни категорияи педагогии «технологияи иттилоотии омӯзиш» тартиб дода шуд, аз тарафи дигар бошад, дар асоси истилоҳи умумии «технологияҳои нави иттилоотӣ» консепсияи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар маориф рушди васеи худро ёфт, расми 1.

Истилоҳи «технологияҳои компютерӣ», ки аз аввал байни номутахассисон истифода бурда мешуд, ба қадри он, ки ивазшавии парадигмаи «компютер-ҳисоббарор» ба парадигмаи «компютер-маҳзани иттилоотӣ» ба амал меомад, ки бо имкониятҳои афзояндаи дастгоҳӣ ва барномавии техникаи ҳисоббарор тақвият дода мешуд, ҷои худро ба мафҳуми «технологияҳои иттилоотӣ» дод. Ҷараёнҳои ҷамъоварӣ, тахрир, пешниҳод ва истифодаи иттилоот бо ёрии воситаҳои электронӣ, ки муҳити хоси амалишавӣ доранд, дар асоси қисматҳои зерин номи «технологияҳои иттилоотӣ»-ро доро шуд:

муҳити техникӣ (ҷамъи дастгоҳҳои аппаратӣ барои ҳалли ин ё он вазифаҳо);

муҳити барномавӣ (маҷмӯи воситаҳои барномавӣ барои амалисозии технологияҳои иттилоотии омӯзиш);

муҳити фаннӣ (дар бар гирифтани соҳаи фаннии аниқи илм ва техника);

муҳити методӣ (тартиби истифодабарӣ, баҳодиҳӣ, дастурдиҳӣ ва фармоиш).

Як қатор нашрияҳои илмӣ-методӣ ва маорифпарварӣ истилоҳи «технологияҳои нави иттилоотӣ»-ро доранд. Калимаи «нав» дар ин ҷо хусусияти инноватсионии технологияҳои мазкурро аз нуқтаи назари соҳаҳои татбиқи онҳо (дар педагогика) ва натиҷаи гирифташуда нишон медиҳад. Муқобилгузории технологияҳои иттилоотии «кӯҳна» ва «нав» вуҷуд надорад – балки тарзҳои навоваронаи татбиқи ақидаҳои ҷамъшуда дар соҳаи таҳрири иттилоот мавҷуд аст. Ҷорисозии онҳо амали навоварона дар он маъно мебошад, ки ба куллӣ мазмуни фаъолияти амалии бавуҷудомадаро дар ташкилотҳои гуногун, муассисаҳои таълимӣ, дар рӯзгор ва ғайра тағйир медиҳад.

Доир ба мактабҳои олӣ амалишавии навоварии аниқ дар шароити муассисаи таълимии муайян метавонад бо низоме, ки аз ҷониби коллективи тадқиқотчиёни Москва дар зери роҳбарии В.С. Лазарев пешниҳод шудааст, баҳодиҳӣ нишондиҳандаҳои асосии зеринро доранд [5; С. 23-24]:

- имкониятҳои кадрӣ;
- имкониятҳои муваққатӣ;
- имкониятҳои моддӣ-техникӣ;
- имкониятҳои молиявӣ;
- имкониятҳои барномавӣ-методӣ;
- имкониятҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ;

- омодабошии ташкилӣ;
- омодабошии равонӣ.

Технологияҳои нави иттилоотие, ки натиҷаҳои пешқадами фикри техникии инсониро доранд, худ барои пайвастшавии бевосита бо илми омӯзгорӣ мушкил мебошанд. Аз ин лиҳоз, омӯзгорон маҷбур мешаванд, ки ёрии мутахассисони муайян – барномасозон, муҳандисонро талаб кунанд. Илова бар ин, омӯзгорон метавонанд ба мутахассисон-компютерсозҳо муайянкунии роҳҳо ва тарзҳои истифодаи техникаи электронии ҳисоббарорро дар раванди таълим боварӣ намуда, «асири» бесалоҳиятии худ шаванд. Чунин вазъият метавонад боиси сарбории манфӣ шавад. Ҳангоми истифодаи беназорати барномаҳои компютерӣ аз ҷониби одамон, ки муносибати худро бо компютер танҳо бо барномаҳои бозӣ ва функсионалӣ маҳдуд мекунанд, имкониятҳои рӯҳии зеҳни таълимгиранда танг мешавад.

Стратегияи васеъшавии имкониятҳои омӯзгор аз ҳисоби имкониятҳои компютер аз тарафи педагогӣ муваффақ мебошад ва ташаккули боз ҳам бомуваффақияти баъзе сохторҳои дониш ва малакаро таъмин мекунад, имкониятҳои навро дар омӯзиши таълимгирандагон ва фардӣ кунонидани таълим пешниҳод мекунад.

Аз гуфтаҳои боло хулоса карда, дар зери мафҳуми *технологияи иттилоотии омӯзиш* бояд низоми қоидаҳои умумиомӯзгорӣ, дидактикӣ, равонӣ ва методии робитаи мутақобилаи омӯзгорон ва таълимгирандагон фаҳмида шавад, ки ба амалисозии мазмун, усулҳо, шаклҳо ва воситаҳои иттилоотии омӯзиш равона шудааст, ба мақсадҳои таълим, хусусияти хоси фаъолияти оянда ва ба талабот нисбат ба хислатҳои муҳими касбии мутахассис муносиб аст.

Технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун воситаи ҳалли мухолифат байни ҳаҷми афзудаи донишҳо аз як тараф ва имкониятҳову андозаи истифодабарии иҷтимоии он аз дигар тараф ба вуҷуд омаданд. Нишонаи хоси ягонагии мустаҳками информатика ва телекоммуникатсия дар ҷаҳони муосир ин бавуҷудоии истилоҳи нави «технологияҳои иттилоотии коммуникатсионӣ» (ТИК) мебошад, ки фаъолона ҳам дар адабиёти илмӣ ва ҳам дар адабиёти оммавӣ истифода мешавад. Дурангии ТИК аз он иборат аст, ки он донишҳоро ба захираҳои иттилоотии ҷомеа мубаддал мегардонад. Аз тарафи дигар бошад, ҳамчун воситаи амалисозии технологияҳои иҷтимоӣ ва мубаддалшавии онҳо ба технологияҳои иҷтимоӣ-иттилоотӣ баромад мекунанд. Охирин метавонад бевосита дар низоми идоракунии давлатӣ ва худидоракунии ҷамъиятӣ истифода бурда шавад. [4; С. 10].

Мазмуни технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ аз истифодабарии воситаҳои телекоммуникатсионӣ ва техникаи ҳисоббарор барои амалишавии равандҳои иттилоотӣ ва кори фаврӣ ва самаранок бо иттилоот ташкил ёфтааст. Воқеияти зиндагии муосир зарурати ҷорисозии фаъоли ТИК-ро ба раванди таълимӣ-тарбиявии мактабҳои олӣ талаб мекунад, ки дар навбати худ зарурати ташаккули ТИК-салоҳиятнокии ҳайати омӯзгоронро пеш меорад, ки яке аз хислатҳои касбии ташкилкунандаи маҳорати омӯзгорӣ мебошад. Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дорои имкониятҳои бузург оид ба истифодаи онҳо дар раванди таълим мебошанд. Бо тамоми захираҳояш, ТИК яке аз воситаҳои асосии амалишавии мақсадҳо ва вазифаҳои дидактикии раванди омӯзиш мебошад.

Дар натиҷаи ҷорисозии ТИК ба соҳаи маориф, омӯзгори муосир омили пурзӯр барои рушди касбӣ ва эҷодии худ мегирад, ки ба туфайли он сифати таълим баланд мешавад. Технологияҳои нави иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ барои амалишавии мақсадҳои амиқи низоми маориф хизмат мекунанд, барои таъмини он қатъиян таъсир мерасонанд, барои таҳияи усулҳои таълимии нав боис мешаванд, имкон медиҳанд, ки дар амалия ғояҳои бунёдии омӯзгорӣ амалӣ шаванд. [1]. Ба ТИК-и муосир универсалӣ будан хос аст: онҳо метавонанд асоси ташкили ҳама гуна фаъолияте, ки бо мубодилаи иттилоотӣ вобаста аст ва заминаи таъсиси фазои умумии иттилоотӣ доранд, бошанд.

Шартҳои мансуб будани ТИК-и муайян ба технологиҳои таълимӣ инҳо мебошанд:

мутобиқ будани ТИК-и баррасишаванда ба принсипҳои асосии технологияи омӯзгорӣ (лоиҳакашии пешакӣ, таҷдид, мақсадгузорӣ, пуррагӣ);

онҳо масъалаҳои пештар ҳалнашавандаи дидактикаи классикиро ҳал мекунанд;

техникаи компютерӣ ва технологияҳои коммуникатсионӣ ҳамчун воситаи интиқоли иттилоот ба таълимгиранда баромад мекунанд.

Муаллифони гуногун се ҷанбаи пурмазмуни ТИК-ро дар омӯзиш баррасӣ мекунанд. Якум, ТИК метавонанд ҳамчун муҳити амалишавии муносибати мутақобилаи таълимии

омӯзгорон ва таълимгирандагон ва инчунин паҳнкунандаи иттилоотӣ таълимӣ баромад кунанд, расми 2. Вобаста ба технологияҳои муосири таълимии фосилавӣ бошад, ҷанбаи мазкур ҳукмфармо мебошад ва метавонад бо шиори «Омӯзиш ба воситаи ТИК» ифода шавад.




Расми 2 – Се ҷанбаи таъмини ТИК дар маориф

Дуюм, ТИК метавонад ҳамчун предмети омӯзиш, яъне фани омӯзиш барои ихтисосҳои соҳавӣ ва умумӣ баромад кунад. Мақсади таълимии ТИК ҳамчун предмет ташаккули фарҳанги иттилоотӣ ва ТИК-салоҳияти таълимгирандагон мебошад. Дар айни замон ҷанбаи фании ТИК устуворона ба амалияи омӯзиш ворид шудааст ва оянда аҳамияти он боз ҳам афзудан мегирад. [1].

Сеюм, истифодабарии ТИК ҳамчун воситаи таълим ва ҳалли вазифаҳои дидактикӣ, ки дар шаклҳои гуногун ба амал меоянд: низомҳои шабакавии таълимӣ, машқҳои омӯзишӣ ва амалӣ, машваратҳо ва семинарҳо, тарҳсозӣ, барномаҳои гипермедиявӣ ва ғ. Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ бо вазифагии дидактикӣ асосан барои сабук кардани азхудкунии маводҳои таълимии дарсҳо аз ҷониби донишҷӯён муайян карда шудааст. Ҳамаи гуногуншаклии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсиониро мумкин аст дар раванди омӯзиш бо самтҳои зерин истифода барӣ [7; С. 64]:

- барои омӯхтан ва мустаҳкам кардани маводи нав;
- ҳангоми гузаронидани корҳои амалӣ ва озмоишӣ;
- ҳамчун воситаи шарҳдиҳанда ҳангоми фаҳмонидани маводи нав;
- ҳангоми худомӯзиш;
- барои назорат.

Таҳлили адабиёти илмӣ ва илмӣ-методӣ [4-8] нишон медиҳад, ки ба технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар маориф дар ҳар ҳол ҳафт функсияи асосии дидактикӣ хос аст: функсияҳои омӯзишӣ, рушдкунанда, тарбиядиҳанда, маърифатӣ, боисшаванда, ташкилӣ ва назоратӣ, расми 3.




Расми 3 – Функсияҳои ТИК-и муосир дар маориф

Функсияи омӯзишии ТИК аз омӯхтан ва мустаҳкам кардани маводи нав дар ҳар гуна шароитҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, гузаронидани корҳои амалӣ ва озмоишӣ, шарҳдиҳии маводи нав, худомӯзишӣ, фаъолияти инфиродӣ ва илмӣ-тадқиқӣ иборат аст.

Функсияи рушдкунандаи ТИК рушди амалиёти ақлии таҳлил, синтез, абстрактсия кардан ва ғ.; рушди усулҳои фаъолияти ақлии хусусияти ҷустуҷӯӣ дошта; рушди қобилияти эҷодӣ ва ғайраро дар назар дорад.

Функсияи тарбиякунандаи ТИК аз тарбияи ҳар гуна хислатҳои шахсии таълимгирандагон (хислатҳои ахлоқӣ, ҳисси зебопарастӣ ва ғ.) иборат аст.

Функсияи боискунанда аз шавқоварӣ, ҳавасангезии ТИК намоён мешавад ва рушди сабабнишондиҳии таълимии таълимгирандагонро дар асоси аҳамиятнокӣ ва зарурати омӯзиши ин ё он маводи назариявӣ ифода мекунад. Барои ин метавонад сужаҳои ҳаётӣ ва ё мутобиқкардашуда истифода бурда шаванд.

Функсияи маърифатии ТИК аз шиносоии донишҷӯён бо ҳар гуна нуқтаҳои назари ин ва ё он масъалаи омӯхташаванда; имкониятҳои амалисозии кори муштарак бо одамони дигар; ҷорӣ намудани робитаҳои коммуникатсионӣ: гирифтани иттилоот ва ғ. иборат аст.

Функсияи ташкилии ТИК робитаи мутақобилаи донишҷӯёнро бо омӯзгорон, фардикунонии роҳҳои таълимии фаъолияти синфӣ ва беруназсинфиро доир ба мавзӯъҳои интихобнамуда, хароҷоти муваққатиро барои иҷроиши масъалаҳои курси таълимӣ таъмин мекунад.

Ҳамин тариқ, функсияи назоратӣ ва танзимкунандаи ТИК дар имконияти мониторинги автоматии тамоми ҷанбаҳои фаъолияти таълимӣ аз ҷониби омӯзгорон ва шахсони масъули мактаби олӣ ва ҳамчунин, дар амалишавии худназоратии таълимгирандагон аз ҳисоби ошкор кардани саривақтии нишондиҳандаҳои омӯзиш инъикос меёбад.

**АДАБИЁТ**


1. Везиров, Т.Г. Теория и практика использования информационных и коммуникационных технологий в педагогическом образовании: дис. ... докт. пед. наук. / Т.Г. Везиров. - Ставрополь: СГУ, 2001. - 310 с.
2. Зазыкин, В.Г., Чернышев, А.П. Акмеологические проблемы профессионализма. - М.: НИИ ВО, 1993. С. – 48.
3. Красильникова, В.А. Информационные и коммуникационные технологии в образовании: учебное пособие / В.А. Красильникова. - М.: ООО «Дом педагогики», 2006. - 231 с
4. Кодиров, К.Б. Дидактические аспекты применения информационных технологий обучения в вузе /К.Б.Кодиров, А.Мирзоев. - Душанбе, 2006. -138 с.
5. Мирзоев, А. Педагогическая технология как метод обучения с использованием технических средств. - Душанбе, 2005. - 69 с.
6. Мирзоев, А. Дидактические основы подготовки студентов вузов Таджикистана к использованию информационно-коммуникационных технологий. - Душанбе, 2014. - 298 с.
7. Шарипов, Ф.Ф. Системный подход к информатизации педагогического процесса в вузе - доминанта формирования профессиональных компетентностей студентов: дисс. д.п.н. - Душанбе: РТСУ. 2013. - 409 с.
8. Шор, О.Л. Телекоммуникационные технологии в системе повышения квалификации как средство развития медиакультуры педагогов: автореф. дис. … канд. пед. наук / О.Л. Шор. – СПб: ТОГИРРО, 2011. – 24 с.


## ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ФАННИ ХИМИЯ


***ОРИФОВ Абдулло Асоевич*** *– номзади илми химия, мудири шуъбаи фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва технологияи инноватсионии таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2.* ***E-mail:*** *orifov_68@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 900 00 46 00*

***ЗУМРАТОВ Азизбек*** *– унвонҷӯйи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдурраҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. А. Адҳамов, 11/2.* ***E-mail:*** *aziz-87@list.ru,* ***тел.:*** *(+992) 900 19 16 64*



Дар мақола муаллифон бартарии татбиқи муносибати босалоҳиятро дар раванди таълими фанни химия нисбати муносибати анъанавӣ, ки таи солҳои зиёд арзи ҳастӣ дорад ва он ба гирифтани ҳаҷми ҳарҷӣ бештари дониш аз ҷониби хонандагон дар мактаб равона

гардидааст, мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор додаанд. Зеро, имрӯзҳо талабот ба хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти умумӣ дигар аст, аммо дараҷаи маълумотнокиро аз рӯи ҳаҷми дониши хонанда муайян кардан ғайримкон аст. Воқеияти имрӯза чунин аст, ки таҳсилот мебояд ба дархости иқтисодиёт ва талаботи ҷомеа ҷавобгӯ бошад.

Муассисаи таълимии муосир бояд дар хонандагон универсиализми касбиро ташаккул диҳад то ба ӯ имконият медиҳад, ки тули ҳаёти хеш воситаҳо ва соҳаҳои фаъолияти худро иваз намояд. Дар раванди ташаккули универсиализми касбӣ гузариши амсилаи анъанавии таҳсилот ба муносибати босалоҳият имконпазир мегардад.

***Вожаҳои калидӣ:*** *муносибати босалоҳият ба таълим, фанни химия, озмоиши химиявӣ, таҳлили стандарти давлатӣ, барномаи таълим, китоби дарсӣ, адабиёти илмӣ ва илмию методӣ.*

## РЕАЛИЗАЦИЯ КОМПЕТЕНТНОГО ПОДХОДА В ПРОЦЕСС ПРЕПОДАВАНИЯ ХИМИИ

***ОРИФОВ Абдулло Асоевич*** *– кондидат химических наук, заведующий отделом естественных, точных и инновационных образовательных дисциплин Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2.* ***E-mail:*** *orifov_68@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992) 900 00 46 00*

***ЗУМРАТОВ Азизбек*** *– соискатель Института развития образования им. Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. А. Адхамова, 11/2.* ***E-mail:*** *aziz-87@list.ru,* ***тел.:*** *(+992) 900 19 16 64*

В статье авторы обсудили и исследовали преимущества реализации компетентностного подхода в процессе преподавания химического предмета по сравнению с традиционным подходом, который существует уже много лет и который направлен на получение наибольшего объема знаний учащимися в школе. Сегодня требования к выпускнику общеобразовательного учреждения иные, и невозможно определить уровень образованности по объему знаний учащегося. Сегодняшняя реальность такова, что образование должно отвечать требованиям экономики и требованиям общества.

Современное образовательное учреждение должно формировать у учащихся профессиональный универсиализм, который позволяет им на протяжении всей жизни менять средства и сферы своей деятельности. В процессе формирования профессионального универсализма возможен переход традиционного курса образования на грамотный подход.

***Ключевые слова:*** *грамотный подход к преподаванию, химии, химическому тестированию, анализу государственных стандартов, учебной программе, учебнику, научной и научно-методической литературе.*

## IMPLEMENTATION OF A COMPETENT APPROACH IN THE PROCESS OF TEACHING CHEMISTRY

***ORIFOV Abdullo Asoevich*** *– candidate of chemistry l Sciences, completing a separate, point and innovative educational disciplines of the Academy of Education Republic of Tajikistan, Dushanbe, A. Adhamov Street, 11/2.* ***E-mail:*** *orifov_68@mail.ru,* ***phone:*** *(+992) 900 00 46 00*

***ZUMRATOV Azizbek*** *– applicant for the Institute for the Development of Education named after Abdurahmoni Jomi of the Academy of Education Republic of Tajikistan, Dushanbe city, A. Adhamov Street, 11/2.* ***E-mail:*** *aziz-87@list.ru,* ***phone:*** *(+992) 900 19 16 64*

In the article, the authors discussed and explored the advantages of implementing a competence-based approach in the process of teaching a chemical subject compared to the traditional approach, which has existed for many years and which is aimed at obtaining the greatest amount of knowledge by students at school. Today, the requirements for a graduate of a general education institution are different, and it is impossible to determine the level of education by the amount of

knowledge a student has. Today's reality is that education must meet the requirements of the economy and the requirements of society.

A modern educational institution should form professional universialism among students, which allows them to change the means and spheres of their activities throughout their lives. In the process of forming professional universalism, it is possible to switch the traditional course of education to a competent approach.

***Keywords:*** *a competent approach to teaching, chemistry, chemical testing, analysis of state standards, curriculum, textbook, scientific and methodological literature.*

Таҳлили низоми анъанавии таҳсилот моро ба чунин хулоса овардааст, ки дар раванди он ба хонандагон дар муассисаи таълимӣ танҳо дониш ва таҷрибаи ҳаётӣ ба даст меоранд. Оё дар чунин вазъият дар хонанда ташаккул додани донишҳои мустаҳкамро, ки метавонанд тӯли тамоми ҳаёти ӯ зарурат дошта бошад, мумкин аст? Масъалаи мазкур аз бӯҳрони низоми донишӣ-равшаннамоӣ дар таҳсилоти муосири кишвар гувоҳӣ медиҳад, ки аз якчанд омил вобастааст. Яке аз омилҳои асосӣ дигаргуншавии раванди азбар намудани дониш мебошад. Дар баробари ин, таносуби онро бо таҷрибаи иҷтимоӣ муқоиса намудан зарур аст. Дар ин ҳолат мо муҳиммияти ба даст овардани иттилоотро дар назар дорем, чунки инсон тӯли тамоми ҳаёти худ ба иттилоот ниёз дорад. Он дар тамоми соҳаҳои фаъолияти ҳаётӣ, аз он ҷумла дар истеҳсолот ва ҳаёти ҳаррӯза ба ӯ зарур аст. Сабаби ин дар суръати навгониҳо дар илм ва истеҳсолот мебошад.

Гуфтаҳои боло зарурияти дигаргун намудани низоми таҳсилотро ба миён мегузоранд. Муносибати анъанавӣ, ки таи солҳои зиёд арзи ҳастӣ дорад, ба гирифтани ҳаҷми ҳарчӣ бештари дониш аз ҷониби хонанда дар мактаб равона гардидааст. Имрӯзҳо талабот ба хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти умумӣ дигар аст ва дараҷаи маълумотнокиро аз рӯи ҳаҷми дониши хонанда муайян кардан ғайримкон аст. Воқеияти имрӯза чунон аст, ки таҳсилотро мебояд ба дархости иқтисодиёт ва талаботи ҷомеа ҷавобгӯ намуд. Зеро, суръати инкишофи ҷомеаи муосир ба низоми таҳсилот таъсири муайян мерасонад. Бо дарназардошти ин гуфтан мумкин аст, ки мақсади таҳсилоти муосир дар муассисаи таълимӣ – ин омода намудани шахсияти хонанда ба ҳаёт дар ҷомеаи тағйирпазир аст. Дар раванди омодасозӣ дар хонанда бояд чунин сифатҳои муҳим аз қабили созандагӣ, фаъолӣ ва зудамалкунанда будан тақвият дода шавад. Сифатҳои мазкур дар ӯ барои фаъолияти минбаъдаи касбияш зарур хоҳанд шуд. Аз ин рӯ, муассисаи таълимии муосир бояд дар хонандагон универсиализми касбиро ташаккул диҳад. Ин ба ӯ имконият медиҳад, ки тули ҳаёти хеш воситаҳо ва соҳаҳои фаъолияти худро иваз намояд. Дар раванди ташаккули универсиализми касбӣ гузариши амсилаи анъанавии таҳсилот ба муносибати босалоҳият имконпазир мегардад.

Лозим аст, ки донишу маҳорат ва малакаҳо дар хонандагон ҳамчун воҳидҳои маданият баробар ташаккул ёбанд. Воҳидҳои маданият дар онҳо бояд ба воҳидҳои иқтисоди бозаргонии ба ҷамъият нигаронидашуда мубаддал гарданд. Ворид намудани муносибати босалоҳият ба низоми муассисаи таҳсилоти умумӣ ба хонандагон имконият медиҳад, ки мустақилона амал намуда дар вазъиятҳои гуногун ҳалли масъалаҳои муҳимро омӯзанд. Табиист, ки тамоми дигаргуниҳои дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ баамалоянда дар низоми таҳсилот низ инъикос мегарданд. Ин зарурият таҷдиди назар намудани мазмуни таҳсилотро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба миён меорад.

Маълум аст, ки ба масъалаҳои муносибати босалоҳият ва салоҳиятҳои таҳқиқотӣ олимон аз Тоҷикистон, Қазоқистон, Россия ва дигар мамлакатҳо машғул шудаанд. Аз ҷумла, дар корҳои олимони Тоҷикистон ба методҳо ва шаклҳои нави таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, рушди зеҳн ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон диққати зиёд додаанд, ки бешак ба ташаккули салоҳияти таҳқиқотии хонандагон мусоидат мекунанд. Инчунин, масъалаҳои дидактикаи муосир дар асарҳои олимон Лутфуллоев М., Шарифзода Ф., Зубайдов У.З., Гусейнова Т. мавриди таҳқиқот ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, дар китоби Лутфуллоев М. «Дидактикаи муосир», ки ба методҳо ва шаклҳои нави таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар диққати махсус дода шудааст, мавқеи хоса дорад. Инчунин, олимони соҳаи педагогика ва психология дар Тоҷикистон М.С. Ахмедов, Дадабоев М.А.,

Раҳмонов Д.З., Назирӣ Л.Қ, Шарипова Д.Я., Шарифзода Ф. дар корҳои худ масъалаи ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагонро муайян намудаанд.

Дар асарҳои олимон – педагогҳои маъруфи тоҷик аз қабили Афзалов Х.С., Базарова С.Ш., Раҳимов Б., Буйдоқов Х., Зубайдов У.З., Қодиров Б., Қодиров К.Б., Лутфуллоев М., Нуров А., Паҳлавонов А., Раҷабов Т., Табаров С., Ҳамрокулов А., Шукуров Т.А. ва дигарон низ баъзе ҷанбаҳои масъалаи омӯхташаванда баррасӣ гаштаанд.

Ба масъалаҳои муносибати босалоҳият ба таълим олимони Академияи таҳсилоти Қазоқистон аз қабили Ҷадрина М., Нурахметов Н.Н., Муканова С., Холиқова С., Сулаймонова Р.А. машғул шуда, таърифи мафҳуми «босалоҳият» - ро пешниҳод намудаанд. Онҳо ба муносибати босалоҳият такя намуда, мазмуни мафҳуми «салоҳият» - ро дақиқ намуда, дар ин раванд андешаҳои калидии худро иброз доштаанд.

Олимони рус низ ба масъалаи ташаккул ва рушди салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагон диқати ҷиддӣ додаанд (Александрова Н.А., 2011; Гармашов М.Ю., 2013; Кривенко Я.В., 2006; Никитина Л.А., 2014; Скарбич С.Н., 2006; Ушаков А.А., 2008; Федотова Н.А., 2010; Феськова Е.В., 2005; Форкунова Л.В., 2010).

Мақсади татбиқи муносибати босалоҳият, бахусус, дар раванди таълими фанни химия дар хонандагон ташаккул додани системаи салоҳиятҳои дар раванди фанни мазкур маҳсуб меёбад.

Бояд дар раванди таълими фанни химия хонандагон ба салоҳиятҳои зерини донишу маҳорат ва малакаҳо доро бошанд:

1. Фаҳмиш дар бораи химия ҳамчун ҷузъи таркибии тасвири табиӣ-илмии олам, ҳамчун илми меҳварӣ оид ба табиат, ки бо дигар фанҳои табиӣ алоқамандии зич дорад.

2. Фаҳмиш дар бораи он, ки олами иҳотакарда аз моводе таркиб ёфтааст, ки сохтори муайян дошта, қобилияти ба ҳамдигар табдилёбӣ доранд; миёни сохтор, хусусиятҳо ва истифодаи моводҳои мазкур алоқамандии муайян вуҷуд дорад.

3. Тафаккури химиявӣ, маҳорати таҳлил намудани ҳодисаҳои олами иҳотакарда тавассути истилоҳоти химиявӣ, қобилият бо забони химиявӣ ҳарф задан ва андешаронӣ намудан.

4. Дарки нақши химия дар ҳаёти рӯзмарра ва нақши амалии химия дар ҳаёти ҷомеа ва инчунин, дар ҳалли муаммоҳои глобалии башар: озуқаворӣ, нерӯӣ (энергетикӣ), экологӣ ва амсоли инҳо.

5. Малакаҳои амалии муомила бо моводҳо, ашёҳо ва равандҳои химиявӣ дар ҳаёти ҳаррӯза ва ҳамчунин, маҳорати идора кардани равандҳои химиявӣ.

Аммо новобаста аз он, ки бисёре аз олимон масъалаҳои ташаккули салоҳияти таҳқиқотии хонандагонро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додаанд, баъзе ҷанбаҳои масъалаи мазкур ҳанӯз ҳам кам омӯхта шудаанд, аз ҷумла:

- махсусияти ба вуҷуд омадани фаъолияти таҳқиқотии хонандагон дар шароити таҷдиди мазмуни таҳсилот дақиқ нагардидааст;

- сохтори таркибиии салоҳияти мазкур муайян карда нашудааст;

- системаи корҳои педагогҳо дар самти ташаккули салоҳияти таҳқиқотии хонадагони синни миёнаи мактабӣ коркард нашудааст.

Бинобар ин, дар масъалаи ташаккули салоҳияти таҳқиқотии хонандагон мо гуфта метавонем, ки бояд чунин масъалаҳо роҳи ҳалли худро ёбанд:

- миёни махсусиятҳои фаъолияти таҳқиқотии хонандагон ва ба қадри кофӣ коркард нашудани ҷанбаҳои назариявии ташаккули салоҳияти таҳқикотии хонандагони синни миёнаи мактабӣ зимни дарсҳои химия дар шароити таҷдиди назар намудани мазмуни таҳсилот;

- миёни талаботи хонандагон ба фаъолияти таҳқиқотӣ ва омода набудани педагогҳо ҷиҳати амалӣ намудани талаботи онҳо;

- роҳҳои ташаккул додани салоҳияти таҳқиқотии хонандагони синни миёнаи мактабӣ дар раванди дарсҳои химия дар шароити таълим тибқи барномаҳои нав;

- роҳҳои бештар гардонидани теъдоди хонандагони синни миёнаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҷиҳати татбиқи машғулиятҳои амалӣ дар соҳаи химия бо дарназардошти муносибати босалоҳият ба таълим мавҷуданд.

Ҳамчунин, таҳлили стандарти давлатӣ, барномаи таълим, китоби дарсӣ, адабиёти илмӣ ва илмию методӣ аз фанни химия моро ба хулосае овардананд, ки ташаккули салоҳияти

таҳқиқотӣ дар хонандагон зимни машғулиятҳои амалӣ ниҳоят муҳим аст. Яъне, аҳаммияти дарсҳои амалиро дар тадриси фанни химия сарфи назар кардан нодуруст аст. Зеро, дар раванди иҷрои машғулиятҳои амалӣ хонанда ба таҳқиқот машғул мегардад, ки ин боиси ташаккулёбии салоҳиятҳои таҳқиқотии ӯ мегардад. Хонандае, ки метавонад, таҳқиқот гузаронад ва ба саволҳои пайдошуда мустақилона ҷавоб ёбад, фардо хатмкунандаи муваффақ ва рақобатпазир мегардад. Бо дарназардошти андешаҳои мазкур, мебояд қисмати амалии дарсҳоро таҳким бахшем, аммо муносибати мукаммали ташаккули салоҳияти химиявӣ ва таҳқиқотӣ дар хонанда чандон мавҷуд нест. Ба андешаи мо, салоҳияти химиявиро тавассути ташкил намудани таҳқиқот, яъне озмоишҳо, таҷрибаҳо дар раванди дарс ташаккул додан имконпазир аст.

Дар хонандае, ки дар дарс ба гузаронидани таҷрибаи химиявӣ машғул мегардад, салоҳияти таҳқиқотӣ ташаккул меёбад. Далелҳои ихтилофноки мазкур моро ба ҷустуҷӯи методҳои таълим, ки ба ташаккули салоҳиятҳои химиявӣ ва таҳқиқотии хонандагон равона гардидаанд, водор сохтанд. Низом ё методикаи самарабахши таълим бояд бо дарназардошти ҳадафҳои таълим ва инчунин, мундариҷаи фанни омӯхташаванда коркард гардад. Ба муаллим зарур аст, ки раванди ташаккули салоҳиятҳои химиявӣ ва таҳқиқотиро назорат намояд.

Нақши озмоиши химиявӣ дар ташаккули салоҳиятҳои калидӣ низ бузург хоҳад буд, агар он на танҳо ба сифати воситаи айёнӣ, балки ҳамчун воситаи маърифат низ татбиқ гардад. Дар ин бобат омӯзгорон бояд донанд, ки танҳо дар ҳамбастагии озмоиш ва назария дар дарси химия ба сифати баланди таълим ноил шудан мумкин аст.

Хонандагоне, ки таҷриба гузаронида метавонанд, минбаъд имконият пайдо мекунанд, ки донишҳои худро дар тасвияи фарзияҳо истифода кунанд. Агар хонанда маҳорати пешниҳоди фарзияҳоро соҳиб бошад, ин чунин маъно дорад, ки ба хубӣ инкишоф ёфтааст. Иҷрои озмоиши химиявӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки вазъиятҳои проблемавиро амсиласозӣ намоянд ва ҳал кунанд, фарзияҳои пешниҳоднамудаашонро санҷанд. Аз ин чунин хулоса бармеояд, ки озмоиш дар рушди қобилиятҳои хонандагон таъсири мусбӣ расондааст. Омӯзгор дар чунин ҳолат метавонад рушди тафаккури хонандагонро пайгирӣ намояд, ба азхудкунии донишҳои нав аз ҷониби хонандагон мусоидат кунад.

Хулоса барои хатмкунандаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки аз ҷиҳати салоҳиятмандӣ дар фанни химия муваффақ ва рақобатпазир мебошад, чунин нуктаҳо низ пешниҳод карда мешавад:

1. Ба амалияи тадриси фанни химия дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ фаъолона ворид намудани технологияҳои муосири таълимӣ, ки ба ташаккул ва инкишофи маҳоратҳои таҳқиқотии хонандагон равона гардидаанд, бояд тағйиротҳо ворид карда шаванд.
2. Ҳангоми ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатии хонанда ба қисмати амалии корҳо диққати асосӣ додан зарур аст, то ки дар раванди машғулиятҳои амалӣ ва лабораторӣ дониши хонандагон ба салоҳият табдил ёфта тавонад.
3. Ҳангоми таълими фанни химия диққати асосиро ба супоришҳои ба босалоҳият нигаронидашудаи хусусияти таҳқиқотидошта равона кардан зарурат дорад.
4. Омода намудан ва бозомӯзии омӯзгорон ҷиҳати татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ҳангоми тадриси фанни химия (гузаронидани семинарҳо, мизҳои мудаввар, мастер-классҳо, тренингҳо ва ғ.) шарти муҳим маҳсуб меёбад.
5. Ташкил намудани озмуни лоиҳаи таҳқиқотии беҳтарин барои хонандагон.
6. Дастраси омма намудани натиҷаҳои лоиҳаҳои илмӣ-таҳқиқотии хонандагон тавассути ВАО.

## АДАБИЁТ


1. Габриелян, О.С., Краснова В.Г. Компетентностный подход в обучении химии. // Химия в школе, 2007, № 2, с. 16.
2. Елпатова, О.И. Диалоговые технологии как средство формирования коммуникативной компетентности учащихся. // Химия в школе, 2008, № 7, с. 20.
3. Нешко, О.В. К вопросу о значении исследовательской деятельности в процессе подготовки учителя [Текст] / О.В. Нешко // Вестник педагогических инноваций. - 2007. - №1. - С. 56 – 60.

4. Огородник, В.Э. Практико-ориентированные ситуационные задачи как средство реализации компетентностного подхода к методической подготовке будущего учителя химии // Актуальные проблемы химического образования в средней и высшей школе: сб. науч. статей конф. (Витебск, 25–26 апреля 2016 г.). – Витебск: Изд-во Витебского гос. ун-та им. П. М. Машерова. – С. 279–282.

5. Панькова, С.В. Из опыта формирования химической компетенции. ХвШ, 2009, № 4, с.29.

6. Файзуллоева, М.М. автореферат ва диссертатсияи барои дарёфти номзади илмҳои педагогӣ, Душанбе 2021.

## ИНФОРМАЦИОННО-ТЕХНОЛОГИЧЕСКАЯ ПОДГОТОВКА МЕНЕДЖЕРОВ

***МУХАММАДЖОНИ Бозорали** – соискатель кафедрой педагогики Кулябского государственного университета им. Абуабдуллох Рудаки г. Куляб, ул. Сангак Сафарова, 30, **тел.:** (+ 992) 101 101 424*

В статье рассматривается вопросы понимания уровня соответствия действующего содержания экономического образования целям и задачам освоения бакалаврами-менеджментами профессиональной компьютерной технологии, необходимо рассмотреть вопросы, касающиеся того, что вкладывается в понятие роли компьютерных технологий в профессиональных компетенциях экономиста и какое место отводится в овладении этими технологиями в подготовке специалистов данного направления в высших профессиональных учебных заведениях. Поскольку данный вопрос для высшего образования Республики Таджикистан является относительно новым (реформы в области повышения технологичности высшего профессионального образования в стране были начаты в начале 2000-х годов), сначала, будут рассмотрены мнения и результаты исследований в странах, которые более длительное время занимаются информационно-технологической подготовкой экономистов. В последующем будут отмечены шаги, которые были предприняты в Таджикистане для достижения определенного уровня результатов в выработке навыков работы с компьютерными и информационно-коммуникационными технологиями (ИКТ) у бакалавров менеджмент.

***Ключевые слова:** образования, ИКТ, компьютерных технологий, мультимедийные технологии, Республики Таджикистан, менеджмент, специалист, бухгалтер, программирования.*

## ОМӮЗИШИ ИТТИЛООТИЮ ТЕХНОЛОГИИ МЕНЕҶЕРОН

***МУҲАММАДҶОНИ Бозоралӣ** – унвонҷӯйи кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ш. Кӯлоб, к. Сангак Сафаров, 30, **тел.:** (+ 992) 101 101 424*

Дар мақола масъалаҳои фаҳмидани сатҳи мутобиқати мундариҷаи амалкунандаи таҳсилоти иқтисодӣ ба ҳадафҳо ва вазифаҳои азхудкунии технологияи касбии компютерӣ аз ҷониби бакалаврҳо-менеҷментҳо баррасӣ карда мешаванд, масъалаҳои марбут ба он, ки ба мафҳуми нақши технологияҳои компютерӣ дар салоҳиятҳои касбии иқтисоддон чӣ тавр сармоягузорӣ карда мешавад ва барои азхудкунии ин технологияҳо дар тайер кардани мутахассисони ин самт дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ чӣ нақши асосӣ дорад, бояд баррасӣ карда шаванд. Азбаски ин масъала барои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан нав аст (ислоҳот дар соҳаи баланд бардоштани технологияи таҳсилоти олии касбӣ дар мамлакат дар аввали солҳои 2000-ум оғоз гардида буд), аввал андешаҳо ва натиҷаҳои тадқиқот дар кишварҳое, ки муддати тӯлонӣ бо омодасозии иттилоотию технологии иқтисоддонҳо машғуланд, баррасӣ карда мешаванд. Дар оянда қадамҳое, ки дар Тоҷикистон барои ба даст овардани сатҳи муайяни натиҷаҳо дар ташаккули малакаҳои кор бо

технологияҳои компютерӣ ва иттилоотию коммуникатсионӣ (ТИК) дар бакалаврҳо андешида шудаанд, қайд карда мешаванд.

***Вожаҳои калидӣ:*** *маориф, ТИК, технологияҳои компютерӣ, технологияҳои мултимедиявӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон, менеҷмент, мутахассис, муҳосиб, барномасозӣ.*

# INFORMATION TECHNOLOGY TRAINING OF MANAGERS

***MUKHAMMADJONI Bozorali*** *– candidate of the Department of Pedagogy of Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, Kulyab, Sangak Safarova street, 30,* ***phone:*** *(+ 992) 101 101 424*

The article examines the issues of understanding the level of compliance of the current content of economic education with the goals and objectives of mastering professional computer technology by management bachelors, it is necessary to consider the issues concerning what is put into the concept of the role of computer technology in the professional competencies of an economist and what place is given to mastering these technologies in the training of specialists in this field in higher professional educational institutions. Since this issue is relatively new for higher education in the Republic of Tajikistan (reforms in the field of improving the technology of higher professional education in the country were launched in the early 2000s), first, opinions and research results in countries that have been engaged in information technology training of economists for a longer time will be considered. In the future, the steps that have been taken in Tajikistan to achieve a certain level of results in developing skills for working with computer and information and communication technologies (ICT) will be noted bachelors have management.

***Keywords:*** *Education, ICT, computer technologies, multimedia technologies, Republic of Tajikistan, management, specialist, accountant, programming.*

Применение адекватных информационных инструментов для решения экономических задач является актуальным направлением развития высшего экономического образования» [1]. И далее «При изучении соответствующих дисциплин необходимо следовать следующим целям: формирование у бакалавров-менеджментов теоретических знаний и практических навыков оценки эффективности автоматизированных экономических и информационных систем и их отдельных компонентов; развить способность бакалавров-менеджментов по выбору проектных решений на основе анализа и многовариантной оценки технических и программных составляющих создаваемых и модернизации функционирующих систем. В результате бакалавры-менеджменты должны знать основные методы и подходы к оценке эффективности информационных систем; уметь оценивать и анализировать допустимые варианты их организации, обосновывать применяемые решения на всех стадиях жизненного цикла систем» [1]. Возвращаясь к вопросу важности и степени использования в процессе подготовки будущих специалистов менеджмент такой технологии, как интернет, а также ряда других ИКТ, следует отметить мнение Федоровой Т.Ю., которая отмечает, что использование подобного рода технологий в рамках преподавания специальных дисциплин и специализаций в вузе, в широком смысле не является сегодня каким-то новшеством. В различных образовательных программах современных высших профессиональных учебных заведений активно применяются мультимедийные технологии с возможностью визуализации проводимых расчетов. Эта методика позволяет сделать процесс обучения бакалавров-менеджментов более наглядным и способствовать пониманию ими формализованного и абстрактного изложения многих предметов в вузовских учебных курсах. Федорова Т.Ю. также обращает внимание на целесообразность связи с компьютерным моделированием целого ряда предметов, в особенности юридическоэкономической направленности, таких как налоги и налоговое право, финансовое право и т.д. Помимо этого, мультимедийные технологии, включенные в рамки проведения занятий, дают возможность более полно и ясно продемонстрировать имеющиеся достижения в том или ином направлении, а использование программных средств с целью контроля полученных знаний, позволяют бакалаврам-менеджментам не только самостоятельно выполнять индивидуальные задания, но и проводить поиск необходимых

информационных файлов, даже при условии их нахождения на других электронных ресурсах, вне вузовской сети [7].

Опираясь на мнения, высказанные в работах И.В. Роберт, П.И. Самойленко, С.В. Панюкова, А.А. Кузнецова и др., и полагаясь на проблему связанную с инновационной и технологической подготовкой вузами специалистов менеджмента, можно сказать, что внедрение в учебный процесс ИКТ будет прямым путем способствовать росту уровня информационных компетенций этих специалистов. В данном направлении необходима согласованность в действиях между преподавательским составом профильных дисциплин и обучающих информационные предметы и компьютерные технологии. Подобная необходимость обусловлена принятием во внимание установление более глубоких меж предметных связей в процессе подготовки будущих экономических специалистов с внедрением в обучение ИКТ. При этом, по мнению специалистов, внедрение новых информационных и компьютерных технологий выступает не как самоцель, а как определенный дидактико-педагогический подход, который обладает определенными преимуществами перед традиционными технологиями и методами лекционных занятий и самостоятельной подготовки студента. Внедрение ИКТ в образовательный процесс вузов требует усовершенствование всех компонентов методической системы обучения: цели, содержания, методов, организационных форм и средств. Только в этом случае оно будет эффективным для подготовки высококвалифицированного специалиста менеджмента [5-6]. С.А. Полеева в своей научной работе определяет основные направления использования компьютерных и коммуникационных технологий экономистами и бухгалтерами в своей повседневной профессиональной деятельности, на которые особенно нужно обратить внимание при подготовке специалистов данной категории. В первую очередь речь идет о навыках работы со специализированным экономическим и бухгалтерским программным обеспечением и информационно-справочными системами. Особо исследователь подчеркивает необходимость освоения специалистами менеджментами направлений компьютерных и информационно коммуникационных технологий не просто на пользовательском уровне, на уровне получения навыков программирования [3]. В своих работах В.П. Поляков, в качестве основы информационной подготовки будущих специалистов в области экономики в рамках высшего профессионального образования, называет экономическую информатику. По мнению исследователя, эта наука об информационных процессах в сфере экономики, методах и средствах, которые используются с целью подготовки и принятия решения в управленческом и экономическом направлениях, в сфере бизнеса, финансово-кредитной области. В.П. Поляков также делает акцент на непрерывности образования и информационной подготовки при изучении предмета экономической информатики в высшем учебном заведении. Это отражается в том, что необходимый базис навыков и умений для понимания и овладения именно этой научной дисциплиной основывается на знаниях, умениях и навыках, которые бакалавры-менеджменты экономических факультетов получили на занятиях по таком предмету, как «Информатика» (о чем упоминалось выше и подробнее будет рассмотрено ниже) в рамках не только вузовской, но еще и школьной образовательной программы [3].

Как уже отметили, мировой опыт также свидетельствует о высокой эффективности и результативности использования компьютерных и информационно-коммуникационных технологий при обучении специалистов в области экономики. Анализ ряда публикаций по данной тематике позволило выявить общую тенденцию в аргументации в пользу использования компьютеров в подготовке экономистов, свойственную исследователям дальнего зарубежья. В основном, речь идет о том, что существует много неотъемлемых преимуществ компьютера.

Во-первых, компьютер предлагает гораздо более широкий спектр действий, чем другие технологические средства, поэтому одна машина теперь может обрабатывать различные виды материалов в виде текста, графики, аудио и видео. Во-вторых, компьютеры предоставляют форум для интерактивного обучения, так как они могут проводить двустороннюю учебную сессию со студентом. Машина может справиться с большим объемом взаимодействия, компьютерные и иные информационно-коммуникационные технологии менее утомляют, а также обладают высокой реакцией на поступающие запросы. Кроме того, компьютерные технологии способны оценить реакцию студента на ответ среагировать на него. Таким

образом, компьютер может провести бакалавра-менеджмента через сеть последующих попыток задать вопрос и даже переместить его в другой раздел темы, в зависимости от характера ответа. При этом компьютерные технологии позволяют сделать это с большой скоростью. Технологии подобного типа могут позволить повторить какое-либо упражнение до уровня выполнения его без ошибок и предоставить обратную связь студенту. Наконец, бакалавры-менеджменты могут быстро вернуться к информации и выполнять свои действия, по любому своему желанию [6]. Также и с точки зрения преподавателя, компьютер обладает рядом преимуществ. Компьютер может обрабатывать процедуры вопросов и ответов, смоделированные диалоги, проверку гипотез и многие другие виды упражнений, он может выбирать вопросы произвольно, последовательно или случайным образом, выбирая их из списка вопросов, предоставленных в рамках предмета. Кроме того, он может фиксировать результаты ответов, ошибки, показатели успеха; время, проведенное за заданием, и предоставляет эту информацию для оценки преподавателю. Используя эту информацию, наряду с реакциями студентов, преподаватель может пересматривать и уточнять материалы на любом этапе, добавляя и редактируя информацию, тексты и задания. Кроме того, компьютерное обучение не требует от учителя прямого контакта со студентами. Программное обеспечение является интерактивным и дает обучающемуся возможность воспользоваться материалом, разработанным или отобранным учителем, освобождая преподавателя от некоторых временных ограничений, что даст больше времени для творческого обучения в тех частях курса, где учитель-ученик контакт более необходим [6]. Ключевым преимуществом для бакалавра-менеджмента является то, что он контролирует учебную рутину. Другими словами, у них есть выбор: когда учиться и чему учиться, и как долго на это тратить время. Студент обладает исключительным и полным вниманием к компьютеру и может работать на той скорости, которая ему больше всего подходит. Затем, при получении обратной связи, ученику не нужно ждать своей очереди, как при аудиторном занятии. Преподавателю могут потребоваться дни, чтобы отметить и дать обратную реакцию студентам, но компьютер выполняет этот процесс немедленно (Ahmad et al., 1985). Кроме того, компьютеры позволили студентам проходить более разнообразные курсы дистанционного обучения, поскольку учителя могут отправлять компакт-диски со своими материалами по почте или предоставлять их через Интернет. Наконец, учитель, используя обратную связь и отчеты об успеваемости ученика, может адаптировать пакеты (данные и программы) специально для потребностей отдельных студентов с особыми проблемами в обучении. Таким образом, поводя итог анализа целого комплекса работ зарубежных исследователей, рассматривающих вопросы использования компьютерных и информационно-коммуникационных технологий в подготовке бакалавров менеджментов, можно отметить, что, в обучении есть четыре основных преимущества компьютеров. Первое состоит в том, что условия обучения становятся более интересными с помощью компьютеров. Во-вторых, компьютеры дают немедленную обратную связь, позволяя самокоррекции и дальнейшего избирательного выбора материалов в соответствии с уровнем учащегося. В-третьих, компьютер может представлять большой выбор видов деятельности в обучении. Наконец, компьютерное обучение дает учащимся возможность развивать общую компьютерную грамотность.

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Ачмиз, С.А. Тенденции использования современных компьютерных технологий при изучении экономических дисциплин / С.А. Ачмиз // Вестник Адыгейского государственного университета. - 2006. - №1. - с. 249 - 250.

2. Полеева, С.А. Информационные технологии в профессиональной деятельности экономиста и бухгалтера / С.А. Поллева // Вестник Оренбургского государственного университета. - 2006. - №13(63). - с. 66-67.

3. Поляков, В.П. Информационная подготовка и информационная культура специалиста / В.П. Поляков // Сб. статей. 1-я Международная Интернет-конференция «Информационные и коммуникационные технологии как инструмент повышения качества профессионального образования». - Екатеринбург, Рос. гос. проф.-пед. ун-т., 2005. - с. 43 - 49.

4. Поляков, В.П. Развитие информационной подготовки бакалавров-экономистов / В.П. Поляков. [Электронный ресурс] - Режим доступа: http://www.it-education.ru/2009/reports/Polyakov.htm.

5. Роберт, И.В. Информационные технологии в науке и образовании / И.В. Роберт, П.И. Самойленко. - М., 2006. - 178 с.

6. Роберт, И.В. Современные информационные технологии в образовании: дидактические проблемы; перспективы использования / И.В. Роберт. - М.: ИИО РАО, 2010. - 140 с.

7. Федорова, Т.Ю. Педагогические условия использования инфокоммуникационных технологийв профессиональной подготовке будущих экономистов: на примере специализации «Экономика и право»: дисс... канд. пед. наук: 13.00.08 / Федорова Татьяна Юрьевна. - Махачкала, 2009. - 186 с.

УДК: 37,0
ББК: 73+74
С – 94

## АЗНАВСОЗИИ БАРНОМАҲОИ ТАЪЛИМИИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ ДАР КУРСИ ИНФОРМАТИКА

***НАИМОВА Таманно Ҷамшедовна*** *– докторанти (PhD) кафедраи методикаи компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров,30,* ***тел.:*** *(+992) 987 22 25 07*

***СУФИЕВ Хайриддин Латифович*** *– ассистенти кафедраи методикаи компютерии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ш. Кӯлоб, к. С. Сафаров,30.* ***E-mail:*** *khayriddin_sufie@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992)985 45 16 13*

Дар мақолаи мазкур мақсад ва вазифаҳои тадқиқи масъалаи “Тартиб ва азнавсозии барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар курси информатика” дуруст муайян гардидааст. Ҳангоми таълифи мақола аз адабиётҳои илмӣ, методӣ ва таълимӣ васеъ истифода намуда, дар ин раванд омӯзиши барномаҳои таълимиро ба воситаи барномаҳои замонавӣ бо мисолҳо ва графикаҳо мушаххас нишон додем. Дар иҷрои кор фаъолияти мустақилонаи омӯхтани адабиёти илмиро баррасӣ намуда, ҳамзамон, роҳҳои баланд бардоштани таълим ва маҳорати донишҷӯёнро низ қайд намудем.

Дар мақола таҳлили маводҳои илмӣ – методӣ оид ба роҳҳои гуногуни татбиқшавии барномаҳои компютерӣ баррасӣ шуда, махсусан, барномаи Scratch –ҳамчун барномаи тавсиявӣ бо мисолҳо ва аёниятҳо пешниҳод шудааст.

***Вожаҳои калидӣ:*** *алгоритм, МТМУ, барномаи таълимӣ, забони барномасозӣ, Скретч, интерфейс, рангҳо, спрайт, эҷоднокӣ, техкикаи навтарин, барномаи дарсӣ, информатсия.*

## ОБНОВЛЕНИЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ ПРОГРАММ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ В ПРОЦЕССЕ ИНФОРМАТИКИ

***НАИМОВА Таманно Джамшедовна*** *– докторант (PhD)кафедры методика обучение информатики Кулябский государственный университет имени Абуабдулла Рудаки г. Куляб, ул. С. Сафаров, 30,* ***тел.:*** *(+992) 987 22 25 07*

***СУФИЕВ Хайриддин Латифович*** *– ассистент кафедры методика обучение информатики Кулябский государственный университет имени Абуабдулла Рудаки г. Куляб, ул. С. Сафаров, 30.* ***E-mail:*** *khayriddin_sufie@mail.ru,* ***тел.:*** *(+992)985 45 16 13*

В данной статье правильно определены цель и задачи исследования по проблеме «Регулирование и обновление образовательных программ общеобразовательных учреждений в процессе информатики». При подготовке статьи я широко использовал научную,

методическую и учебную литературу, показал изучение образовательных программ через современные программы с примерами и графикой. В выполнение работы я включил самостоятельную деятельность по изучению научной литературы, при этом также отметил пути повышения образованности и навыков учащихся.

В статье рассматривается анализ научно-методических материалов по различным способам реализации программ для ЭВМ, в частности программы Scratch как рекомендуемой программы с примерами и иллюстрациями.

***Ключевые слова***: *алгоритм, СООУ, учебная программа, язык программирования, Scratch, интерфейс, цвета, спрайт, творчество, новейшие технологии, учебная программа, информация.*

## RESTRUCTURING OF EDUCATIONAL PROGRAMS OF GENERAL EDUCATION INSTITUTIONS, IN THE COURSE OF COMPUTER SCIENCE

***NAIMOVA Tamanno Jamshedovna*** *– is a doctoral student (PhD) of the Department of Computer Science, Abuabdullo Rudaki Kulyab State University, Kulyab, S. Safarov, str 30,* ***phone:*** *+(992) 987 22 25 07*

***SUFIEV Khairiddin Latifovich*** *– assistant of the department of computer techniques, Kulyab State University named after Abuabdulla Rudaki, Kulob, st. S. Safarov, 30.* ***E-mail:*** *khayriddin_sufie@mail.ru,* ***phone:*** *(+992)985 45 16 13*

In this article, the purpose and tasks of the research on the issue of "Organization and renovation of educational programs of general secondary education institutions in the course of informatics" are correctly defined. While working out the article, I made extensive use of scientific, methodical and educational literature, and showed the study of educational programs through modern programs with examples and graphics. In the performance of the work, I included the independent activity of studying scientific literature, and at the same time, I also noted the ways to improve the education and skills of students.

The article discusses the analysis of scientific-methodical materials on various ways of implementing computer programs, especially the Scratch program as a recommended program with examples and illustrations.

***Keywords:*** *algorithm, GSEI, curriculum, programming language, Scratch, interface, colors, sprite, creativity, latest technology, curriculum, information.*

Маҳорати такмилдиҳии программаҳои компютерӣ барои ҳалли масъала, истифода бурдани компютерҳо дар протсесси таълим аз хонанда қобилияти доштани як дараҷаи муайян маданияти алгоритмиро тақозо мекунад. Зеро дар даҳсолаи охир тибқи фанҳои табиӣ-математикии мактабӣ барои баланд бардоштани маданияти алгоритмии хонандагон мушаххас баррасӣ шудаанд. Зери маданияти алгоритмӣ маҷмӯи ба худ хоси тасаввурот, қобилият ва маҳоратҳоеро, ки ба ҳалли масъала ва ба амал баровардани амалиёти самтнок нигаронида шудааст, ифода мекунад. Маданияти алгоритмӣ он қисми маданияти математикӣ мебошад, ки бобати ташаккул ва тараққӣ додани тасаввурот ва маҳоратҳо, ки бо фаҳмиши моҳияти алгоритм ва хосияти он алоқаманд аст, шароит фароҳам меоварад.

Маълум аст, ки дар ҷараёни зиндагӣ ҳар як шахс аз рӯзи таваллуд то охири умраш бо масъалаҳои гуногун рӯ ба рӯ шуда, барои ҳал намудани он муаммоҳо ҳама вақт ҳаракат мекунад, ки роҳи ҳалли дурусту аниқ ва фаҳмою самаранокро истифода барад.

Дуруст аст, ки инсон роҳи ҳалли саҳеҳи бештари масъалаҳоро бо тарзи назорат аз табиат меомӯзад, лекин масъалаҳое низ мавҷуданд, ки барои ҳалли он дастурамали махсус бояд бошад. Яъне нишондодҳои батартиб навишташудае заруранд, ки барои ба даст овардани натиҷаи дилхоҳ ҳатман тибқи онҳо амал карда шавад. Ин намуд навиштаҷоти батартиб овардашударо мо дар оянда ҳамчун алгоритми ҳалли масъалаи гузошташуда қабул мекунем.

Фарқияти асосии пешрафти ҷомеаи имрӯза – ин қабули ҳаматарафа ва ҷойгузории методҳову нигоҳдорӣ, коркард ва интиқоли иттилооти ҳаҷман калон дар истифодабарии

таҷҳизоти микропротсессорӣ ва инчунин, автоматикунониву роботсозии ҳамаи самтҳои хоҷагии халқ, яъне дар гузариш ба раванди иттилоот инъикос меёбад.

Ахборотикунонӣ ба васеъ истифода намудани компютерҳо дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон иртибот дорад. Аз ин рӯ, омода намудани инсон ба ҳаёт дар ҷомеаи иттилоотӣ яке аз вазифаҳои муҳим дар назди системаи маориф ба шумор меравад.

Марҳилаи аввали ҳалли масъалаи овардашуда - ин таъмини саводнокии компютерии тамоми шаҳрвандони ҷомеа мебошад.

Дарачаи халли ин масъала аз рӯи "ҳолат ва перспективахои халли курси нави мактабӣ" муайян карда мешавад.

Ҳамзамон муассисаи таълимӣ бояд рукни асосӣ дар раванди азхудкунии пояҳои умуми иттилоотонӣ бошад. Он бояд фарҳанги истифодабарии компютерӣ ва заминаи асосии азхуднамоии технологияи иттилоотӣ барои хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва дар оянда ҳамчун соҳибкасб фаъолиятнамоии онҳо нақшгузор бошад.

Қисмати асосии азхудкунии фанни технологияи итиилоотӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна дар он муқаррар мегардад, ки дар замони ҳозира ва ояндаи наздик ҳамаи воситаҳои истифодабарии ашёи рузғор маҳз ба воситаи технологияи микропротсессорӣ равона карда мешавад.

Таҳлили истифодаи компютер дар раванди таълим дар МТМУ: набудани барномаи ба раванди ягонаи таълим равонашуда, гуногунии нақшаи таълимӣ ва китоби дарсӣ, кӯҳнашавии барномаҳои дарсӣ ва дигар сабабҳо, боиси он гаштааст, ки раванди иттилоотикунонӣ дар давраи мактабӣ коста мегардад, ҳатто мадди назар аз он ки ҳамасола Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш мекунад то ки барномаҳои наву заруриро барои муассисаҳо баррасӣ намояд. Қисмати барномаҳои мактабӣ (то ба замони барномасозӣ) мӯҳлати кайҳо гузашта дораду, боқимонда фазои носозгор ва ё дар бозори меҳнат талабнопазиранд.

Дар аксар муассиаҳои таълимӣ роҳу воситаҳо ва методикаҳои махсуси азхудкунии компютер ва барномаҳои он дар фазои ватанӣ коркард шуда истодаанд. Ширкатҳои ватаниву хориҷӣ низ барои ин саъю кӯшиш карда истодаанд(3).

Китобҳои гуногун барои азхудкунии методҳои иттилоотӣ, графика ва дизайн, барномасозӣ ва монанди инҳо чоп шуда истодаанд(4). Умуман, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мавзуъҳои кӯҳнашуда ба типи нав иваз карда шаванд. Масалан, дар барномаи синфҳои 8 дарси забони барномасозии QBasic ворид карда шудааст. Гарчанде ин барнома кайҳо кӯҳна шудаасту ба омӯзиши типи ҳозиразамони он ниёзманд аст, аммо то ҳол ин барнома дар муассисаҳо тадрис мешавад.

Бо ёрии забонҳои барномасозӣ аз рӯи мавзуъҳо ва бахшҳо санҷидани дониш мувофиқи мақсад аст: дар муддати кӯтоҳ азхудкунии маводро аз ҷониби ҳамаи донишҷӯён тафтиш кардан мумкин аст. Истифодаи барномасозӣ шаклҳои назоратро гуногун мегардонад, мунтазамии онро тақвият медиҳад ва ин донишҷӯёнро ба омӯзиши мустақилонаи доимӣ, аз худ кардани маводи пешниҳодшуда ташвиқ мекунад, ки натиҷаи ин ҳама мустаҳкам кардани дониш аст.

Кор тибқи дастури барномасозӣ ба тартибу интизоми донишҷӯён низ мусоидат менамояд, зеро он аниқии дониш, возеҳии ҷавобро талаб мекунад ва фаъолияти шадидро дар бар мегирад [2, с.213].

Дар маҷмуъ, таҷрибаи истифодаи намудҳо, шаклҳо ва роҳҳои гуногуни дохил намудани унсурҳои таълими забонҳои барномасозӣ дар раванди таълимии донишгоҳҳо нишон медиҳад, ки татбиқи он ба рушди системаи тафаккури донишҷӯён, фарҳанги мантиқӣ, ташаккули тафаккури умумӣ мусоидат намуда, ба таҳкими дониши онҳо равона шудааст. Чунин ба назар мерасад, ки таълими забонҳои барномасозӣ сазовори паҳнкунии васеи барномаҳо дар таълими донишҷӯён аст. Мо на танҳо мухтавои маводи барномасозӣ ва ҳадафҳои ниҳоии таълим, балки рушди малакаҳои таҳқиқотиро низ дар назар дорем.

Аз ин лиҳоз, хуб мешуд, ки дар курси мактаби миёнаи умумӣ барои бедор кардани шавқу ҳаваси хонадагон, ташаккули донишу фаҳмиши онҳо, инкишофи малакаю маҳорати худфаъолиятии онҳо дар самти таълим, тайёр намудани кадрҳо, инчунин, иттилоотонии ҷомеаи шаҳрвандӣ барномаи мултипликатсиониро ба монанди Scratch – ки ҳам намуди графикии диққатталаб дорад, барои хонандагон кор дар ин барнома нисбатан осон эҳсос мегардад, бояд дар нақшаи таълимӣ ворид карда шавад.

Таълими забонҳои барномасозӣ диққати тамоми намояндагони илмро ба омӯзиши масъалаҳои автоматикунонии таълим, қонуниятҳои он, роҳҳои идоракунии ин раванд ҷалб намояд. Чунон ки дар асарҳои педагогӣ қайд карда шудааст, ғояи барномасозӣ, ки диққати муаллимон, равоншиносон ва дигар мутахассисонро ба худ ҷалб кардааст, боиси омӯзиши фаъоли ҷанбаҳои кӯҳна ва нави педагогика, методологӣ, психологӣ гардид. Масалан, ба омӯзиши вазифаҳои таълиму тарбия, чен кардани ҳосилнокӣ ва тамоми раванди таълим, дар дар маҷмуъ, ҷустуҷӯйи шаклҳои таълими фардии фаъол ва ғайра.

Барномаи Скретч (аз анг. Scratch) – барномаи визуалӣ – блоксозӣ, ки муҳити барномасозӣ дорад, барои кӯдакону наврасон сохта шудааст. Ин барнома ҳамчун намунаи маъруфи бозии Лего (ба воситаи блокҳои чоркунҷашакл сохтани ашёҳо) – дар забони Squake навишта шудааст. (5)

Версияи охирони барнома, ки номи Scratch 3 – ро гирифтааст, ба воситаи барномаҳои ҳаракатдиҳандаи WebGL – омода карда шудааст, имкон медиҳад, ки лоиҳаҳо таҳия карда шуда, ба воситаи ин барнома дар телефонҳо ва планшетҳо насб карда шавад. Барнома аз тарафи гурӯҳи барномасозони Донишгоҳи технологии Массачусетс (6) – таҳия гардидааст. Версияи охирини ин барнома дар соли 2019 сохта дода шуда ва мавриди истифода қарор дорад.

Интерфейси барнома аз рангҳои гуногун иборат мебошад, ки ҳар кадоми он менюҳои барномаро бо таври зайл нишон медиҳанд. (7)

| № | Ранг | Номи ранг | Шарҳи ранги меню |
|---|---|---|---|
| 1. | | - Ранги кабуд | (Motion) – ҷунбишҳо |
| 2. | | - Ранги бунафш | (Looks) – шаклҳо |
| 3. | | - Ранги гулобӣ | (Sounds) – овозҳо |
| 4. | | - Ранги зард | (Event) – ҷузъҳо |
| 5. | | - Ранги норинҷӣ | (Control) – идоракунӣ |
| 6. | | - Ранги осмонӣ | (Sensing) – сенсорҳо |
| 7. | | - Ранги сабз | (Operators) – операторҳо |
| 8. | | - Ранги сурх ва норинҷӣ | (Variables) – тағйирйбандаҳо |
| 9. | | - Ранги норинҷии равшан | (My blocks) – дигар блок |
| 10. | | - Ранги сабзи серанг | (Extensions) – пайвастагиҳо |

1. Идоракунии спрайт ва пасманзари он
2. Идоракуниии намуди зоҳирии спрайт
3. Идоракуии овози спрайт
4. Санҷиши ҷузъҳо, паёмак ва ғайра дар спрайт
5. Идоракунии пайвандҳо ва тартибдиҳии онҳо
6. Дохилкунии вақт ва ном дар спрайт
7. Амалиётҳои арифметикиву мантиқӣ
8. Барои идоракунии тағйирёбандаҳо ва руйхатҳо
9. Гурӯҳи блокҳоро ба як шакли умумӣ табдил медиҳад
10. Имкониятҳои Scratch – ро васеъ мегардонад.

Спрайт – ин қаҳрамони асосии барномаи номбаршуда ба ҳисоб меравад, ки мо онро бо шаклҳои гуногун иваз намуда, идора мекунем. Дар аввал ба таври автоматӣ – қаҳрамони мо ба таври автоматӣ гурбачаи скретч оварда шудааст. (4), (8).

Дарккунии имкониятҳои ҳисоббарорӣ ва интелектуалии барномасозӣ васеъ истифода бурдани ин имкониятҳо дар амалиёти маърифатнокии хонандаро бо дониши қонунияту ҳодисаҳои табиат ва роҳҳои табдилдиҳии он мусаллаҳ менамояд.

Малакаи барномасозие, ки хонандагон дар курси информатика ҳосил мекунанд, барои хулосабарориҳои ҷамъиятӣ ва васеи математикии онҳо замина мегузорад ва ба тараққиёти истеъдоди математикию эҷодияшон ёрӣ расонида, қобилияти фикрии мактаббачагонро фаъол мекунад.

**АДАБИЁТ**

1. Creating from Scratch: New software from the MIT Media Lab unleashes kids creativity online. 14 ноябри 2010
2. Goodnaightbors.tj
3. Lifelong Kindergarten Group
4. Super Scratch Programming Adventure! Learn to Program. — No Starch Press, 2012. — 160 p. — ISBN 978-1-59327-409-2, 978-1-59327-531-0.
5. Wikipedia.org/История создания QBasic
6. Андреев В.И. Эвристическое программирование учебно – исследовательской деятельности [в обучении естественным предметам]. – Казань, 1983. - С. 67-123.
7. Барномаи дарсии МТМУ. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе 2022
8. Голиков Д. В., Голиков А. Д. Книга юных программистов на Scratch. — SmashWords, 2013. — ISBN 978-1310227554.
9. Журавлёв А.П., Павлюк Н.Д. Язык и компьютер. М.: Просвещение, 1989. -160 с.
10. Каймин В. А. и др. Основы информатики и вычислительной техники. М.: Просвещение, 1989-106 с.
11. Китоби дарсӣ. Scratch барои навомӯзон. Ҷонмаҳмадов И., Суфиев Х.

## БА ТАВАҶҶУҲИ МУАЛЛИФОН

Дар маҷаллаи «Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон» мақолаҳои олимони соҳаи педагогика, устодони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, мушовирон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва унвонҷӯёни ватанию хориҷӣ ба табъ расонида мешаванд.

Ба хотири беҳбуди фаъолияти маҷаллаи «Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон» зарур медонем, ки мақолаҳо ба шакли зерин ба идораи маҷалла пешниҳод карда шаванд: ҳатман бо хулосаи мухтасар (резюме) ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ, мақола дорои сарлавҳа бошад, маълумоти мухтасар дар бораи муаллиф (ному насаб, унвони илмӣ, вазифа ва ҷойи кор), шарҳ - номгӯи мақола ва адабиёти истифодашуда ба шакли хаттӣ ва электронӣ (дар диск ё флешка) ва як нусха мақола ба таври чопи принтерӣ пешниҳод карда шавад.

Маводи мақола ҳаматарафа санҷида шуда бошад.

Мақола бояд ба шакли компютерии Times New Roman Tj – 14 таҳия шавад.

Андозаи коғаз: А - 4. Ҳошия: аз боло ва поён – 2,5 см., тарафи чап – 3 см., рост – 1,5 см., андозаи ҳуруф – 14, фосилаи байни сатрҳо: 1,0.

Мақолаҳо дар давоми сол қабул карда мешаванд. Ба мақола шарҳи мухтасари муҳтаво ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ (ҳар кадом на камтар аз 15 сатр) бо вожаҳои калидӣ (7-10 калима) илова карда мешавад. Шарҳи мухтасари муҳтаво дар оғоз ва адабиёти истифодашуда дар охири мақола оварда мешавад.

Ҳайати таҳририя ҳақ дорад мақоларо бо назардошти талаботи маҷалла қабул ва кӯтоҳ кунад ва ё рад намояд. Мақолаҳое, ки пештар дар дигар нашриёҳо ба табъ расидаанд, қабул карда намешаванд. Дастхатҳо барои тақриз арзёбӣ мешаванд ва муаллиф дар мавриди зарурат ба муҳтавои он ошно мегардад.

Ба мақолаҳои унвонҷӯёну аспирантон тавсияи роҳбарони илмиашон зарур аст.

## К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник Академии образования Таджикистана» печатаются статьи учёных педагогов, преподавателей ВУЗ-ов, методистов, учителей средних общеобразовательных учреждений, аспирантов, местных и зарубежных соискателей, содержащие результаты исследований по педагогическим наукам.

При отправке статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила: размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском, и английском языках.

Для подготовки статьи должен использоваться текстовый редактор Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (шрифт Times New Roman Tj 14, формат А-4, интервал одинарный, поля: верхнее и нижнее -2,5 см, левое-3 см, правое -1,5 см;), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес. Далее через строку следует основной текст.

К статье прилагается резюме на таджикском, русском и английском языках (каждая не менее 15 строк) с ключевыми словами (7-10 слов) с указанием названия статьи. Текст резюме приводится в начале статьи, список использованной литературы в конце.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи. Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Статьи аспирантов и соискателей принимаются с рекомендациями научных руководителей.

## NOTES FOR THE AUTHORS

The scientific journal «Bulletin of the Academy of Education of Tajikistan» publishes articles by scientific educators, university professors, methodologists, teachers of educational institutions, graduate students of local and foreign applicants containing the results of research on pedagogical sciences.

When submitting articles to editorial board the following rules should be observed: the size of the article should not exceed 10 pages of computer text, including texts, tables, bibliography, drawings and annotation texts in Tajik, Russian and English.

For the preparation of the article should be used the text editor Microsoft Word.

An electronic version remains simultaneously with the printout of the article. The manuscript must be printed on a computer font Times New Roman TJ 14, format A-4 single spacing, upper and lower margins 2,5 sm, left 3 sm, right 1,5 sm and all the pages should be paginate.

At the top of the page in the center of the sheet is the title of the article, below after one interval the initials and surname of the author. Below is the name of the organization and address.

The main text follows through the given line. The article offers a summary in Tajik, Russian and English with (each at least 15 lines) with keywords (7-10 words) title of article. The text of the summary is given at the beginning of the article, list of references at the end.

Editorial board reserves the right to make reductions and editorial changes to the article.

Articles do not comply with these rules are not accepted.

Articles of graduate students and applicants are accepted with the recommendations of supervisors.

**ПАЁМИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН / Маҷаллаи илмӣ, маърифатӣ ва таълимию методӣ. – Душанбе, 2023. - № 4 (49). – 188 с.**

Сармуҳаррир: Саломиён М.Қ.
Муовини сармуҳаррир: Каримзода М.Б.
Котиби масъул: Муҳиддинзода Б.
Муҳаррири матни тоҷикӣ: Гулмадов Ф.
Муҳаррири матни русӣ: Ҷонмаҳмадова Г.Ш.
Муҳаррири матни англисӣ: Абдуллозода М.И.
Муҳаррири техникӣ: Муҳиддинзода Б.
Саҳифабанд: Ҳайдаров Р.

**Муассис: Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

---

**ВЕСТНИК АКАДЕМИИ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА / Научно-просветительский и учебно-методический журнал, 2023. - № 4 (49). – 188 с.**

Главный редактор: Саломиён М.К.
Зам. главного редактора: Каримзода М.Б.
Ответственный секретарь: Мухиддинзода Б.
Редактор таджикского текста: Гулмадов Ф.
Редактор русского текста: Джонмахмадова Г.Ш.
Редактор английского текста: Абдуллозода М.И.
Технический редактор: Мухиддинзода Б.
Верстка: Хайдаров Р.

**Учридитель: Академия образования Таджикистана**

---

**BULLETIN OF ACADEMY OF EDUCATION OF TAJIKISTAN/ Scientific-educational and metodical Journal, 2023. - № 4 (49). – 188.**

Chief Editor: Salomiyn M.Q.
Deputy Chief Editor: Karimzoda M.B.
Executive Secretary: Muhiddinzoda B.
Tajik Text Editor: Gulmadov F.
Russian Text Editor: Djanmakhmadova G.Sh.
English Text Editor: Abdullozoda M.I.
Technical Editor: Muhiddinzoda B.
Verska: Haidarov R.

**Founder: The Academy of Education of Tajikistan**

---

*Ба матбаа 26.02.2024 супорида шуд. Ба чоп 28.02.2024 имзо шуд.*
*Когази офсетӣ. Андозаи 60x84 1/8 ҷузъи ч. ш. 23,5. Теъдод 100 нусха. Супориши №5*
*Дар матбааи «Фасл-4 », кӯчаи А. Навоӣ, 13 чоп шудааст.*

---

*Сдано в печать 26.02.2024. Подписано к печати 28.02.2024. Печать офсетная.*
*Формат 60x84 1/8 Условно-печатный лист - 23,5. Тираж - 100. Заказ № 5 .*
*Издательство «фасл-4», 7734024, улица А. Навои, 13*

---

*Download in Print 26.02.2023. Posted on 28.02.2024. Offset printing.*
*Size 60x84 1/8 Printer's sheet - 23,5. Edition - 100. Assignment № 5.*
*Publishing office "Fasl-4", 7734024, 13 A. Navoi Str.*